**ДОНИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ САЙЁҲӢ ВА СОҲИБКОРИИ ТОҶИКИСТОН**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

ТДУ 657:338.48 (575.3)
ТКБ: 65.052+75.81 (2 тоҷик)
Р-42

**РАҲИМОВ САИДАЛӢ ХОЛОВИЧ**

# НАЗАРИЯ ВА МЕТОДОЛОГИЯИ ТАШКИЛИ БАҲИСОБГИРИИ МУҲОСИБӢ ВА НАЗОРАТ ДАР КОРХОНАҲОИ САЙЁҲӢ

Диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии
доктори илмҳои иқтисодӣ
аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит

**Мушовири илмӣ:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент
Низомов Самариддин Фахриевич

**Душанбе – 2024**

**МУНДАРИҶА** **Саҳ**

**МУҚАДДИМА**…………………………………………………………………….. **4**

**БОБИ 1. ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИИ РУШДИ БАҲИСОБГИРӢ ВА НАЗОРАТ ДАР КОРХОНАҲОИ САЙЁҲӢ**............................................... **19**

1.1. Асосҳои назариявии фаъолияти сайёҳӣ ............................................ **19**

1.2. Заминаҳои меъёрӣ-ҳуқуқии ташкили баҳисобгирӣ ва назорат дар корхонаҳои сайёҳӣ........................................................................................... **41**

1.3. Хусусиятҳои ташкилию технологии корхонаҳои сайёҳӣ ва таъсири он ба ташкили баҳисобгирӣ ва назорат............................................................... **63**

**БОБИ 2. МАСЪАЛАҲОИ МЕТОДОЛОГИИ БАҲИСОБГИРИИ МУҲОСИБӢ ВА НАЗОРАТ ДАР КОРХОНАҲОИ САЙЁҲӢ**.................. **86**

2.1. Муаммоҳои методологии баҳисобгирӣ ва назорат дар корхонаҳои сайёҳӣ........................................................................................................ **86**

2.2. Таснифоти хароҷот вобаста ба истеҳсоли маҳсулоти сайёҳӣ................. **109**

2.3. Ташаккули сиёсати баҳисобгирӣ дар корхонаҳои сайёҳӣ.................... **129**

**БОБИ 3. БАҲОДИҲИИ ҲОЛАТИ МУОСИРИ ТАШКИЛИ БАҲИСОБГИРИИ МУҲОСИБӢ ВА НАЗОРАТ ДАР КОРХОНАҲОИ САЙЁҲӢ**.......................................................................................................... **151**

3.1. Таҳлили вазъи муосири ташкили баҳисобгирӣ ва назорат дар корхонаҳои сайёҳӣ........................................................................................... **151**

3.2. Ҷанбаҳои ташкилӣ-методии баҳисобгирии фурӯши маҳсулоти сайёҳӣ ва муайян кардани натиҷаҳои молиявӣ дар корхонаи сайёҳӣ....................... **172**

3.3. Мукаммалгардонии методикаи баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити СБҲМ дар сайёҳӣ.......................................................................................... **194**

3.4. Ташкили назорати дохилии фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ.................. **212**

**БОБИ 4. РУШДИ МЕТОДИКАИ БАҲИСОБГИРӢ ВА НАЗОРАТ ДАР КОРХОНАҲОИ СОҲАИ САЙЁҲӢ**......................................................... **239**

4.1. Мукаммалгардонии методикаи баҳисобгирии даромадҳо ва хароҷот дар корхонаҳои сайёҳӣ................................................................................ **239**

4.2. Рушди методикаи назорати дохилии натиҷаҳои фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ............................................................................................ **258**
4.3. Модели баҳисобгирии хароҷот ва даромадҳо дар корхонаҳои сайёҳӣ............................................................................................ **280**
**ХУЛОСА ВА ТАВСИЯҲО........................................................................ 303**
**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ........................................................................... 316**
**ЗАМИМАҲО.......................................................................................... 361**

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ аз хусусиятҳои миллӣ, рушди муносибатҳои иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва сохтори сиёсии мамлакат вобастагӣ дорад. Чунин ҳолат барои таҳия ва амалӣ намудани заминаҳои танзими меъёрию ҳуқуқии баҳисобгирии миллӣ замина фароҳам меорад. Вале, тибқи талаботи Стандартҳои байналмилалииҳисоботи молиявӣ (СБҲМ) иттилооти ҳисоботи молиявии корхонаҳо, пеш аз ҳама барои қонеъ гардондани эҳтиёҷоти истифодабарандагони манфиатдори иттилооти баҳисобгирӣ равона карда мешавад.

Равандҳои муосири ҷаҳонишавӣ, густариши муносибатҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва ҷамъиятӣ ба ташкили бозори ҷаҳонии сайёҳӣ, ки дар доираи он марзу ҳудудҳои миллӣ ҷой надоранд, оварда мерасонад. Дар ин замина, ислоҳоти низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҷорӣ намудани Стандартҳои байналмилалииҳисоботи молиявӣ дар фаъолияти субъектҳои хоҷагидори Ҷумҳурии Тоҷикистон барои густариши муносибатҳои иқтисодӣ, тиҷоратӣ, иҷтимоӣ, фарҳангии байналмилалӣ бо ширкатҳои хориҷӣ манфиатнок мебошанд.

Ба ҳамагон маълум аст, ки ташкили низоми баҳисобгириро бештар муҳит муайян месозад. Ҳар як кишвар таърих, урфу одат, арзишҳои миллӣ, низоми сиёсӣ, принсипҳои гуногуни ташаккули низоми баҳисобгирӣ ва шаклҳои ташкили хоҷагидорӣ, таъсири омилҳои беруна ба монанди ҷуғрофӣ, сиёсӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва ғайраҳоро дорост.

Бинобар ин, вобаста ба самти афзалиятнок эътироф гардидани соҳаи сайёҳӣ, мутобиқ намудан ва такмил додани низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорат ба талаботи Стандартҳои байналмилалииҳисоботи молиявӣ барои фаъолияти самарабахши корхонаҳои сайёҳӣ муфид мебошад. Иттилооти баҳисобгирии муҳосибӣ барои омодакунӣ ва пешниҳоди иттилооти молиявӣ, оморӣ, андозӣ, идоракунӣ ба истифодабарандагони гуногун, барои коркард, асосноккунӣ ва қабули қарорҳои идоракунӣ дар соҳаи сиёсати молиявӣ ва

идоракунии иқтисодиёти кишвар нақши муҳимро мебозад.

Дар замони муосир, соҳаи сайёҳӣ дар рушди иқтисодиёти мамолики гуногуни дунё мавқеи хосса пайдо мекунад. Сайёҳӣ яке аз соҳаҳои муҳим ва мунтазам рушдкунандаи хоҷагии ҷаҳонӣ буда, барои ташаккули маҷмуи маҳсулоти дохилии кишвар нақши муҳим мебозад. Мутобиқи таҳқиқотҳои гузарондашудаи сатҳи ҷаҳонӣ, зиёда аз 30%-и бозори ҷаҳонии хизматрасонӣ ба соҳаи сайёҳӣ рост меояд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи маълумотҳои расмӣ беш аз 200 ширкатҳои сайёҳӣ фаъолият мекунанд. Афзоиши миқдори ширкатҳои сайёҳӣ дар ин давра аз эълон гардидани соли 2018 – соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ ва солҳои 2019-2021 – солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ сарчашма мегирад. Дар доираи ин солҳо эълон гардидани чорабиниҳои мазкур саҳифаи наве барои рушди соҳаи сайёҳии кишвар боз кард.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, дар Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд намуданд, ки: «Бояд ба масъалаҳои самаранок ва бо сифати баланд татбиқ намудани лоиҳаҳои сармоягузории соҳа, идома додани бунёди инфрасохтори сайёҳии ба стандартҳои ҷаҳонӣ ҷавобгӯй, баланд бардоштани мавқеи байналмилалии кишвар, ташаккули бренди миллии фарогири имкониятҳои сайёҳӣ ва муаррифии он дар арсаи ҷаҳонӣ, инчунин, таъмини иқтидори кадрии соҳа диққати ҷиддӣ дода шавад»[1].

Рушди минбаъдаи соҳаи сайёҳӣ бе иттилооти баҳисобгирӣ-назоратии эътимоднок, ки барои қабули қарорҳои муносиби идоракунӣ ҳамчун асос мебошад, ғайри имкон аст.

Фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ дар ташаккул, пешниҳод ва фурӯши маҳсулот ва хизматрасониҳои сайёҳӣ ифода меёбад. Яке аз самтҳои мураккаби фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ пешниҳоди бастаи хизматрасониҳо ва фурӯши

[1] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 23 декабри соли 2022, шаҳри Душанбе. [Сарчашмаи электронӣ] / Низоми дастрасӣ: http://president.tj/node/29823

онҳо тавассути шабакаи фурӯш ба шумор меравад, ки коркарди сиёсати мувофиқи нархгузориро байни шарикон тақозо мекунад. Тартиби пешбурди баҳисобгирии даромадҳо ва хароҷоти ширкатҳои сайёҳӣ ва агентиҳои сайёҳӣ аз гуногунии таркиби моддаҳои арзишмуайянкунӣ вобаста мебошад.

Асоси низоми муосири баҳисобгирӣ дар корхонаҳои сайёҳӣ маълумотҳои баҳисобгирии молиявӣ, идоракунӣ ва андозиро фаро мегирад. Таҳқиқоти гузарондашуда нишон медиҳад, ки баъд аз гузариши корхонаҳои ватанӣ ба СБҲМ, дар корхонаҳои соҳаи сайёҳӣ ҷанбаҳои назариявӣ-методологӣ ва ташкилии баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорат ба таври зарурӣ омӯхта нашудаанд. Инчунин, дар сатҳи зарурӣ масъалаҳои боҳамалоқамандии баҳисобгирии молиявӣ, идоракунӣ ва андозӣ ва инъикоси маълумоти онҳо дар низоми ҳисобҳои муҳосибӣ, воситаҳо, расмиётҳо ва усулҳои ташкили назорати дохилӣ дар соҳаи сайёҳӣ коркард нашудаанд. Ин масъалаҳо гузарондани таҳқиқи муттасили назариявӣ-методологӣ ва ташкилии асосҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорат дар корхонаҳои сайёҳӣ ва коркарди тавсияҳои амалӣ оид ба мукаммалгардонии онҳоро тақозо менамояд. Бо назардошти ин, муҳиммият ва интихоби мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ асоснок мешавад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Асоси натиҷаҳои илмии таҳқиқотро асарҳои олимон ва муҳаққиқони хориҷӣ ва ватанӣ ташкил медиҳад. Доир ба таҳқиқи масъалаҳои назариявӣ, методологӣ ва амалии баҳисобгирӣ ва назорат дар амалияи баҳисобгирии ҷаҳонӣ таҷрибаи назаррас ҷамъоварӣ гардидааст.

Паҳлуҳои назариявӣ, методологӣ, методӣ ва амалии ташаккули баҳисобгирӣ ва назорат дар корхонаҳои соҳаҳои гуногун дар пажӯҳиши олимони хориҷӣ – О.И. Аверина, И.В. Аверчев, А.С. Бакаев, П.С. Безруких, М.А. Вахрушина, О.Н. Волкова, Н.Д. Врублевский, Л.Н. Герасимова, В.Г Гетьман, С.Е. Егорова, В.Б. Ивашкевич, В.Э. Керимов, А.Н. Кизилов, Н.П. Кондраков, М.И. Кутер, И.Е. Мизиковский, В.Ф. Палий, С.А. Рассказова-Николаева, Н.Г. Сапожникова, Я.В. Соколов, А.Д. Шеремет, Л.З. Шнейдман, В.Т. Чая, Н.Г. Чумаченко ва дигарон таҳқиқ шудаанд.

Баъзе масъалаҳои умумии ташкили баҳисобгирӣ ва назорат дар

интишороти муҳаққиқони ватанӣ – И.А. Бобиев, М.У. Бобоев, Ш.Н. Бобоев, М.В. Калемуллоев, Б.Ҳ. Каримов, Г.Т. Қодирова, А.А. Мирзоалиев, С.Ф. Низомов, Р.Н. Саидов, Р.С. Тоҳирова, Д.У. Уроқов, З.Р. Шарифов, М. Шобеков, Қ.Х. Хушвахтзода ва дигарон ба таҳқиқ фаро гирифта шудаанд.

Масъалаҳои ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорат дар корхонаҳои сайёҳӣ дар асарҳои муҳаққиқони хориҷӣ – Аврова И.А., Агеева О.А., Александрова А.Ю, Бабичева Н.Э., Булаев С.В., Василчук О.И., Денисова М.О., Каурова О.В., Караванова Б.П., Кисилевич Т.И., Козырева Т.В., Курочкина И.П., Миронова О.А., Саполгина Л.А., Семенихин В.В., Хорошилова Т.М. ва дигарон баррасӣ шудаанд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи татбиқи «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 октябри соли 2016, №392), «Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2022, № 631), «Чораҳои иловагии татбиқи СБҲМ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03 октябри соли 2006, №465), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ», инчунин, Нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон дар мавзуи «Назария ва методологияи баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил ва аудит дар корхонаҳои соҳаи саноат ва сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» иҷро карда шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади таҳқиқот омӯзиши асосҳои назариявӣ-методологӣ ва коркарди тавсияҳои илмию амалӣ оид ба мукаммалгардонии методикаи амалкунандаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорати дохилӣ дар корхонаҳои соҳаи сайёҳӣ мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои расидан ба мақсади гузошташуда дар

диссертатсия вазифаҳои зерин баррасӣ шудаанд:

- таҳқиқи моҳияти иқтисодии категорияи туризм ва муайян намудани мавқеъ ва нақши он дар рушди иқтисодиёти миллӣ;

- омӯхтани асосҳои танзими меъёрӣ-ҳуқуқии баҳисобгирӣ ва назорати пешрафти фаъолияти корхонаҳои соҳаи сайёҳӣ мутобиқи талаботҳои СБҲМ;

- таҳлили хусусиятҳои ташкилӣ-технологӣ, хусусиятҳои сохтории корхонаҳои соҳаи сайёҳӣ, муайян намудани таъсири он ба ташкил ва пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорати дохилӣ;

- таҳқиқ кардани муаммоҳои методологии баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорати дохилии корхонаҳои сайёҳӣ ва пешниҳод кардани роҳҳои ҳалли онҳо;

- коркарди муаллифии гурӯҳбандии хароҷоти корхонаҳои соҳаи сайёҳӣ, инчунин усули арзишмуайянкунии арзиши аслии хизматрасонии ин соҳа, вобаста ба хусусияти ташкили технологӣ ва сохтори истеҳсолии хизматрасониҳои сайёҳӣ;

- таҳия ва пешниҳоди сиёсати баҳисобгирии мукаммалтар, вобаста ба характер ва хусусиятҳои фаъолияти корхонаҳои соҳаи сайёҳӣ;

- коркарди ҷанбаҳои ташкилӣ-методии баҳисобгирии хароҷот ва методикаи муайян намудани натиҷаҳои молиявӣ дар корхонаҳои сайёҳӣ;

- асоснок кардани самтҳои рушди баҳисобгирии муҳосибӣ дар корхонаҳои сайёҳӣ мутобиқи талаботи СБҲМ;

- коркарди муаллифии методикаи гузарондани назорати дохилии фаъолияти молиявӣ-хоҷагидории корхонаҳои соҳаи сайёҳӣ бо назардошти талаботи хусусиятҳои соҳавӣ;

- таҳия ва пешниҳоди модели аслии баҳисобгирии хароҷот ва даромадҳо, методикаи алоқамандии ҳисобҳо, бо мақсади дар онҳо инъикос намудани натиҷаҳо, баланд бардоштани вазифаҳои назоратӣ-таҳлилӣ др корхонаҳои соҳаи сайёҳӣ.

**Объекти таҳқиқот** таҷрибаи амалкунандаи баҳисобгирӣ ва назорати дохилӣ дар корхонаҳои сайёҳӣ мебошад.

**Мавзуи таҳқиқот** ҷанбаҳои назариявӣ-методологӣ ва методӣ-ташкилии

баҳисобгирии муҳосибӣ ва назоратии дохилӣ дар корхонаҳои сайёҳӣ маҳсуб маёбад.

**Фарзияи таҳқиқот** ба фарзияе асос ёфтааст, ки такмилдиҳии методикаи низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорати дохилии корхонаҳои соҳаи сайёҳӣ ба методҳои баҳисобгирӣ ва назорати дар амалияи хориҷӣ истифодашаванда ҳамгиро карда шуда, мутаносибан фаъолияти амалии корхонаҳои ватанӣ ба он мутобиқ карда шавад. Ин имкон медиҳад, ки дар муҳити тағйирёбандаи тиҷорат муносибати бонизом ташкил карда шуда, дар натиҷаи қабули қарорҳои самарабахши идоракунӣ равандҳои стратегияи рушди корхонаҳои соҳаи сайёҳӣ амалӣ карда шаванд.

**Асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқотро** натиҷаҳои таҳқиқоти намояндагони мактабҳо ва равияҳои гуногун дар соҳаи баҳисобгирӣ, таҳлил, назорат ва аудит, инчунин натиҷаҳои таҳқиқотҳои монографӣ ва интишороти илмӣ вобаста ба баҳисобгирӣ ва назорати дохилии корхонаҳои соҳаи сайёҳӣ ташкил медиҳанд. Асосҳои методологии таҳқиқотро усулҳои диалектикии донишҳо оид ба мавзуи таҳқиқот ташкил медиҳанд, ки омӯзиши таҳаввулоти муносибатҳои иқтисодӣ ва ҳодисаҳоро дар инкишоф ва боҳамалоқамандӣ таъмин мекунанд. Дар кори илмӣ чун анъана усулҳои умумиилмӣ, ба монанди абстраксияи илмӣ, таҳлили мантиқӣ ва синтез истифода шудаанд. Усулҳои махсусро таърихӣ, системавӣ, комплексӣ, гурӯҳбандӣ, моделронӣ, муқоисавӣ, индексӣ, монографӣ ва ғайра ташкил медиҳанд.

**Сарчашмаи маълумотро** Паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ, соҳаи сайёҳӣ, Фармоишҳои Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумоти Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи баҳисобгирӣ ва назорати дохилӣ дар корхонаҳои сайёҳӣ, корҳои илмӣ ва нашрияҳо дар соҳаи баҳисобгирии

муҳосибӣ ва назорати дохилӣ ташкил медиҳанд. Ба сифати маводи ибтидоӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон; маводҳои конфронсҳои илмӣ-амалӣ дар сатҳҳои гуногун; маводҳои интернетӣ; ҳисоботи оморӣ ва молиявии корхонаҳои сайёҳӣ, инчунин, мушоҳидаҳои худи унвонҷӯй, изҳороти мантиқӣ ва ҳисобҳои таҳлилӣ истифода шуданд.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Диссертатсия дар кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон дар солҳои 2019-2023 иҷро шудааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот** аз омӯзиши асосҳои назариявӣ-методологӣ ва таҳияи тавсияҳои амалӣ оид ба такмили баҳисобгирии муҳосибӣ ва низоми назорати дохилии корхонаҳои сайёҳӣ иборат мебошад. Натиҷаҳои мушаххаси илмие, ки дар раванди таҳқиқот ба даст оварда шудаанд ва дорои навгонии илмӣ мебошанд, чунинанд:

1. Ташаккули асосҳои назариявӣ ва иқтисодии категорияи туризм таҳқиқ карда шуда, мавқеи он дар рушди иқтисодиёт муайян карда шудааст. Нақши сайёҳӣ дар мамлакатҳои соҳаи сайёҳиашон рушдёфта таҳлил ва баҳодиҳӣ карда шуда, истифодабарии таҷрибаи пешқадами онҳо барои рушди соҳаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян ва пешниҳод карда шудаанд. Ошкор карда шудааст, ки соҳаи сайёҳӣ ба рушди дигар соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ, аз ҷумла: меҳмонхонадорӣ, соҳибкории инфиродӣ, савдо, варзиш, сохтмон, нақлиёт, кишоварзӣ, алоқа, муассисаҳои хӯроки умумӣ, хизматрасонии бонкӣ, фарҳанг, иттилоот, суғурта, андоз, инчунин паст кардани сатҳи бекорӣ ва камбизоатӣ мусоидат менамояд.

2. Дар натиҷаи таҳлили танзими соҳаи сайёҳии мамолики гуногуни ҷаҳон моделҳои амалкунандаи батанзимдарории меъёрӣ-ҳуқуқии соҳаи сайёҳӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, истифодабарии модели якум, ки дар он иштироки бевоситаи давлат дар танзими фаъолияти сайёҳӣ, ки барои мамлакати мо соҳаи афзалиятнок маҳсуб меёбад, ба мақсад мувофиқ ҳисобида шудааст. Исбот карда шудааст, ки танзими соҳаи сайёҳӣ аз ҷониби давлат бо пешниҳоди имтиёзҳои гуногун амалӣ карда мешавад, ки барои рушди соҳа

мусоидат намуда, корхонаҳои сайёҳӣ маҳсулоти гуногуни сайёҳиро пешниҳод намоянд ва барои амалӣ намудани сиёсати иҷтимоии мутобиқ мусоидат менамоянд.

3. Муқаррар карда шудааст, ки вобаста ба хусусиятҳои хоси соҳавии фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ, баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорати дохилӣ бояд тавре ба роҳ монда шавад, ки натиҷаҳои фаъолияти молиявӣ-хоҷагидории дар ҳисоботи молиявӣ пешниҳодшаванда қодир бошад талаботи иттилоотии истифодабарандагони дохилӣ ва беруниро пурра қонеъ карда тавонанд.

Имрӯзҳо, корхонаҳои сайёҳӣ натиҷаҳои молиявии худро дар асоси қонунгузории андоз, Стандартҳои байналмилалииҳисоботи молиявӣ пешбинӣ менамоянд. Вобаста ба хусусиятҳои хоси соҳа ва таҳлили санадҳои меъёрии танзимкунанадаи баҳисобгирии муҳосибӣ таҳияи низомномаи соҳавӣ оид ба арзишмуайянкунии маҳсулоти сайёҳӣ ва дигар намудҳои хизматрасонии сайёҳӣ мувофиқи мақсад дониста шудааст, ки барои баҳисобгирӣ ва назорати фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ, аз ҷумла ба рушди соҳаи сайёҳӣ мусоидат менамояд.

4. Бо назардошти хусусиятҳои соҳавии корхонаҳои сайёҳӣ муаммоҳои методологии ташкили баҳисобгирӣ ва назорати дохилӣ ошкор карда шудааст ва ба ду гурӯҳ: муаммоҳои ташкилӣ ва хос тақсим карда шудааст. Вобаста ба ин, дар диссертатсия барои ҳалли муаммоҳои методологии низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорати дохилӣ як қатор тавсияҳои амалӣ коркард ва пешниҳод карда шудааст. Бо ин мақсад, дар диссертатсия барои ҳалли масъалаҳои методологии низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорати дохилӣ якчанд тавсияҳои амалӣ коркард ва пешниҳод карда шудаанд. Барои муайян намудани арзиши аслии маҳсулоти сайёҳӣ таснифоти хароҷоти истеҳсолӣ асоснок карда шуда, бо дарназардошти хусусиятҳои соҳавӣ аз рӯйи якчанд аломат гурӯҳбандӣ карда шудаанд.

5. Дар асоси омӯзиши ҷанбаҳои ташкилӣ-методии сиёсати баҳисобгирӣ тасдиқ карда шудааст, ки дар замони муосир сиёсати баҳисобгирӣ яке аз унсурҳои калидии сиёсати идоракунии корхона маҳсуб меёбад. Корхона бояд

мустақилона, вобаста аз самти фаъолият ва ҳадафҳои дар пешаш гузошташуда, сиёсати баҳисобгирии худро таҳия ва тасдиқ намояд. Мувофиқи талаботҳои СБҲМ ва санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии танзимкунанади баҳисобгирии муҳосибӣ, инчунин хусусияти фаъолияти корхонаҳои соҳаи сайёҳӣ, сиёсати баҳисобгирии мувофиқи баҳисобгирии молиявӣ, идоракунӣ, андозӣ ва экологӣ коркард карда шудстааст. Моделҳои мувофиқи сиёсати баҳисобгирии дар диссертатсия пешниҳоднамудаи муаллиф чунон сатҳи ташкилии сохтори хадамоти муҳосибот ва сарчашмаи иттилоотиро пешбинӣ менамоянд, ки барои оқилона ба роҳ мондан ва пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ мусоидат менамояд.

6. Вазъи муосири ташкили баҳисобгирии муҳосибии даромадҳо, хароҷот ва назорат, вобаста хусусиятҳои хос ва самти фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ, яъне фаъолияти тиҷоратӣ ва миёнаравии ширкатҳои сайёҳӣ ва агентиҳои сайёҳӣ, ки ба истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти сайёҳӣ машғуланд ва гуногунии баҳисобгирии муҳосибии онҳо таҳлил карда шуда, роҳҳои такмили низоми мавҷудаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорати дохилӣ пешниҳод карда шудааст. Ҷанбаҳои ташкилӣ-методии баҳисобгирӣ, фурӯши маҳсулоти сайёҳӣ, вобаста ба ҳуқуқи амалӣ намудани фурӯши маҳсулоти сайёҳӣ ва хизматрасониҳои сайёҳӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, тартиби баҳисобгирии даромад ва хароҷот ва муайян кардани натиҷаҳои молиявӣ, вобаста ба фаъолияти истеҳсолӣ, хизматрасонӣ ва миёнаравии фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ коркард ва пешниҳод карда шудааст.

7. Муайян карда шудааст, ки низоми назорати дохилӣ – маҷмуи чорабиниҳои аз ҷониби роҳбарияти корхона бароҳмондашудаи методӣ ва воситаҳо барои бонизом омода намудани ҳуҷҷатҳои аввалия, пешбурди самараноки фаъолияти молиявӣ, таъмини амнияти дороиҳо, ошкорсозӣ, ислоҳ ва бартараф кардани хатоҳо ва таҳрифоти маълумот, инчунин сари вақт тайёр намудани ҳисоботи саҳеҳи молиявӣ мебошад. Объектҳои назорати дохилӣ дар корхонаҳои сайёҳӣ бо низоми баҳисобгирии муҳосибии корхона алоқаи зич доранд, мавриди омӯзишу таҳлил қарор гирифта, вобаста ба хусусиятҳои хоси соҳа ва субъектҳои фаъолияти сайёҳӣ модели ташкили низоми назорати

дохилии фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ таҳия ва пешниҳод шудааст. Методикаи амалкунандаи назорати дохилии натиҷаҳои фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ бо дарназардошти хусусиятҳои соҳавӣ таҳлил карда шуда, вазифаҳо, марҳилаҳои асосӣ, давраҳои назоратӣ муайян, инчунин методикаи назорати дохилии даромадҳо, хароҷот ва натиҷаҳои фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ коркард шудааст.

8. Дар асоси омӯзиши таҷрибаи амалии пешбурди баҳисобгирии муҳосибии корхонаҳои сайёҳӣ, муайян карда шудааст, ки маҳсулоти сайёҳӣ объекти асосии баҳисобгирии муҳосибӣ дар ширкатҳои сайёҳӣ ба ҳисоб меравад. Вобаста ба ин, таснифоти даромадҳо ва хароҷот аз рӯи намуди фаъолияти мушаххаси корхонаҳои сайёҳӣ, ташаккулёбии арзиши аслии маҳсулот ва хизматрасониҳои сайёҳӣ бо усули меъёрӣ ва фармоишӣ асоснок карда шудааст, ки барои муайян намудани майлкуниҳо, тағйирёбиҳо ва ояндабинии фаъолияти корхонаи сайёҳӣ муҳим аст. Роҳҳои такмили низоми мавҷудаи баҳисобгирии муҳосибӣ, баҳисобгирии даромадҳо ва хароҷот, тибқи талаботҳои СБҲМ, ҳисобҳои иловагӣ дар асоси нақшаи ҳисобҳои амалкунанда, методикаи тайёркунии ҳисобот оид ба натиҷаҳои молиявӣ, вобаста ба фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ ва мутобиқнамоии фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ ба шароити СБҲМ дар сайёҳӣ пешниҳод карда шудааст;

9. Дар шароити муосири рушди иқтисодиёти миллӣ, низоми идоракунии корхонаҳои сайёҳӣ ба ҷорӣ намудан ва истифодабарии низоми самараноки назорати дохилӣ ҳавасманд мебошад. Номукаммал будани назорати дохилӣ, ки дар нодуруст муайян кардани объектҳои он ифода меёбад, яке аз омилҳои калидӣ мебошад ва ба муфлисшавии корхонаҳои сайёҳӣ оварда мерасонад. Вобаста ба хусусиятҳои объектҳои назорати дохилӣ барои зарурати корхонаҳои сайёҳӣ, таҳқиқотҳои муосири назариявии олимон онро пурра инъикос карда наметавонад. Ин имконияти таъминоти ташкили самаранокӣ ва амалишавии низоми назорати дохилӣ дар корхонаҳои сайёҳиро бештар мушкил менамояд. Тасдиқ карда шудааст, ки вобаста ба хусусиятҳои хоси корхонаҳои сайёҳӣ, низоми назорат мутобиқи сохтори ташкилии субъектҳои соҳаи сайёҳӣ ба роҳ

монда шавад, дар марказҳои масъулият бошад низоми бисёрсатҳаи назоратӣ ташкил карда шавад, ки ҷавобгарии фардии роҳбарони зерсохторҳои таркибӣ ва кормандонро пешбинӣ менамояд;

10. Вобаста ба хусусиятҳои соҳавӣ ва гуногунҷабҳагии самти фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ модели баҳисобгирии хароҷот ва даромадҳо дар корхонаҳои сайёҳӣ коркард шуда, методикаи алоқамандии ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ барои инъикоси хароҷот ва даромадҳо пешниҳод карда шудааст, ки барои муайн намудани фоидаи амалиётӣ мусоидат менамояд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда**

– омӯзиш ва таҳқиқи тамоюлоти ташаккули таърихӣ, заминаҳои назариявӣ ва илмии рушди сайёҳӣ дар асарҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ, муайян намудани мавқеи сайёҳӣ дар иқтисодиёти кишварҳои пешрафта ва истифодабарии таҷрибаи ғании онҳо дар амалияи соҳаи сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– таҳлили санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии танзимкунандаи соҳаи сайёҳӣ, баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорати фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ, моделҳои умумиҷаҳонии батанзимдарории соҳаи сайёҳӣ, баҳисобгирӣ ва назорат дар соҳаи сайёҳӣ ва асоснок намудани самти такмили консепсияи миллии баҳисобгирии муҳосибӣ дар соҳаи сайёҳӣ;

– вобаста ба сатми афзалиятнок эътироф шудани соҳаи сайёҳӣ дар кишвар, омӯзиши хусусиятҳои хоси соҳаи хизматрасонӣ дар корхонаҳои сайёҳӣ ва муайян кардани хусусиятҳои хоси ташкилӣ, сохтор ва технологии фаъолияти корхонаҳои соҳаи сайёҳӣ ва таъсири он ба ташкили низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорати дохилӣ;

– баҳодиҳии ҳолати воқеии ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ дар корхонаҳои сайёҳӣ, муайян кардани муаммоҳои методологии баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорати дохилӣ, вобаста ба хусусиятҳои хоси соҳаи хизматрасонӣ ва корхонаҳои сайёҳӣ ва асоснок намудани самтҳои таҳвили консепсияи баҳисобгирии муҳосибӣ дар соҳаи сайёҳӣ, ки ба талаботи стандартҳои байналмилалӣ ва истифодабарандагони иттилооти ҳисоботи молиявӣ ҷавобгӯ

бошанд;

– пешниҳоди таснифоти харочот мутобиқи СБҲМ, ҳолати воқеии таснифоти харочот ва арзишмуайянкунии маҳсулот ва хизматрасониҳои сайёҳӣ вобаста аз аломатҳои гуногун, хусусияти соҳа, ки тибқи он дастурамали соҳавии пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ таҳия карда шавад;

– мувофиқи талаботҳои СБҲМ бо баэътибор гирифтани хусусиятҳои технологию ташкилии корхонаҳои соҳаи саёҳӣ сиёсати баҳисобгирии намунавӣ коркард шудааст, ки ташкили низоми самаранокӣ баҳисобгирии муҳосибии харочот ва даромадҳоро таъмин месозад;

– баҳодиҳии ҳолати мавчудаи ташкили баҳисобгирӣ, фурӯши маҳсулоти сайёҳӣ, коркарди чанбаҳои ташкилӣ-методии баҳисобгирии фурӯши маҳсулоти сайёҳӣ, хизматрасониҳои ва тартиби муайян намудани натичаҳои молиявӣ дар корхонаҳои сайёҳӣ мутобиқи хусусиятҳои соҳавӣ;

– асоснок ва пешниҳод намудани роҳҳои такмили низоми баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити СБҲМ ва иқтисодиёти рақамӣ дар корхонаҳои сайёҳӣ, барои ташаккули иттилооти эътимоднок оид ба фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ барои истифодабарандагони дохилӣ ва беруна;

– таҳлили ҳолати мавчудаи ташаккули низоми назорати дохилӣ дар корхонаҳои сайёҳӣ ва дар ин замина коркарди методикаи назорати дохилии натичаҳои фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ, таҳияи модели назорати дохилӣ бо назардошти хусусиятҳои соҳавӣ;

– модели баҳисобгирии харочот ва даромади маҳсулоти (хизматрасониҳои) сайёҳӣ таҳия карда шуда, роҳҳои такмилдиҳии методикаи баҳисобгирии харочот ва даромадҳо пешниҳод карда шудааст, инчунин модели ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибии харочоти истеҳсолӣ дар корхонаҳои соҳаи сайёҳӣ коркард шудааст.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот.** Аҳаммияти назариявии натичаҳои бадастомадаи баҳисобгирӣ ва назорат дар мутобиқат бо СБҲМ ва иқтисодиёти рақамӣ, тавсияҳои назариявӣ-методологӣ ба ташаккули низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорати дохилӣ ва рушди корхонаҳои сайёҳӣ мусоидат мекунад.

Натиҷаҳои назариявӣ метавонанд дар низоми таҳсилоти миёнаи махсус ва олии касбӣ ва таҳқиқотҳои минбаъдаи илмӣ, методика ва тавсияҳои пешниҳодгардида – ҳангоми мукаммалгардонии заминаҳои меъёрии баҳисобгирӣ ва назорат аз тарафи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар амалияи ташкилотҳои аудиторӣ-машваратӣ, корхонаҳои сайёҳӣ истифода карда шаванд.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқот.** Аҳаммияти амалии натиҷаҳои таҳқиқот дар он аст, ки хулосаҳо ва тавсияҳои асосии дар кор мавҷудбуда имкон медиҳанд, то низоми самараноки баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорати дохилӣ дар корхонаҳои сайёҳӣ бунёд карда шавад. Бархе аз тавсияҳое, ки дорои аҳаммияти амалӣ мебошанд, аз тарафи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, корхонаҳои сайёҳӣ барои дуруст интихоб кардани сиёсати баҳисобгирӣ, усулҳои муосири баҳисобгирии даромадҳо ва хароҷот, дар мавриди муайян намудани арзиши аслӣ ва натиҷаҳои молиявӣ аз фурӯш ва пешниҳоди маҳсулоти сайёҳӣ, низоми самарабахши назорати дохилӣ истифода бурда шаванд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Боэътимодии натиҷаи кор бо истифодаи усулҳои маъмулӣ дар ҷараёни гузаронидани таҳқиқот, саҳеҳии маълумот, ҳаҷми кофии маводи таҳқиқотӣ, омӯзиши ҳамаҷонибаи ташкили баҳисобгирӣ ва назорати дохилӣ дар корхонаҳои сайёҳӣ ва коркарди тавсияву пешниҳодот оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот дар конфронсҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ нашр ва тасдиқ карда мешаванд. Хулосаҳо ва тавсияҳо бо таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ пешниҳод карда шудаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Самти таҳқиқот ба талаботи Шиносномаи номенклатураи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит: банди 1.1. «Парадигмаҳои ибтидоӣ, консепсияҳои бунёдӣ, принсипҳои асосӣ, постулатҳо ва қоидаҳои баҳисобгирии бухгалтерӣ», 1.3. «Асосҳои методологӣ ва вазифагузориҳои максадноки баҳисобгирии

бухгалтерӣ», 1.7. «Баҳисобгирии муҳосибӣ (молиявӣ, идоракунӣ, андоз ва ғайра) дар ташкилотҳои дорои шаклҳои гуногуни ташкилӣ-ҳуқуқӣ, доира ва соҳаи гуногун», 1.10. «Назария ва методологияи буҷасозӣ», 1.13. «Ташкили баҳисобгирии бухгалтерӣ (молиявӣ, идоракунӣ, андозӣ, корпоративӣ ва ғайра) аз рӯйи сегментҳо, бизнес-ҷараёнҳо ва сохторҳои таркибӣ», 1.16. «Проблемаҳои баҳисобгирии хароҷот ва ҳисоб намудани арзиши аслии маҳсулот (кор, хизмат)», 3.2. «Асосҳои назариявӣ ва методологӣ, вазифагузориҳои мақсадноки аудит ва назорат», 3.9. «Инкишофи методологияи комплексии усулҳои аудит ва назорат» мутобиқ аст.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Муаллиф дар натиҷаи омӯзиш, ҷамъоварӣ ва ҷамъбаст намудани маълумотҳои назариявӣ, таърихӣ, илмию амалӣ низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорати дохилии корхонаҳои сайёҳиро таҳлилу баодиҳӣ намуда, инчунин барои такмил додани раванди пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва низоми назорати дохилӣ дар корхонаҳои сайёҳӣ коркарду тавсияҳои назариявӣ-методологӣ ва амалӣ пешниҳод кардааст. Дар диссертатсия муаллиф методологияи баҳисобгирии муҳосибӣ дар сайёҳӣ ва унсурҳои он, методии сиёсати баҳисобгирӣ, роҳҳои такмили низоми баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити СБҲМ, модели назорати дохилӣ ва методикаи баҳисобгирии даромадҳо ва хароҷот дар нақшаи ҳисобҳоро таҳия ва коркард кардааст. Натиҷаҳои ҷудогонаи таҳқиқоти дисертатсиониро метавон ҳангоми коркардабароии муқаррароти назариявӣ ва методологӣ оид ба мукаммалгардонии заминаҳои меъёрӣ-ҳуқуқии баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорати дохилӣ дар корхонаҳои соҳаи сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия**. Натиҷаҳои таҳқиқот дар шакли гузоришҳои илмӣ ва тавсияҳои амалӣ пешкаш гардида, дар конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур, Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии

Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ, Институти ҷамъиятии муҳосибон ва аудиторони касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳокима ва баррасӣ шудаанд.

Муқаррароти диссертатсия дар ҷараёни таълимии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон зимни таълими фанҳои «Баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит», «Баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит дар корхонаҳои саноати сайёҳӣ», «Баҳисобгирии идоракунӣ», «Баҳисобгирии муҳосибии молиявӣ», «Назорати молиявӣ», «Омори сайёҳӣ», «Иқтисодиёти сайёҳӣ» ва «Менеҷменти сайёҳӣ» (маълумотномаи № 01/665 аз 20.10.2023) ва дар ҷараёни таълимии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон ҳангоми тадриси фанҳои «Баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит», «Баҳисобгирии молиявӣ», «Баҳисобгирии идоракунӣ», «Баҳисобгирии бухгалтерӣ дар соҳаҳо», «Баҳисобгирии бухгалтерӣ дар соҳаи хизматрасонӣ», «Таҳлили иқтисодӣ» (маълумотномаи № 543 аз 23.10.2023) истифода карда мешавад.

Бархе аз муқаррароти амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ барои истифодабарӣ дар фаъолияти амалии ширкатҳои сайёҳии ҶДММ «Корвон Саёҳат» (санади №40 аз 16.10.2023), ҶДММ «Расул тур» (маълумотномаи №7/3 аз 21.10.2023), ҶДММ «Ориент Адвентур» (санади №53 аз 14.10.2023), қабул карда шудаанд.

**Интишорот аз рӯйи диссертатсия**. Оид ба мавзуи таҳқиқот 2 монографияи илмӣ, 63 мақолаи илмӣ бо ҳаҷми умумии 39,75 ҷузъи чопӣ (аз ҷумла 36,5 ҷузъи чопӣ аз муаллиф), аз онҳо 19 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия**. Диссертатсия аз муқаддима, чор боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо, рӯйхати манбаъҳои истифодашуда аз 334 номгӯй иборат аст. Матни асосии диссертатсия дар 367 саҳифаи чопӣ дарҷ шудааст. Дар диссертатсия 32 расм, 26 ҷадвал ва 4 замима пешниҳод карда шудаанд.

# БОБИ 1. ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИИ РУШДИ БАҲИСОБГИРӢ ВА НАЗОРАТ ДАР КОРХОНАҲОИ САЙЁҲӢ

## 1.1.Асосҳои назариявии фаъолияти сайёҳӣ

Дар зиндагии тезҷараёни муосир ҳар як инсон барои рафъи хастагӣ ва аз нав барқарор намудани саломатии худ ба ҳиссиёту эҳсосоти нав ниёз дорад.

Дар ҷаҳони имрӯза, ҳар як инсон метавонад барои барқарор намудани саломатӣ ва қонеъ намудани ин ниёзҳои маънавию ҷисмонии худ ба дигар давлатҳо ва минтақаҳои олам сафар намояд. Инчунин, дар баробари омӯзиши зиндагӣ, урфу одат, таъриху фарҳанги дигар халқу миллатҳо, фароғат ва истироҳат намояд, ки дар замони муосир он бо истилоҳи «туризм» маъмул аст.

Мафҳуми «туризм» «аз вожаи лотинии (turn – чархзананда, гардишкунанда) гирифта шуда, аз як ҷой ба ҷойи дигар сафар кардан, бо бозгаштан ба мавқеи аввала, яъне бодиянишиниро ифода менамояд ва аввалин шуда ин мафҳум (tourism)-ро соли 1830 В. Жекмо истифода бурдааст, ки аз калимаи французии «tour» бармеояд, ки маънояш «сайру гашт» аст»[1].

Вобаста аз он ки худи сайёҳӣ ва корхонаҳои истироҳатию фароғатӣ аз тарафи вазорату идораҳои гуногун идора карда мешавад, бинобар ин, мафҳуми «сайёҳ» бо иштирокчиёни саёҳатҳо ва сайрҳои сайёҳӣ маҳдуд мешуд ва аз мафҳуми «истироҳаткунанда» дар осоишгоҳҳо, истироҳатгоҳҳо, фароғатгоҳҳо, пансионатҳо ва хонаҳои истироҳатӣ ҷудогона истифода бурда мешуд. Дар дигар мамлакатҳо низ намудҳои гуногуни фаъолияти рекреатсионӣ (истироҳатӣ) дар мафҳумҳои гуногун тавсиф карда мешуданд. Имрӯз, вобаста ба ташаккули сайёҳӣ, хусусан сайёҳии байналмилалӣ ва таъсисёбии ширкатҳои байналмилалии сайёҳӣ рӯйи кор омаданд, ки дар умум мафҳуми «сайёҳӣ» ҳамчун истилоҳ истифода бурда шавад.

Ташаккули рушди соҳавӣ бо афзоиши таваҷҷуҳи маърифатӣ ба проблемаҳои илмии сайёҳӣ дар солҳои 60-80-уми асри гузашта алоқаманд аст.

---

[1]Биржаков М.Б. Введение в туризм: учеб. для студентов высших учебных заведений. М.: –СПб: Издательский дом Герда, 2006. – 510 с. – С. 39.

Барқароршавии муносибати соҳавӣ бо афзоиши таваҷҷуҳи худшиносии масъалаҳои илмии сайёҳӣ ба солҳои 60-80-и асри XX алоқаманд аст. Вобаста ба ин масъала, дар ҷаласаҳои Иттифоқи байналмилалии ташкилотҳои расмии сайёҳӣ (Дублин, соли 1950; Лондон, соли 1957), Конференсияҳои СММ оид ба сайёҳии байналмилалӣ ва саёҳатҳо (Рим, с.1963), Конгресси ташкилотҳои сайёҳӣ (Манила, с.1986), Конференсияи байнипарлумонӣ оид ба сайёҳӣ (Гаага, с.1989) диққати ҷиддӣ дода шудааст[1]. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки аҳаммияти назариявӣ ва амалии тафсири мафҳуми сайёҳӣ, вобаста ба таҳаввулот ва зуҳуроти муосир, бояд пурра ва аниқ карда шавад. Мисоли классикии тафсири соҳавии сайёҳиро, ки метавон истифода бурд, олим Герасименко В.Г. додааст, ки сайёҳиро ҳамчун: «...соҳаи ғайриистеҳсолии иқтисодиёт мешуморад, ки корхонаву ташкилотҳои он талаботи сайёҳонро бо хадамоти моддӣ ва ғайримоддӣ қонеъ мегардонанд»[2]. Аммо, дар ин ҳолат, мафҳумҳои «соҳаи сайёҳӣ» ва «сайёҳӣ» ҷудогона инъикос меёбанд, ки ҳаққонияти он баҳснок мебошад.

СММ мафҳуми муосири сайёҳиро чунин шарҳ додааст: «Сайёҳӣ – ин истироҳати фаъоле мебошад, барои барқарор намудани саломатӣ, ташаккули ҷисмонии инсон, бо рафтан аз ҳудуди ҷойи асосии истиқомат вобаста аст»[3].

Дар тавсифномаи сайёҳӣ, ки академияи сайёҳии Монте-Карло додааст, боз ҳамон маҳакҳои тафсири пешина такрор мешаванд: «Ин мафҳуми умумӣ барои ҳамаи шаклҳои ҳаракати муваққатии одамон аз ҷойи истиқомати доимӣ бо мақсади солимгардонӣ, барои қонеъ гардондани ниёзҳои маърифатӣ дар вақти озод ё бо мақсади касбӣ-корӣ, бе машғул шудан бо фаъолияти музднок дар ҷойи истиқомати муваққатист»[4]. Ба андешаи мо, муаллифони ин тафсир холисан аз мазмуни рекреатсионии сайёҳӣ дур шуда, диққати асосиро ба

---

[1] Александрова А.Ю. Международный туризм. – М.: Аспект Пресс, 2001. – 464 с. – С . 20.

[2] Герасименко В.Г. Основы туристского бизнеса [Текст] / В.Г. Герасименко. – Одесса: Изд-во «Черноморье», 1997. – 156 с. – С. 7.

[3] Балабанов И.Т., Балабанов А.И. Экономика туризма. – М.: Финансы и статистика, 2003. – 176 с. – С. 48.

[4] Бюллетень туристской информации. – 1992. №1. – С. 17

фаъолияти субъект дар мавқеаш, новобаста аз ҷойи истиқомати ӯ додаанд.

Яке аз аввалинҳо шуда, профессорони Донишгоҳи Берн, Хунзикер ва Крапф мафҳуми аниқтари сайёҳиро додаанд, ки баъдан онро Ассотсиатсияи байналмилалии мутахассисон оид ба сайёҳӣ қабул кардааст. Ин олимон сайёҳиро ҳамчун як силсилаи падидаҳо ва муносибатҳое, ки дар натиҷаи сафарҳои одамон ба вуҷуд меоянд, маҳсуб медонанд, ки он ба будубоши доимӣ оварда нарасонад ва бо ягон намуд даромад алоқаманд набошад.

Мафҳуми «сайёҳӣ» дар тавсифномаи СММ ва Конференсияи байналмилалии сайёҳӣ ҳамчун муҳоҷирати муваққатии одамон бо мақсади сафари корӣ ё истироҳат оварда шудааст, ки бо баргаштан ба ҷойи истиқомати доимӣ ба охир мерасад.

Вобаста ба ин, СММ таърифи мафҳуми «сайёҳ»-ро: «ҳамчун инсоне, ки ба дигар мамлакат бо мақсади гузаронидани вақти озоди худ барои табобат, фароғат, истироҳат ва дигар шароитҳои оилавӣ ва тиҷоратӣ»[1] муайян кардааст.

Сайёҳӣ як падидаи бисёрҷанба ва мураккабест, ки нуфузи он дар ҷаҳон торафт баланд мегардад. Одамон ба дигар кишварҳо сафар намуда, донишу малака гирифта, таассуроти нав дар хотирашон боқӣ мемонад, ҳамзамон оид ба фарҳангу урфу одати дигар мардум шинос мегарданд.

Тибқи тавсифномаи Созмони умумиҷаҳонии сайёҳии Созмони милали муттаҳид: «Сайёҳӣ ин падидаи иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва иқтисодие мебошад, ки бо ҳаракати одамон аз муҳити муқаррарии худ берун, бо мақсади шахсӣ ё мақсади корӣ-касбӣ алоқаманд мебошад. Чунин одамонро меҳмон меноманд (онҳо метавонанд сайёҳ ё экскурсант; сокинони доимӣ ё муваққатии кишвар бошанд) ва сайёҳӣ ба фаъолияти онҳо муносибат дорад, ки қисми он натиҷаи хароҷоти сайёҳӣ мебошад»[2].

Биржаков М.Б. чунин меҳисобад, ки сайёҳӣ – ин: «1) як намуди махсуси

1 Амонова Д.С. Основные направления развития туризма в контексте региональных особенностей Республики Таджикистан // Вестник ТГУПБП. Научно-теоретический журнал. Серия общественных наук. - Худжанд, 2018. - №1(74). - С. 52-59. – С. 54.

2 Shokirov, Q., A. Abdykadyrova, C. Dear, S. Nowrojee. “Mountain Tourism and Sustainability in Kyrgyzstan and Tajikistan: A Research Review.” MSRI Background Paper No. 3. July 2014. http://msri.ucentralasia.org/publications.asp

оммавии саёҳат бо ҳадафҳои дақиқи сайёҳӣ, ки аз ҷониби худи сайёҳон анҷом дода мешавад, яъне, фаъолияти худи сайёҳ, ва 2) фаъолияти вобаста ба ташкил ва амалӣ намудани (роҳбаладӣ кардани) чунин саёҳат, яъне фаъолияти сайёҳӣ мебошад»[1].

Науқтаи назари мазкурро ҷонибдорӣ намудан хело душвор ва баҳснок мебошад. Зеро семантика ва фарқияти мантиқии калимаҳои «сайёҳӣ», «сайёҳ», «фаъолияти сайёҳӣ», «соҳаи сайёҳӣ»-ро таҳқиқ ва муайян намудан, ба ақидаи мо аз манфиат холӣ нест.

Квартальнов В.А. сайёҳиро ҳамчун: «...ҳаракати муваққатии одамон аз ҷойи истиқоматии доимии худ ба дигар кишвар ё мавзеи дохили кишвари худ, дар вақти озод, бо мақсади фароғат ва истироҳат, солимгардонӣ, меҳмонӣ, бо мақсади касбӣ-корӣ, бе машғул шудан ба кори музднок дар ҷойи ташрифоварда»[2] тавсиф менамояд. Ба ақидаи мо, гуфтаҳои дар боло овардашуда бо дараҷаи баланд ба таърифи «сайёҳ» ва намудҳои сайёҳӣ мувофиқтар аст, аммо мафҳуми сайёҳиро ҳамчун ҷараён, падида ё намуди фаъолият инъикос намекунад.

Ба андешаи мо, нуктаи муҳимми таҳлили илмии мафҳум, омӯзиши заминаи меъёрии ҳуқуқие мебошад, ки самти ҳуқуқии фаъолияти сайёҳиро муайян менамояд. Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ» таърифи сайёҳӣ чунин омадааст: «...сайёҳӣ – саёҳати гуногунҷанбаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд, инчунин шуғле, ки бо мақсади солимгардонӣ, шиносоӣ, зиёрат, тиҷорат, варзиш, касбию хизматӣ ва мақсадҳои дигар (ба истиснои ба кори музднок ҷалб шудан) ва будубоши муваққатии берун аз ҳудуди ҷойи истиқомати доимӣ анҷом дода мешавад»[3]. Таърифи мазкур аз лиҳози ҳуқуқӣ пшниҳод шуда, равишҳои функсионалиро фаро гирифта, фаъолияти

---

[1] Биржаков М.Б. Введение в туризм: учеб. для студентов высших учебных заведений. М.: –СПб: Издательский дом Герда, 2006. – 510 с. – С. 29.

[2] Квартальнов В.А. Туризм: Учебник. – М.: Финансы и статистика, 2002. – 320 с. https://tourlib.net/books_tourism/kvartalnov_tourism3.htm.

[3] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи сайёҳӣ”, аз 7 августи соли 2020, № 1717. [Сарчашмаи электронӣ] / Низоми дастрасӣ: http://ctd.tj

мушаххаси рафториро дар бар мегирад. Аммо, ба андешаи мо, дар ин таъриф моҳияти иқтисодии сайёҳӣ ва вобаста ба пурра нишон надодани намудҳои сайёҳӣ, изҳороти қатъии «ба истиснои ба меҳнати музднок ҷалб намудан», барои намудҳои алоҳидаи сайёҳӣ (шоп-сайёҳӣ, бизнес-сайёҳӣ ва ғайра) ба инобат гирифта нашудааст.

Мутобиқи Тавсияҳои байналмилалӣ оид ба омори сайёҳӣ IRTS 2008 (International Recommendations for Tourism Statistics) – «сайёҳӣ» зеркатегорияи мафҳуми «сафар» буда, ба фаъолияти меҳмон – сайёҳ, «... ки ба ягон ҷойи асосии муайяншудаи берун аз ҳудуди мавзеи истиқоматӣ – муҳити муқаррарии вай ба муҳлати то як сол сафар мекунад, бо ҳама гуна ҳадафи асосӣ (сафари хизматӣ, истироҳат ё мақсади дигари шахсӣ), ғайр аз мақсади кор кардан дар корхонае, ки дар кишвар ё ҷойи сафар ба қайд гирифта шудааст»[1].

Ба ақидаи мо, пайдоиши сайёҳӣ ҳамчун мол ташаккули заминаи мутобиқи моддӣ-техникӣ, мавҷудияти кадрҳои баландихтисос барои хизматрасонӣ ба сайёҳон ва идоракунии мақсадноки субъектҳои соҳибкории сайёҳиро талаб мекунад. Ҳамаи ин зарурияти муташаккилона ба соҳаи мустақили хоҷагидорӣ ҷудо кардани сайёҳиро ба миён овард.

Дар адабиёти иқтисодӣ ба аломатҳои сайёҳӣ ташкили заминаи моддӣ-техникӣ, мавҷудияти манзараҳои хоси табиӣ, олами набототу ҳайвонот, хусусияти хадамоти пешниҳодшаванда ва технологияи хизматрасонӣ, ки дар шакли низоми нави идоракунии ташаккулёбанда, яъне менеҷменти сайёҳӣ ифода меёбад, дохил мешаванд. «Рушди иқтисодӣ, суботи сиёсӣ, сатҳи зиндагии аҳолӣ, ки аз ҳисоби афзоиши даромади воқеӣ ва тақсимоти нисбатан баробари он баҳо дода мешавад, ба омилҳое дохил мешаванд, ки бевосита ё бавосита ба ташаккули соҳаи сайёҳӣ таъсир мерасонанд»[2].

Ба ақидаи Ёров Ҷ.Н.: «Сайёҳӣ, ҳамчун соҳаи махсус бо «таъсири

---

[1] International Recommendations for Tourism Statistics 2008. https://www.unwto.org /tourism-statistics/on-basic-tourism-statistics-irts-2008

[2] Амонова, Д. С. Основные направления и персективы развития экологического туризма в высокогорных регионах Таджикистана / Д. С. Амонова, Х. Е. Карамхудоев // Вестник университета (Российско-Таджикский (Славянский) университет. – 2020. – № 3(71). – С. 22-35. – С. 25.

фузунсозӣ», ба тараққиёти чунин соҳаҳои ба ҳам алоқаманди иқтисодиёт, ба монанди савдо, нақлиёт, алоқа, кишоварзӣ, истеҳсоли молҳои истеъмоли халқ, инчунин соҳаи иҷтимоӣ таъсири мусбат мерасонад»[1]. Ин сифатҳои хоси сайёҳӣ имкон медиҳад, ки он ҳамчун як падидаи нави иҷтимоию иқтисодӣ эътироф карда шавад, ҳамзамон ба рушди он диққат додан зарур аст, зеро тамоми шароитҳо барои рушди ин соҳа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи давлату ҳукумат фароҳам оварда шудааст.

Ҳамин тавр, соҳаҳои сайёҳӣ, бо иқтисодиёт ва иҷтимоиёт ҳамбастагӣ ва алоқаи мутақобила дошта, вобаста аз хусусиятҳои ҷойгиршавии минтақавӣ ва мероси таърихию миллии мамлакати ташрифоваранда ташаккул меёбанд.

Дар замони муосир, истироҳат, фароғат, саёҳат ва сафар кардан ба зиндагии инсоният дар ҳама қишварҳои олам алоқамандии бевосита дошта, таркиби хароҷоти оилаи миёнаҳол барои ин самтҳо – моддаи чорум пас аз хароҷоти хӯроквори, либосворӣ ва хизматрасонии нақлиётӣ маҳсуб меёбад.

Сайёҳӣ яке аз соҳаҳоиояндадор ва сердаромади иқтисодиёти ҷаҳон буда, афзоиши босуръати он яке аз падидаи иқтисодӣ ҳисобида мешавад. Тибқи маълумотҳои Созмони умумиҷаҳонии сайёҳӣ (СУС), ба соҳаи сайёҳӣ 10%-и маҷмуи маҳсулоти дохилии ҷаҳонӣ рост меояд. Ҳиссаи он дар содироти ҷаҳонӣ 7%, дар содироти хизматрасонӣ 30% -ро ташкил медиҳад. Сайёҳӣ 7%-и ҳаҷми умумии сармоягузориҳо ва қариб 5%- ҳамаи даромади андозиро таъмин менамояд, ҳар як ёздаҳумин ҷойи корӣ дар ҷаҳон бевосита ё бавосита аз сайёҳӣ вобастагӣ дорад.

Дар замони муосир, дар миқёси ҷаҳонӣ ва равобити иқтисоди хориҷии кишварҳои мутараққӣ соҳаи сайёҳӣ мавқеи махсусро касб намудааст. Дар баробари рушди соҳаи сайёҳӣ робитаҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, тиҷоратӣ, соҳибкорӣ, фарҳангӣ, мадании байни кишварҳо мустаҳкам гардида, ба даромади асъори хориҷӣ, ташкили ҷойҳои нави корӣ ва афзоиши даромади

[1]Ёров, Дж.Н. Эффективность сельского туризма и его влияние на развитие аграрного сектора АПК /Автореф. дисс. ... канд. экон. наук.– Душанбе, Издательство «Ношир», 2010. – 27 с. – С. 3.

буҷети давлатӣ мусоидат менамоянд. Масалан, «ҳиссаи назарраси даромад аз сайёҳии байналмилалӣ дар ҳаҷми умумии даромадҳо аз содироти молҳо ва хизматрасониҳо дар Испания – 35%; Австралия ва Юнон – ҳар кадоме 36%; Швейтсария – 12%; Италия – 11%; Португалия – 21%; дар Кипр – 52%-ро ташкил медиҳад. Бо мусоидат ба афзоиши ҷойҳои корӣ, соҳаи сайёҳӣ шиддати иҷтимоиро, ки аз бекорӣ ба вуҷуд омадааст, коҳиш медиҳад. Дар системаи ҷаҳонии сайёҳӣ 130 миллион нафар кор мекунанд ва ташкили як ҷойи корӣ дар ин ҷо нисбат ба маҷмааи саноатӣ 20 маротиба арзонтар аст»[1].

Таҳқиқоти таърихии иҷтимоию иқтисодии гузаронидашудаи соҳаи сайёҳӣ имкон медиҳад, ки тафовути байни мафҳуми имрӯзаи «сайёҳӣ» ба вазъи муосири иҷтимоию иқтисодии он муайян ва асоснок карда шавад.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, чунин мафҳуми сайёҳиро пешниҳод менамоем:

Сайёҳӣ – ин фаъолияте мебошад, ки барои қонеъ гардондани талаботи инсон нигаронида шудааст.

Инчунин, дар натиҷаи таҳлили адабиёти махсус шакли дигари таърифро истифода бурда метавонем, ки чунин аст:

Сайёҳӣ – ин фаъолият оид ба қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти ҷаҳонгардии шаҳрвандон мебошад, ки бо мақсади муташаккилона гузарондани истироҳат ё сафар кардан бо мақсади касбию хизматӣ истифода мебаранд.

Ҳамин тавр, ба андешаи мо, сайёҳӣ – соҳаи ғайриистеҳсолӣ ба шумор рафта, корхонаву муассисаҳои соҳаи мазкур талаботи моддӣ ва ғайримоддии сайёҳонро таъмин менамоянд. Дар баробари ин, вазифаи асосии сайёҳӣ – бо истироҳати бофароғат ва самаранок таъмин намудани одамон мебошад.

Ин таъриф умумӣ буда, мафҳуми асосии истилоҳи «сайёҳӣ»-ро ифода менамояд, ки ба омӯзиши талаботи инсон асос ёфтааст. Мо ба он ақидаем, ки ин таъриф ҷанбаҳои сайёҳиеро, ки ба талаботи имрӯза мувофиқат мекунанд

---

[1] Раҳимов С.Х., Ғуломова З.З. Нақши туризм дар рушди хадамоти меҳмонхонаҳо. Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – Душанбе, 2021. № 3(37). – С. 165-170. – С. 168

пурра дар бар гирифта наметавонад. Дар таъриф мафҳумҳои истилоҳи «сайёҳӣ» ва «сайёҳ» алоҳида маънидод нашудааст, вале дар Қонун таърифи «сайёҳӣ” алоҳида оварда шудааст. Сайёҳӣ дар ин ҷо низ ҳамчун соҳаи фаъолияти иҷтимоӣ-иқтисодӣ баррасӣ мешавад. Рушди баланди соҳаи сайёҳӣ дар асри XX ба ташаккули соҳаҳои махсуси фаъолияти хоҷагидорӣ, ба монанди соҳаи меҳмонхонадорӣ, нақлиёт, хӯроки умумӣ, ҷойгиркунӣ ва истироҳати сайёҳон мусоидат намуд.

Имрӯз сайёҳӣ яке аз соҳаҳои зудрушдкунандаи иқтисодиёт маҳсуб ёфта, дар кишварҳои тараққикарда ва рӯ ба инкишоф яке аз сарчашмаҳои муҳимми қисми даромади буҷети онҳо ба ҳисоб меравад. «Суръати баланди рушди сайёҳӣ ба зиёд шудани даромадҳои асъорӣ дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт таъсири калон мерасонанд, ки ин дар навбати худ ба ташаккули соҳаи сайёҳӣ мусоидат менамояд»[1]. Сайёҳӣ яке аз соҳаҳои самарабахш ва ояндадори иқтисодиёт маҳсуб ёфта, аз рӯйи нишондиҳандаҳои иқтисодӣ аз саноати мошинасозӣ пештар меистад ва пас аз саноати электронӣ (компютерсозӣ) мавқеи дуюмро ишғол менамояд.

Сайёҳӣ ба ташаккули шахсияти муносиб мусоидат мекунад ва имконият медиҳад, ки дар инсон завқ, таҳаммулпазирӣ, ватандӯстӣ ташаккул ёбад. Аз нуқтаи назари Алексеева В.И., сайёҳӣ: «Тавассути омӯзиши фарҳанг, урфу одатҳои дигар халқу миллатҳо, ҷомеа, эҳтиром нисбат ба шаъну шарафи инсон ва шахсияти инсониро тарбия мекунад, фарҳанг ва арзишҳои ахлоқию маънавии дигар қавму миллатҳоро эътироф мекунад»[2].

Барномаи давлатии рушди туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2010-2014 омилҳои дар боло зикршударо ба инобат гирифта, «соҳаи сайёҳиро дар мамлакати мо ҳамчун самти афзалиятноки сиёсати давлатӣ эълон

[1] Алексеева В.И. Понятие рекреационного туризма/ Материалы международной научной конференции «Проблемы современной экономики» (г. Челябинск, декабрь 2011г.) – Челябинск: Два комсомольца, 2011. – 190 с. – С. 176.

[2] Дехтярь Г.М. Индустрия туризма: Правовые акты: Туристская деятельность. – М.: Финансы и статистика, 2005. – 228 с.– С. 125.

кардааст»[1].

Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои мероси ғании таърихию фарҳангӣ, захираҳои нодири табиию фароғатӣ ва хусусиятҳои ҷолиби экологӣ мебошад, ки ҳам ба рушди сайёҳии дохилӣ ва ҳам барои қабули шаҳрвандони хориҷӣ мусоидат мекунад. Ин як далели баҳснопазири раднашаванда аст, ки вақт нишон додаast, зеро «таърих гувоҳ аст, ки тоҷикон, ки ба қадимтарин халқҳои ҷаҳон мансубанд, ҳамеша бо меҳмоннавозӣ ва инсондӯстии худ машҳур будаанд, ба ғайр аз ин «Сарзамини ниёгони точиконро дар ҳақиқат бойгонии зиндаи таърихӣ номидан мумкин аст»[2].

Мутобиқи ҳадафҳои Стратегияи миллии рушди соҳаи сайёҳии Тоҷикистони соҳибистиқлол яке аз самтҳои афзалиятнок: «Рушди маҳсулоти сайёҳии миллӣ дар асоси ёдгориҳои нодири мероси фарҳангию таърихӣ ва хусусиятҳои табиию рекреатсионӣ дар ҷумҳурӣ мебошад, инчунин, минбаъд амалӣ намудани тадбирҳо оид ба ташаккули симои ҷолиби сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо истифода аз омили рушди таърихии кишвар... бо ҷалби қувваҳои фарҳангӣ ва илмии ҷумҳурӣ»[3] пешбинӣ мешаванд ва ғайра.

Сайёҳӣ ҳамчун фузунсози иқтисодиёти минтақавӣ маҳсуб ёфта, имконият медиҳад, ки на танҳо тамоми захираҳои рекреатсионӣ самаранок истифода бурда шаванд, инчунин ба таври самаранок истифода бурдани иқтидорҳои умумиистеҳсолӣ ва иҷтимоию фарҳангии минтақа бо беҳдошти гуногунии экологӣ ва фарҳангӣ ҳифз карда шавад. Вобаста ба ин, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон «Стратегияи рушди сайёҳӣ барои давраи то соли 2030» қабул гардид, ки дар он оварда шудааст: «Самтҳои афзалиятноки соҳаи сайёҳӣ барои Тоҷикистон сайёҳии экологӣ, табобатию солимгардонӣ, саёҳати сайругаштӣ, таърихию фарҳангӣ, кӯҳнавардӣ ва шикор ба шумор меравaнд. Барои рушди навъҳои қайдгардидаи сайёҳӣ, захираҳои бузурги он дар ҷумҳурӣ

[1] Барномаи давлатии рушди туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2010-2014, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 28 майи соли2009, № 299.

[2] Рахмонов, Э. Независимость Таджикистана и возрождение нации / Сост. С.С. Фаттоев. – Душанбе: Ирфон, 2006. – Том 1. – 480 с. – С. 329.

[3] Барномаи давлатии рушди туризм дар Ҷумҳурии Точикистон дар давраи солҳои 2010-2014, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 майи соли 2009, № 299.

имконият медиҳад. Қуллаҳои баланд, аз ҷумла қуллаи Исмоили Сомонӣ бо баландии 7495м. аз сатҳи баҳр ва манзараҳои кӯҳистоне, ки дар он ҷо чаҳор фасли солро мушоҳида кардан мумкин аст, обҳои шифобахшу шаффоф, иншооти санаторию курортӣ, мавзеъҳои таърихию фарҳангӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ танҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷуданд. Яъне, аз нуқтаи назари иқтисодӣ, бо пешниҳод кардани чунин маҷмуи хизматрасонӣ бозори сайёҳии Тоҷикистон метавонад ба сайёҳон маҳсулоти сайёҳиеро пешниҳод намояд, ки дар он рақобат вуҷуд надорад. Танҳо зарур аст, ки ин хизматрасонӣ бо сифати баланд ва нархи дастрас ба сайёҳон пешниҳод карда шавад»[1].

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло мувофиқ шудан мумкин аст, ки сайёҳӣ ҳамчун намуди махсуси фаъолияти иқтисодӣ, ҳуқуқҳои муайяни конститутсионӣ (барои истироҳат, хониш, табобат ва ғайра)-ро барои субъектҳои алоҳида ва коллектив, мустақилона ё бо истифодаи хадамоти субъекти фаъолияти сайёҳӣ, саёҳат дар ҷойҳои муайянро дар давраи то як сол, бо мақсади нагирифтани даромади тиҷоратӣ ва ғайра амалӣ менамояд.

Соҳаи сайёҳӣ дар худ чорабиниҳои иҷтимоӣ-иқтисодиро дар бар мегирад, ки бевосита ё бавосита барои пешниҳоди хизматрасонӣ ба сайёҳон гузаронда мешаванд. Тибқи таснифоти стандартии фаъолияти сайёҳии Созмони умумиҷаҳонии сайёҳӣ зиёда аз 185 намуди фаъолияти иқтисодӣ ҳисоб карда шудаанд, ки бевосита бо сайёҳӣ алоқаманданд. Ба ин метавонем хизматрасонии нақлиётӣ, фаъолияти молиявӣ ва бонкӣ, муассисаҳои хӯроки умумӣ, меҳмонхонаҳо ва ҷойи зист, инчунин хизматрасонии тарғиботиро дохил намуд.

Ба доираи бузурги корхонаҳои хизматрасонӣ, инчунин ба инфрасохтори зарурӣ, ки барои фаъолияти онҳо истифода бурда мешаванд, такя намуда, гуфтан мумкин аст, ки сайёҳӣ яке аз соҳаҳои бузурги иқтисодиёти ҷаҳонӣ мебошад ва дар ин соҳа доираи васеи ба якдигар алоқаманд, аз ҷумла

[1] Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 августи соли 2018, № 372. [Сарчашмаи электронӣ] / Низоми дастрасӣ: http://ctd.tj.

соҳибкории хусусии сайёҳӣ, корхонаҳои ҳукуматӣ ва ғайриҳукуматӣ иштирок менамоянд.

Соҳаи сайёҳӣ дар даҳсолаҳои гузашта рушди устувори ҳам даромадҳо, инчунин зиёд шудани шумораи сайёҳон ва таъсири онро ба соҳаҳои иқтисодиёт, иҷтимоиёт, маданият, фарҳанг ва экологии тамоми қитъаҳои ҷаҳон нишон дод. Фаъолияти сайёҳӣ барои давлатҳои соҳаи сайёҳиашон рушдёфта ва мамлакатҳое, ки сайёҳонро муаррифӣ менамоянд, даромади хуби иқтисодӣ меорад.

Яке аз сабабҳои асосӣ, хусусан барои давлатҳои рушдкунанда, ки худро ба сифати мамлакати сайёҳӣ муаррифӣ менамоянд, баланд бардоштани сатҳи иқтисодиёт, пеш аз ҳама аз ҳисоби сайёҳон воридшавии асъори хориҷӣ ба буҷет, ташкили ҷойҳои нави корӣ, тақвияти соҳибкорӣ яке аз самтҳои рушди иқтисодиёт ба ҳисоб меравад. Тамоюлоти солҳои охири сайёҳии байналмилалӣ нишон медиҳанд, ки фаъолияти сайёҳӣ ҳоло ҳам ба самти давлатҳои аз ҷиҳати саноатӣ рушдёфтаи дунё: Амрико ва Аврупо нигаронда шудаанд. Дар баробари ин дар замони муосир дар минтақаҳои рушдкунанда низ бозорҳои сайёҳии нав фаъол шуда истодаанд. Ба ин бозорҳои сайёҳии нав кишварҳои Осиё, Амрикои Лотинӣ ва Африқо дохил мешаванд, ки солҳои охир ташрифи бештари сайёҳон ба назар мерасад.

Соҳаи сайёҳиро метавонем ҳамчун маҷмааи меҳмонхонаҳо ё дигар воситаҳои ҷойгиронӣ, воситаҳои нақлиёт, мавзеъҳои рекретсионӣ, истироҳатию фароғатӣ, марказҳои солимгардонӣ, корӣ, маърифатӣ, варзишӣ, муассисаҳои хӯроки умум, корхонаҳое, ки фаъолияти сайёҳиро бевосита амалӣ менамоянд (ширкатҳо ва агентиҳои сайёҳӣ), хизматрасонии роҳбаладҳо-тарҷумонҳоро пешниҳод мекунанд, баррасӣ намоем.

Корхонаҳои сайёҳӣ ҷузъи муҳимме мебошанд, ки дар доираи зернизоми «объекти сайёҳӣ» хадамоти сайёҳӣ пешниҳод менамоянд. Дар соҳаи сайёҳӣ корхонаҳои гуногуни сайёҳӣ фаъолият менамоянд. Баъзе аз ин корхонаҳо ба муштариён фақат хадамоти сайёҳӣ пешниҳод кунанд, барои дигар корхонаҳо сайёҳӣ яке аз самтҳои дуюмдараҷаи фаъолияти тиҷоратиашон маҳсуб меёбад.

Корхонаҳое, ки танҳо аз ҳисоби сайёҳӣ вуҷуд дошта метавонанд, корхонаҳои соҳаи сайёҳии хадамоти аввала номида мешаванд, корхонаҳое, ки даромадашон на фақат аз ҳисоби фаъолияти сайёҳӣ мебошад, корхонаҳои соҳаи сайёҳии хадамоти дуюм номида мешаванд.

Ҳамин тавр, корхонаҳои гурӯҳи якум танҳо бевосита ба сайёҳон хизмат мерасонанд, ки фаъолияти асосии онҳо махсуб меёбад. Вале дар корхонаҳои гурӯҳи дуюм хизматрасони ба сайёҳон фаъолияти дуюминдарача ба ҳисоб рафта, ба сайёҳон баъзе намуди хизматрасониҳоро пешниҳод менамоянд. Фаъолияти хизматрасонии ҳардуи гурӯҳи корхонаҳо дар расми 1.1.1 пешниҳод шудааст.




**Расми 1.1.1. – Субъектҳои фаъолияти сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ»: «субъектҳои хизматрасонии сайёҳӣ шахсони воқеию ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродие, ки бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар дохили мамлакат ба хизматрасонии сайёҳӣ машғул мебошанд».

Барои боз ҳам асоснок кардани таърифи комплекси субъектҳои сайёҳӣ таҳқиқоти мафҳум ва мазмуни хизматрасонии сайёҳӣ ва маҳсулоти сайёҳӣ муҳим мебошад. Вобаста ба ин, мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ»: «хизматрасонии сайёҳӣ – фаъолияти мақсадноке, ки дар шакли хизматрасонӣ, иҷрои кор ва пешниҳоди маҳсулоти сайёҳӣ тавассути субъектҳои хизматрасонии сайёҳӣ барои қонеъгардонии дархост, талабот ва манфиатҳои маънавӣ, зеҳнӣ ва ҷисмонии сайёҳон ва ё шаҳрвандони майли сайру саёҳатдошта дар дохили мамлакат амалӣ гардонда мешавад».

Инчунин, дар Қонуни мазкур омадааст: «Маҳсулоти сайёҳӣ – маҷмуи мол, кор ва хизматрасоние, ки барои қонеъгардонии дархост, талабот ва манфиатҳои сайёҳон омода ва бо арзиши муайян амалӣ гардонда мешаванд»[1]. Пешниҳоди маҳсулоти сайёҳӣ – маҷмуи чорабиниҳоро оид ба фурӯши маҳсулоти (хизматрасонии) сайёҳӣ дар бар мегирад. Аз дигар хел карда гӯем рекламаи маҳсулоти сайёҳӣ, ташкили намоишгоҳҳо, ярмаркаҳо ҷиҳати ҷалби сайёҳон, ташкили гӯшаҳои иттилоотӣ оид ба фурӯши маҳсулоти сайёҳӣ, нашри варақаҳои иттиллотӣ-таблиғотӣ, пешниҳоди туҳфа ва армуғонҳо низ бо пешниҳоди маҳсулоти сайёҳӣ алоқаманд мебошад.

Дар навбати худ, як қатор олимон субъекти фаъолияти сайёҳиро чунин таснифот мекунанд: вобаста ба самти функсионалӣ, яъне бевосита фаъолияти сайёҳиро амалӣ менамоянд; ва субъектҳое, ки амалӣ намудани онро таъмин менамоянд.

Дар баробари ин, дар асоси ақидаи дар боло зикршуда, субъектҳои фаъолияти сайёҳиро ба ду гурӯҳ ҷудо намудан мумкин аст: 1) корхонаҳои сайёҳӣ – истеҳсолкунандагони маҳсулот дар бозори сайёҳӣ, ки бевосита маҳсулоти сайёҳӣ (ё ҷузъиёти он) ва хадамоти сайёҳиро истеҳсол мекунанд, ба сайёҳон ва шахсони сафаркунанда хизматрасонӣ мекунанд; 2) корхонаҳои сайёҳӣ, ки маҳсулоти комплексии сайёҳӣ истеҳсол мекунанд, ки ба он молҳо ва хизматрасониҳои марбут дохил мешаванд, инчунин ба фаъолияти ташкилӣ ва

[1] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ», аз 7 августи соли 2020, № 1717. [Сарчашмаи электронӣ] / Низоми дастрасӣ: http://ctd.tj.

миёнаравии хизматрасониҳои сайёҳӣ машғуланд (ҷадвали 1.1.1).

**Ҷадвали 1.1.1. – Корхонаҳои сайёҳӣ**

| Хизматрасонии аввала | Хизматрасонии дуюмдараҷа |
|---|---|
| Ширкатҳои сайёҳӣ ва агентиҳои сайёҳӣ | Корхонаҳои хӯроки умумӣ |
| Корхонаҳои нақлиётии таъиноти махсус | Муассисаҳои нақлиётии таъиноти умумӣ |
| Комплекси меҳмонхонаҳо | Бонкҳо ва муассисаҳои қарзӣ |
| Дигар корхонаҳо | Дигар корхонаю муассисаҳо |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Асоси таснифоти овардашударо чунин аломатҳо, ба монанди умумияти талаботи муштариён, нақши функсионалии корхонаҳо дар низоми сайёҳӣ, вазни қиёсӣ ва ҳаҷми хадамоти сайёҳии пешниҳодшаванда ташкил медиҳанд.

Дар асоси таҳлили танқидии гузаронидашудаи таърифоти субъектҳои амалкунанда, мо чунин мешуморем, ки зери мафҳуми корхонаҳои сайёҳӣ ҳамаи субъектҳои фаъолияти сайёҳӣ (шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ), ки маҳсулоти комплексии сайёҳӣ ва ё хадамоти вобаста ба сайёҳиро дар ҳаҷми пурра пешниҳод менамоянд, бояд фаҳмида шавад.

Вобаста ба ин, дар адабиёти махсуси иқтисодӣ шумораи зиёди мутахассисон корхонаҳои сайёҳиро вобаста ба дараҷаи мансубияти хизматрасонӣ ба сайёҳон ба се намуд ҷудо мекунанд:

- аввалиндараҷа – фаъолияташон бевосита барои хизматрасонии сайёҳон равона карда мешавад (ширкатҳои сайёҳӣ, агентиҳои сайёҳӣ, корхонаҳои нақлиётии таъиноти махсус, корхона-меҳмонхонаҳо, бошишгоҳҳои сайёҳӣ, хонаҳои истироҳатӣ-фароғатӣ ва ғ.);
- дуюмдараҷа – фаъолияташон дар баробари расонидани хизмат ба сайёҳон инчунин барои аҳолии маҳаллӣ равона шудааст (корхонаҳои ёрирасон, савдо, хизматрасонии маишӣ ва коммуналӣ, ки дар мавзеъҳои осоишгоҳҳо ҷойгиранд ва ғайра);
- сеюмдараҷа – барои хизматрасонии ҳама аҳолии мамлакат фаъолият мекунанд, аммо дар як вақт метавонанд ба сайёҳон хизмат расонанд

(муассисаҳои нақлиётии байнишаҳрӣ ва ғайра).

Мо чунин мешуморем, ки ба воситаи таснифот хизматрасониҳои сайёҳиро муфассалтар кушодан мумкин аст. Вобаста ба аломатҳои гуногун якчанд равандҳои таснифот мавҷуд аст.

Бо мақсади таснифоти сайёҳии муосир бояд аломатҳои асосии таснифотӣ муайян карда шаванд. Таснифот мувофиқи хусусиятҳои ҷуғрофӣ, самти ҷараёни сайёҳӣ, мақсади сафар, шакли ҳаракат, воситаҳои ҷойгиркунии сайёҳон, миқдори иштирокчиён, шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ ва ғайра ба мақсад мувофиқ аст[1].

Вобаста аз категорияи шахсоне, ки ба сайру сайёҳат (сафарҳо, боздидҳо) мераванд, мақсади онҳо, объектҳои истифодашаванда ё мавзеъҳои дидашаванда ё дигар сифату аломатҳо, чунин намудҳои сайёҳиро ҷудо намудан мумкин аст (ҷадвали 1.1.2).

Соли 1989 дар Конференсияи байнипарлумонӣ оид ба сайёҳӣ – Эъломияи Гаага (Ҳолланд) оид ба сайёҳӣ қабул карда шуд. Дар ин Эъломия 10 принсипҳои асосӣ дарҷ гардидааст, ки ҳамаи иштирокчиёни ба соҳаи сайёҳӣ муносибатдошта бояд онҳоро риоя намоянд. Дар ҳар як принсип тезисҳои асосӣ ва тавсияҳо оид ба татбиқи он муқаррар карда шудаанд:

Принсипи якум таъриф ва мазмуни сайёҳиро ифода менамояд, ки на танҳо ҳаракати озоди одамон, инчунин соҳаи хизматрасонӣ, ки барои қонеъ гардондани эҳтиёҷоти дар натиҷаи ин ҳаракат бавуҷудомадаро дар бар мегирад. Инчунин дар ин ҷо аҳаммияти сайёҳӣ дар зиндагии инсон ва ҷамъият муайян карда шудааст.

Соли 1989 дар Конференсияи байнипарлумонӣ оид ба сайёҳӣ – Эъломияи Гаага (Ҳолланд) оид ба сайёҳӣ қабул карда шуд. Дар ин Эъломия 10 принсипҳои асосӣ дарҷ гардидааст, ки ҳамаи иштирокчиёни ба соҳаи сайёҳӣ муносибатдошта бояд онҳоро риоя намоянд.

---

[1] Классификация видов туризма [Электронный ресурс] // Туризм и гостиничное хозяйство: сайт. 1999-2014. Режим доступа: http://www.oturbiznese.ru.

**Ҷадвали 1.1.2. – Таснифоти намудҳои сайёҳӣ**

| Аломати таснифотӣ | Намудҳои сайёҳӣ |
|---|---|
| Вобаста ба мақсади саёҳат (сайр) | Саёҳати фароғатӣ;<br>Саёҳати варзишӣ;<br>Экзотикӣ;<br>Корӣ;<br>Таълимӣ;<br>Зиёратӣ;<br>Солимгардонӣ. |
| Нисбат ба мансубияти миллӣ | Дохилӣ;<br>Байнлмилалӣ. |
| Вобаста ба синну соли иштирокчиён | Кӯдакон;<br>Наврасон;<br>Ҷавонон;<br>Калонсолон; |
| Вобаста ба хусусияти географӣ | Кӯҳӣ;<br>Обӣ;<br>Баҳрӣ;<br>Шаҳрӣ;<br>Деҳотӣ;<br>Экологӣ (дар минтақаҳое, ки аз ҷониби инсон каме тағйир дода шудаанд). |
| Аз манбаи маблағгузорӣ | Иҷтимоӣ;<br>Тиҷоратӣ. |
| Аз шумораи иштирокчиён | Инфиродӣ;<br>Оилавӣ;<br>Гурӯҳӣ. |
| Аз давомнокӣ | Кӯтоҳмуддат;<br>Дарозмуддат. |
| Вобаста ба мавсим | Тобистона;<br>Зимистона;<br>Тамоми фасли сол. |
| Шакли ташкилӣ | Муташаккилона;<br>Ғайримуташаккилона |
| Мувофиқи фаъолияти ҷисмонӣ | Фаъол (саёҳат, истироҳат)<br>Ғайрифаъол (нақлиётӣ, статсионарӣ) |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси: Классификация видов туризма .[Электронный ресурс] // Туризм и гостиничное хозяйство: сайт. 1999-2014. Режим доступа: http://www.oturbiznese.ru.

Дар ҳар як принсип тезисҳои асосӣ ва тавсияҳо оид ба татбиқи он муқаррар карда шудаанд:

Принсипи якум таъриф ва мазмуни сайёҳиро ифода менамояд, ки на танҳо ҳаракати озоди одамон, инчунин соҳаи хизматрасонӣ, ки барои қонеъ

гардондани эҳтиёҷоти дар натиҷаи ин ҳаракат бавуҷудомадаро дар бар мегирад. Инчунин дар ин ҷо аҳаммияти сайёҳӣ дар зиндагии инсон ва ҷамъият муайян карда шудааст.

Принсипи дуюм ба таркиби иҷтимоӣ-иқтисодии сайёҳӣ бахшида шудааст: «Сайёҳӣ метавонад воситаи самарабахши ёрирасон барои рушди вазъи иҷтимоӣ-иқтисодии ҳамаи кишварҳо гардад». Таъкид карда мешавад, ки шарти ин рушд сатҳи қобили қабули худтаъминкунӣ дар бахши сайёҳӣмебошад, ки он кишвар набояд бештар аз оне, ки аз сайёҳӣ интизор аст, харҷ кунад.

Принсипи сеюм зарурати ҳифзи муҳити зист ва дигар захираҳои сайёҳиро ифода менамояд.

Принсипи чорум таърифи сайёҳии хориҷиро инъикос менамояд.

Принсипи панҷум оид ба имконияти оқилона маҳдуд кардани ҳуқуқи инсон ба истироҳат ва вақти озод, танҳо дар мавридҳои пешбининамудаи қонун гуфта шудааст.

Принсипи панҷум ба масъалаҳои содагардонии барасмиятдарории сайёҳӣ бахшида шудааст.

Принсипҳои ҳафтум ва ҳаштум ба масъалаҳои амнияти сайёҳӣ ва таҳдиди терроризм дахл дорад.

Принсипи нуҳум муайян менамояд, ки сифати хизматрасонии сайёҳӣ на танҳо аз сатҳи дониши мутахассисон дар соҳаи сайёҳӣ, умуман ҷамъият вобастагӣ дорад.

Принсипи даҳум муносибатҳои байниҳамдигарии корхонаҳои сайёҳӣ ва мақомотҳои иҷроияи ҳокимияти давлатиро ифода менамояд, ки мувофиқи он дастгирии давлатӣ ба соҳаи сайёҳӣ, додани ваколатҳои фарох ба субъектҳои сайёҳӣ, инчунин барои амалӣ намудани сиёсати миллӣ ва ҳамкориҳои байналмилалӣ бахшида шудааст.

Ба омилҳои муҳимми ташаккули соҳаи сайёҳӣ ва сафар чунин самтҳои фаъолияти ҷамъиятӣ таъсир мерасонанд:

– соҳаи иҷтимоӣ: ташкили ҳамкории ҷамъиятӣ ва танзими равандҳои

муҳоҷират ва демографӣ;

– рушди иқтисодиёти миллӣ;

– ҷуғрофӣ: хусусиятҳои ҷойгиршавии минтақаҳо, мамлакатҳои гуногун ва мутавозинии байни онҳо;

– сиёсӣ: аз худ кардан, зери итоати худ даровардан ё забт кардани ҳудудҳо ва минтақаҳои нав, васеъ намудани доираҳои таъсири сиёсӣ;

– ҳавасмандӣ: барои рушди тафаккури инсон, омӯзиши менталитет, арзишҳо, урфу одатҳо, ангезаҳо, ва дигар омилҳое, ки ба интихоби ҳадафи сафар дар давраҳои муайян дар минтақаҳои алоҳида таъсир мерасонанд;

– рушди илму техника;

– экологӣ (ҳифзи муҳити зист, ки барои истиқомат ва истироҳати одамон мувофиқ аст).

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ» шаклҳои сайёҳӣ – дохилӣ ва байналмилалӣ муайян шуда, ҳамчун: «...принсипҳои фаъолият дар соҳаи сайёҳӣ: таъмини шароити мусоид барои рушди соҳаи сайёҳӣ; эътирофи сайёҳӣ ҳамчун яке аз соҳаҳои афзалиятноки рушди иқтисодиёти мамлакат; кафолати фаъолияти озоди иқтисодӣ ва иҷтимоию фарҳангии субъектҳои хизматрасонии сайёҳӣ; дастгирӣ ва ҳавасмандгардонии ташаббускорӣ дар соҳаи сайёҳӣ; муаррифии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кишвари мусоид барои саёҳат ва ба мамлакати рақобатпазири сайёҳӣ табдил додани он; ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои субъектҳои фаъолият дар соҳаи сайёҳӣ; таъмини рушди маърифати сайёҳӣ; таъмини истифодаи оммавии захираҳои сайёҳӣ»[1] муқаррар шудаанд.

Инчунин, дар Қонуни мазкур мавҷудияти намудҳои сайёҳие, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, яъне: «варзишию кӯҳгардӣ; шикор ва моҳигирӣ; транзитӣ; экологӣ; кӯҳнавардӣ; тиҷоратӣ; таълимию омӯзишӣ; фароғатию табобатӣ; оилавӣ; таърихию зиёратӣ; астрономӣ; корӣ; варзишӣ; саргузаштдор; намоишӣ; гурӯҳӣ; деҳотӣ; кишоварзӣ; гастрономӣ (хондорӣ); иҷтимоӣ; илмию

---

[1] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ», аз 7 августи соли 2020, № 1717. [Сарчашмаи электронӣ] / Низоми дастрасӣ: http://ctd.tj

маърифатӣ нишон дода шуда, бо тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон намудҳои дигари сайёҳӣ низ мавҷуд буда метавонанд»[1].

Барои ҳамкории иқтисодӣ-иҷтимоӣ дар заминаи ҷаҳонишавӣ соҳаи сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон рушдкунанда маҳсуб ёфта, вазифаҳои муҳимро, аз ҷумла сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, тарбиявӣ, фарҳангӣ, ҷамъиятӣ, биологӣ ва экологиро иҷро менамояд, ки дар замимаи 1 мо онро пешниҳод намудем.

Таъсири мусбат ва манфии сайёҳӣ ҳам дар сатҳи байналмилалӣ ва миллӣ, ҳам минтақавӣ ва маҳаллӣ зоҳир мегардад. Бо қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти сайёҳон бояд манфиатҳои аҳолии минтақаҳо ва кишварҳои сайёҳӣ ба инобат гирифта шуда, инчунин арзишҳои фарҳангию таърихӣ, муҳити зист ва сарватҳои табиӣ ҳифз карда шаванд.

Вобаста ба тақсимоти вазифаҳо, ба андешаи мо, сайёҳӣ яке аз комплексҳои самарабахши истеҳсолӣ маҳсуб меёбад ва ба он набояд беэътиноӣ зоҳир намоем, зеро дар мавриди ҳалли мушкилоти аз буҳрон баровардани иқтисодиёт тавассути таҷдиди сохтори он, сайёҳӣ низ яке аз чанд самтҳои фаъолиятро фаро мегирад, ки бо ҷалби технологияҳои нав шумораи кормандон кам намегардад ва ин боиси паст шудани шиддати иҷтимоӣ дар ҷомеа мегардад.

Рушди сайёҳӣ, инчунин ба вазифаҳои комплексии стратегӣ таъсир мерасонад ва барои амалӣ намудани ин вазифаҳо зарурати такмил додан ва беҳтар намудани чунин нишондиҳандаҳо (самтҳо) ба миён меояд:

1) истеҳсол ва фурӯши хадамоти сайёҳӣ, маҳсулоти сайёҳӣ, инчунин маҳсулоти марбут ба он, бо истифодабарии алоқаҳои маркетингӣ;

2) ба сифати воситаи самараноки ҳифзи муҳити зист ва мероси таърихию мадании инсоният баромад карда, асоси моддии иқтидори захиравии сайёҳӣ ва як соҳаи махсуси фаъолиятро ташкил медиҳад;

3) гирифтани мақоми соҳае, ки дар он ҷойҳои кории арзон ташкил карда

---

[1] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ», аз 7 августи соли 2020, № 1717. [Сарчашмаи электронӣ] / Низоми дастрасӣ: https://ctd.tj

мешаванд ва сатҳи баланди самаранокӣ ва зуд баргаштани сармоягузориҳо таъмин карда мешаванд;

4) таъминоти рақобатпазирӣ дар равандҳои ҳамгирой ва ҷаҳонишавӣ, ки дар фазои ҷаҳонӣ ба амал меоянд**;**

6) алоқаи мутақобила бо ҳамаи самтҳо, соҳаҳо ва дигар намудҳои фаъолияти инсонӣ, аз ҷумла алоқаҳои минтақавӣ;

7) баромад кардан ба сифати фузунсози рушди даромади миллӣ ММД (МММ) ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ;

8) мукаммал намудани сарчашмаи даромади буҷети давлатӣ ва маҳаллӣ, аз ҳисоби ворид шудани маблағ бо асъори хориҷӣ, рушди инфрасохтори сайёҳӣ ва таъминоти шуғли босамари аҳолӣ;

9) таъмин ва мустаҳкам намудани робитаҳои тиҷоратӣ ва муносибатҳои байнифарҳангӣ байни минтақаҳо ва кишварҳо;

10) ташаккул ва рушди таркиби иқтисодиёти самараноки минтақавӣ ва миллӣ, рушди инфрасохтори миллӣ ва маҳаллӣ, зиёдшавии воридоти маблағҳои асъорӣ ва андозӣ;

11) баланд бардоштани ҷойгоҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ вобаста ба равандҳои ҷаҳонишавӣ, таъминоти мутассили рушди иқтисодӣ, иҷтимой ва фарҳангии мамлакат ва монанди инҳо.

Яке аз сабаби асосии мавҷудияти сайёҳӣ ин ҳавасмандкунӣ мебошад. Сайёҳӣ падидаи гуногунҷабҳа ва мураккаб буда, нуфузи он ҳамарӯза баланд мегардад. Одамон ба гӯшаҳои дунё сафар карда, донишу малака ва таассуроти навро эҳсос менамоянд, инчунин бо маданият, урфу одат ва фарҳанги дигарон шинос мешаванд.

Имрӯз саёҳат ва истироҳат қисми ҷудонашавандаи зиндагии аҳолии ҳамаи минтақаҳои олам маҳсуб меёбад ва дар натиҷа, дар таркиби хароҷоти миёнаи оила аз натиҷаи ҳисобҳои оморӣ, хароҷоти хизматрасонии сайёҳӣ (сафар, истироҳат, саёҳат), баъд аз хароҷоти хӯрокворӣ, либос ва хизматрасонии нақлиётӣ моддаи чоруми хароҷотмаҳсуб меёбад.

Дар шароити муосири рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ,

хизматрасониҳои ҷаҳонии ҷамъиятӣ ҳамчун ташаккул ва ташкили сайёҳии байналмилалӣ васеъ мегардад. Ин яке аз самтҳои муҳимми фаъолияти иқтисодии ҷаҳонӣ маҳсуб ёфта, ба сохтори тасвири харитаи рушди ҷаҳонӣ ва иқтисодиёти кишварҳои ҷаҳон таъсири амиқ мерасонад.

Омӯзиши масъалаҳои асосии рушди сайёҳии ҷаҳонӣ масъалаи мубрам буда, аз тарафи институтҳои байналмилалӣ тамоюлоти рушди сайёҳӣ ва инфрасохторҳои он, бозори байналмилалии сайёҳӣ, таъсири он ба минтақаҳо ва давлатҳои алоҳида ҳаматарафа таҳлил ва таҳқиқ карда мешавад.

Аз нуқтаи назари иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, солҳои охир афзоиши қавӣ ва устувори сайёҳӣ мушоҳида мегардад. Дар стратегияи миллии рушди устувори Ҷумҳурии Тоҷикистон, чун дар дигар мамлакатҳо, рушди соҳаи сайёҳӣ ҳамчун самти афзалиятноки давлатӣ эътироф гардидааст. «Дар барномаи конференсияҳои байналмилалӣ оид ба рушди устувор, мавзуи рушди сайёҳӣ дохил карда мешавад, ки масъалаи ҳалли муаммоҳои дар ин мамлакатҳо пешомада муҳокима карда мешаванд ва тавсияҳои сиёсӣ барои рушди саривақтӣ ва устувори соҳаи сайёҳӣ, мустаҳкам намудани ҳамкориҳо оид ба ин самти фаъолият баррасӣ мешаванд»[1].

Аз ҷумла, дар кишвари мо, вобаста ба самти афзалиятнок эътироф шудани соҳаи сайёҳӣ, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 августи соли 2018, таҳти № 372 «Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» қабул карда шудааст, ки дар он: «мақсад, вазифаҳо ва самтҳои афзалиятноки рушди соҳаи сайёҳӣ дар ин давра муайян гардида, омили ташаккули нақшаҳо ва роҳнамои ташаббусҳои соҳибкории шаҳрвандон дар соҳаи сайёҳии кишвар ба ҳисоб меравад»[2].

Вобаста ба гуфтаҳои боло, дуруст ба расмият даровардани муносибатҳои байниҳамдигарии корхонаҳои сайёҳӣ, ташкили низоми баҳисобгирии

---

[1] Машокиров Дж.Н. Современное состояние и основные направления развития рынка туристских услуг в Республике Таджикистан // Вестник Технологического университета Таджикистана. –2021. –№ 4 (47). – С. 209-218. – С. 212.

[2] Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 августи соли 2018, № 372. [Сарчашмаи электронӣ] / Низоми дастрасӣ: https://ctd.tj.

муҳосибӣ, ҳисоббаробаркунии байни корхонаҳои сайёҳӣ, низоми танзими фаъолияти субъектҳои соҳаи сайёҳӣ, таҳия ва пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ мувофиқи муқаррароти СБҲМ, ҷалби сармояи дохилӣ ва берунӣ барои рушди соҳаи сайёҳӣ ба мақсад мувофиқ мебошад.

Субъектҳои фаъолияти сайёҳӣ ҳамчун фурӯшанда (иҷроишгар) ва сайёҳ ҳамчун харидори (фармоишгари) хаизматрасониҳои сайёҳӣ дар асоси шартнома ва роҳхат муносибати байниҳамдигариро ба расмият медароранд. Роҳхат ҳуҷҷатест, ки мақоми сайёҳ ва гирифтани хадамоти пардохтшударо тасдиқ менамояд, барои фурӯшанда бошад – пардохти хизматрасониро кафолат медиҳад, барои иҷроишгари хизматрасонӣ – аз фурӯшандаи хадамоти сайёҳӣ гирифтани воситаҳои пулии сайёҳ ба ӯ пардохтнамударо кафолат медиҳад.

Тавсифномаи умумӣ ва гуногуни ширкати сайёҳӣ ва агентии сайёҳӣ барои пешбурди баҳисобгирии фаъолияти ҳар яке аз ин субъектҳои фаъолияти сайёҳӣ таъсир мерасонанд. Ташкили баҳисобгирии муҳосибии фаъолияти ширкати сайёҳӣ ва агентии сайёҳӣ аз омилҳои зиёде, ба монанди хусусиятҳои ба расмият даровардани амалиётҳои хоҷагидорӣ, шаклҳои амалӣ намудани ҳисоббаробаркунӣ, имконияти истифодабарии шакли содакардашудаи баҳисобгирӣ ва ғайра вобастагӣ дорад.

Бо назардошти гуфтаҳои боло, қайд менамоем, ки ташкили баҳисобгирии муҳосибии фаъолияти ширкати сайёҳӣ ва агентии сайёҳӣ вобаста ба намуди фаъолияте, ки онҳо амалӣ менамоянд, шакли баҳисобгирӣ, аз ҷумла имконияти истифодабарии шакли содакардашудаи баҳисобгирӣ, хусусиятҳои ба расмият даровардани амалиётҳои хоҷагидорӣ, шаклҳои амалӣ намудани ҳисоббаробаркунӣ ва ғайра баъзе фарқиятҳо дорад. Бинобар ин, баҳисобгирии муҳосибӣ вобаста аз хусусиятҳои корхонаи алоҳидаи сайёҳӣ бояд дуруст ба роҳ монда шавад, то гирифтани фоидаро барои суъектҳои сайёҳӣ таъмин карда тавонад.

## 1.2. Заминаҳои меъёрӣ-ҳуқуқии ташкили баҳисобгирӣ ва назорат дар корхонаҳои сайёҳӣ

Низоми ҳамкориҳои иқтисодии минтақавӣ зери таъсири омилҳои институтсионалӣ ташаккул ёфта, ба рушди соҳаи сайёҳӣ заминаи мусоид фароҳам меоварад.

Ба омилҳои фазои институтсионалӣ муҳити ҷуғрофӣ, сатҳи рушди иқтисодӣ, вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ-фарҳангӣ, табиати зебо ва объектҳои маданӣ-таърихӣ, мавзеъҳои тамошобоб, ҷойгоҳи брендҳои миллӣ, муҳити иҷтимоӣ, тағйирёбии қурби мубодилавии асъор, сатҳи таваррум, фазои сармоягузорӣ, бозори меҳнат, объектҳои инфрасохторӣ дохил мешаванд.

Аслан омилҳои фазоӣ асоси бунёдии рушди сайёҳиро ташкил медиҳанд, ки дар пойгоҳи онҳо институтҳо дар нақши фузунсоз ва ташаккулдиҳанда, вобаста аз марҳилаи ташкилшавии онҳо омода карда мешаванд.

Тамоюли рушди сайёҳӣ дар арсаи ҷаҳон собит месозад, ки сайёҳӣ ба ташаккулёбии соҳаҳои бо он алоқаманд замина гузошта, ба рушди иқтисодиёти мамлакат таъсири мусбат мерасонад. Дар ин замина, фаъолияти сайёҳӣ ба фаъолияти дигар соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ, ба монанди нақлиёт, алоқа, савдо, сохтмон, кишоварзӣ, истеҳсоли маҳсулоти истеъмолии умум ва ғ. таъсири амиқ мегузорад. Рушди соҳаи сайёҳӣ имконият медиҳад, ки фазои сармоягузорӣ беҳтар, фаъолияти соҳибкорӣ фаъолтар, таҳаммулпазирии муҳити иҷтимоӣ баланд бардошта шавад.

Сайёҳӣ, аз нуқтаи назари муносибати институтсионалӣ, маҷмуи субъектҳо ва объектҳои соҳаи сайёҳӣ ва муносибати мутақобилаи байни онҳо дар раванди истеҳсол ва истеъмоли маҳсулоти сайёҳиро ифода менамояд (расми 1.2.1). Институти асосии ин муносибатҳо, ба монанди дигар соҳаҳои истеҳсолоти ҷамъиятӣ – давлат баромад мекунад. Маҳз давлат муҳити институтсионалиеро ташкил мекунад, ки дар он муносибати байни субъектҳо ва объектҳои соҳаи сайёҳӣ ба танзим даровarda мешаванд.




**Расми 1.2.1. – Таркиби институсионалии соҳаи сайёҳӣ**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Таҳия ва қабули санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди соҳаи сайёҳӣ, муносибатҳои байниҳамдигарии субъектҳо ва объектҳои фаъолияти сайёҳиро таъмин месозад. Ин механизмҳо ба сифати омилҳои институтсионалии рушди сайёҳӣ баромад мекунанд.

Фаъолияти пурсамари чунин низоми душвори ичтимоӣ-иктисодӣ ба мисли сайёҳӣ, аз тарафи сохторҳои давлатӣ бояд дуруст ташкил, банақшагирӣ, ба танзим даровarда ва назорат карда шаванд.

Ба ақидаи Е.Л. Писаревский: «Батанзимдарории ҳуқуқии фаъолияти сайёҳӣ ин низоми санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқие мебошад, ки вазъи ҳуқуқии шахсони ба фаъолияти сайёҳӣ машғулбуда ва тартиби татбиқи амалии фаъолияти онҳоро ба танзим медароранд»[1].

Сарчашмаҳои асосии танзими ҳуқуқи байналмилалии сайёҳиро чунин санадҳои байналмилалӣ ташкил медиҳанд:

1. Эъломияи умумии ҳуқуқи башар, соли 1948;

2. Резолютсияи умумии конференсияи Римии СММ оид ба сайёҳии байналмилалӣ ва саёҳат, соли 1963;

[1] Сангинов Д.Ш. Правовое регулирование туристской деятельности в Республике Таджикистан: проблемы и пути их решения. Учебник. – Душанбе, 2010. – 165 с. – С. 10.

3. Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, соли 1966;

4. Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ, соли 1966;

5. Ҳуҷҷати хотимавии Маҷлиси машваратӣ оид ба амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо, соли 1975;

6. Эъломияи Манилӣ оид ба сайёҳии байналмилалӣ (Конфересияи байналмилалӣ оид ба сайёҳӣ қабул кардааст), соли 1980;

7. Ҳуҷҷати Акапулко Конфронси умумиҷаҳонии сайёҳӣ, (Мексика, соли 1982);

8. Кодекси сайёҳ (София, соли 1985);

9. Хартия исайёҳӣ, ки дар сессияи VI Ассамблеяи Генералии Созмони умумиҷаҳонии сайёҳӣ қабул шудааст, соли 1985;

10. Ҳуҷҷати хотимавии вохӯрии Венагии намояндагони давлатҳо – иштирокчиёни Маҷлиси машваратӣ оид ба амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо, соли 1989;

11. Эъломияи Гаага оид ба сайёҳӣ, ки Иттифоқи байнипарлpoints оид ба сайёҳӣ қабул кардааст, соли 1989;

12. Эъломияи Форуми байлмилалии сайёҳии Конференсияи байналмилалии вазирон оид ба сайёҳӣ, соли 1994 (ш. Осака, Япония).

Бисёре аз давлатҳои ҷаҳон усулҳои идоркунии марказонидашудаи сайёҳиро истифода мебаранд, аммо пурра ба худтанзимкунии бозории ин соҳа такя намекунанд. Рушди сайёҳиро пурра ба доираи омилҳои бозорӣ вогузор намуда, зарари онро ба боигариҳои табиии мамлакат ва минтақа раво дидан номумкин аст. Фақат давлат метавонад дар сиёсати худ механизмҳоеро пешбинӣ намояд, ки рушди стихиявии соҳаро пешгирӣ намояд ва самти тараққиёти онро идора намояд, то ки муҳити табиӣ ва фарҳангиро барои наслҳои оянда ҳифз намояд.

Ҳамин тавр, ба ақидаи мо, батанзимдарории давлатиро метавон ҳамчун шакли таъсиррасонии мақсадноки давлат ба сайёҳӣ, бо мақсади таъмин ё

дастгирии фаъолияти он дар давраи рушди устувор муайян намуд.

Чи тавре Сангинов Д.Ш. қайд менамояд: «Муносибатҳои ҳуқуқӣ дар самти фаъолияти сайёҳӣ ин муносибатҳои мураккаби ҷамъиятӣ мебошанд, ки дар он ширкати сайёҳӣ, агентии сайёҳӣ, давлат ва корхонаҳои сайёҳӣ (муассисаҳои нақлиётӣ, меҳмонхонаҳо, муассисаҳои хӯроки умумӣ) иштирок менамоянд. Воситаи асосие, ки низоми ҳуқуқии онҳоро дар муносибатҳои ҳуқуқии сайёҳӣ муайян менамояд, батанзимдарории меъёрии фаъолияти сайёҳӣ мебошад»[1].

Ба андешаи мо, чунин сабабҳо зарурати батанзимдарории меъёрии соҳаи сайёҳиро пешбинӣ менамоянд:

– гуногунҷабҳагии соҳа дахолати батанзимдарории берунаро талаб менамояд;

– ҳамкории мутақобилаи корхонаҳои соҳаи сайёҳӣ бо мақомоти ҳифзи муҳити зист, муассисаҳои ҳифзи меросҳои таърихӣ-фарҳангӣ, ҷиҳати баланд бардоштани обрӯву эътибори мамлакат дар сатҳи байналмилалӣ;

– таъсири соҳаи сайёҳӣ ба вазъи умумии иқтисодиёти кишвар, аз ҷумла тавозуни пардохт;

– таблиғи арзишҳои миллии сайёҳӣ, ки ба таблиғоти модели давлатии ҳамон мамлакат, аз ҷумла, сохтори сиёсӣ, фарҳанг ва тарзи зиндагӣ баробар аст.

Ҳар яке аз сабабҳои номбаршуда, ҳамчун асоси кофӣ барои ҳама вақт дар зери назари сохторҳои давлатӣ будани сайёҳиро тақозо менамояд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати давлатӣ ва ҳамоҳангсозии фаъолияти сайёҳиро мақоми ваколатдори давлатӣ – Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамояд.

Оид ба ин масъала дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ» омадааст:

«Ба ваколатҳои мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи сайёҳӣ дохил

---

[1] Сангинов Д.Ш. Правовое регулирование туристской деятельности в Республике Таджикистан: проблемы и пути их решения. Учебник. – Душанбе, 2010. – 165 с. – С. 9.

мешаванд:

- амалӣ намудани сиёсати давлатӣ дар соҳаи сайёҳӣ;
- таҳлил, баррасӣ ва пешниҳоди масъалаҳо ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба рушди соҳаи сайёҳӣ;
- таҳия ва барои тасдиқ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудани лоиҳаи консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои давлатии рушди соҳаи сайёҳӣ;
- муайян намудани талабот ба хатсайрҳои сайёҳӣ;
- мониторинги фаъолияти субъектҳои хизматрасонии сайёҳӣ;
- пешбурди Феҳристи давлатии субъектҳои хизматрасонии сайёҳӣ;
- пешбурди Кадастри давлатии захираҳои сайёҳӣ;
- гузаронидани мониторинг дар соҳаи сайёҳӣ;
- пешниҳоди таклифҳо ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъсиси ҷойизаҳо дар соҳаи сайёҳӣ;
- иштирок дар ҷалби сармоя барои рушди соҳаи сайёҳӣ;
- муайян намудани талаботи умумӣ барои тайёркунӣ ва бозомӯзии кадрҳо дар соҳаи сайёҳӣ;
- якҷоя бо мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба стандартизатсия ва сертификатсия танзим намудани фаъолиятҳо вобаста ба стандартизатсия ва сертификатсияи фаъолияти сайёҳӣ, меҳмонхонадорӣ, осоишгоҳҳо, истироҳатгоҳҳо ва иншооти дигари сайёҳӣ ва инфросохтори онҳо;
- ҳамоҳанг намудани фаъолияти субъектҳои хизматрасонии сайёҳӣ;
- рушди ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи сайёҳӣ;
- тасдиқи қоидаҳои пешниҳоди хизматрасонии сайёҳӣ;
- амалӣ намудани ваколатҳои дигари пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон»[1].

Батанзимдарории давлатии сайёҳӣ ба воситаи истифодаи усулҳои муайян

[1] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ», моддаи 8, аз 7 августи соли 2020, № 1717. [Сарчашмаи электронӣ] / Низоми дастрасӣ: http://ctd.tj

амалӣ карда мешавад.

Ба гурӯҳи аввал чунин усулҳои умумии танзими меъёрӣ-ҳуқуқии фаъолияти сайёҳӣ дохил мешаванд:

- таҳияи пояи қонунгузорӣ, барои батанзимдарории заминаҳои рушди соҳаи сайёҳӣ пешбинӣ шудааст;

– тартиби ташкил ва фаъолияти субъектҳои сайёҳӣ;

– коркарди қоидаҳои умумии пешниҳоди намудҳои алоҳидаи хизматрасонии сайёҳӣ (саёҳат, меҳмонхонаҳо, экскурсионӣ ва ғайра).

Ба гурӯҳи дуюм танзим намудани фаъолият дар асоси ҳуҷҷатҳои барномавӣ-муассисӣ дохил мешаванд:

– стратегияи сиёсати давлатӣ дар соҳаи сайёҳӣ, консепсияи рушди сайёҳӣ;

– барномаҳои давлатӣ ва лоиҳаҳои соҳавии рушди сайёҳӣ, барномаҳои сармоягузории соҳаи сайёҳӣ, барномаҳои зиддибуҳронӣ ва ғайра.

Ба таркиби гурӯҳи сеюм воситаҳое, ки амалӣ намудани фаъолияти соҳибкориро дар соҳаи сайёҳӣ қонунӣ мегардонанд, дохил мешаванд:

– иҷозатномадиҳии фаъолияти сайёҳӣ;

– сертификатсияи хизматрасониҳо.

Ба гурӯҳи чорум усулҳои меъёрӣ-миқдории батанзимдарории ҷараёни хизматрасонии сайёҳӣ дохил мешаванд:

– стандартҳои сайёҳӣ, меҳмонхонаҳо, хизматрасониҳои экскурсионӣ;

– меъёрҳо ва тарифҳо;

– меъёри андозҳо ва даромадҳо.

Ба гурӯҳи панҷум роҳҳо ва усулҳои дастгирии соҳаи сайёҳӣ дохил мешаванд:

– пешниҳоди қарзҳои имтиёзнок;

– имтиёзҳои андозӣ ва гумрукӣ;

– имтиёзҳои инфрасохторӣ;

– фармоишҳои давлатӣ;

– ҳимояи давлатӣ, яъне сиёсати савдои хориҷии давлат, ки барои

дастгирии истеҳсолоти худӣ ва кам кардани молҳои воридотӣ равона карда шудааст;

– батанзимдарории зиддиинҳисорӣ ва дастгирии рақобат.

Ба гурӯҳи шашум усулҳои батанзимдарории назоратӣ-баҳисобгирӣ ва «манъшуда» дохил мешаванд:

– ба роҳ мондани шакли баҳисобгирӣ ва ҳисоботи оморӣ;

– санҷишҳо ва тафтишот;

– маҳдудиятҳо, муҷозот (ҷаримаҳо);

– гирифтани ваколат (боздошти фаъолият, ғайримақбул донистани созишномаҳо, амалҳо ва санадҳо).

Дар амалияи ҷаҳонӣ бисёр ҳолатҳои таъсири мусбати сохторҳои давлатӣ ба фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ маъмуланд. Масалан, дар Испания ва Юнон давлат ба сармоягузорон имтиёзҳои андозӣ ва меъёри ҳиссаҷудокуниҳои фарсудашавиро пешниҳод кардааст. Дар баъзе мамлакатҳо, корхонаҳои сайёҳӣ дар солҳои аввали фаъолияташон аз андоз аз даромад озод ва андоз аз арзиши иловашуда кам карда мешаванд. Инчунин, имтиёзҳои гумрукӣ барои ворид намудани таҷҳизот барои меҳмонхонаҳо ва дигар корхонаҳои сайёҳӣ пешбинӣ карда мешавад.

Таҷрибаи давлатҳои пешрафтаи сайёҳии ҷаҳониро омӯхта, бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 августи соли 2018, таҳти № 372, «Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» қабул карда шуд, ки дар он омадааст:

«Ҷиҳати пайдо намудани роҳҳои ҳалли мушкилоти мавҷудаи соҳаи сайёҳӣ, аз таҷрибаи ҷаҳонӣ маълум мегардад, ки барои ҷалб намудани сармоя ба соҳаи сайёҳӣ давлат аввалан самтҳои афзалиятноки онро муайян карда, ба он имтиёзҳо ҷудо менамояд. Инчунин зарур аст, ки дар марҳилаи аввал давлат бахши хусусиро барои сармоягузорӣ ҳавасманд гардонида, барои обод намудани мавзеъҳои сайёҳӣ заминаҳои зарурии иқтисодӣ ва ҳуқуқиро таъмин намояд. Пас аз гузаштани фосилаи муайяни вақт (аз 3-5 сол) онҳо ба манбаи муҳимми воридоти асъори хориҷӣ табдил хоҳанд ёфт.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон имтиёзҳои муҳимми андозию гумрукиро ба рушди соҳаи сайёҳӣ фароҳам овардааст. Аз ҷумла, ширкатҳои сайёҳӣ дар тули панҷ соли аввали фаъолияти худ аз андоз аз даромад озод карда шуда, воридоти таҷҳизоту техника ва масолеҳи сохтмонӣ барои бунёди иншооти сайёҳӣ аз андоз аз арзиши иловашуда ва боҷи гумрукӣ озод карда шуданд.

Тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 апрели соли 2018, №189, рӯйхати иншооти сайёҳие, ки барои бунёди онҳо воридоти таҷҳизоту техника ва маводи сохтмонӣ аз андоз аз арзиши иловашуда ва боҷи гумрукӣ озод карда мешаванд, тасдиқ гардид. Ба рӯйхати мазкур иншооти зерини сайёҳӣ ворид карда шудаанд:

| № | Номгӯйи иншоот |
|---|---|
| 1. | Меҳмонхонаҳо, аз ҷумла меҳмонхонаҳои махсус (хурд, гестҳаус, ҳостел) |
| 2. | Осоишгоҳҳои табобатӣ, истироҳатгоҳҳо, фароғатгоҳҳо |
| 3. | Марказҳои хизматрасонии маҷмӯии сайёҳӣ (маҷмааи сайёҳӣ) |
| 4. | Нуқтаҳои хизматрасонии маҷмӯии сарироҳӣ (мотел) |
| 5. | Боғҳои фарҳангию фароғатӣ |
| 6. | Мавзеъҳои фарҳангию таърихӣ ва динӣ (осорхонаҳо, зиёратгоҳҳо, иншоотитаърихӣ) |
| 7. | Инфрасохтори моҳигирӣ ва шикор бо мақсади сайёҳӣ |
| 8. | Корхонаҳои дорои бренди байналмилалӣ |
| 9. | Марказҳои истеҳсоли маҳсулоти ҳунармандӣ |
| 10. | Пойгоҳҳои махсуси мутобиқгардонии минтақаҳои баландкуҳ барои сайёҳон |
| 11. | Маҷмааи сайёҳию лижаронӣ |
| 12. | Марказҳои омӯзишӣ барои кӯҳнавардӣ, лижаронӣ, роҳбаладӣ |

Мутобиқи қарори мазкур ва рӯйхати тасдиқгардида, номгӯй ва миқдори таҷҳизоту техника ва маводи сохтмонии воридшаванда тибқи тартиби муқарраргардида дар мувофиқа бо мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи сайёҳӣ пешниҳод гардида, аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад. Бо қабули қарори мазкур, механизми пурра ва мушаххаси амалисозии имтиёзҳои андозию гумрукӣ барои бунёди

инфрасохтори сайёҳӣ муайян карда шуд»[1].

Дар натиҷаи омӯзиши таърихи ташаккул ва рушди соҳаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, мо он санадҳои меъёрию ҳуқуқии танзимкунандаи соҳаро мавриди таҳлил қарор додем, ки ба рушди сайёҳӣ хеле таъсири хуб расондаанд, аз ҷумла:

– Қарори Шурои Вазирони РСС Тоҷикистон, Комитети давлатии ИҶШС оид ба сайёҳии байналмилалӣ, аз 1 марти соли 1990, таҳти № 38, «Оид ба азнавсозии ташкилӣ-иқтисодии сайёҳии байналмилалӣ дар РСС Тоҷикистон»;

– Қарори Шурои Вазирони РСС Тоҷикистон «Оид ба ташкили Ассотсиатсияи сайёҳии Тоҷикистон», аз 20 ноябри соли 1990, № 255;

– Қарори Шурои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистоназ 4 феврали соли 1994, № 70, «Оид ба тартиби додани ҳуқуқ ба субъектҳои хоҷагидорӣ барои машғул шудан ба сайёҳии байналмилалӣ ва барасмиятдарории ҳуҷҷатҳои содиротӣ-воридотӣ» (бо таҳрири Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13.09.1996, № 421);

– Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 апрели соли 1996, № 461, «Оид ба таъсис додани ширкати миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сайёҳӣ»;

– Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистоназ 12 августи соли 1997, № 363, «Оид ба тасдиқ намудани Барномаи чорабиниҳои аввалиндараҷа оид ба рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 1997-1998»;

– Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи туризм» аз 3 сентябри соли 1999, № 825, (бо таҳрири Қонуни ҶТ аз 26.12.2005. №126, аз 19.05.2009. №530, аз 28.12.2012. №922, аз 28.12.2013. № 1058);

– Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тасдиқи феҳрасти захираҳои сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон», аз 9 ноябри соли 2000, №460;

– Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тасдиқи намудани

[1] Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 августи соли 2018, таҳти № 372. [Сарчашмаи электронӣ] / Низоми дастрасӣ: http://ctd.tj.

Барномаи давлатии рушди сайёҳӣ дар Тоҷикистон барои солҳои 2004-2009», аз 29 декабри соли 2003, № 582;

– Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Кумитаи кор бо ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон», аз 28 декабри соли 2006, №609;

– Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тасдиқ намудани Низомнома оид ба хусусиятҳои иҷозатномадиҳии намудҳои алоҳидаи фаъолият», аз 3 апрели соли 2007, №172;

– Консепсияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2019, аз 2 апрели соли 2009, № 202;

– Барномаи давлатии рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи солҳои 2010-2014, аз 28 майи соли 2009, № 299;

– Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 июли соли 2017, № 1450, «Оид ба сайёҳии дохилӣ»;

– Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2017, № 977, Оид ба эълон кардани соли 2018 «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ»;

– Барномаи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2020, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 марти соли 2018, № 80;

– Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистоназ 1 августи соли 2018, № 372, «Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030»;

– Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 2 январи соли 2019, №1170, Оид ба эълон намудани солҳои 2019-2021 «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ»;

– Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистоназ 14 ноябри соли 2019, №576, Оид ба таъсиси корхонаи воҳиди давлатии «Маркази иттилоотии хизматрасонии сайёҳӣ» дар назди Кумита оид ба рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ», аз 7 августи соли

2020, № 1717.

Аз ҳолати умумии таъминоти ҳуқуқии фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла, таъминоти ҳуқуқии фаъолияти соҳаи сайёҳӣ, мавҷудияти худи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вобастагӣ дорад.

Ҳамин тавр, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаи сайёҳӣ тибқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ», барномаҳо ва коннсепсияҳои рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраҳои гуногун, «Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» ва дигар нақша-чорабиниҳо оид ба рушди соҳа аз ҷиҳати ҳуқуқӣ ба танзим дароварда мешавад.

Конститутсия ва дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои байналмилалии ҳуқуқӣ, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, ҳамчун асос барои таҳия ва тасдиқи санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ оид ба сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбанд.

Дар моддаи 38 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст: «Ҳар шахс ҳуқуқи ҳифзи саломатӣ дорад... Давлат барои солимгардонии муҳити зист, инкишофи оммавии варзиш, тарбияи ҷисмонӣ ва сайёҳӣ тадбирҳо меандешад»[1].

Як қатор барномаҳо ва нақшаҳо, ки аз ҷониби ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шудаанд, стратегияи давлатии рушди сайёҳиро фаро гирифта, ба муайян намудани соҳаҳои афзалятноки сайёҳӣ, танзими давлатии рушди сайёҳӣ ва дастгирии инфорасохтори сайёҳӣ равона карда шуда, дар бозори дохилӣ ва берунӣ дар оянда муаррифӣ ва пешбарӣ намудани маҳсулоти сайёҳии миллӣ бо таҳияи стратегияи муосири маркетингӣ, ташаккули ҷолибият ва обрӯю нуфузи сайёҳии мамлакат, рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ, чорабиниҳо вобаста ба таъмини соҳаи сайёҳӣ бо кадрҳо, дастурҳои илмӣ-

[1] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994. Тағйиру иловаҳо бо тариқи раъйпурсии умумихалқӣ аз 26 сентябри соли 1999, аз 22 июни соли 2003, 22 майи соли 2016 [Сарчашмаи электронӣ] / Низоми дастрасӣ: http://seep.tj/files/3/Constitution/Constitution.pdf

методӣ, таблиғотӣ-иттилоотӣ, рушди инфрасохтори сайёҳӣ, таҳияи тадбирҳо дар хусуси мусоидат намудан ба азнавсозии базаи моддии сайёҳӣ, тақвият бахшидан ба раванди бунёди объектҳои нави сайёҳӣ; пешниҳоди маҳсулоти нави сайёҳии миллӣ ва мутобиқати сифати он стандартҳои байналмилалӣ; мусоидат ба шуғли аҳолӣ дар самти сайёҳӣ ва соҳаи хизматрасонӣ; ташкил намудани шароит барои сармоягузориҳо ва дигар шаклҳои маблағгузорӣ, қарздиҳии субъектҳои соҳа мусоидат менамоянд.

Санадҳои меъёрии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалкунанда, мутобиқ ба стандартҳои ҷаҳонӣ дар соҳаи сайёҳӣ таҳия шудаанд, аз ҷумла Эъломияи умумии ҳуқуқи башар (с.1948), Мақоми Созмони умумиҷаҳонии сайёҳӣ (Мехико, с.1970), Эъломияи Манилӣ оид ба сайёҳии байналмилалӣ (Манила, с.1980.), Ҳуҷҷати Акапулко (Мексика, с.1982), Хартияи сайёҳӣ ва Кодекси сайёҳ (с.1985.), Эъломияи Гаага оид ба сайёҳӣ (Гаага, с.1989), Эъломияи Бали оид ба сайёҳӣ (Индонезия, с.1996); Кодекси глобалии этикии сайёҳӣ (Сантяго, с.1999); Эъломияи ҳазорсолаи Осака (Осака, с.2001); Эъломияи Сеулии «Ҷаҳон ва сайёҳӣ» (Сеул, с.2001).

Баъди имзои созишномаҳои байналмилалӣ аз тарафи Ҷумҳурии Тоҷикистон, мутобиқгардонии қонунгузориҳо бо асосҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофгардида дар соҳаи сайёҳӣ, инчунин амалияи роҳандозӣ намудани фаъолияти сайёҳӣ, зарурат ба миён омад, ки тағйиротҳо ва иловаҳои муайян дар қонунгузориҳои амалкунанда ворид карда шаванд.

Вобаста ба таҳкими асосҳои бунёдӣ, алалхусус бо ташаккули асосҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва фаъолияти самараноки соҳаи сайёҳӣ дар асри XXI солҳои охир дар мамлакати мо дигаргуниҳои зиёде ба амал омаданд.

Аз ҷумла, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ», аз 7 августи соли 2020, № 1717, аз тарафи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шуд. Мазмуни қонун бо таҳрири нав, натиҷаи мантиқии фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Барои ташаккули минбаъдаи сайёҳӣ дар ҷумҳурӣ, бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2017, № 977, соли 2018 «Соли рушди сайёҳӣ, ва

ҳунарҳои мардумӣ» эълон карда шуд; бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 августи соли 2018, № 372, «Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» қабул карда шуд; 2 январи соли 2019, бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 1170, солҳои 2019-2021 «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» эълон карда шуд, ки ба рушди соҳаи сайёҳӣ такони нав бахшиданд.

Мутобиқи ин санадҳои меъёрӣ, ба роҳ мондани механизмҳои кафолати молиявӣ пешбинӣ мешаванд, ки бояд ба истифодабарандагон хадамоти сайёҳӣ субъектҳои фаъолияти сайёҳӣ дар ҳолати муфлисшавӣ ё ҳолатҳои фавқулода, бо мақсади пешгирӣ намудани ҳолатҳои ҳаннотӣ, саркашӣ кардан аз андозбандӣ ва таъминоти хизматрасониҳои сайёҳиро пешбинӣ менамоянд. Истифодабарии механизмҳои кафолати молиявӣ ба таҷрибаи ҷаҳонӣ мутобиқ буда, дар ҳама давлатҳое, ки сайёҳӣ рушд кардааст истифода бурда мешаванд.

Дар санадҳои танзимкунандаи меъёрӣ-ҳуқуқӣ фаъолияти корхонаҳое, ки ба ҷойгиркунӣ (новобаста аз ном, шакли моликият, сохтори таркибӣ ва ғайра) дар таркиби корхонаҳои дигари сайёҳӣ хизмат мерасонанд, инчунин алоқамандии онҳоро бо дигар субъектҳои фаъолияти сайёҳӣ муайян менамоянд.

Дар натиҷаи омӯзиши амалияи ҷаҳонӣ муайян карда шуд, ки аз танзими бевоситаи идораҳои ҳокимияти давлатӣ ва дигар субъектҳои маъмурии амалкунанда, ки ба идоракунӣ ва танзими фаъолияти сайёҳӣ дар ҳудуди мамлакат ваколат доранд, танзими самараноки соҳаи сайёҳӣ аз онҳо вобастагӣ дорад.

Дар натиҷаи омӯзиши сарчашмаҳои таърихӣ ва таҷрибаи амалии мамолики дунё метавонем якчанд шаклҳо ё моделҳои ташкили сайёҳиро дар ҷаҳони муосир ҷудо намоем.

Модели аввал хоси кишварҳое мебошад, ки сайёҳӣ дар сиёсати давлатии онҳо мавқеи калидиро ифода мекунад, ҳамзамон фаъолият ва рушди соҳаи сайёҳӣ аз ҷониби вазорати алоҳида танзим карда мешавад.

Бояд қайд намуд, ки солҳои 70-80-уми асри гузашта, махсусан

мавҷудияти ҳамин модел дар таркиби сохтории ҳукумати кишварҳо ба ташаккули баланди сайёҳӣ муосидат намуд. Амалишавии чунин модел, пеш аз ҳама ба маблағгузории зиёд ба соҳаи сайёҳӣ, инфрасохтори сайёҳӣ, хароҷоти зиёд барои тарғибот ва фаъолияти маркетингӣ алоқаманд аст. Дар ҷаҳон беш аз 38 давлати дунё сохторҳои марказии ҳокимияти иҷроия дар сатҳи вазорати сайёҳӣ доранд, ба монанди: Миср, Исроил, Ҳиндустон, Куба, Ливан, Мадагаскар, Малта, Марокаш, Зеландияи нав, Руминия, Туркия ва ғайра, ки ба рушди босуботи соҳаи сайёҳӣ мусоидат намуд.

Модели дуюми идоракунии соҳаи рекреатсия ва сайёҳӣ ба давлатҳое хос аст, ки танзими соҳаи сайёҳӣ ба зиммаи вазорату идораҳои гуногун вогузор карда шудааст ва онро модели омехта ном мебаранд. Дар бисёре аз давлатҳои дунё, ки ба Созмони умумиҷаҳонии сайёҳӣ (СУС) аъзо мебошанд, дар 69 давлат соҳаи сайёҳӣ ба таркиби вазорат ва идораҳои самти иқтисодӣ (Вазоратҳои иқтисод, савдо, нақлиёт, саноат, молия), 12 давлат дар вазорат ва идораҳои самти иҷтимоӣ (Вазорати фарҳанг, экология, маориф, иттилоот, таърихшиносӣ, археология), дохил карда шудаанд.

Давлатҳое, ки вазорати сайёҳӣ ва дигар соҳаи самти фаъолияташон омехта мебошад дар ҷадвали 1.2.1 оварда шуданд.

**Ҷадвали 1.2.1. – Шакли омехтаи танзими давлатии соҳаи сайёҳӣ**

| № | Давлат | Номи вазорат |
|---|---|---|
| 1 | Алҷазоир | Вазорати сайёҳӣ ва санъат |
| 2 | Индонезия | Вазорати сайёҳӣ, алоқа ва телекоммуникатсия |
| 3 | Яман | Вазорати фарҳанг ва сайёҳӣ |
| 4 | Иордания | Вазорати сайёҳӣ ва фарҳанги ниёгон |
| 5 | Кения | Вазорати фарҳанг, сайёҳӣ ва табиат |
| 6 | Кореяи Ҷанубӣ | Вазорати фарҳанг ва сайёҳӣ |
| 7 | Малайзия | Вазорати фарҳанг, санъат ва сайёҳӣ |
| 8 | Непал | Вазорати сайёҳӣ ва авиатсияи гражданӣ |
| 9 | Перу | Вазорати соҳа, сайёҳӣ ва интегратсия |
| 10 | Венгрия | Вазорати соҳа, савдо ва сайёҳӣ |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Модели сеюм дар шакли субъектҳои сиёсии ғайримарказонидашуда пешбинӣ шудаанд, ки дар таркиби сохторҳои муайяни ҳукуматӣ (девони вазирон, вазорат, идораҳои давлатӣ), амал мекунанд, аммо мазмунан

мустақилона ва махус фаъолияти вазифавии дастгоҳи идоракунии давлатиро иҷро менамоянд.

Давлатҳо бо ташкилотҳои миллии сайёҳӣ дар доираи сохторҳои ҳукуматӣ дар ҷадвали 1.2.2 нишон дода шудаанд.

Ин ба модели чоруми батанзимдарории соҳаи сайёҳӣ марбут аст, ки тамоман мавҷуд набудани мақомоти марказии иҷроияро дар соҳаи сайёҳӣ пешбинӣ менамояд, ки ба он ҳам давлатҳои рушдёфта, ба монанди Белгия, Қувайт ва ҳам ақибмонда, ба монанди Конго, Гвинея-Бисау, Сомалӣ ва ғайра дохил мешаванд, ки масъалаи рушди сайёҳиро дар сатҳи маҳалҳо ё ба зиммаи субъектҳои хоҷагидор, дар асоси принсипҳои иқтисоди бозорӣ вогузор намудаанд. Аммо, ҳоло ИМА аз ин иқдом даст кашида, дар асоси модели сеюм фаъолияти сайёҳии худро амалӣ менамояд.

**Ҷадвали 1.2.2. – Шакли танзими давлатии соҳаи сайёҳӣ дар доираи сохторҳои ҳукуматӣ**

| № | Давлат | Номи идораҳои сайёҳии миллӣ | Зертобеъ |
|---|---|---|---|
| 1 | Аргентина | Котиботи давлатӣ оид ба сайёҳӣ | Ҳукумати мамлакат |
| 2 | Ветнам | Дастгоҳи миллии сайёҳӣ | Вазорати корҳои хориҷӣ |
| 3 | Испания | Котиботи давлатӣ оид ба сайёҳӣ, сайёҳӣ, соҳибкории миёна ва хурд | Вазорати иқтисодиёт |
| 4 | Молдова | Агентии миллӣ оид ба сайёҳӣ | Ҳукумати мамлакат |
| 5 | Италия | Департамент оид ба сайёҳӣ | Вазорати фаъолияти истеҳсолӣ |
| 6 | Полша | Дастгоҳи давлатии варзиш ва сайёҳӣ | Вазорати корҳои хориҷӣ |
| 7 | Россия | Кумитаи давалатӣ оид ба тарбияи ҷисмонӣ, варзиш ва сайёҳӣ | Ҳукумати мамлакат |
| 8 | Словакия | Котиботи давлатӣ оид ба савдо ва сайёҳӣ | Вазорати иқтисодиёт |
| 9 | Франсия | Котиботи давлатӣ оид ба сайёҳӣ | Вазорати нақлиёт ва корҳои ҷамъиятӣ |
| 10 | Чехия | Департамент оид ба сайёҳӣ | Вазорати рушди минтақавӣ |
| 11 | Япония | Департамент оид ба сайёҳӣ | Ҳукумати мамлакат |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Аз нуқтаи назари таъсири давлат ба сайёҳӣ, таҷрибаи давлатҳои гуногуни ҷаҳонро ҷамъбаст намуда, мо ба хулосае омадем, ки иштироки бевоситаи давлат дар батанзимдарории фаъолияти сайёҳӣ худ ба худ дараҷаи иштироки давлатро дар он муайян карда наметавонад. Дар бисёре аз мамолики аз ҷиҳати иқтисодӣ пешрафта таъсири идораҳои давлатӣ ба соҳаи сайёҳӣ хеле кам аст,

зеро мутобиқи қонунгузорӣ фаъолияти корхонаҳои соҳаи сайёҳӣ дар алоҳидагӣ тарзе танзим карда мешаванд, ки манфиати иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ дар умум халалдор намегардад. Дар мамолики иқтисодиёташон ноустувор бояд аз тарафи давлат ба соҳаи сайёҳӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир карда шавад, чунки он метавонад дар ҳолатҳои муайян таъсири манфии буҳрони иқтисодиро безарар гардонад. Ҷалб нашудани давлат аз иштирок дар батанзимдарории фаъолияти соҳаи сайёҳӣ кори нодуруст буда, мутаносибии муносибатҳои байниҳамдигарии истеҳсолкунанда ва истеъмолкунандаи маҳсулоти сайёҳиро вайрон мекунад.

Таърихи пайдоиш, ташаккул ва рушди сайёҳиро дар Тоҷикистон таҳлил намуда, мо дар ҷадвали 1.2.3 мақомотеро, ки барои батанзимдарорӣ ва рушди соҳаи сайёҳӣ саҳм гузоштаанд, инъикос намудем.

**Ҷадвали 1.2.3 – Марҳилаҳои аз нав ташкил кардани сохторҳои идоракунии давлатӣ дар соҳаи сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҶШС Тоҷикистон)**

| Солҳо | Идораҳо-мақомотҳои танзимкунандаи соҳаи сайёҳӣ |
|---|---|
| **1919** | Институти илмӣ-таҳқиқотии физиотерапии Туркистон |
| **1930** | Ҷамъияти туризм ва экскурсияи пролетарии ҶШС Тоҷикистон |
| **1938** | Идораи осоишгоҳҳои ҷумҳуриявии Тоҷикистон |
| **1955** | Иттиҳодияи «Интурист» дар ҶШС Тоҷикистон |
| **1960** | Саридораи ҷумҳуриявии туристӣ-экскурсионӣ |
| **1990** | Иттиҳодияи тоҷикистонӣ оид ба туризми хориҷӣ "Таджикинтур" |
| **1996** | Ширкати милии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба туризм "Тоҷиктуризм" |
| **2001** | Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба туризм «Сайёҳ» дар назди Вазорати иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| **2006** | Кумитаи кор бо ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| **2017** | Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Вобаста ба ташаккули низоми идоракунӣ, мо се сатҳи сохтори умумии идоракунии соҳаи сайёҳиро мавриди таҳлил қарор додем, ки рушди соҳаи сайёҳӣ аз фаъолияти мутақобилаи самараноки онҳо вобастагии амиқ дорад: макроиқтисодӣ, мезоиқтисодӣ ва микроиқтисодӣ.

**Сатҳи макроиқтисодӣ**. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон самтҳои асосии сиёсати давлатиро дар соҳаи сайёҳӣ ва рекреатсия муайян намуда,

асосҳои ҳуқуқии батанзимдарории муносибатҳои ин соҳаро ташкил менамояд ва ҳаҷми маблағгузории таъминоти соҳаи сайёҳиро дар асоси Қонун оид ба буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд. Мутобиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар қонунҳо ва санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, идоракунии давлатӣ ва амалӣ намудани сиёсати давлатиро дар соҳаи сайёҳӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин менамояд.

Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои сохторҳои соҳавӣ дар ҳокимияти иҷроя буда, фаъолияти он аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон назорат ва ҳамоҳанг карда мешавад.

Ҳукумат ба воситаи Кумита таҳлили комплексӣ ва оияндабинии рушди сайёҳӣ ва рекреатсияро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамояд; ҳамчун фармоишгар таҳқиқотҳои илмӣ, маркетингӣ ва таҳлилии ба рушди сайёҳӣ алоқамандро мегузаронад; иҷозатномадиҳии намудҳои алоҳидаи фаъолияти хоҷагидориро амалӣ менамояд; феҳристи давлатии субъектҳои фаъолияти сайёҳиро мебарад, дар доираи ваколатҳои худ риояи талаботҳои қонунгузорӣ оид ба сайёҳиро назорат мекунад; дар таҳияи стандартҳои соҳаи сайёҳӣ-рекреатсионӣ иштирок менамояд ва батанзимдарории сертификатсияи техникии ин хадамотро мегузаронад; маросимҳои вобаста ба такмил додани инфрасохтори бозории сайёҳиро амалӣ менамояд, рушди муносибатҳои бозориро дар ин самт ва рақобат дар бозори хизматрасониҳои рекреатсионӣ-сайёҳӣ, фароҳам овардани шароити баробари хоҷагидорӣ ба субъектҳои фаъолияти сайёҳии ҳамаи шаклҳои моликият фароҳам меорад.

**Сатҳи мезоиқтисодӣ**. Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ метавонанд дар доираи салоҳияти худ лоиҳаи маҳаллии рушди соҳаи сайёҳиро таҳия намуда, дар маҳалҳо захираҳои соҳаи сайёҳиро ба рӯйхат гиранд, ҳифз ва нигаҳдории захираҳои сайёҳиро таъмин намоянд, ба рушди намудҳои гуногуни сайёҳӣ дар мавзеъҳои маъмулӣ мусоидат намоянд.

**Сатҳи микроиқтисодӣ**. Ба он корхонаву ташкилотҳое, ки дар соҳаи

рекреатсия ва сайёҳӣ фаъолият менамоянд, дохил мешаванд. Субъектҳои фаъолияти рекреатсионӣ-сайёҳӣ, бо мақсади беҳтар намудани хизматрасонӣ ба сайёҳон, ворид намудани таҷрибаи ғании корӣ метавонанд иттиҳодия, ассостсиатсия, аз ҷумла кластерҳои сайёҳиро дар асоси қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил намоянд ва дар маҷлисҳои фаъолияти субъектҳои рекреатсионӣ-сайёҳӣ ба сифати аъзоёни иттиҳодияҳо, ассостсиатсияҳо, кластерҳо шомил шуда, дар маҷлисҳо фаъолона иштирок кунанд.

Барои таъмини афзалиятнокии сайёҳии дохилӣ ва байналмилалӣ, эҳёи марказҳои маъмулӣ ва аз худ намудани самтҳои нави сайёҳӣ алоқаманд барои пурзӯр намудани маҳакҳои бозорӣ дар ин самт зарур шуморида мешавад. Таъсири ночизи маҳакҳои бозорӣ ва самти рушди нокифояи иҷтимоӣ дар соҳаи сайёҳӣ дахолати фаъоли давлатро талаб менамояд.

Батанзимдарории давлатӣ бо тартиби ҷаҳонишавӣ дар ду самти асосӣ амалӣ карда мешавад.

Аввалан, бо роҳи таҳияи нақшаву барномаҳои давлатӣ роҳ додан ба худтанзимкунии бозори хизматрасонии сайёҳӣ, бо ба инобат гирифтани сатҳи баланди ҳолатҳои ғайричашмдошти мутаносибии усули «талабот-пешниҳод» барои намудҳои гуногуни маҳсулоти истеҳсолшаванда ва хизматрасониҳои пешниҳодшаванда ҳоло амалӣ карда мешавад.

Самти дуюм амалӣ намудани барномаҳои иҷтимоӣ ва самти иҷтимоии иқтисоди бозориро таъмин менамояд. Худтанзимкунии бозорӣ бе дахолати зарурии давлатӣ ба чунин ҳолатҳо оварда мерасонад: ба баландшавии монополиякунонӣ (инҳисор), тақсимоти аҳолии мамлакатҳо ба доро ва нодор, кам шудани он соҳаҳое, ки сарчашмаҳои гирифтани фоидаи фаврӣ надоранд (илм, фарҳанг, санъат, тандурустӣ, маориф ва ғайра).

Ҳамин тавр, ба андешаи мо, батанзимдарории давлатӣ дар соҳаи сайёҳӣ бо роҳи таъсиррасонӣ барои васеъ намудани бозори сайёҳӣ, амалӣ намудани сиёсати иҷтимоии мутобиқ бояд равона карда шавад.

Таъсиррасонӣ ба васеъ намудани бозори сайёҳӣ таҳияи стратегияи

пешбарӣ кардани маҳсулоти сайёҳиро талаб менамояд. Стратегия ҳамчун интихоби модели дарозмуддати муносиби иштироки фаъол дар бозори сайёҳӣ, вобаста аз хусусиятҳои он маҳсуб меёбад. Дар ҳар ҳолати равиши стратегӣ амали муайян аз тарафи сохторҳои давлатӣ ва хусусӣ ҳатмӣ мебошад.

Амали ҳама сатҳҳои сохторҳои давлатӣ барои ташкили механизми ташкилӣ-иқтисодии идоракунии соҳаи сайёҳии ватанӣ ҳалкунанда мебошад.

Дар моддаи 12-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ» танзими низоми хизматрасонӣ дар соҳаи сайёҳӣ чунин муайян карда шудааст: «Барои танзими низоми хизматрасонӣ дар соҳаи сайёҳӣ Феҳристи давлатии субъектҳои хизматрасонии сайёҳӣ (Феҳристи давлатӣ) ташкил карда мешавад.

Пешбурди Феҳристи давлатӣ дар шакли чопӣ ва электронӣ (тариқи шабакаи Интернет) амалӣ мегардад.

Тартиби баҳисобгирӣ дар Феҳристи давлатӣ тибқи муқаррароти Қонуни мазкур аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ муайян карда мешавад.

Раванди фаъолияти субъектҳои хизматрасонии сайёҳӣ аз ҷониби субъектҳои дахлдор назорат ва арзёбӣ карда мешавад..

Самтҳои афзалиятноки соҳаи сайёҳӣ барои Тоҷикистон сайёҳии экологӣ, табобатию солимгардонӣ, саёҳати сайругаштӣ, таърихию фарҳангӣ, кӯҳнавардӣ ва шикор ба шумор мераванд»[1].

Дар баробари рушди соҳаи сайёҳӣ, таҳия ва қабули санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии танзимкунандаи соҳаи сайёҳӣ, гузаштан ба Стандартҳои байналмилалиихизматрасонӣ, инчунин татбиқи СБҲМ дар пешбурди корхонаҳои соҳаи сайёҳӣ, мукаммалгардонии низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорати дохилиро тақозо мекунад. Санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқие, ки ба фаъолияти сайёҳӣ ва низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорат алоқаманданд ва онҳоро ба танзим медароранд, дохил мешаванд:

Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки муносибатҳои байни

---

[1] Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 августи соли 2018, № 372. [Сарчашмаи электронӣ] / Низоми дастрасӣ: https://ctd.tj.

шахсони фаъолияти соҳибкориро ба амал баровaрда ё иштироки онҳоро танзим менамоянд: «Соҳибкорӣ фаъолияти мустақили ба таваккали худ амалишавандаи шахсони ба чунин сифат бо тартиби муқарраркардаи қонун бақайдгирифташудае мебошад, ки барои мунтазам ба даст даровардани фоида аз истифодаи молу мулк, фурӯши мол, иҷрои кор ё расонидани хизмат равона карда шудааст. Ҳуқуқҳои гражданӣ ҳифзи маънавиёт, тандурустӣ, ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шахси дигар, таъмини амнияти ҷомеа ва давлат, ҳифзи муҳити зистро кафолат медиҳад»[1].

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ» муносибатҳои ҷамъиятиро дар соҳаи сайёҳӣ танзим намуда, асосҳои ташкилӣ, ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангии рушд ва ташаккули соҳаи мазкурро муайян менамояд;

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» қайд карда шудааст, ки: «Асосҳои ташкилию ҳуқуқӣ, принсипҳо ва қоидаҳои пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартиб додани ҳисоботи молиявиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда, муносибатҳои ин соҳаро танзим менамояд»[2].

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият» намудҳои фаъолиятеро муайян мекунад, ки «иҷозатномадиҳиро талаб намуда, асосҳои ҳуқуқии додани иҷозатнома (литсензия)-ро барои ҳуқуқи машғулшавӣ ба намудҳои мушаххаси фаъолият муқаррар карда, ба риояи стандартҳо ва талаботи зарурии тахассусӣ барои таъмини ҳимояи манфиату амнияти шахс, ҷамъият ва давлат нигаронида шудааст»[3].

Мутобиқи моддаи 17 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи

---

[1] Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (Қисми якум) аз 30-юми июни соли 1999, № 803. Бо тағйиру иловаҳо [Сарчашмаи электронӣ] / Низоми дастрасӣ: https://mmk.tj/system/files/Legislation/802_tj_0.pdf

[2] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ», аз 25 марти соли 2011, № 702.

[3] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият», аз 17 майи соли 2004, № 37.

иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият» фаъолияти сайёҳӣ, фаъолияти иҷозатномашаванда мебошад.

Мутобиқи моддаи 17 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият», дар номгӯйи намудҳои фаъолият, ки барои амалӣ намудани он «иҷозатнома зарур аст, фаъолияти сайёҳӣ мебошад. Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва моликият, ки хоҳиши машғул шудан ба намудҳои алоҳидаи фаъолияте, ки бояд иҷозатнома дода шаванд, вазифадоранд тибқи тартиби муқаррарнамудаи ин Низомнома иҷозатнома гиранд. Бе иҷозатнома амалӣ намудани фаъолиятҳое, ки бояд иҷозатнома дода шаванд, манъ аст. Ҳуқуқи амалӣ намудани фаъолияти иҷозатномашавандаи шахси ҳуқуқӣ ё воқеӣ аз лаҳзаи гирифтани иҷозатнома пайдо мешавад. Иҷозатномаи ба шахси ҳуқуқӣ додашуда ягона ҳуҷҷатест, ки ҳуқуқи машғул шудан ба намуди фаъолияти дар он зикргардидаро медиҳад. «Ба фаъолияти сайёҳӣ корҳои оид ба ташкили саёҳат, экскурсияҳо ва хизматрасонии ба он вобаста дар самтҳои сайёҳии воридотӣ, содиротӣ ва дохилӣ (агентии сайёҳӣ, ширкатҳои сайёҳӣ ва ташкилотҳои экскурсионӣ, меҳмонхонаҳо, кемпингҳо, ки бевосита бо ташкили фаъолияти сайёҳӣ машғуланд) ворид мегарданд»[1].

Низомнома оид ба ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулот (кор, хизмат) дар корхона ва ташкилотҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 майи соли 1999, № 210 (бо тағйиру иловаҳо аз 3 декабри соли 2002, № 387), ки то қабули Қоидаҳои намунавии ҳисобкунии арзиши аслии мол (кор, хизматрасонӣ) аз 28 октябри соли 2023, № 505 амал мекард.

Мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ» мо субъектҳои фаъолияти сайёҳиро, ки бевосита ба ташаккул ва пешбурди маҳсулоти сайёҳӣ машғуланд, дар расми 1.2.2 тасвир намудем.

---

[1] Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тасдиқи Низомнома дар бораи хусусиятҳои иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият» (дар таҳрири нав), аз 3 апрели соли 2007 № 172. [Сарчашмаи электронӣ] / Низоми дастрасӣ: https://www.mmk.tj




**Расми 1.2.2. – Субъектҳои соҳаи сайёҳӣ ва тавсифномаи фаъолияти онҳо**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор», муносибатҳои ҷамъиятиро дар соҳаи танзими асъор ва назорати асъор муқаррар намуда, ҳуқуқу уҳдадориҳои резидентҳо ва ғайрирезидентҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро оид ба соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдории сарватҳои асъорӣ муайян менамояд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба монанди мамлакатҳои соҳаи сайёҳиашон рушдёфта, рӯз то рӯз нуфузи сайёҳӣ баланд гардида истодааст, зеро таҷрибаи ҷаҳони муосир нишон медиҳад, ки маҳз дар соҳаи сайёҳӣ гардиши баланди сармоя, сармоягузориҳои зиёд ва ҷойҳои кории иловагӣ ташкил карда мешаванд. Бо ибтикори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар чанд соли охир як қатор чораҳои мушаххас андешида шуда истодаанд, ки барои фаъолияти бомароми корхонаҳои соҳаи сайёҳӣ замина фароҳам оварда, рушди минбаъдаи онро таъмин менамояд.

## 1.3. Хусусиятҳои ташкилию технологии корхонаҳои сайёҳӣ ва таъсири он ба ташкили баҳисобгирӣ ва назорат

Дар миқёси ҷаҳонӣ ва дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон миқдори зиёди субъектҳои хоҷагидорӣ дар самтҳои гуногуни хизматрасонӣ фаъолият менамоянд, ки ба онҳо корхонаҳои сайёҳӣ низ дохил мешаванд. Самти асосии фаъолияти он таъмини эҳтиёҷоти ҳамарӯзаи одамон барои донистани оламе, ки онҳоро иҳота кардааст, мебошад.

Вобаста ба рушди соҳаи сайёҳӣ ва амалишавии фаъолияти сайёҳӣ, имконият пайдо шуд, ки ба баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардум замина фароҳам оварда шавад, технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, хизматрасонии нақлиётӣ, хӯроки умум, соҳаи фароғатӣ-истироҳатӣ рушд намояд, инчунин, мавзеъҳои таърихӣ, меъморӣ, маданӣ нигаҳдорӣ ва барқарор карда шаванд.

Сайёҳӣ яке аз соҳаҳои бузург ва зудрушдёбандаи иқтисодиёт буда, барои воридоти асъори хориҷӣ мусоидат намуда, рушди соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти миллиро таъмин менамояд. Инчунин, барои рушди сайёҳии дохилӣ шароити мусоид фароҳам меорад. Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ» омадааст: «Сайёҳӣ саёҳати гуногунҷанбаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд, инчунин шуғле, ки бо мақсади солимгардонӣ, шиносоӣ, зиёрат, тиҷорат, варзиш, касбию хизматӣ ва мақсадҳои дигар (ба истиснои ба кори музднок ҷалб шудан) ва будубоши муваққатии берун аз ҳудуди ҷойи истиқомати доимӣ анҷом дода мешавад»[1].

Мақсади асосие, ки вазъият ва фаъолияти корхонаҳои сайёҳиро муайян менамояд, пешниҳоди хизматрасонии босифати сайёҳӣ ва дар баробари ин таъмини вазъи молиявӣ, тамоюли рушд ва натиҷаҳои молиявии мусбат мебошад.

---

[1] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ», аз 7 августи соли 2020, № 1717. [Сарчашмаи электронӣ] / Низоми дастрасӣ: http://ctd.tj.

Хизматрасонии сайёҳӣ ҳамчун предмети фаъолияти корхонаи сайёҳӣ бо хусусиятҳои хоси худ дар байни дигар хизматрасониҳо дар таҳқиқотҳои илмии гузашта ва имрӯзаи олимони ватанӣ ва хориҷӣ мавриди муҳокима қарор гирифтааст. Дар фаъолияти хоҷагидории субъектҳои хоҷагидори соҳаи сайёҳӣ, маҳсулоти сайёҳӣ ҳамчун натиҷаи ниҳоии молиявии фаъолияти корхона ё ширкати сайёҳӣ бояд инъикоси дурусти худро ёбад.

Аз лиҳози иқтисодӣ дар фаъолияти сайёҳӣ пешниҳод ва истифодабарии хизматрасонӣ дар як вақт ҳамчун қисми ҷудонашаванда ҳисоб карда шуда, талаботи сайёҳонро қонеъ мегардонад. Соҳибкорӣ дар сайёҳӣ – ин маҷмуи намудҳои гуногуни фаъолият мебошад, ки барои қонеъ гардондани талаботи гуногуни сайёҳон буда, гирифтани фоидаи соҳибкоронро таъмин менамояд.

Объекти фаъолияти соҳибкорӣ дар корхонаҳои сайёҳӣ, таҳияи маҳсулоти (хизматрасониҳои) сайёҳӣ, ташаккул ва фурӯши маҳсулоти сайёҳӣ маҳсуб ёфта, вобаста ба гуногунҷабҳагии самтҳои фаъолияти соҳаи сайёҳӣ ва намудҳои хизматрасонӣ, дар он субъектҳои гуногуни соҳа фаъолият менамоянд, ки дар расми 1.3.1 нишон дода шудааст.




**Расми 1.3.1. – Нақшаи ташаккулёбӣ ва фурӯши маҳсулоти сайёҳӣ**
**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Чи тавре дар расми 1.3.1 дида мешавад, дар ташаккулёбӣ ва фурӯши маҳсулоти (хизматрасонии) сайёҳӣ якчанд субъектҳои хоҷагидорӣ иштирок мекунанд, аз ҷумла, ҷойгиркунии сайёҳон, муассисаҳои нақлиётӣ ва хӯроки умум, инчунин, барои пешниҳоди ҳар гуна тухфаҳо ва дастовезҳо мағозаҳо ё нуқтаҳои фурӯш иштирок менамоянд ва арзиши маҷмуи маҳсулоти сайёҳиро ташаккул медиҳанд.

Вобаста ба ташаккули арзиши маҷмуи маҳсулоти сайёҳӣ, ширкати сайёҳӣ онро ба сайёҳон пешниҳод менамояд.

Дар амалия фурӯши сайёҳатҳо дар якчанд шакл амалӣ карда мешаванд:

– фурӯши яклухт (фурӯши пурраи сайёҳати гурӯҳӣ; дар ин сурат бо шахси ҳуқуқӣ ё намояндаи гурӯҳи сайёҳон шартномаи хизматрасонӣ ба тавсиб расонида мешавад);

– фурӯши фардӣ (шартномаи алоҳида бо ҳар як мизоҷ баста мешавад);

– фурӯши сайёҳатҳо ба воситаи феҳристҳо (чун қоида, дар ин маврид сайрҳои истисноӣ ташкил карда мешаванд, ки аз интихоби аниқи хадамоти пешакӣ банақшагирифташуда иборат буда, дар вақти фурӯш тағйир намеёбад).

Истифодабарии (фармоиши) хадамоти алоҳидаи сайёҳӣ дар таркиби маҳсулоти сайёҳӣ хусусияти хоси фаъолияти сайёҳиро нишон медиҳад.

Хусусияти аввала, дар истифодабарии маҳсулоти сайёҳӣ дар маҷмӯъ (баст) ё хизматрасонии алоҳида бояд дар вақти ба ҷойи саёҳат омадан пешниҳод карда шавад. Аксаран, ҷараёни пешниҳоди хизматрасонии сайёҳии дар маҳсулоти сайёҳӣ воридкардашуда дар мавзеъҳои сайёҳӣ (дестинатсия) ба амал меояд, ки ин хадамот пешкаш карда мешаванд.

Мафҳуми «дестинатсия», аз калимаи англисии «destination» – (мавзеи таъиншуда) гирифта шуда, дар география ва соҳаи сайёҳӣ мавзеи географӣ бо захираҳои он (табиӣ, фарҳангӣ, таърихӣ ва ғайра) мебошад, ки маҷмуи муайяни хадамотро пешниҳод менамояд, талаботҳои сайёҳро оид ба ҳамлу нақл, хӯрока, истироҳат ва ғайра қонеъ мегардонад»[1]. Дестинатсия дар сайёҳӣ

---

[1] Большой российский энциклопедический словарь. – М.: Большая Российская энциклопедия, 2003. – 1888 с.

ҳамчун худуди географии барои сайёҳон диққатҷалбкунанда (дилкаш), барои саёҳати сайёҳон ҳамчун мавзеи муқарраршуда (муайяншуда, интихобшуда) мебошад. Соҳаи сайёҳӣ дар дестинатсия барои расонидан (ҷойгиркунӣ), ташкили истеъмоли хӯрока, дамгирӣ, рекреатсия, истироҳат, фурӯши чаканаи молҳо, маводҳо ва армуғонҳо барои эҳтиёҷоти сайёҳон таъин шудааст.

Коркарди консепсияи ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ дар корхонаҳои сайёҳӣ (субъектҳои фаъолияти сайёҳӣ) яке аз воситаҳои муҳимми фаъолияти самараноки корхонаҳои сайёҳӣ баромад менамояд. Дар ҷараёни рушди минбаъдаи соҳаи сайёҳӣ масъалаи ба роҳ мондан ва амалӣ намудани баҳисобгирии муҳосибии фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ хусусияти муҳимро пайдо менамояд, ки бояд ҳалли худро ёбад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ»: «...асосҳои ташкилию ҳуқуқӣ, принсипҳо ва қоидаҳои пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартиб додани ҳисоботи молиявиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда, муносибатҳои ин соҳаро танзим менамояд»[1].

Вобаста ба эҳёи миллӣ ва фарҳангӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди сайёҳӣ ва истироҳати осоишгоҳӣ солҳои охир муҳиммияти нав, махсусияти алоҳидаро касб кардааст. Чунки сайёҳӣ яке аз шаклҳои истифодабарии самараноки вақти озод, гузаронидани истироҳати бофароғат (пурмазмун), таъмини иттилооти маънавии аҳолӣ мебошад. Сайёҳӣ воситаи муҳимми омӯзиши таърихи диёри азизамон буда, доираи васеи одамонро барои дарки мероси мадание, ки гузаштагон ба ёдгор мондаанд, ҷалб менамояд. Дар замони муосир сайёҳӣ ва соҳаи осоишгоҳӣ ба соҳаи бузург ва рушдёбандаи муттасили иқтисодиёт мубаддал гаштааст, ки аллакай дар сатҳи давлатӣ эътироф шудааст. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон раванди фаҳмиши ин далел идома дорад ва роҳҳою механизмҳои рушди самараноки минбаъдаи он ҷустуҷӯ мешаванд.

Масоили баҳисобгирии муҳосибӣ вобаста ба хусусиятҳои соҳаи сайёҳӣ

---

[1] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ», № 702 аз 25 марти соли 2011.

муҳим мебошад ва инчунин муаммоҳое, ки бояд муштаракан ҳал карда шаванд мавҷуданд. Масъалаҳои рушди сайёҳӣ дар корҳои илмии олимони ватанӣ Азимова А.М., Бобозода А.О., Ёров Ҷ.Н., Қодирова М.И., Қурбонов Ш.Я., Машокиров Ҷ.М., Пивоварова Н.В., Собиров М.С., Сангинов Д.Ш. ва дигарон таҳқиқ шудаанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон корҳои илмӣ ва таҳқиқотҳои олимони ватанӣ, ки ба соҳаи сайёҳӣ бахшида шудаанд, хеле маҳдуд буда, масъалаҳои баҳисобгирӣ, назорат ва таҳлили фаъолияти сайёҳӣ то ҳол ҳаллу фасл нашудаанд ва таҳқиқи алоҳидаро талаб мекунад.

Вобаста ба ин, мо ба фаъолияти он корхонаҳои соҳаи сайёҳӣ, ки бевосита ба истеҳсоли маҳсулоти сайёҳӣ (пешниҳоди хизматрасониҳои сайёҳӣ) ва пешниҳоди бастаи хизматрасониҳои сайёҳӣ машғуланд, бештар таваҷҷуҳ зоҳир намудем, ки онҳо ҳамчун субъектҳои асосии ҳуқуқӣ ва воқеии корхонаҳои соҳаи сайёҳӣ маҳсуб меёбанд.

Дар асоси моддаи 1-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ»: «Субъектҳои хизматрасонии сайёҳӣ шахсони воқеию ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродие, ки бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар дохили мамлакат ба хизматрасонии сайёҳӣ машғул мебошанд»[1].

Мутобиқи маълумотҳои феҳристи иҷозатномадиҳии субъектҳои фаъолияти хизматрасониҳои сайёҳӣ ва агентии сайёҳӣ, то санаи 31.12.2022 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 242 ширкатҳои сайёҳӣ фаъолияти худро ба роҳ мондаанд. Бо мақсади таъмини хизматрасонии босифат барои шаҳрвандони хориҷии ба ҷумҳурӣ ташрифоваранда дар ҷумҳурӣ 188 меҳмонхонаҳо, 26 хобгоҳ ва мотелҳо (меҳмонхона барои сайёҳон бо воситаҳои нақлиёт), 45 осоишгоҳҳо, 8 марказҳои осоишӣ-солимгардонӣ, 10 хонаҳои истироҳатӣ, 2 пансионат ва 4 мазеъҳои дамгирӣ ва сайёҳӣ, ҳамагӣ 289 объектҳои сайёҳӣ фаъолият доштанд.

---

[1] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ», аз 7 августи соли 2020, – № 1717. [Сарчашмаи электронӣ] / Низоми дастрасӣ: https://ctd.tj

Шумораи миёнаи кормандони субъектҳои хизматрасонӣ 4129 нафар ва даромад аз пешниҳоди хизматрасонӣ дар ин давра 238841,4 ҳазор сомониро ташкил додааст[1].

Бо мақсади таъмин намудани ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон ва баланд бардоштани сатҳи хизматрасонӣ ба сайёҳон, мутобиқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ширкатҳои сайёҳӣ ва агентии сайёҳӣ барои амалӣ намудани фаъолият дар бозори хизматрасониҳои сайёҳӣ бояд бо тартиби муқарраршуда иҷозатномаи фаъолият гиранд.

Ба ақидаи мо, гуногунмаъногии мафҳумҳои «сайёҳӣ» ва «фаъолияти сайёҳӣ» ба фаҳмиши нодуруст ва ғалат дарк намудани моҳияти онҳо дар методикаи баҳисобгирии муҳосибӣ оварда мерасонад.

Сайёҳӣ истифодабарии маҳсулоти сайёҳиро пешбинӣ менамояд ва ба рафтан аз ҳудуди ҷойи муқимии истиқоматӣ вобастагӣ дорад. Фаъолияти сайёҳӣ барои ташкил ва фурӯши маҳсулоти сайёҳӣ бо мақсади гирифтани даромад равона шудааст.

Дар амалия масъалаи эътироф намудани ин ё он субъекти хоҷагидорӣ, ки мутобиқи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии соҳаи сайёҳӣ ҳамчун субъектҳои фаъолияти сайёҳӣ ҳисобида мешаванд, ба фурӯши маҳсулоти сайёҳӣ ва дигар хизматрасониҳои сайёҳӣ машғул мешаванд, инчунин истфодабарандагони маҳсулот ва хизматрасониҳои сайёҳӣ аз тарафи сайёҳон ё дигар истифодабарандагон мавриди омӯзишу таҳқиқ қарор дода мешавад.

Вобаста ба ин, ҳамчун асос талаботҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ» бояд ба инобат гирифта шуда, субъектҳои фаъолияти сайёҳиро дар муносибат бо истеъмолкунандагон ва истеҳсолкунандагону фурӯшандагони маҳсулот ва хизматрасониҳои сайёҳӣ гуруҳбандӣ намудан ба мақсад мувофиқ аст.

Ба андешаи мо, субъектҳои фаъолияти сайёҳӣ истеҳсолкунандагон ва истеъмолкунандагони маҳсулоти сайёҳӣ маҳсуб меёбанд, ки вобаста ба намуди фаъолият тартиби баҳисобгирии муҳосибии онҳо аз ҳамдигар фарқ мекунад

[1] Сомонаи Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати ҶТ. https://www.ctd.tj.

(расми 1.3.2).




**Расми 1.3.2. – Субъектҳои фаъолияти сайёҳӣ ва хусусиятҳои баҳисобгирии муҳосибӣ**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Ба истеҳсолкунандагон ширкатҳои сайёҳӣ ва агентиҳои сайёҳӣ дохил мешаванд. Дар асоси таҳқиқи талаботҳои асосии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ» нишонаҳои фарқкунандаи фаъолияти ширкати

сайёҳӣ ва агентии сайёҳӣ муайян карда шуд, ки баҳисобгирии муҳосибии ин объектҳо, намуди фаъолият ва муносибат ба маҳсулоти сайёҳии пешниҳодшаванда таъсир мерасонанд.

Ширкати сайёҳӣ метавонад маҳсулоти сайёҳиро ташаккул диҳад ва мустақилона онро фурӯшад, агентии сайёҳӣ бошад метавонад танҳо маҳсулоти сайёҳиро аз ширкати сайёҳӣ бо мақсади аз нав фурӯхтан ба даст орад. Бинобар ин, дар ҳисобгирии муҳосибии ширкати сайёҳӣ, амалиётҳои вобаста ба ташаккули арзиши аслии маҳсулоти сайёҳӣ инъикос карда мешаванд.

Хусусиятҳои баҳисобгирии фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ, вобаста ба хусусиятҳои хоси соҳа ва хизматрасониҳои субъектҳои фаъолияти сайёҳӣ муайян карда мешавад: баъзе пойгоҳи моддии худро доранд, дигарон фақат сайёҳат (сайр)-ро ташкил мекунанд; даромад аз пешниҳоди хадамоти сайёҳӣ ҳамаи маблағҳои аз сайёҳон гирифташуда, ё фақат ҳавасмандкунии комиссионӣ мебошад; хароҷоти иловагӣ барои таъминоти бехатарии сайёҳон лозим аст; ҳаҷми зиёди амалиётҳо бо воситаҳои пулӣ дар мавриди ташкили сайёҳии байналмилалӣ амалӣ мешаванд.

Ташкили баҳисобгирии муҳосибии фаъолияти ширкатҳои сайёҳӣ ва агентиҳои сайёҳӣ аз хусусиятҳои барасмиятдарории амалиётҳои хоҷагидорӣ ва амалӣ намудани ҳисоббаробаркунӣ, имконияти истифодабарии шакли содакардашудаи баҳисобгирӣ дар ширкатҳои сайёҳӣ ва агентҳои сайёҳӣ, ки базаи худии моддӣ надоранд (дар ин маврид нақшаи содакардашудаи ҳисобҳо ва сабткунакҳо барои корхонаҳои хурд истифода мешавад) ва ғайра вобастагӣ дорад, ки ба нишондиҳандаҳои фаъолияти молиявӣ-хоҷагидории онҳо, тартиби муайян кардани арзиши аслии маҳсулот ва хизматрасониҳои сайёҳӣ ва натиҷаи молиявии онҳо таъсир мерасонад.

Ба ташкили баҳисобгирии фаъолияти сайёҳӣ иҷрои баъзе талаботҳои ҳатмӣ зарур шуморида мешавад (расми 1.3.3).




**Расми 1.3.3. – Талабот ба субъектҳои фаъолияти сайёҳӣ**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Ҳуҷҷатҳои асосӣ барои ба расмият даровардани хизматрасониҳои сайёҳӣ шартнома, роҳхат ва дигар ҳуҷҷатҳо мебошанд, ки дар расми 1.3.4 оварда шудааст.

Тибқи шартномаи хизматрасонии сайёҳӣ як тараф (ширкати сайёҳӣ, агентии сайёҳӣ), дар асоси пардохти маблағи дар шартнома муқарраршуда вазифадор мешавад, ки бастаи хизматрасониҳои сайёҳӣ (маҳсулоти сайёҳӣ)-ро ба фармоиши дигар тараф (сайёҳ) таъмин намояд.

Аз рӯйи шартномаи хизматрасонии экскурсионӣ (сайру саёҳатӣ) тарафи якум (субъекти фаъолияти сайёҳиро амалкунанда), мувофиқи маблағи пардохташудаи дар асоси шартнома муқарраргардида, бо фармоиши тарафи дигар (сайёҳ) хизмат мерасонад, ки қисми асосии он хизмати экскурсовод (роҳбалад-тарҷумон) мебошад ва давомнокии он аз 24 соат зиёд набуда, хизматрасонии сайёҳон вобаста ба ҷойгирониро дар бар намегирад.




**Расми 1.3.4. – Барасмиятдарории ҳуҷҷатии хизматрасонии сайёҳӣ**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Ташкили саёҳат пеш аз ҳама аз таъминоти методии ҳатмии саёҳат дар корхонаи сайёҳиро пешбинӣ менамояд. Таъминоти методӣ онро ифода менамояд, ки ҳар як сайёҳ оид ба фаъолияти ширкатҳои сайёҳӣ маълумотномаи муфассалро аз сарчашмаҳои дастрасӣ шинос шуда тавонад ва интихоби васеъ дошта бошад. Ин корхонаҳои сайёҳиро водор менамояд, ки сифати хизматрасониро баланд бардорад ва инфрасохтори сайёҳиро барои сайёҳон беҳтар намояд.

Барои ҳамаи субъектҳои фаъолияти сайёҳӣ (аз ҷумла сайёҳии сабз низ) тавсия медиҳем, ки Журнали баҳисобгирии сайёҳони хориҷиро бо нишон додани чунин маълумотҳо ба роҳ монанд: насаб ва номи сайёҳи хориҷӣ; шаҳрвандӣ; мамлакате, ки сайёҳ аз он ҷо ба Тоҷикистон омадааст; силсила, рақам ва санаи додани шиносномаи миллии сайёҳи хориҷӣ; санаи вуруд ба Тоҷикистон; сана ва нуқтаи баромад аз Тоҷикистон; корхонаи ҷойгиркунии сайёҳ; хатсайри саёҳат (сайр).

Субъектҳои фаъолияти сайёҳӣ, ки барои қабули сайёҳони хориҷӣ машғуланд, бояд ҳуҷҷатҳоеро бояд ба расмият дароранд, ки дар расми 1.3.5 оварда шудааст.




**Расми 1.3.5. – Номгӯйи ҳуҷҷатҳо барои баҳисобгирии сайёҳони хориҷӣ**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Дар асарҳои илмии олимони хориҷӣ масоили таҳқиқоти фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ ва аз тарафи онҳо ташкил, ба роҳ мондан ва амалинамоии баҳисобгирии муҳосибӣ, назорат, таҳлил ва андозбандӣ диққати махсус дода шудааст, аз ҷумла:

«Хусусияти баҳисобгирӣ дар соҳаи хизматрасонӣ дар ширкатҳои сайёҳӣ ва агентиҳои сайёҳӣ, тартиби ташаккули натиҷаи молиявии фаъолияти ширкатҳои сайёҳӣ»[1];

«Маҷмуи маъалаҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва андозбандии корхонаҳои сайёҳӣ, инчунин масоили таҳияи ҳисоботи молиявӣ мутобиқи СБҲМ дар мисоли корхонаҳои сайёҳӣ»[2].

«Маълумотҳои асосии умуминазариявӣ оид ба назарияи баҳисобгирии

[1] Феоктистов И.А. Филина Ф.Н.. Учет в туризме: бухгалтерские аспекты и налогообложение. – М: ГроссМедиа, 2007. – 388 с.

[2] Агеева О.А. Бухгалтерский учет, налогообложение и МСФО в туризме – М.: Индекс Медиа, 2008. – 360 с.

муҳосибӣ ва таҳлили иқтисодӣ дар сайёҳӣ»[1].

«Масъалаҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва андоз дар корхонаҳои меҳмонхонаҳо, амалиётҳои хоҷагидории расмӣ, инчунин хусусиятҳои фарққунандаи он шарҳ дода шудаанд, ки муҳосибони меҳмонхонаҳо бо он вомехӯранд (дар ҳисобгирӣ инъикос ёфтани «чойпулӣ», даромад аз ҳисоби марказҳои солимгардонӣ ва ғайра)»[2].

«Принсипҳо ва мазмуни баҳисобгирии молиявӣ ва идоракунӣ, мафҳумҳои асосӣ ва мазмуни онҳо шарҳ дода шудаанд. Мазмуни унсурҳои баҳисобгирии муҳосибӣ, ташкил ва методологияи он дар корхонаҳои сайёҳӣ нишон дода шудааст»[3].

«Принсипҳои ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ ва андозии амалиётҳо дар фаъолияти сайёҳӣ, тартиби иҷозатномадиҳӣ ва сертификатсияи хизматрасонии сайёҳӣ, қоидаҳои бастан ва қатъи шартнома барои пешниҳоди он, хусусиятҳои ташаккули маҳсулоти сайёҳӣ, муносибати байниҳамдигарии ширкатҳои сайёҳӣ ва агентиҳои сайёҳӣ инъикоси худро ёфтааст»[4].

«Хусусиятҳои фаъолияти хизматрасонӣ дар иқтисодиёти бозорӣ, аз ҷумла баҳисобгирӣ ва ҳисобот дар корхонаҳои соҳаи хизматрасонӣ, таҳлили иқтисодии фаъолияти хизматрасонӣ»[5].

«Амалиётҳои хоҷагидории анъанавӣ, инчунин хусусиятҳои хоси онҳо, ки дар амалия муҳосибони меҳмонхонаҳо сарукор доранд (дар ҳисобгирӣ инъикоси «чойпулӣ», даромад аз кори маркази фитнес, бассейн ва ғайра) пурра шарҳ дода шудааст. Тартиби бастани шартномаҳое, ки меҳмонхонаҳо бо мақсади ба оқибати ногувори андозбандӣ афтодан мебананд, масъалаҳои

---

[1] Сапологина Л.А. Бухгалтерский учет и налогообложение в туристической фирме: учебное пособие для студ. вузов. – М.: КНОРУС, 2007. – 160 с.

[2] Булатова М.А., Седова И.В. Гостиничный бизнес: учет и налоги. – М.: Налог Инфо: Статус-Кво 97, 2008. – 184 с.

[3] Каурова О.В. Бухгалтерский учет предприятия туристской индустрии: учебник для студ. вузов. – М.:КНОРУС, 2009. – 240 с.

[4] Туристская деятельность: особенности бух. учета и налогообложения: практ. руководство / под общ. ред. Ю.Л. Фадеева. – 2-е изд., перераб. и доп. – М.: Эксмо, 2007. – 208 с.

[5] Балалова Е.И. Сервисная деятельность: учет, экономический анализ и контроль. учебное пособие для студ. вузов. – М.: Дело и Сервис, 2006. – 288 с.

инъикоси даромад аз иқомат, хароҷот барои ободонии муҳити атроф ва дигарҳо таҳлил карда шудаанд»[1].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқотҳои назаррас оид ба омӯзиши фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ, хусусан муаммои ташкил ва пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорати дохилӣ дар корхонаҳои сайёҳӣ, вобаста ба гузариши корхонаву ташкилотҳои ватанӣ ба талаботи СБҲМ бахшида шудаанд, кам ба назар мерасанд. Бинобар ин, масъалаи омӯзиши ташкил ва такмили баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорат дар корхонаҳои сайёҳӣ таҳқиқи чуқур, коркард ва ҷамъбасткуниро талаб менамояд.

Низомов С.Ф. бар он ақида аст, ки: «Мафҳуми назорат ҳамчун функсияи идоракунӣ аз тасаввурот дар бораи он ки барои менеҷер ҷиҳати амаликунии ҳама гуна таъсиррасонии идоракунӣ иттилоот зурур аст ва таъминкунандаи он бахусус назорат мебошад ва он инконият медиҳад ҳама гуна равандҳо ва ҳодисаҳо назора карда шаванд, бармеояд»[2].

Ба ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорат пеш аз ҳама намуди фаъолияти субъекти соҳаи сайёҳӣ вобаста ба пешниҳоди хизматрасониҳо ба сайёҳон таъсир мерасонад. Мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ» субъектҳои фаъоляти сайёҳӣ корхонаҳои сайёҳӣ ва агентиҳои сайёҳӣ ба шумор рафта, фаъолияти сайёҳиро амалӣ ва ё таъмин менамоянд.

Фаъолияти ширкатҳои сайёҳӣ ташкил, таъмин ва истеҳсоли маҳсулоти сайёҳӣ, инчунин фаъолияти миёнаравӣ, вобаста ба пешниҳоди хизматрасониҳои вобаста мебошад, ки мутобиқи талаботҳои муқарраршуда иҷозатнома барои фаъолияти танзими сайёҳиро доранд. Ба ғайр аз ташкили саёҳат (сайр), ширкати сайёҳӣ ба воситаи таблиғот (реклама), фурӯши роҳхат, амалӣ намудани худи саёҳат ва ташкили хизматрасонии сайёҳон ба хатсайрро таъмин менамояд.

Ширкатҳои сайёҳӣ аслан фурӯшандаи яклухт маҳсуб мешаванд, ки

[1] Куркина К.А. Гостиничный бизнес. Особенности бухгалтерского учета и налогообложения. – М.: Вершина, 2006. – 240 с.

[2] Низомов С.Ф. Управленческий учет и контроль в строительстве: теория, методология и практика. Монография. – Душанбе: изд-во «Сохибкор», 2013. – 272 с. – С. 26.

маҳсулоти худро ба миёнаравон – фурӯшандагон, яъне агентони сайёҳӣ мефурӯшанд. Ширкати сайёҳӣ дар як вақт метавонад роҳхатро бевосита, мустақилона ба истеъмолкунандагони маҳсулоти сайёҳӣ, яъне сайёҳон фурӯшад.

Шахсони воқеӣ ҳамчун соҳибкорон оид ба фурӯши маҳсулоти корхонаҳои сайёҳӣ ва агентони сайёҳӣ бо фаъолияти миёнаравӣ метавонанд машғул шаванд, ҳамзамон ҳамчун миёнарав бо фурӯши хизматрасониҳои монанд ва вобаста фаъолият намоянд.

Ширкати сайёҳӣ ба агенти сайёҳӣ, дар асоси шартномаи басташудаи байни онҳо – шартномаи агентӣ бо ҳавасмандкунии муайянро мефурӯшад. Агентии сайёҳӣ таблиғоти саёҳат, фурӯши он ва расонидани мизоҷонро ба мавзеи истироҳатӣ таъмин менамояд, назорати сифати хизматрасониро амалӣ менамояд, эроду хоҳишҳои мизоҷонро ба инобат мегирад.

Дар баробари ширкати сайёҳӣ ва агентии сайёҳӣ дигар субъектҳои соҳибкорӣ бо хизматрасонии сайёҳӣ машғул мебошанд:

– дигар субъектҳои соҳибкорӣ, ки метавонанд оид ба муваққатан ҷойгиркунӣ (зист), таъмини хӯрока, гузаронидани экскурсияҳо, фароғатӣ ва дигар хадамоти сайёҳиро пешниҳод кунанд;

– роҳбалад-тарҷумонҳо, экскурсоводҳо, дастурдиҳандаҳои варзишӣ, роҳнамоҳо ва дигар мутахассисони ҳамроҳикунандаи сайёҳон;

– шахсони воқеӣ, ки фаъолияташон вобаста ба роҳнамоии сайёҳӣ аст ва тибқи тартиботи муқарраршуда барои амалӣ намудани роҳбаладии сайёҳӣ ҳуқуқ доранд, дар баробари шахсоне, ки дар ташкилотҳо, корхонаҳо ва муассисаҳое, ки дар объекти сайёҳӣ кору фаъолият менамоянд, хизмат расонанд;

– шахсони воқеӣ, ки ба сифати субъекти фаъолияти соҳибкорӣ шомил нестанд ва метавонанд ба муваққатан ҷойгиркунӣ (зист), таъмини хӯрока ва дигар хизматрасониҳоро пешниҳод намоянд.

Ҳама субъектҳои дар боло овардашудаи соҳаи сайёҳӣ мутобиқи самти фаъолияти онҳо корхонаҳои сайёҳӣ маҳсуб меёбанд. Вобаста ба он ки объекти

фаъолияти сайёҳӣ баҳисобгирии фаъолияти молиявӣ-хоҷагидории корхона мебошад, таҳқиқи масъалаи мансубияти субъектҳои хоҷагидорӣ ба корхонаҳои сайёҳӣ ба мақсад мувофиқ аст.

Хусусиятҳои ташкили баҳисобгирии муҳосибии фаъолияти субъектҳои бозори хизматрасониҳои сайёҳӣ бевосита ба муайян кардани мафҳуми «маҳсулоти сайёҳӣ» алоқаманд аст.

Мувофиқи боби 1-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ»: «Маҳсулоти сайёҳӣ маҷмуи мол, кор ва хизматрасоние, ки барои қонеъгардонии дархост, талабот ва манфиатҳои сайёҳон омода ва бо арзиши муайян амалӣ гардонда мешаванд»[1].

Хизматрасонии сайёҳиро мушаххас муайян намуда, бояд қайд намуд, ки он фаъолияти мақсадноки вобаста ба таъмин намудани ҳама талаботи сайёҳ мебошад. Хизматрасонии сайёҳӣ ва молҳо ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: хос (асосӣ) ва алоқаманд (иловагӣ).

Дар ҷадвали 1.3.1 хусусиятҳои хоси корхонаҳои сайёҳӣ, ки ба ташаккул ва методикаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорат таъсир мерасонанд, ҳамчун далели аввали бақайдгирии амалиётҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорати корхонаҳои сайёҳӣ эътироф карда мешаванд, оварда шудаанд.

Мутобиқи ин таснифот, чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки корхонаҳои сайёҳӣ дар умум низоми фаъолияти байнисоҳавии субъектҳои иҷтимоӣ-иқтисодие мебошанд, ки бо маҷмуи амалиётҳои хоҷагидорӣ барои ташкил, таъмин, ташаккул ва истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ – маҳсулоти сайёҳӣ ба ҳам алоқамандаанд: коркарди хатсайрҳои сайёҳӣ, муайян намудани таркиби хизматрасониҳои сайёҳӣ, бастани шартномаҳо бо корхонаҳои пешкашкунанаи хадамоти ба сайёҳӣ алоқаманд, роҳбаладии сайёҳон дар вақти сайру саёҳат ва назорати хадамоти пешниҳодшударо ташкил менамоянд.

---

[1] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ», аз 7 августи соли 2020, № 1717. [Сарчашмаи электронӣ] / Низоми дастрасӣ: ://ctd.tj

**Ҷадвали 1.3.1. – Тавсифномаи хизматрасониҳо ва маҳсулоти сайёҳӣ – ҳамчун рӯйдоди аввали хусусиятҳои соҳавии баҳисобгирӣ ва назорат дар сайёҳӣ**

| № б/т | Хусусиятҳои хоси соҳаи сайёҳӣ | Таъсир ба ташкил ва методикаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорат |
|---|---|---|
| 1. | Предмети фаъолияти корхонаи сайёҳӣ | – субъектҳои хоҷагидоре, ки имтиёзҳо ва хизматрасониҳоро барои қонеъ намудани талаботи сайёҳони гуногун истеҳсол ва пешниҳод менамоянд:<br>– меҳмонхонаҳо;<br>– муассисаҳои нақлиётӣ;<br>– корхонаҳои миёнарави сайёҳӣ;<br>– корхонаҳои хизматрасонии варзишӣ-рекреатсионӣ;<br>– муассисаҳои санитарӣ-табобатӣ;<br>– субъектҳое, ки барои нашри иттилоот оид ба оммавигардонии сайёҳӣ, нақш ва аҳаммияти он дар шароити рақобат дар бозори сайёҳӣ фаъолият мекунанд. |
| 2. | Шаклҳои ташкилии фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ | – фаъолияти ширкати сайёҳӣ – фаъолият оид ба ташаккул, пешбурд ва фурӯши маҳсулоти сайёҳӣ, ки дар асоси иҷозатнома аз ҷониби шахсони воқеӣ ё ҳуқуқӣ амалӣ карда мешавад;<br>– фаъолияти агентии сайёҳӣ - фаъолият ба сифати миёнарав дар асоси шартнома тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади фурӯши маҳсулот (хизматрасониҳои) сайёҳӣ ва паҳнкунии хатсайрҳои сайёҳии ширкати сайёҳӣ фаъолият менамояд. |
| 3. | Мақсади асосии фаъолияти корхонаи сайёҳӣ | – ташкил ва идоракунии равандҳои хоҷагидорӣ (хизматрасонӣ);<br>– таъмини воситаҳо барои расондани хизматрасониҳои сайёҳӣ;<br>– ташаккул ва фурӯши маҳсулоти сайёҳӣ ва пешниҳоди хадамоти алоҳида, ки қонунгузории амалкунанда манъ накардааст. |
| 4. | Имконнопазирии баҳодиҳии фаврии хизматрасонӣ то лаҳзаи хариди он | – ҳиссаи зиёди хароҷоти ғайримустақим дар таркиби арзиши аслии маҳсулот, ки истифодабарии амалии низоми баҳисобгирии хароҷоти нопурраро душвор мегардонад. |
| 5. | Ҷолибияти баланд барои соҳибкорон | – сармояи ибтидоии начандон бузург;<br>– муҳлати тези хароҷотбарорӣ;<br>– талаботи доимӣ ба хизматрасонии сайёҳӣ;<br>– дараҷаи баланди даромаднокӣ аз хароҷоти сарфшуда. |

давоми ҷадвали 1.3.1.

| | | |
|---|---|---|
| 6. | Ҳамзамон (дар як вақт) тайёркунӣ ва истифодабарии хизматрасонӣ; истеҳсоли (пешниҳоди) хизматрасонӣ дар баробари ҳозир шудани мизоҷ оғоз мегардад | Ҳамгироии наздики истеҳсолот ва фурӯш гурӯҳбандии намудҳои алоҳидаи хароҷотро душвор мегардонад. Менеҷер оид ба сайёҳӣ аксаран дар як вақт ҳам маркази хароҷот барои фурӯш ва хароҷоти истеҳсолӣ мебошад |
| 7. | Имконнопазирии тайёркунии пешакии ҳаҷми муайяни хизматрасонӣ бо мақсади батанзимдарории фурӯши минбаъда | Мавҷуд набудани баҳисобгирии анборӣ оид ба хизматрасонӣ |
| 8. | Набудани ҳуқуқи моликияти мизоҷ ба хизматрасониҳо | Муносибат байни ширкатҳои сайёҳӣ ва истеҳсолкунандагони хадамот миёнаравӣ мебошад, ки ба методикаи баҳисобгирии онҳо таъсир мерасонад |
| 9. | Дар таркиби маҳсулоти сайёҳӣ мавҷуд будани ҷузъиёти моддӣ ва ғайримоддӣ бо алоқаи мутақобилаи байни онҳо | Баҳисобгирии хароҷот бештар бо истифодабарии усули фармоишии муайян кардани арзиши аслӣ нигаронида шудааст |
| 10. | Вобастагии талабот аз сатҳи даромади аҳолӣ ва арзиши маҳсулоти сайёҳӣ | Баҳисобгирии хароҷот аз рӯйи унсурҳо вобаста аз зарурияти қабули қарорҳои фаврӣ дар самти нархгузорӣ бояд ташкил карда шавад |
| 11. | Гуногунии таркиб ва таснифи хароҷот барои ташаккули маҳсулоти сайёҳӣ | – пешбурди баҳисобгирии хароҷот вобаста ба намуди маҳсулот (хизматҳо) дар доираи фаъолияти ширкат ва агентии сайёҳӣ ва ғайра;<br>- таснифоти хароҷот барои ташаккули маҳсулоти сайёҳии ба технологияи фаъолияти сайёҳӣ вобаста. |
| 12. | Гуногуншаклӣ ва мураккабии сохтори ташкилию молиявии корхонаҳои сайёҳӣ | – душвории раванди таҳияи методикаи ягонаи ташкил ва пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ барои корхонаҳои сайёҳӣ |
| 13. | Пойгоҳи васеи ҳуҷҷатҳои меъёрии махсус, ки тартиби ба роҳ мондани фаъолият дар сайёҳиро ба танзим медароранд | – низоми баҳисобгирии корхонаи сайёҳӣ бояд дар асоси талаботи низомномаву дастурамалҳои инъикоскунандаи хоси иқтисодиёти соҳаи хизматрасонӣ ба роҳ монда шавад. |
| 14. | Вобаста аз талаботи сайёҳон, тартиб ва шакли пешниҳоди ин хизматрасониҳо гуногунҷабҳагии хадамоти пешниҳодшаванда | – шаклҳои хоси гурӯҳбандии хароҷот, баҳисобгирӣ ва ҳисобкунии арзиши аслӣ;<br>– ба роҳ мондани баҳисобгирии таҳлилии хароҷот;<br>– намудҳои иловагии хароҷот (пардохти иловагии мавсимӣ, шароитҳои махсус, ҳавасмандгардонӣ ва ғайра). |
| 15. | Вобаста ба хизматрасонӣ ба сайёҳон – хизматрасонии гуногунҷабҳа ва фардӣ, инчунин муносибати мутақобила бо шарикон-таъминкунандагони хизматрасонӣ | – зарурати таҳия ва муқоисаи на кам аз ду хадамоти сайёҳӣ, ки маблағи умумии хароҷот барои маҳсулоти сайёҳиро муайян мекунад;<br>– вобаста ба ташкил ва таъмини маҳсулоти сайёҳӣ зарурияти ташкили баҳисобгирӣ ва назорати ҷузъӣ дар доираи ҳар як хизматрасонӣ,. |

| | | |
|---|---|---|
| 16. | Миқдори зиёди корхонаҳои вобаста ба ташаккули маҳсулоти сайёҳӣ, имконияти расондани хадамот бо қувваи худӣ ё бо ҷалби корхонаҳои беруна | – зарурияти ҷудо намудани иттилоот оид ба хароҷоти худӣ ва хароҷоти корхонаҳои беруна;<br>– дар ҳисобгирии муҳосибӣ инъикос намудани ҳисоббаробаркуниҳо бо шарикони тиҷоратӣ ва назорати онҳо, инчунин истифодабарии фишангҳои низоми захиравӣ. |
| 17. | Субъектҳои фаъолияти сайёҳӣ, фаъолияти миёнаравии онҳо вобаста фурӯши хизматрасониҳои дигари ба он вобаста | – ҷудо намудани намудҳои хоси хароҷот дар алоҳидагӣ:<br>а) маҷмуи амалиётҳои хоҷагидории вобаста ба ташкил ва таъмини истеҳсоли маҳсулоти сайёҳӣ (таҳияи хатсайри сайёҳӣ, муайян кардани таркиби хизматрасонии сайёҳӣ, бастани шартномаҳо бо корхонаҳое, ки хадамоти лозима, роҳбаладии сайёҳон дар вақти сайру саёҳат ва назорати хизматрасониҳоро пешниҳод менамоянд);<br>б) бунёд, ташкил ва таъмин намудани маҳсулоти сайёҳӣ. |
| 18. | Дур будани мавзеъҳои сайёҳӣ аз маркази идоракунии корхона | – ғайримарказонӣ ва душвориҳои ҳамоҳангсозии фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ дар минтақаҳои алоҳида;<br>– тақсимоти ҷавобгарӣ байни ташкилкнандагони хадамоти сайёҳӣ;<br>– баланд бардоштани нақши назорати дохилӣ сабаби ташаккули марказҳои молиявии ҷавобгарӣ ва ғайримарказонии баҳисобгирӣ мегардад. |
| 19. | Номувофиқатии ҷуғрофии ҷойҳои корӣ | |
| 20. | Хусусияти натиҷаҳои (расонидани хадамоти) маҳсулоти сайёҳӣ | – таъсири сифати пешниҳоди хизматрасонии хос ва ба он алоқаманд ва фардият ба методологияи баҳисобгирии хароҷот ва ҳисобкунии арзиши объектҳои сайёҳӣ |
| 21. | Гуногунҷабҳагии хизматрасониҳои пешниҳодшаванда вобаста аз мавсим ва мураккабии саёҳат | – шаклҳои хоси гурӯҳбандии хароҷот, баҳисобгирӣ ва ҳисобкунии арзиши аслӣ;<br>– намудҳои иловагии хароҷот (иловапулӣ барои вақти зимистона, кашонидани кормандон, подошпулӣ). |
| 22. | Низоми нархгузорӣ ва банақшагирии харҷномавии истифодашаванда | – муътадилии нарх дар мавриди динамикаи равандҳои бозорӣ зарурати ҳисобкунии иловагӣ (ҷубронпулӣ, иловапулӣ, подошпулӣ ва ғайра)-ро тақозо менамояд;<br>– баррасии мунтазами меъёрҳои хароҷот барои ҳар як намуди хизматрасонии пешниҳодшаванда;<br>– базаи иттилоотии муосир, ки барои низоми баҳисобгирии муҳосибӣ бояд ташкил карда шавад. |
| 23. | Шаклҳо ва низоми пардохти меҳнат | – такмил додани низоми пардохти меҳнат, бамеъёрдарории меҳнат, беҳтар намудани шароити корӣ, таҳияи низоми ҳавасмандгардонии моддӣ ва маънавӣ. |

давоми ҷадвали 1.3.1.

| | | |
|---|---|---|
| 24. | Корҳои мавсимӣ ва таъсири амиқи омилҳои табиӣ | – низоми табиии эҳтимолӣ ва зарурати қарорҳои идоракунии хос дар низоми баҳисобгирӣ ва назорат талаботи фаврӣ ва чандириро пешбинӣ менамояд. |
| 25. | Тағйирёбии сифати хизмат | –байни номгӯйи пешакии хизматрасонии фурӯхташаванда ва хизматрасонии ҳақиқатан расондашуда метавонад фарқият дар сатҳи сифат ба амал ояд. Ин хусусият талаб менамояд, ки корхонаи сайёҳии хизматрасон тартиби масъалаҳои вобаста ба даъвои мизоҷон оид ба сифати хизматрасонӣ ва бекор кардани фармоишҳоро ба танзим дарорад. |
| 26. | Зарурияти баҳисобгирии хусусиятҳои фардии истеъмолкунанда ва таъсири баҳодиҳии шахсони беруна ба он | Талаботи ҷорӣ намудани модели баҳисобгирии муҳосибии арзишӣ |
| 27. | Таъсири омилҳои фавкулода (вазъи обу ҳаво, вазъияти сиёсии мамлакат, ифротгароӣ ва монанди инҳо) | Зарурияти дар ҳисобгирӣ инъикос намудани амалиётҳои ҳисоббаробаркунӣ оид ба суғуртаи ҳатмӣ ва ихтиёрӣ (аз ҷумла бо шартҳои субагентӣ) |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Чунин бисёрҷабҳагии вазифаҳо дар таркиби корхонаҳои сайёҳӣ, ба ақидаи мо, онро ифода менамояд, ки хизматрасониҳо ба асосӣ, иловагӣ ва ёрирасон ҷудо карда шаванд, бинобар ин хароҷот ва натиҷаҳои молиявӣ бояд дар алоҳидагӣ инъикос карда шаванд ва вобаста ба намуди маҳсулоти (хизматрасонии) сайёҳии ба технологияи фаъолияти сайёҳӣ алоқаманд зарурияти истифодабарии усулҳои гуногуни хароҷот ва ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулот дар умум ва ба роҳ монда шавад.

Маълум аст, ки ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ дар корхона, муассиса ва ташкилотҳо – ин низоми усулҳо, шаклҳо ва амалҳое мебошанд, ки фаъолияти муттасил ва ташаккули онҳоро барои ҳисоботи молиявӣ таъмин менамояд.

«Принсипҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартиб додани ҳисоботи молиявии фаъолияти сайёҳӣ муттасил ҳисоб кардан ва ба ҳисоб гирифтан мебошад. Асоси тавсифи сифатии ҳисоботи молиявӣ возеҳ, бамаврид,

боэътимод ва муқоисашаванда будан аст»[1].

Бояд қайд намоем, ки пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ бо дарназардошти хусусиятҳои корхонаҳои сайёҳӣ бояд мутобиқи талаботи санадҳои меъёрии амалкунандаи баҳисобгирии муҳосибӣ ба танзим дароварда шавад. Аммо, дар амал, дастурамал барои соҳаи сайёҳӣ дар алоҳидагӣ таҳия нагардидааст. Корхонаҳои сайёҳӣ дар асоси «Қоидаҳои намунавии ҳисобкунии арзиши аслии мол (кор, хизматрасонӣ)», (Қарори Ҳукумаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, № 505, аз 28 октябри соли 2023), тартиби баҳисобгирии минбаъдаи арзиши аслии маҳсулот, аз ҷумла маҳсулоти сайёҳӣ ва дигар намудҳои хизматрасониро дар сайёҳӣ ба танзим медароранд.

Маҳсулоти сайёҳӣ – ин маҷмуи хизматрасониҳои гуногун мебошад, ки ба сайёҳон вобаста ба мақсади саёҳат пешниҳод карда мешавад. Инҳо хизматрасонӣ оид ба ҷойгиркунӣ, ҳамлу нақл, хӯрока, хизматрасониҳои нақлиётӣ ва экскурсионӣ, инчунин хадамоти тиббӣ, раводид, маданӣ-фароғатӣ мебошанд. Ба ғайр аз ин, ширкати сайёҳӣ бо хоҳиши сайёҳон метавонад онҳоро аз ҳолатҳои нохуш ва беморӣ суғурта намояд ё хизматрасонии роҳбалад-тарҷумонро дохил намояд.

Аз ин ҷо хароҷоти корхонаи сайёҳӣ ташаккул меёбад, ки онро ба ду намуд ҷудо намудан мумкин аст: истеҳсолӣ, ки ба истеҳсоли маҳсулоти сайёҳӣ алоқаманд аст ва тиҷоратӣ, ки муҳосиб хароҷоти пешниҳод ва фурӯши маҳсулоти сайёҳиро, масалан хароҷот барои тарғибро ба ҳисоб мегирад.

Гуфтаҳои дар боло овардашуда, ки хусусияти фаъолияти сайёҳиро муайян менамояд, инчунин бо назардошти принсипҳои баҳисобгирии муҳосибӣ, мо тасдиқ намуда метавонем, ки онҳоро пурра дар корхонаҳои сайёҳӣ истифода бурдан мумкин аст.

Ба андешаи мо, яке аз хусусиятҳои хоси ташкили баҳисобгирии муҳосибии корхонаҳои сайёҳӣ механизми дурусти ба роҳ мондани гардиши ҳуҷҷатҳо мебошад, ки ташкил ва доираи он ба сохтори таркибии ташкили

[1] Қонуни ҶТ «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ», Боби 7, № 702 аз 25 марти с. 2011.

баҳисобгирии муҳосибӣ дар корхонаҳои сайёҳӣ таъсир мерасонад. Ҳаҷми гардиши ҳуҷҷатҳо, дар навбати аввал аз шакли фаъолияти ширкати сайёҳӣ вобастагӣ дорад.

Барасмиятдарории ҳуҷҷатҳои сайёҳӣ ва суғуртаи сайёҳонро бо маслиҳат метавонанд ҳам ширкати сайёҳӣ ва ҳам агентии сайёҳӣ амалӣ намоянд. Ҳавасмандгардонии агентиро ширкати сайёҳӣ ҳамчун фоизи комиссионӣ ба арзиши маҷмуи хизматрасониҳо ё баробари фоизи тахфиф аз фурӯши нархи саёҳат (сайр) ҳамроҳ мекунад. Дар баъзе ҳолатҳо агентии сайёҳӣ метавонад ҳисобикуниҳои худиро барои нархи саёҳати аз ширкати сайёҳӣ гирифташуда амалӣ намояд. Як корхонаи сайёҳӣ метавонад дар бозори сайёҳӣ ҳам ширкати сайёҳӣ ва ҳам агенти сайёҳӣ бошад. Ширкатҳои сайёҳии бузурги бозори умумӣ дар доираи ширкатҳои сайёҳӣ фаъолияткунанда, ки ба доираи васеи истеъмолкунандагон маҳсулоти (хизматрасонии) сайёҳии худро пешниҳод менамоянд, инчунин, ширкатҳои махсус, ки дар доираҳои муайяни бозори сайёҳӣ фаъолият намуда, намудҳои алоҳидаи сайру саёҳатро пешниҳод менамоянд ё барои истифодабарандагони алоҳида махсус гардонда шудаанд (компанияҳои круйизӣ, ширкатҳое, ки барои хизматрасониҳои VIP-ҳо махсус гардонда шудаанд, гурӯҳҳои бачагон ва ғайра). Вобаста ба самти фаъолият корхонаҳои сайёҳӣ ба: ширкатҳое, ки сайёҳонро мефиристонанд (ташаббусӣ), ва ширкатҳое, ки сайёҳонро қабул мекунанд ва хизмат мерасонанд, инчунин омехтаро ҷудо намудан мумкин аст.

Ширкати сайёҳӣ бештар ҳамчун миёнарави байни истеъмолкунандагони хадамот – сайёҳ ва истеҳсолкунандаи бевосита – корхонаҳои хизматрасон фаъолият мекунад.

Ҳуҷҷати асосие, ки дар асоси он муносибати байниҳамдигарии субъектҳои фаъолияти сайёҳӣ бо мизоҷон ба роҳ монда мешавад, шартнома, роҳхат ба саёҳат (сайр) ва хизматрасониҳои сайёҳӣ мебошад.

Муносибатҳои шартномавии сайёҳ ва ширкати сайёҳӣ ҳамчун муносибати харидор (фармоишгар) ва фурӯшанда (иҷроишгар) ба роҳ монда мешавад. Дар ин ҳолат, оид ба хусусияти хоси «маҳсулот» ёдовар бояд шуд, ки

дар ширкати сайёҳӣ харидорӣ мешавад. Ширкат бошад, чун қоида, на худи хизматрасонӣ, балки ҳуқуқи (кафолати) гирифтани онро дар вақти муайян, дар ҷойи муайян, ки дигар ширкатҳо пешниҳод кардаанд, истифода менамояд. Ба даст овардани маҷмуи ин ҳуқуқҳо (кафолатҳо) бо роҳхати сайёҳӣ ба расмият даровварда мешавад, ки предмети фурӯши ширкати сайёҳӣ мебошад. Ҳаҷми фурӯши ширкати сайёҳӣ дар ҳамон давраи баҳисобгирӣ ба амал меояд, ки фурӯши роҳхат амалӣ мешавад, на дар вақте, ки саёҳат ҳақиқатан гузаштааст.

Аз тарафи сайёҳ гирифтани худи хадамоти сайёҳӣ – ин аллакай истеъмоли «маҳсулоти» гирифташуда мебошад.

Сайёҳ ҳамчун истеъмолкунандаи ҳама дигар намуди маҳсулот (хадамот), ҳуқуқ дорад ба ширкати сайёҳӣ, ки маҳсулотро фурӯхтааст, дар ҳолати нагирифтан ва пурра нагирифтани ҳаҷми хизматрасонӣ даъво пешниҳод намояд. Дар ин ҳолат фурӯшанда (иҷроишгар) ягон асос надорад, ки маҳсулоти худро, фақат барои он ки мумкин аст даъво пешниҳод карда шавад, фурӯхтанашуда ҳисобад.

Роҳхати расмӣ ҳуҷҷати асосии сайёҳӣ мебошад, ки тибқи шартномаи басташуда амалишавии саёҳатро тасдиқ менамояд, ки бо имзои шахси мутасаддӣ ва муҳри корхонаи сайёҳӣ тасдиқ карда мешавад. Ба сайёҳии гурӯҳӣ роҳхати умумӣ ба роҳбари гурӯҳи сайёҳон дода мешавад.

Ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ дар корхонаҳои сайёҳӣ ва агентиҳои сайёҳӣ аз хусусиятҳои барасмиятдарории ҳуҷҷатии амалиётҳо, ҳисоббаробаркуниҳои байни онҳо, истифодабарии шаклҳои гуногуни баҳисобгирӣ, аз ҷумла шакли содакардашудаи баҳисобгирӣ (барои ширкатҳои сайёҳӣ ва агентиҳои сайёҳие, ки базаи моддии худро надоранд) вобастагӣ дорад. Онҳо метавонанд нақшаи содакардашудаи баҳисобгирӣ ва сабткунакҳои барои корхонаҳои хурд пешбинишударо истифода баранд.

Сайёҳӣ бо хусусиятҳои хоси худ дар иқтисодиёт фарқ мекунад, ки дар байни онҳо асосиашон инҳоянд:

1) аҳаммияти баланди иҷтимоӣ дорад, ки аз тарафи давлат назорат ва ба танзим даровварда мешавад;

2) маҳсулоти сайёҳӣ дар як вақт истеҳсол ва истеъмол карда мешавад, яъне захираҳои маҳсулоти сайёҳӣ ҷой надорад;

3) хусусиятщои хоси таркиби воситаҳои асосӣ ва хароҷот;

4) махсусияти муносибаҳои шартномавӣ-байниҳамдигарии истеъмолкунандагони маҳсулоти сайёҳӣ.

Дар мавриди ташкили баҳисобгирии муҳосибии фаъолияти сайёҳӣ бояд ба ҳисоб гирифта шавад:

- намуди фаъолияти субъекти хоҷагидорӣ: ширкат-ширкати сайёҳӣ ё ширкат-агентии сайёҳӣ;

- нишондиҳандаҳои самаранокии фаъолияти субъектҳои сайёҳӣ дар асоси миқдори сайёҳоне, ки ба онҳо хадамоти сайёҳӣ расонда шудааст, муайян карда мешавад;

- ҷараёни истеҳсоли хизматрасонӣ бо лаҳзаи истеъмоли он дар як вақт сурат мегирад;

- тағйирёбии сифати маҳсулоти сайёҳӣ ташкили амиқи баҳисобгирии ҳисоббаробаркуниҳо оид ба даъвои истеъмолкунандагон ба сифати хизматрасониро талаб мекунад.

Ҳамин тавр, баҳисобгирии муҳосибӣ, ҳамчун воситаи ташкили фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ, ҳама вақт истифода бурда мешавад ва ҳамзамон идеологияи он такмили минбаъдаро талаб менамояд.

# БОБИ 2. МАСЪАЛАҲОИ МЕТОДОЛОГИИ БАҲИСОБГИРИИ МУҲОСИБӢ ВА НАЗОРАТ ДАР КОРХОНАҲОИ САЙЁҲӢ

## 2.1. Муаммоҳои методологии баҳисобгирӣ ва назорат дар корхонаҳои сайёҳӣ

Рушди бонизоми соҳаи сайёҳӣ дар замони муосир талаб менамояд, ки фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ ба низом дароварда шавад. Вобаста ба ин, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамасола шумораи ширкатҳои сайёҳӣ бештар мегарданд. Муҳосибоне, ки дар ин соҳа кору фаъолият мекунанд, хуб медонанд, ки баҳисобгирӣ дар ширкатҳои сайёҳӣ кори осон набуда, аз онҳо донишу малака, таҷриба ва касбияти баландро талаб менамояд.

Муайян намудани самтҳои асосии баланд бардоштани сифати хизматрасониҳо ба сайёҳон ва паст кардани арзиши маҳсулоти сайёҳӣ бе самаранок идоракунии фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ ғайриимкон аст, ки таъминоти иттилоотии заруриро талаб менамояд.

«Номукаммал будани баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорати фаъолияти сайёҳӣ ба ташаккули иттилооти эътимоднок барои идоракунии он ва дар натиҷа ба рушди соҳа дар умум халал мерасонад.

Ҳамин тавр, ба масъалаҳои такмил додани назария, ташкил ва методикаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорати фаъолияти сайёҳӣ диққати махсус додан лозим аст.

Масъалаҳои асосие, ки такмилро талаб мекунанд, метавонем ба чунин гурӯҳҳо ҷудо намоем, аз ҷумла:

– масъалаҳои ҳалнашудаи самти назариявӣ;

– масъалаҳои ҳалнашудаи баҳисобгирии муҳосибии фаъолияти сайёҳӣ;

– масъалаҳои ҳалнашудаи назорати фаъолияти сайёҳӣ»[1].

Барои дида баромадани муаммоҳои методологии баҳисобгирии муҳосибӣ

[1] Рахимов С.Х. Совершенствование учета и контроля для измерения туристских услуг // Вестник Таджикского государственного университета коммерции. – 2022. – № 2 (41). – С. 126-132. – С. 126.

ва назорат дар соҳаи сайёҳӣ, аниқ кардани мафҳуми «методология»-ро аз маҳзани энсиклиопедӣ ҷустуҷӯ намудем. Дар «Луғатномаи бузурги энсиклиопедии рус» муайян карда шудааст, ки: «Методология (аз калимаи юнонии μεθοδολογία гирифта шуда, маъноаш таълимот оид ба метод буда – низоми принсипҳо ва усулҳои ташкили раванди фаъолияти назариявӣ ва амалии одамонро ифода менамояд, дар як вақт методология дониш дар бораи ин низом мебошад»[1], предмети он асосноккунии методҳо, таҳқиқотҳо оид ба самаранокии он ва шарти истифодабарӣ дар илмҳои гуногуни соҳавӣ мебошад. Методологияи баҳисобгирии муҳосибӣ ва назоратро ҳамчун таълимот оид ба таркиб, шаклҳо, методҳо ва воситаҳои он муайян намудан мумкин аст. Мазмуни методологии он ҳамчун маҷмуи принсипҳои ба он алоқаманд, воситаҳо ва усулҳо муайян карда мешавад, ки ба воситаи он тартиби истифодабарӣ ва самаранокии он дар амалия татбиқ карда мешавад.

Омӯзиши асарҳои илмии олимони ин соҳа нишон медиҳад, ки онҳо дар пажӯҳишҳои худ, ба хусусиятҳои умумӣ ва методологияи махсус такя менамоянд. Методологияи умумӣ оид ба қонунҳои умумии сайёҳӣ, таассуроти дуруст ва аниқ вобаста ба махсусиятҳо ва қисматҳои таркибии онро таъмин менамояд.

Ба ақидаи мо, барои ба роҳ мондани баҳисобгирии муҳосибӣ дар корхонаҳои сайёҳӣ бояд маҷмуи тарзу усулҳое истифода шаванд, ки дар сиёсати баҳисобгирӣ муттаҳид карда шудаанд. Дар соҳаҳои гуногун баҳисобгирии муҳосибӣ хусусиятҳои хоси худро дорост, бинобар ин сиёсати баҳисобгирии корхонаҳои сайёҳӣ хусусиятҳои хоси ба ин соҳаи иқтисодиёт алоқамандро инъикос менамояд. Пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорати дохилӣ аз масъалаҳои зерин вобастагӣ дорад:

- рушди бозори хизматрасонии сайёҳӣ;
- субъектҳои фаъолияти сайёҳӣ;
- намудҳои хизматрасонӣ дар соҳаи сайёҳӣ;

[1] Большой российский энциклопедический словарь. – М.: Большая Российская энциклопедия, 2003. – 1888 с.

- шакли ташкилии корхонаи сайёҳӣ;
- заминаи ҳуқуқии соҳаи сайёҳӣ ва пешбурди баҳисобгирӣ.

Дар ҷараёни ташаккули низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорат бояд як қатор муаммоҳои методологиро ҳал намуд, ки вобаста ба хусусиятҳои соҳаи сайёҳӣ ба амал меоянд. Муаммоҳои методологие, ки дар давраи муосир бояд ҳалли худро ёбанд, мо дар ҷадвали 2.1.1 мураттаб намудем.

Чи тавре ҷадвали 2.1.1 нишон медиҳад, муаммоҳои методологии баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорат дар корхонаҳои соҳаи сайёҳӣ, аз рӯйи ду гурӯҳи муаммоҳои ташкилӣ ва хос таҳқиқ карда шуда, роҳҳои ҳалли онҳоро пешниҳод карда шуданд.

**Ҷадвали 2.1.1. – Мураттабсозии муаммоҳои методологии баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорат дар сайёҳӣ**

| Гурӯҳи муаммоҳо | Номгӯйи муаммоҳо |
|---|---|
| Муаммоҳои ташкилӣ | 1. Иҷозатномагирии фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи сайёҳӣ<br>2. Рушди инфрасохтори сайёҳӣ<br>3. Муайян намудани сохтори ташкилии корхона<br>4. Тартиби гирифтани раводид<br>5. Вазифаҳои институтсионалии сайёҳӣ<br>6. Суғуртакунонӣ |
| Муаммоҳои хос | |
| 1. Баҳисобгирӣ | 1. Низомнома оид ба баҳисобгирии муҳосибӣ<br>2. Ҷанбаҳои сиёсати баҳисобгирӣ<br>3. Усулҳои баҳисобгирӣ ва низоми ҳисобкунии арзиши аслӣ<br>4. Тартиби эътирофи даромадҳо ва хароҷот<br>5. Нақшаи махсуси ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ дар соҳаи хизматрасониҳои сайёҳӣ<br>6. Тақсимоти хароҷоти иловагӣ<br>7. Муайян намудани натиҷаи молиявӣ<br>8. Низоми ҳисоботи берунӣ ва дохилӣ<br>9. Гардиши ҳуҷҷатҳо<br>10. Таъминоти таҳлилии қабули қарорҳои ҷорӣ, тактикӣ ва стратегӣ |
| 2. Назоратӣ | 1. Низомнома дар бораи назорати дохилӣ<br>2. Ташаккули муҳити назоратӣ<br>3. Буҷетикунонии даромадҳо ва хароҷот<br>4. Назорати буҷетҳо<br>5. Таҳлили майлкуниҳо (тағйирёбиҳо) |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Чигунае аз ҷадвали 2.1.1 бармеояд, муаммоҳои мавҷудаи методологӣ ва назорат дар корхонаҳои сайёҳӣ омӯзиш ва таҳқиқоти минбаъдаро талаб менамояд, зеро барои рушди минбаъдаи фаъолияти корхонаҳои соҳаи сайёҳӣ

ҳалли ин муаммоҳо ва бартараф намудани камбудиву норасиҳо ба манфиати корхонаҳо хоҳад буд.

Ҳалли муаммоҳои ташкилӣ барои беҳтар намудани фаъолияти субъектҳои хоҷагидор дар соҳаи сайёҳӣ, аз ҷумла корхонаҳои сайёҳӣ хеле муҳим арзёбӣ арзёбӣ мегардад.

Аввалан, бояд қайд намоем, ки дар рушди минбаъдаи соҳаи сайёҳӣ, пеш аз ҳама таҳия ва қабули қонунҳо, стратегияҳо, барномаҳои давлатӣ нақши калидиро мебозад. Хушбахтона, дар мамлакати мо, вобаста ба самти афзалиятнок эълон гардидани соҳаи сайёҳӣ, стратагияҳо, барномаҳои давлатӣ, қонун ва дигар санадҳои таъсирбахшанда қабул карда шудаанд, ки ба рушди соҳаи сайёҳӣ ва ташкил намудани корхонаҳои сайёҳӣ, беҳтар намудани инфрасохтори сайёҳӣ мусоидат менамоянд.

Вобаста ба иҷозатномадиҳии фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ, шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ метавонанд дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон барои амалӣ намудани фаъолияти сайёҳӣ иҷозатнома гиранд. Инчунин, ба фаъолияти намояндагиҳои ширкатҳои бонуфузи байналмилалии сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳдудиятҳо вуҷуд надоранд.

Солҳои охир, вобаста ба қабул гардидани як қатор санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, эълон гпрдидани солҳои рушди сайёҳӣ, деҳот ва ҳунарҳои мардумӣ, дар маҳалҳо ва дестинатсияҳи сайёҳӣ шароити беҳтар ва инфрасохтори объектҳои сайёҳӣ ба талаботҳои ҷаҳони муосир мутобиқ карда шуда истодаанд. Аммо, баъзе камбудиҳои вобаста ба норасоии мутахассисони баландихтисос, бо донистани забонҳои хориҷӣ, инчунин мутобиқ намудани хизматрасониҳои сатҳи байналмилалӣ ба сайёҳон то ҳол ҳалли худро наёфтаанд. Бинобар ин, яке аз вазифаҳои муҳимми сиёсати таълимии Вазорати мориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ба самти сифатан нави тайёр кардани мутахассисони ин соҳа равона карда шавад. Масъалаи тайёркунӣ ва бозомӯзии мутахассисон дар соҳаи сайёҳӣ дар шароити муосири иқтисоди бозорӣ ва васеъ гардидани ҳамкориҳои байналмилалӣ хеле муҳим буда, рақобатпазирии соҳаи сайёҳӣ, давлат аз захираҳои инсонии баландихтисос

вобастагӣ дорад.

Дигар масъалае, ки ба фаъолияти самараноки корхонаҳои сайёҳӣ таъсир мерасонад, ин сохтори ташкилии он мебошад, ки дар муҳити дохилии корхона мавқеи муҳимро ишғол менамояд. Сохтори ташкилии корхонаи сайёҳӣ ин маҷмуи унсурҳои ба ҳам алоқаманде мебошанд, ки фаъолият ва рушди минбаъдаи онро таъмин менамоянд. Ҷузъиёти ин сохторро воҳидҳои таркибӣ, кормандон ва муносибату алоқамандии онҳо дар умум ташкил медиҳад, ки ҳамоҳангии ҳамаи вазифаҳои идоракунии корхонаро амалӣ менамоянд. Дар асоси дастурамалҳои вазифавӣ, ҳамаи шахсони масъул, мутобиқи ваколатҳои худ фаъолияти худро ба роҳ мемонанд. Сохтори муосири ташкилии корхонаи сайёҳӣ бояд ба мақсад, ҳадафҳо ва вазифаҳои гузошташудаи корхона мувофиқат намояд.

Барои ҷалби бештари сайёҳони хориҷӣ аз тарафи мақомоти давлатҳои сайёҳиашон рушдёфта имтиёзҳои андозӣ, гумрукӣ ва раводидӣ пешниҳод карда мешавад. Аз ҷумла, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҷалби бештари сайёҳон ва додани сабукиҳо аз 1 январи соли 2022 Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон «барои шаҳрвандони 52 кишвари ҷаҳон (бо ҳамаи намуди шиносномаҳо) низоми яктарафаи бераводидро (бо иқомат то 30 рӯз) ҷорӣ намуд. Тибқи арзёбиҳои байналмилалӣ, низоми раводиди электронии Тоҷикистон ба панҷгонаи низомҳои беҳтарини пешниҳоди раводид ворид гардида, зинаи чорумро сазовор гашт. Дар Тоҷикистон саҳми мақомоти қудратӣ дар таъмини амнияти сайёҳони дохилию хориҷӣ назаррас буда, таъмини истироҳату саёҳати бехатари сайёҳон ҳамеша зери таваҷҷуҳи хос қарор дорад»[1].

Суғуртакунонӣ яке аз ҷузъиёти асосии таркибии сайёҳӣ мебошад. Мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба фаъолияти суғуртавӣ» ш. Душанбе, 23 июли соли 2016, № 1349 сайёҳоне, ки ба қаламрави Тоҷикистон ворид мешаванд, бояд суғуртаи ҳатмӣ дошта бошанд. Дар ҳолати надоштани

---

[1] Сомонаи расмии Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Сарчашмаи электронӣ] / Низоми дастрасӣ: https://www.mfa.tj/tg/main/tojikiston/saijohi

суғурта онҳо дар асоси шартнома дар ширкатҳои ватанӣ суғурта карда мешаванд.

Вобаста ба муаммоҳои хос, аз ҷумла масъалаҳои муҳимми тартиб ва пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ дар замони муосири рушди соҳаи сайёҳӣ бояд диққати махсус дода шавад.

Таҳияи Низомнома, дастурамал ё дастури методӣ оид ба пешбурди баҳисобгирии муҳосибии корхонаҳои сайёҳӣ дар шароити имрӯза хеле муҳим мебошад. Зеро, вобаста ба хусусиятҳои хос, раванди истеҳсолот, ҷараёнҳои технологии истеҳсоли маҳсулоти сайёҳӣ ва пешниҳоди хизматрасониҳои сайёҳӣ, ҳисоб кардани арзиши аслӣ, баҳисобгирии хароҷот, даромадҳо ва муайян намудани натиҷаҳои молиявии корхонаҳои сайёҳӣ талаб менамояд, ки чунин санади меъёрии соҳавӣ коркард карда шуда, барои пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ пешниҳод карда шавад.

Сиёсати баҳисобгирӣ дар корхонаҳои сайёҳӣ, чун дар дигар корхонаҳо барои пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ нақши муҳимро мебозад. Мутобиқи он иттилооти зарурӣ оид ба нишондиҳандаҳои фаъолияти истеҳсолӣ, молиявӣ ва иқтисодии корхона ташаккул ёфта, баъд аз коркард, баҳодиҳӣ ва таҳлили ин нишондиҳандаҳо қарорҳои самарабахши идоракунӣ қабул карда мешавад, ки ҳолати молиявии корхонаи сайёҳиро дар мувозинат нигоҳ медорад.

Дар низоми амалкунандаи баҳисобгирии муҳосибӣ, мутобиқи СБҲМ усулҳои гуногуни баҳисобгирӣ, гурӯҳбандӣ ва таснофоти хароҷот пешбинӣ шудааст. Вобаста ба хусусиятҳои хоси фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ, коркард, таҳия ва пешниҳоди усулҳои мутобиқи арзишмуайянкунӣ ба манфиати корхонаҳои сайёҳӣ мебошад. Гуногунҷабҳагии фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ имкон медиҳад, ки дар асоси таснифоти мавҷудаи хароҷот ва тартиби эътирофи даромадҳо ва хароҷот мутобиқи СБҲМ тартиби мутобиқи эътирофи даромадҳо ва хароҷот коркард карда шавад.

Барои баҳисобгирии муҳосибии фаъолияти корхонаҳо Нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибии фаъолияти молиявӣ – хоҷагии субъектҳои хоҷагидорӣ ва Нишондоди методӣ оид ба татбиқи нақшаи ҳисобҳои

баҳисобгирии муҳосибии фаъолияти молиявӣ – хоҷагии субъектҳои хоҷагидорӣ амал мекунад. Аммо, вобаста ба хусусиятҳои хоси фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ, дар заинаи ин ҳуҷҷат кушодани ҳисобҳои иловагӣ барои баҳисобгирии амалиётҳои гуногуни корхонаҳои сайёҳӣ ба манфиати корхонаҳои сайёҳӣ мебошад.

Инчунин, вобаста ба гуногунии намудҳои хизматрасонии сайёҳӣ, усулҳои муосири тақсимоти хароҷоти барилова барои корхонаҳо ва агентиҳои сайёҳӣ зарур шуморида мешавад, ки барои муайян намудани натиҷаи молиявӣ, арзишмуайянкунӣ ва баҳисобгирии андоз зарур аст.

Корхонаҳои сайёҳӣ ҳамчун субъектҳои хоҷагидор, шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ, мутобиқи муқаррароти қонунгузории мавҷуда шаклҳои ҳисоботи молиявӣ, андозӣ ва омориро тартиб дода, дар мухлатҳои муқарраршуда ба идораҳои лахлдор пешниҳод манамоянд. Шаклҳои ҳисоботи дохилӣ, инчунин ҳисоботи идоракуниро ҳар як корхона, вобаста ба талаботи муассисон, моликон, роҳбарият мустақилона таҳия менамоянд ва дар шакли хаттӣ, электронӣ, шифоҳӣ пешниҳод менамоянд. Ин шаклҳои ҳисобот на танҳо фаъолияти корхонаро дар умум, инчунин зерсохторҳои таркибиро низ дар бар мегиранд ва барои қабули қарорҳои фаврии идоракунӣ истифода мебаранд.

Ташкили дурусти гардиши ҳуҷҷатҳо дар корхона барои фаъолияти бонизоми он мусоидат менамояд. Гардиши ҳуҷҷатҳо ин раванди тартиб додан, коркард, натиҷагирӣ ва нигаҳдориро дар бар мегирад. Дар корхонаҳои сайёҳӣ низ, барои самаранокии пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартиб додани ҳисоботи молиявӣ реҷаи гардиши ҳуҷҷатҳо тартиб дода мешавад, ки имконият медиҳад хизматрасониҳои саривақтӣ, босифат пешниҳод карда шуда, ба фаъолияти самараноки корхона мусоидат намояд.

Селаи иттилооти алоқаи байни истеҳсолкунандагони маҳсулоти сайёҳӣ на танҳо дар шакли нишондиҳандаҳо, балки дар шакли хизматрасониҳо ва пардохтҳо ифода меёбад. Коркард, баҳодиҳӣ ва пешниҳоди ин иттилоот ҳамчун таъминоти таҳлилии қабули қарорҳои ҷорӣ, тактикӣ ва стратегӣ барои корхонаҳои сайёҳӣ мебошад. Ҳар як қарори қабулшуда барои ҳолати муайян,

мақсад ва вазифаҳои муайян қабул карда мешавад ва натиҷаи асосии фаъолияти роҳбар ё менеҷери корхона мешавад. Қарорҳои стратегӣ аз тарафи роҳбарияти корхона барои васеъ намудани фаъолият, роҳ ёфтан ба бозори дохилӣ ва берунӣ, коркарди намудҳои нави маҳсулоти сайёҳӣ, хатсайрҳои нав ва ғайра бо дарназардошти омилҳои гуногун бодиққат қабул карда мешавад, ки ба фаъолияти минбаъдаи корхона таъсири манфӣ нарасонад.

Ҳалли муаммоҳои назоратӣ ҳамчун муаммоҳои хос барои корхонаҳои сайёҳӣ муҳим арзёбӣ мегардад. Низомномаи назорати дохилӣ қоидаҳои умумӣ, мақсад, вазифаҳо ва присипҳои амалӣ намудани назорати дохилиро пешбинӣ менамояд. Назорати дохилӣ аслан барои риоя намудани муқаррароти қонунгузориҳои амалкунанда, талаботҳои оиннома ва сиёсати баҳисобгирии корхона истифода бурда мешавад. Мақсади назорати дохилӣ шаффофияти иттилооти объекти баҳисобгирӣ барои идоракунии корхона мебошад. барои корхонаҳои сайёҳӣ бошад, мақсади назорати дохилӣ таъминоти саривақтӣ ба роҳбарияти корхона оид ба иттилооти саривақтӣ, эътимоднок ва шаффоф мебошад.

Барои корхонаҳои сайёҳӣ ташкили фазои назоратӣ муҳим буда, ба ҷараёни назоратӣ миқдори сайрҳои ташкил ва фурӯхташуда, сифати хизматрасонӣ, дараҷаи қаноатмандии сайёҳон аз хизматрасониҳои пешниҳодшуда дохил мешаванд. Муҳити назоратӣ муносибати умумии роҳбарииятро вобаста ба вазифаҳои гузошташуда муайян менамояд. Ба омилҳое, ки фазои назоратиро муайян менамоянд, сохтори таркибӣ, тарзи корбарии ҳайати роҳбарикунанда, тақсимоти ваколатҳо ва доираи ҷавобгарии кормандон дохил мешаванд:

Буҷетикунонӣ дар корхонаҳои сайёҳӣ барои баҳодиҳии даромадҳо ва хароҷот дар давраи буҷетиро ифода менамояд. Буҷетикунонӣ ифодаи арзишии пешгӯиҳо оид ба ҳаҷми маҳсулоти сайёҳии фурӯхташуда, арзиши хизматрасониҳои сайёҳӣ, арзиши аслии хароҷоти тиҷоратӣ ва идоракунӣ мебошад. Яке аз усулҳои буҷетикунонӣ ин таҳлили нишондиҳандаҳои пешгӯишавандаи нақша дар асоси нишондиҳандаҳои назоратӣ, ба монанди

қурби асъор ва сатҳи таваррум, назорати майлкуниҳо дар давраи буҷетӣ дар ҷараёни амалишавии фаъолияти хоҷагидорӣ мебошад.

Ҳалли муаммоҳои дарболоовардашуда тақозо менамояд, ки таҳқиқотро маҳз ба ташаккули маҳсулоти сайёҳӣ ҳамчун объекти асосии фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ ба роҳ монем.

Мувофиқи қонунгузории ҷорӣ ташаккули маҳсулоти сайёҳӣ ба зиммаи танҳо ширкатҳои сайёҳӣ вогузор шудааст, агентиҳои сайёҳӣ бошанд ҳуқуқ доранд маҳсулоти сайёҳии пешакӣ ташаккулёфтаро ба фурӯш бароранд.

Ҳамин тавр, ба андешаи мо, гуногунии амалиётҳои хоҷагидории субъектҳои фаъолияти сайёҳӣ онро ифода менамояд, ки онҳо ҳатман дар алоҳидагӣ таҳқиқ ва дар низоми баҳисобгирии муҳосибӣ, ҳисоботи молиявии корхонаҳои сайёҳӣ гурӯҳбандӣ ва инъикос карда шаванд.

Мақсади фаъолияти сайёҳӣ пешниҳоди хизматрасониҳои сайёҳӣ, яъне фурӯши он ба сайёҳон мебошад, ки тибқи нархи муқаррарнамудаи ширкати сайёҳӣ амалӣ карда мешавад.

Дар натиҷаи таҳқиқот муайян карда шуд, ки дар ҳисобгирии муҳосибӣ аниқ ҷудо кардани хизматрасониҳои худии сайёҳии ширкати сайёҳӣ, хизматрасонии дигар субъектҳо ва маҳсулоти сайёҳӣ ҳамчун маҷмӯи якчанд хизматрасониҳо дар алоҳидагӣ зарур аст. Чунин тафриқаандозӣ хизматрасониҳои сайёҳиро ҳамчун объекти баҳисобгирии хароҷот ва ҳисобкунии арзишӣ пешбинӣ намуда, вазифаҳои асосии фурӯши онро дар назди субъектҳои ба роҳ мондани баҳисобгирии муҳосибии корхонаҳои сайёҳӣ таъмин менамояд.

Банди асосии фаъолияти сайёҳӣ корхона маҳсуб меёбад. Ба корхонаҳои сайёҳӣ ширкатҳои сайёҳӣ, осоишгоҳҳо, маҷмуаҳои сайёҳӣ, муассисаҳо оид ба ташкили сайёҳии байналмилалӣ, фароғатгоҳҳо, хонаҳои истироҳатӣ, базаҳои сайёҳӣ, истироҳатгоҳҳо ва ғайраҳо дохил мешаванд.

Мафҳумҳои «ширкати сайёҳӣ» ва «агентии сайёҳӣ» самти фаъолияти соҳибкории корхонаи сайёҳиро муайян менамоянд: «Ширкати сайёҳӣ ба ташаккули маҳсулоти сайёҳии маҷмуи хизматрасониҳо ба таъминкунандагон,

мутобиқи талаботи ниҳоии истифодабарандагон, пешбурди он, ҳамчун фурӯшандаи маҳсулоти сайёҳии худ ба миёнаравон – фурӯшандагон (агентиҳои сайёҳӣ) ва фурӯши роҳхатҳо ба истеъмолкунандагони маҳсулоти сайёҳӣ (сайёҳон) машғул мебошанд. Дар мавриди охир вай ҳам ширкати сайёҳӣ ва ҳам ҳамчун агентии сайёҳӣ баромад мекунад»[1].

Фарқияти асосии шартномаҳои миёнаравии байни онҳо дар он ифода меёбад, ки аз номи кадоме аз онҳо (агентии сайёҳӣ ё ширкати сайёҳӣ) ин созишномаҳо оид ба фурӯши маҳсулоти сайёҳӣ амалӣ карда мешаванд. Муносибати шартномавии ин субъектони фаъолияти сайёҳӣ ба ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ ва пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ ва идоракунӣ таъсири амиқ мегузоранд. Нақши агентиҳои сайёҳӣ ва шартномаҳои миёнаравӣ дар ҷадвали 2.1.2 нишон дода шудааст.

**Ҷадвали 2.1.2. – Нақши тарафҳои бозори сайёҳӣ дар шартномаҳои миёнаравӣ**

| Шартномаи миёнаравӣ | Фаъолияти ширкати сайёҳӣ | Фаъолияти агентӣ |
|---|---|---|
| Шартномаи комиссия | Комитент | Комиссионер (даллол) |
| Шартномаи кафилӣ | Ваколатдор | Вакил |
| Шартномаи созиши агентӣ | Принсипиал (соҳиб) | Агент |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Ширкати сайёҳӣ, одатан ширкати бузургест, ки дорои сохтори идораи асосӣ буда, филиалҳо, намояндагиҳоро дар шакли шабакаҳои агентӣ дар тамоми ҷаҳон дорад. Новобаста аз ин, ширкати сайёҳӣ метавонад сайрҳои худро ба агентиҳои сайёҳии мустақил фурӯшад. Ташаккули маҳсулоти сайёҳӣ аз тарафи ширкати сайёҳӣ – таҳияи самтҳои сайёҳӣ ва бо нишон додани хадамоти таъминкунандагонро фаро мегирад. Ширкати сайёҳӣ фаъолияти сайрҳо ва пешниҳоди хизматрасониро таъмин менамояд, нашри тарғиботҳои иттилоотиро тайёр мекунад ва нархи сайрҳоро ҳисоб мекунад.

Агенти сайёҳӣ ба пешбурди сайрҳои аз тарафи ширкати сайёҳӣ

[1] Пилипенко С.М. Особенности бухгалтерского учета приобретения (создания) и продажи путевок туристическими фирмами / С.М. Пилипенко, В.П. Новак // Бухгалтерский учет, контроль и анализ в условиях институциональных изменений и устойчивого экономического развития: матер. II Междунар. науч.- практ. Интернет–конф., (ЛНТУ, Луцк, 25 ноября 2015 г.). – Тернополь: Изд–во "Шаг". – 2015. – С.72.

таҳияшуда машғул мешавад, яъне дар асоси шартномаи басташудаи байни онҳо аз ширкати сайёҳӣ харида, бо подоши муайян ба истифодабаранда (харидор) мефурӯшад. Ба ғайр аз фурӯши сайрҳо ба мизоҷон, ширкати сайёҳӣ тарғиботи сайру саёҳат, расонидани сайёҳон ба ҷойи истироҳат ва баргаштани онҳоро таъмин менамояд, сифати хизматрасониро назорат мекунад ва таклифу пешниҳодҳои сайёҳонро баррасӣ мекунад. Ширкати сайёҳӣ маҳсулоти сайёҳиро ба мизоҷ дар шакли маҷмуӣ ё алоҳидаи хизматрасонӣ мефурӯшад.

Ба андешаи мо, тавсифномаи умумӣ ва фарқияти ширкати сайёҳӣ ва агентии сайёҳӣ ба хусусиятҳои баҳисобгирии муҳосибии фаъолияти онҳо таъсир мерасонад. Ташкили баҳисобгирии муҳосибии ширкатҳои сайёҳӣ ва агентиҳои сайёҳӣ аз бисёр омилҳо, аз ҷумла: шакли истифодашавандаи баҳисобгирӣ, ҳуҷҷатнокунии амалиётҳои хоҷагидорӣ, тартиби ҳисоббаробаркуниҳо, муносибатҳои шартномавии ширкати сайёҳӣ ва агентии сайёҳӣ ва ғайра вобастагӣ дорад.

Ширкати сайёҳӣ ва агентии сайёҳӣ дар доираи фаъолияти худ ҳуҷҷатҳои сайёҳиро ба расмият медароранд. Муносибати ширкати сайёҳӣ ва агентии сайёҳӣ бо шартномаи ваколатӣ (вакилӣ) ё агентӣ ташкил карда мешавад. Дар мавриди бастани шартномаи ваколатӣ ширкати сайёҳӣ ба агентии сайёҳӣ ваколат медиҳад, ки хизматрасонии сайёҳиро аз номи худ фурӯшад ва агентии сайёҳӣ бо подоши муайян онро мефурӯшад. Дар мавриди бастани созишномаи агентӣ бо ширкати сайёҳӣ, агентии сайёҳӣ хизматрасонии сайёҳиро бо подоши муайян ва воситаҳои харидор харидорӣ менамояд.

Дар мавриди ташкили баҳисобгирии муҳосибии хароҷоти корхонаи сайёҳӣ меъёрҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» истифода бурда мешавад, ки дар он омадааст: «Хароҷот – камшавии манфиати иқтисодӣ дар давраи ҳисоботӣ дар шакли хориҷшавӣ ё камшавии дороиҳо ё худ зиёдшавии уҳдадориҳо, ки ба камшавии сармояи саҳомии бо ҳиссагузориҳои соҳибмулкон новобаста оварда

мерасонад»[1].

Харочоти корхонаҳои сайёҳӣ, вобаста аз тавсифи онҳо, тартиби масрафкунӣ ва самти фаъолияти корхона ба ду намуд чудо карда мешавад, ки дар расми 2.1.1 оварда шудааст.




**Расми 2.1.1. – Намудҳои харочоти корхонаҳои сайёҳӣ**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Аз расми 2.1.1 аён аст, ки барои дуруст баҳисобгирии муҳосибии харочот, чудо намудани харочот аз фаъолияти асосӣ ва дигар харочот, аз чумла харочоти пешбининашуда, барои арзишмуайянкунии маҳсулоти сайёҳӣ, манбаи андозбандӣ ва муайян намудани натичаи молиявии корхонаи сайёҳӣ мусоидат менамояд.

Инчунин, асоси ташкили баҳисобгирии муҳосибии харочот дар корхонаҳои сайёҳӣ таснифоти онҳо ба мустақим (бевосита) ва ғайримустақим (бавосита), истеҳсолӣ ва ғайриистеҳсолӣ мебошад. Дар мавриди гузаронидани харочоти ширкати сайёҳӣ ба гурӯҳи муайян, бояд намуди маҳсулоти сайёҳӣ, талаботҳои шартномаи фурӯш, сохтори ташкилии корхона ва дигар омилҳо ба инобат гирифта шаванд.

Ба харочоти ширкатҳои сайёҳӣ харочоти таҳияи маҳсулоти сайёҳӣ, харочоти ҳамлу накли мизочон ба мавкеи саёҳат ва баргаштан, арзиши намудҳои чудогонаи хизматрасонӣ, ки ба арзиши маҳсулоти сайёҳӣ дохил мешаванд, харочоти суғурта, чойгиронӣ, харочоти хизматрасонии экскурсионӣ дохил мешаванд. Асоси эътирофи ин харочот аз намуди шартнома: хариду

[1] Қонуни Чумҳурии Точикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» аз 27 марти соли 2011, №702, Моддаи 1.

фурӯш, комиссия, кафолатӣ, мубодила ё созишномаи агентӣ бевосита алоқаманд аст.

Муҳосиботи субъекти фаъолияти сайёҳӣ аслан вазифаи се зерсохтор: муҳосибӣ, шуъбаҳои иқтисодӣ ва молиявиро иҷро мекунад ва чунин амалиётҳои асосиро дар бар мегирад:

1) пешбурди амалиётҳои хазинавӣ;

2) иҷрои амалиётҳои ҳисоббаробаркунӣ бо сайёҳон ва дигар корхонаҳои ба расонидани хадамоти сайёҳӣ машғулбуда, ширкатҳои сайёҳӣ, агентиҳои сайёҳӣ, ширкатҳои суғурта ва ба монанди онҳо;

3) ташкили баҳисобгирии захираҳо;

3) ташкили баҳисобгирии даромадҳо ва хароҷот;

4) баҳисобгирии пардохти подоши меҳнат;

5) баҳисобгирии андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ;

6) таҳия намудани шакли ҳисоботи дохилӣ..

Дар асоси маълумотҳои овардашуда, чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки муҳосиботи корхонаҳои сайёҳӣ чунин вазифаҳо иҷро намояд (расми 2.1.2).




**Расми 2.1.2. – Вазифаҳои хадамоти баҳисобгирии муҳосибӣ дар корхонаҳои сайёҳӣ**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Вазифаҳои дар расми 2.1.2 нишондодашуда имконият медиҳанд, ки

фаъолияти молиявию хоҷагидории корхона зери назорат гирифта шавад ва фаъолияти минбаъдаи самарабахши он таъмин карда шавад.

Аз ҷумла, ташаккули иттилооти пурра ва дақиқ оид ба фаъолияти корхонаи сайёҳӣ ва вазъи амволии он ба истифодабарандагони дохилӣ ва берунӣ имкон медиҳад, ки натиҷаҳои фаъолияти корхонаи сайёҳиро таҳлил ва баҳодиҳӣ намуда, барои ҳамкорӣ ва маблағгузории фаъолияти он қарорҳои дахлдор қабул намоянд.

Барои фаъолияти бомаром, инчунин идоракунии самараноки ширкатҳои сайёҳӣ зарур аст, ки фаъолияти зерсохторҳо зери назорати ҷиддӣ гирифта шаванд. Инчунин, назорати истифодабарии меъёрии захираҳои молиявӣ, моддӣ, меҳнатӣ мутобиқи ҳисобномаҳо ва харҷномаҳои тасдиқшуда низ бояд таъмин карда шаванд.

Сари вақт огоҳ намудани зуҳуроти номатлуб дар фаъолияти молиявӣ-хоҷагидорӣ имкон медиҳад, ки ин ҳодиса ва зуҳурот пешгирӣ карда шаванд, то ки ба ҷараёни фаъолияти корхонаи сайёҳӣ таъсири манфӣ нарасонанд. Ошкор сохтори захираҳои истифоданашуда метавонанд барои фаъолияти бемайлон ва самараноки корхонаҳои сайёҳӣ истифода шуда, бештар гирифтани фоидаи амалиётиро таъмин намоянд.

Муайнкунии захираҳои дохилихоҷагии истифоданашуда имконият фароҳам меорад, ки ин захираҳо дар фаъолияти минбаъдаи корхонаи сайёҳӣ самаранок истифода бурда шаванд.

Ҳамин тавр, дар умум, ҷараёни ташкили даврагии баҳисобгирии муҳосибии корхонаҳои сайёҳиро метавонем дар чунин пайдарпайӣ инъикос намоем ( расми 2.1.3).

Аз нишондодҳои расми 2.1.3 чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки яке аз вазифаҳои муҳимми субъектҳои фаъолияти сайёҳӣ, муайян кардани сиёсати баҳисобгирӣ мебошад, вале дар амалия бисёре аз корхонаҳои сайёҳӣ ба он эътибори ҷиддӣ намедиҳанд.

Сиёсати баҳисобгирӣ аз лаҳзаи аввали ба фаъолият оғоз намудани корхонаҳо бояд таҳия ва тасдиқ карда шавад. Аз ҷузъиёти таркибии сиёсати

баҳисобгирии корхонаҳои сайёҳӣ, дақиқ инъикос намудани амалиётҳои хоҷагидорӣ, инчунин иттилооти ҳисоботи молиявӣ вобастагӣ дорад. Низомнома (амр, фармон) оид ба сиёсати баҳисобгирӣ ба муддати тулонӣ (ҳадди ақал барои як соли ҳисоботӣ) таҳия карда мешавад, бинобар ин, барои таҳияи он бояд диққати махсус дода шавад.




**Расми 2.1.3. – Ҷараёни ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ дар субъектҳои фаъолияти сайёҳӣ**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» омадааст: «Сиёсати баҳисобгирӣ – принсипҳои дақиқе, ки дар асоси ҳуҷҷатҳои тасдиқнамудаи роҳбарияти ташкилот, маҷмуи қоидаҳо, усулҳо ва тартиби пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартиб додани ҳисоботи молиявиро тибқи стандартҳои байналмилалӣ ва ё миллӣ муайян менамояд»[1]. Бинобар ин, дар асоси талаботҳои қонуни мазкур, мутобиқи принсипҳои ягонаи дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқии баҳисобгирии муҳосибӣ

[1] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ», аз 25 марти соли 2011, №702. Моддаи 2.

ва ҳисоботи молиявӣ, ҳар як корхонаи сайёҳӣ вобаста ба хусусиятҳои фаъолияти худ бояд мустақилона сиёсати баҳисобгирии худро таҳия ва тасдиқ намояд, шакл ва низоми сабткунакҳои баҳисобгирии муҳосибӣ, тартиб ва шакли бақайдгирӣ ва ҷамъбасти иттиллоотро вобаста ба технологияи коркарди маълумот интихоб намояд.

Мутобиқи СБҲМ 8 «Сиёсати ҳисобгирӣ, тағйирот дар баҳодиҳиҳои бухгалтерӣ ва хатоиҳо» сиёсати баҳисобгирӣ ин: «принсипҳои мушаххас, асосҳо, созишномаҳо, қоидаҳо ва амалияи аз тарафи корхона барои омода ва пешниҳод кардани ҳисоботи молиявӣ қабулшуда мебошанд»[1].

Бояд қайд намоем, ки аз дуруст таҳия намудани низомнома оид ба сиёсати баҳисобгирии корхона на танҳо инъикоси объективии иттилоот дар ҳисоботи молиявӣ, балки таҳлили фаъолияти корхона дар умум, қабули қарорҳо оид ба ташкили фаъолияти муҳосиботи корхона вобастагӣ дорад.

«Корхонаҳои сайёҳӣ бояд баҳисобгирии муҳосибиро мутобиқи қоидаҳои муайян ташкил намоянд ва ба роҳ монанд. Онҳо бояд барои бо самаранокии баланд таъмин намудани пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ, сари вақт таъмин намудани истифодабарандагони дохилӣ ва берунӣ бо иттилооти саҳеҳ, дастрас ва муфиди молиявӣ ва идоракунӣ, маҷмуи қоидаҳоро истифода баранд»[2].

Баҳисобгирии муҳосибии амалиётҳои сайёҳӣ ҳамчун амалиётҳои хизматрасонӣ ба қайд гирифта мешаванд ва ба ширкати сайёҳӣ имкон медиҳад, ки пардохти арзиши сайрҳоро бе қайди сабткунакҳои амалиётҳои ҳисоббаробаркунӣ, аммо бо истифодаи ордерҳои хазинавӣ ва расид ба роҳ монад. Ширкати сайёҳӣ дар ҷараёни таҳияи маҳсулоти сайёҳӣ ба он ҳама маҷмуи хадамоти сайёҳиро дохил мекунад ва бо шарикони тиҷоратии гуногун шартномаҳо мебандад. Дар расми 2.1.4 се намуди маҳсулоти (хизматрасонии)

---

1 Методические рекомендации по применению международных стандартов финансовой отчетности, том 1 с МСФО 1-28. – Душанбе, Типография при Министерстве финансов Республики Таджикистан. – 2009. – 248 с. – С. 46.

2 Рахимов С.Х. Учетная политика на предприятиях туристической отрасли для целей бухгалтерского учета / С.Х. Рахимов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально–экономических и общественных наук. – 2020. – № 8. – С. 22–28. – С. 25.

сайёҳии ширкатҳои сайёҳӣ пешниҳод карда шудааст. Ҳар яке аз намудҳои пешниҳодшуда амалиётҳои гуногунро дар бар гирифта, дар баҳисобгирии муҳосибӣ вобаста аз хусусиятҳои хоси худ дар алоҳидагӣ инъикос карда мешаванд.

Ба намуди якум хизматрасониҳои сайёҳие дохил мешаванд, ки бевоста аз ҷониби худи корхонаи сайёҳӣ ба сайёҳон расонида мешавад, яъне маҷмуи хизматрасониҳое, ки арзиши роҳхати сайёҳиро муайян менамояд.




**Расми 2.1.4. – Таснифоти намудҳои маҳсулоти сайёҳӣ**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Ба намуди дуюми хизматрасониҳо хадамоте, ки аз тарафи дигар субъектҳои хоҷагидорӣ барои сайёҳон, ба монанди хизматрасонии наклиётӣ аз тарафи муассисаҳои наклиётӣ, муассисаҳои хӯроки умум, хадамоти роҳбаладон, тарҷумонҳо, хадамоти алоқа ва ғайра пешниҳод карда мешавад, дохил мешаванд.

Ба намуди сеюми хизматрасонӣ ду намуди хизматрасонии дар боло овардашуда дар шакли омехта, аз ҷониби якчанд субъектҳои фаъолияти сайёҳӣ мувофиқи шартнома ба сайёҳон пешниҳод карда мешавад.

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ» омадааст: «Маҳсулоти сайёҳӣ маҷмуи мол, кор ва хизматрасоние, ки барои қонеъгардонии дархост, талабот ва манфиатҳои сайёҳон омода ва бо арзиши муайян амалӣ гардонда мешаванд»[1]. Ин имконият медиҳад, ки ширкати сайёҳӣ

[1] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ», аз 7 августи соли 2020, № 1717.– [Сарчашмаи электронӣ] – Низоми дастрасӣ: ://ctd.tj

дар ҳисобгирии муҳосибӣ меъёр ва низомҳоеро истифода барад, ки тартиби эътирофи даромад ва хароҷот аз хизматрасониҳои пешниҳодшавандаро ба танзим медарорад.

Объекти асосии баҳисобгирии муҳосибии ташаккул ва фурӯши маҳсулоти сайёҳӣ, захираҳои молиявии ба таркиби хадамот дохилшуда мебошад. Аз ин ҷо: «...ҳама тағйирёбиҳои ин захираҳо дар ташаккул ва фурӯши маҳсулоти сайёҳӣ эзоҳ дода мешаванд, дар сабткунакҳои баҳисобгирӣ ба қайд гирифта ва инъикос карда мешаванд, ки он имконият медиҳад иттилооти гуногуни зарурӣ барои идоракунии фаъолияти хоҷагидории корхонаи сайёҳӣ гирифта шавад»[1]. Хороший Д. қайд мекунад, ки: «Ҳуҷҷатҳои асосӣ дар ҳудуди ба расмият даровардани хизматрасониҳои сайёҳӣ: шартномаи ба мизоҷон расонидани хизматрасониҳои сайёҳӣ, ҷойгиркунӣ дар меҳмонхонаҳо ва сайрҳои экскурсионӣ; роҳхати сайёҳӣ, ҳуҷҷати суғуртавӣ; шартнома бо корхонаҳое, ки хизматрасонии ширкати сайёҳӣ ва агентиҳои сайёҳиро тарғиб мекунанд»[2]. Дар раванди ташкил ва пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ дар корхонаҳои сайёҳӣ диққати асосиро ба объектҳои асосии баҳисобгирии муҳосибӣ додан лозим аст ( расми 2.1.5).

Объектҳои баҳисобгирии дар расми 2.1.5 овардашуда ташаккул ва фурӯши маҳсулоти сайёҳиро таъмин менамоянд. Аз рӯйи объектҳои мазкур ташкил ва пешбурди баҳисобгирӣ ва назорат шароит фароҳам меорад, ки натиҷаи фаъолияти амалиётии корхонаи сайёҳӣ дақиқ муайян карда шавад. Иттилооти эътимоднок сари вақт ба истифодабарандагон барои қабули қарорҳои идоракунӣ пешниҳод карда шавад.

Захираҳои молиявӣ – ин ҳама воситаҳои пулӣ ва молиявии ширкат (моддӣ ва ғайримоддӣ, худӣ ва ҷалбкардашуда) мебошанд, ки барои амалӣ намудани фаъолияти истеҳсолӣ, тиҷоратӣ ва хизматрасонӣ истифода бурда

---

[1] Бухгалтерский учет в отраслях народного хозяйства. учеб.пособие / Зинкевич А.В., Левицкая С.А., Нагавичко И.П., Немкович А.Б. – Ровно: НУВХП, 2006. – 268 с.– С. 40.

[2] Хороший Д. Особенности проверок субъектов туристической деятельности контролирующими и правоохранительными органами // Все о бухгалтерском учете. – 2010. – № 53. – С. 192.

мешаванд.




**Расми 2.1.5. – Объектҳои ташаккул ва фурӯши маҳсулоти сайёҳӣ**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Уҳдадориҳои молиявӣ – қарзҳое мебошанд, ки дар натиҷаи муносибатҳои байни субъектҳои хоҷагидор пайдо мешаванд ва пардохти воситаҳои пулӣ ё дигар захираҳои молиявиро ба дигар корхонаҳо пешбинӣ менамоянд.

Далелҳои фаъолияти хоҷагидорӣ – амалиётҳое мебошанд, ки ба таркиби захираҳо ва уҳдадориҳои молиявии корхона тағйирот ворид мекунанд.

Даромадҳо – зиёдшавии дороиҳо ва камшавии уҳдадориҳо дар натиҷаи воридшавии маблағҳо дар давраи ҳисоботӣ ба ҳисоби воситаҳои пулӣ мебошад, ки дар дар натиҷа корхона аз он манфиати иқтисодӣ гирифтааст.

Харочот ин хориҷшавӣ ё камшавии дороиҳо ё худ зиёдшавии уҳдадориҳо дар давраи ҳисоботӣ мебошад.

Дар натиҷаи ҷамъбаст намудани натиҷаҳои молиявии корхона, фарқияти мусбати даромади давраи ҳисоботӣ аз фаъолияти амалиётӣ ва ғайриамалиётиии корхона ва харочоти ҳамин давраи ҳисоботӣ – фоидаи корхонаро ташкил медиҳад. Фарқияти манфии он зарари давраи ҳисоботиро нишон медиҳад.

Олимон баҳисобгирии таҳлилиро дар субъектҳои фаъолияти сайёҳӣ бо чунин нишонаҳо таснифот менамоянд: вобаста аз субъекти фаъолияти сайёҳӣ (баҳисобгирии ширкатҳои сайёҳӣ ва агентиҳои сайёҳӣ) ва аз намуди сайёҳӣ

(баҳисобгирии сайёҳии дохилӣ, воридотӣ ва байналмилалӣ).

Ташкили баҳисобгирии муҳосибии ширкатҳои сайёҳӣ ва агентиҳои сайёҳӣ аз хусусиятҳои ба расмият даровардани ҳуҷҷатии амалиётҳои хоҷагидорӣ ва амалӣ намудани ҳисоббаробаркуниҳо, имконияти истифодабарии шакли содакардашудаи баҳисобгирӣ дар ширкатҳои сайёҳӣ ва агентиҳои сайёҳӣ, ки базаи моддии худӣ надоранд (дар ин маврид нақшаи содакардашудаи ҳисобҳо ва сабткунакҳо барои корхонаҳои хурд истифода бурда мешавад) ва ғайра.

Ба ақидаи мо, амалиётҳо оид ба фурӯши маҳсулоти сайёҳӣ дар мавриди истифодабарии хизматрасонии сайёҳӣ ҳамчун харидор, инъикоси он дар ҳисобгирии муҳосибии агентии сайёҳӣ муҳим нест, чунки агентии сайёҳӣ танҳо миёнарав мебошад. Мутобиқи шартномаи агентӣ дар агентии сайёҳӣ гардиш аз фурӯши маблағи подоши агентӣ пайдо мешавад, ки ҳамчун даромад аз пешниҳоди хизматрасонӣ ҳисоб карда мешавад. Иҷрои уҳдадорӣ ҳамчун ҳисоботи агент тасдиқ карда мешавад.

Ба хароҷоти агентии сайёҳӣ арзиши маҳсулоти сайёҳии дар ширкати сайёҳӣ ташаккулёфта, харҷи захираҳо, хароҷоти подоши меҳнати кормандони агентии сайёҳӣ, ҳиссаҷудокунии иҷтимоӣ, хароҷоти фурӯш, хароҷоти нақлиётӣ, хароҷоти таҳқиқоти маркетингӣ, хароҷоти реклама, иҷораи бино, ҳиссаҷудокуниҳои фарсудашавӣ, хизматрасониҳои бонкӣ, хадамоти коммуналӣ ва ғайра дохил мешаванд.

Миёнарав барои хизмати расонидааш подош мегирад ва дар ҳолати супорандаи андоз аз арзиши иловашуда будан, андоз аз арзиши иловашударо пардохт менамояд. Барои ин амалиётро ҳуҷҷатнок менамояд ва борхати андоз тартиб медиҳад.

Дар ҳисобгирии муҳосибии ширкати сайёҳӣ, мутобиқи СБҲМ (IAS) 18 «Даромад» омадааст: «Даромад аз фурӯш дар ҳамон давраи ҳисоботӣ, ки дар

тули он хизматҳо расонида мешаванд, эътироф мешавад»[1]. Чун қоида, дар мавриди додани ҳуҷҷатҳо ба сайёҳ, ки ҳуқуқ барои гирифтани хизматрасониро (роҳхат, чиптаҳои ҳавопаймо ва роҳи оҳан, ҳуҷҷати суғуртавӣ) тасдиқ менамояд, хизматрасонии ширкати сайёҳӣ дар ҳисобгирии муҳосибӣ дар кредити ҳисоби 44010 «Даромад аз фурӯши корҳо ва хизматрасониҳо» инъикос карда мешавад.

Ба хароҷоти ширкатҳои сайёҳӣ хароҷот барои ташаккули маҳсулоти сайёҳӣ, хароҷоти нақлиётӣ ба ҷойи саёҳат ва бозгашт, арзиши намудҳои ҷудогонаи хизматрасонӣ, ки ба арзиши маҳсулоти сайёҳӣ дохил мешаванд, хароҷоти суғуртавӣ, интиқол, хароҷоти хизматрасониҳои экскурсионӣ дохил мешаванд. Шарти эътироф ва ҳаҷми чунин хароҷот бевосита аз намуди шартнома: хариду фурӯш, комиссионӣ, ваколатӣ ё созишномаи агентӣ вобастагӣ дорад.

Маълумотҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ ҳамчун асос барои назорат ва таҳлили фаъолияти субъектҳои сайёҳиро ташкил медиҳанд. Истифодабарии маълумотҳои баҳисобгирии муҳосибӣ дар соҳаи сайёҳӣ имконият медиҳанд, ки ба воситаи низоми нишондиҳандаҳои баҳисобгирӣ, шаклҳои ҳисобот ва ҳуҷҷатҳои аввалия назорат карда шаванд ва таҳлилҳо натиҷагирӣ карда шуда, асосноккунии ҳуҷҷатӣ таъмин карда шавад. Сабаби асосии диққати баланд аз тарафи назоратчиён ба ширкатҳои сайёҳӣ аз он иборат аст, ки аксари онҳо бо истифодабарандагони ниҳоии хадамоти сайёҳӣ (сайёҳон), бо воситаҳои нақдӣ кор мекунанд. Чунин хусусияти корҳо ба санҷишҳои пасти субъектҳои фаъолияти сайёҳӣ аз тарафи идораҳои назоратӣ ва ҳифзи ҳуқуқ, яъне аз қонунгузорӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ва интизоми хазинавӣ оварда мерасонад.

Инчунин, ба андешаи мо, вобаста ба вазъияти баамаломада, бояд воситаҳои дар амалияи ҷаҳонӣ маъмули ба фаъолияти сайёҳӣ алоқаманд, ба

---

[1] Методические рекомендации по применению международных стандартов финансовой отчетности, том 1 с МСФО 1-28. – Душанбе, Типография при Министерстве финансов Республики Таджикистан. – 2009. – 248 с. – С. 128.

монанди шартномаи маъмул барои хизматрасонии сайёҳӣ, суғуртаи ҷавобгарии субъектҳои фаъолияти сайёҳӣ дар назди истифодабарандагон, инчунин низоми сертификатсияи ихтиёрии ғайридавлатӣ таъмин карда шавад. Ташкил кардани чунин маркази ягонаи назорати сифати хизматрасонӣ бояд барои пешгирии қаллобӣ дар соҳаи сайёҳӣ мусоидат намояд.

Барои ин, ба ақидаи мо, гузаронидани аттестатсия ва бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси кормандони корхонаҳои сайёҳӣ зарур аст. Ташкил кардани ширкати сайёҳии ягона ё Ассотсиатсияи сайёҳон, ки бо агентиҳои сайёҳӣ ҳамкорӣ кунад ва барои расонидани хадамоти босифати сайёҳӣ ҷавобгар бошад ба мақсад мувофиқ мебуд. Дар навбати худ, агентиҳои сайёҳӣ бояд ба рӯйхати ягонаи махсус дохил карда шуда, дар шабакаи Интернет ҷойгир карда шаванд. Ҳамин тавр, истеъмолкунанда барои аз хадамоти ягон агент истифода бурдан, метавонад онро пешакӣ санҷад. Дар ин маврид метавонем оид ба худтанзимкунии меъёрии касбии бозорӣ ҳарф занем.

Умуман, баҳисобгирии муҳосибии фаъолияти сайёҳӣ махсусиятҳои фавкулодаи худро дорад, ки барои амалӣ намудани вазифаи назоратӣ бояд ҷараёни баҳисобгирии муҳосибӣ автоматӣ кунонида шавад.

Мо пешниҳод менамоем, ки ба ғайр аз автоматикунонии баҳисобгирӣ, дар асоси нишондиҳандаҳои фаъолият, субъектҳои фаъолияти сайёҳӣ таҳлили ба ҳам алоқамандии хароҷот, ҳаҷми фаъолият ва фоидаро ба роҳ мондан ба мақсад мувофиқ мебуд. Чунин воситаи банақшагирии идоракунӣ ва назорат имконият медиҳад, ки хароҷоти субъектҳои фаъолияти сайёҳӣ дар асоси таҳлили ба ҳам алоқамандии хароҷот, ҳаҷми фаъолият ва фоида натиҷаи интизоришавандаи фаъолияти молиявии худро муайян намоянд.

Таҳлили бо ҳам алоқамандии нишондиҳандаҳои хароҷот, ҳаҷми истеҳсолот ва фоида (Cost – Volume - Profit analysis) яке аз унсурҳои баҳисобгирии идоракунӣ мебошад. Дар таҷрибаи ватании баҳисобгирӣ он ҳамчун таҳлили «хароҷот – ҳаҷм – фоида» ё таҳлили безарарӣ маълум мебошад.

Таҳлили боҳамалоқамандии нишондиҳандаҳои хароҷот, ҳаҷми

истеҳсолот ва фоида ба муайянсозии сатҳи безарарии истеҳсолот асос ёфтааст. Ин нишондиҳанда барои муайянсозии даромад ва зарари потенсиалӣ, муайян намудани нархи фурӯши маҳсулот, ҳалли масъалаҳое, ки ба ҳаҷми истеҳсоли / фурӯши маҳсулот, тағйирёбии таркиби хароҷот, навъҳои маҳсулот ва ғайраҳо вобастаанд, истифода карда мешавад. Таҳлили боҳамалоқамандии нишондиҳандаҳои хароҷот, ҳаҷми истеҳсолот ва фоида ба муайянсозии сатҳи безарарии истеҳсолот асос ёфтааст. Ин нишондиҳанда барои муайянсозии даромад ва зарари потенсиалӣ, муайян намудани нархи фурӯши маҳсулот, ҳалли масъалаҳое, ки ба ҳаҷми истеҳсол / фурӯши маҳсулот, тағйирёбии таркиби хароҷот, навъҳои маҳсулот ва ғайраҳо вобастаанд, истифода карда мешавад.

Ба андешаи мо, истифода бурдани ин намуди таҳлил, ки барои муайян намудани сатҳи безарарии вобаста ба ҳаҷми истеҳсол ва пешниҳоди хадамот, тағйирёбии таркиби хароҷот, намудҳои хизматрасонӣ ва ғайраҳо вобастагӣ дорад, дар ширкатҳои сайёҳӣ ба мақсад мувофиқ аст, ки назорати фаъолияти ширкати сайёҳиро натиҷабахш мегардонад.

Барои таҳлили фаъолияти ширкатҳои сайёҳӣ дар мамлакат ё минтақаҳои алоҳида, маҷмуи нишонидиҳандаҳои дар ҳисобот овардашуда истифода бурда мешаванд, ки ба воситаи онҳо сифати кори корхонаи сайёҳӣ баҳо дода мешавад. Маълумоти пурра оид ба ҳаҷми хизматрасониҳои сайёҳии пешкашшуда дар ҳисоботи омори давлатии шакли № 2 саёҳат (туризм) «Фаъолияти ташкилоту ширкатҳои сайёҳӣ (туристӣ)», ки бо Фармоиши Директори Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳти № 03, аз 3 марти соли 2018 тасдиқ карда шудааст, пешниҳод карда мешаванд. Дар он нишондиҳандаҳо оид ба воридоти сайёҳон (туристон), содироти сайёҳон (туристон), сайёҳати (туризми) дохилӣ, фаъолияти молиявии ширкатҳои сайёҳӣ нишон дода мешаванд. Ин шакли ҳисоботи семоҳа буда, дар санаи 10-уми баъди давраи ҳисоботӣ, ширкатҳои сайёҳӣ (туристӣ) ба Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба мақомоти маҳаллии омор пешниҳод мекунанд. Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон ҳисоботи ҷамъбастиро дар санаи 15-уми баъди давраи ҳисоботӣ ба Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод мекунанд.

Маълумотҳои ин шакли ҳисобот ҳамчун манбаи иттилоотӣ барои роҳбарияти корхонаҳои сайёҳӣ ҳамчун дастур барои таҳлил ва қабули қарорҳои идоракунӣ истифода бурда мешаванд.

Ҳамин тавр, мо чунин мешуморем, ки низоми нишондиҳандаҳои пешниҳодшуда бояд ба назорати дақиқи фаъолияти соҳибкории ширкатҳо ва корхонаҳои сайёҳӣ, гузаронидани таҳлили фоиданокии фаъолият мусоидат намояд, рақобатнокии маҳсулоти сайёҳиро таъмин намуда, имконият ва вазъият дар бозори субъектҳои фаъолияти сайёҳии минтақаи мушаххас ва умуман дар мамлакатро муайян намояд. Дохил кардани нишондиҳандаҳои нав метавонад маълумотҳои баҳисобгирии воқеиро бештар ошкор намояд ва соҳаи сайёҳиро аз соя барорад. Дар шароити муосир бисёре аз субъектҳои фаъолияти сайёҳӣ барои рақобатпазирӣ ҳавасманданд, бинобар ин, онҳо маҷбуранд бештар диққати худро ба масъалаҳои ташкили дурусти баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорати фаъолияти худ равона намоянд.

Дар баробари ин, вобаста ба хусусиятҳои фаъолияти худ ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартиби таҳия ва пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ, идоракунӣ, оморӣ ва андози корхонаҳои фаъолияти сайёҳӣ, дорои баъзе душвориҳоро низ мебошанд, ки ин аз ташкили ҷараёни баҳисобгирии муҳосибӣ, назорат ва таҳлили фаъолияти сайёҳӣ бевосита алоқамандӣ дорад.

### 2.2. Таснифоти хароҷот вобаста ба истеҳсоли маҳсулоти сайёҳӣ

Арзиши ҳар як намуди маҳсулоти (хизматрасонии) сайёҳӣ аз хароҷот оид ба истеҳсол, ташкил ва фурӯши он ба истеъмолкунанда-сайёҳ ташаккул меёбад. Хусусияти хоси корхонаҳои сайёҳӣ пешбинӣ менамояд, ки чорабиниҳои пешакӣ барои муайян кардани арзиши сайрҳо нақшавӣ ва харҷномавии маҳсулоти сайёҳӣ муайян карда шавад. Ба хароҷоти истеҳсолӣ ҳама хароҷот оид ба истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти (хизматрасонии) сайёҳиро

дар бар мегирад.

Ҳамчун категория иқтисодӣ, арзиши аслӣ вазифаи баҳисобгирӣ, назорат ва таҳлилро иҷро менамояд, ки ҳамчун асос барои ташаккулёбии нархи фурӯши маҳсулоти (хизматрасонии) сайёҳӣ, муайян намудани даромаднокӣ, фоида, асосноккунии иқтисодӣ ва қабули қарорҳои идоракунӣ истифода бурда мешавад. Объекти арзишмуайянкунӣ дар корхонаҳои сайёҳӣ намуди алоҳидаи маҳсулоти (хизматрасонии) сайёҳӣ маҳсуб меёбад.

Хароҷоти ба истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти (хизматрасонии) сайёҳӣ алоқаманд, дар мавриди банақшагирӣ, баҳисобгирӣ ва арзишмуайянкунӣ аз рӯйи аломатҳои гуногун, дар асоси тавсияномаҳои соҳавӣ таснифот карда мешаванд.

«Самти муҳимтарини баҳисобгирии муҳосибии соҳаи сайёҳӣ – баҳисобгирии хароҷот барои ташаккули сайрҳо ва муайян кардани арзиши онҳо мебошад»[1]. Истифодабарии усулҳои муосири баҳисобгирии хароҷот ва муайян кардани арзиши аслии маҳсулоти (хизматрасонии) сайёҳӣ мутобиқи СБҲМ ба фаъолияти минбаъдаи корхонаҳои сайёҳӣ таъсири мусбат мерасонад.

Хароҷот -ин арзиши меҳнати гузашта ва зиндаи барои истеҳсол ва фурӯши маҳсулот (кор, хизмат) сарфшударо ифода мекунад. Дар амалияи ватанӣ ҳамаи хароҷоте, ки дар истеҳсолот дар як давраи муайян ба вуҷуд меоянд, бо мафҳуми хароҷоти истеҳсолӣ ифода карда мешавад.

Баъзан дар адабиёти иқтисодӣ мафҳуми «затраты» ва мафҳуми «расходы» ҳаммаъно нишон дода шудаанд. Вале агар ин категорияҳоро бодиққат таҳлил намоем, онҳо аз ҳамдигар фарқ мекунанд ва истифодаи онҳо ҳамчун синоним мантиқан дуруст нест. Бояд қайд намуд, ки мафҳум ва консепсияҳои гуногуни хароҷот ба мақсадҳои мухталиф истифода карда мешаванд. Агар маълумот оид ба хароҷот барои як мақсад зарур бошад, барои мақсадҳои дигар метавонанд тамоман номувофиқ бошад.

---

[1] Раҳимов С.Х Хусусиятҳои баҳисобгирии хароҷот дар туризм / С.Х. Раҳимов, Ф.М. Оқилов. / Равандҳои муосири муносибатҳои пулию қарзӣ ва таъсири онҳо ба иқтисодиёт / Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ–амалӣ (Душанбе,15 феврали 2020). – Душанбе: ДССХ, 2020. – 360 с. – С. 246-249. – С. 246.

Дар адабиёти Ғарб таҳти хароҷоти истеҳсолӣ шакли бо пул ифодаёфтаи масрафоти корхона барои харидорӣ намудани омилҳои истеҳсолот фаҳмида мешавад.

Чи хеле ки Низомов С.Ф. ва дигарон қайд мекунанд: «Дар амалияи хоҷагидорӣ мафҳуми масраф (масриф, сарф) ва хароҷот аз ҳам фарқ карда мешавад. Таҳти масраф (expenses) меъёри муайяни сарфиятҳо перомуни истифодаи захираҳо (табиӣ, моддӣ, меҳнатӣ, энергетикӣ, иттилоот ва ғайра) дар ҷараёни истеҳсолот тасаввур карда мешавад. Хароҷот бошад на фақат раванди истифодаи захираҳо, балки ҷараёни баҳодиҳии онҳоро низ дар бар мегирад. Аз ин нигоҳ хароҷот на фақат масрафи муқаррарӣ, балки масрафи захираҳо ва шакли пули (арзиши)-и онҳоро дар бозор низ ифода мекунад. Аз ин сабаб хароҷотро ҳамчун шакли бо пул ифодаёфтаи захираҳои истеҳсолӣ, ки дар натиҷаи истифодаи онҳо истеҳсол ва фурӯши маҳсулот сурат мегирад, мефаҳманд»[1].

Мебояд қайд кард, ки дар адабиёт оид ба баҳисобгирии муҳосибӣ мавриди мафҳумҳои масрафот (затраты), хароҷот (расходы), арзиши аслӣ (себестоимость) ва харҷ (издержки) нуқтаҳои назари гуногун мавҷуданд. Маъмултарини онҳоро дида мебароем.

Масрафот (затраты) – ин баҳодиҳии пулии захираҳои моддӣ, меҳнатӣ, молиявӣ, табиӣ, иттилоотӣ ва дигар барои истеҳсол ва фурӯши маҳсулот барои давраи муайяни вақт аст. Аз ин таъриф, масрафот ҳамчун:

– баҳои пулии захираҳо, ки принсипи ченкунии намудҳои гуногуни онҳоро таъмин месозад;

– гузориши мақсаднок (бо истеҳсол ва фурӯши маҳсулот ба таври умум ё дар ягон давраи ин ҷараён алоқаманд);

– давраи муайяни вақт, яъне ба арзиши маҳсулот дар ҳамин давра дохилшаванда тасниф мегардад.

Боз як хосияти муҳимми масрафотро бояд қайд намуд: агар масрафот ба

---

[1] Низомов, С.Ф., Мирзоалиев, А.А., Раҳимов, С.Х. Баҳисобгирии идоракунӣ: китоби дарсӣ. – Душанбе: Ирфон, 2017. – 324 с. – С. 38.

истеҳсолот ҷалбшуда ва ё ба арзиши маҳсулоти мушаххас пурра ё қисман дохил карда нашуда бошад, он гоҳ ин масрафот ба захираи ашёи хом, масолеҳ, истеҳсолоти нотамом, маҳсулоти тайёр ва ғайра мубаддал мегардад. Аз ин ҷо бармеояд, ки масрафот дорои хосияти захирағунҷоийшӣ буда, ба дороиҳои корхона тааллуқ доранд.

Хароҷот (расходы) – ин масрафоти давраи муайяни вақт мебошад, ки ба таври ҳуҷҷатӣ тасдиқшуда, аз ҷиҳати иқтисодӣ асоснокшуда ва арзиши худро ба маҳсулоти тайёри фурӯхташуда пурра гузаронидааст. Дар афзалият аз масрафот хароҷот дар ҳолати захирағунҷоийшӣ қарор надошта, ба дороиҳои корхона мутааллиқ нест. Хароҷот ҳангоми ҳисобкунии фоидаи корхона дар Ҳисобот оид ба маҷмуи даромад инъикос мегардад. Мафҳуми «масрафот» нисбат ба мафҳуми «хароҷот» васеътар мебошад, аммо дар баъзе ҳолатҳо онҳо мувофиқи ҳамдигаранд. Мебояд қайд намуд, ки на ҳамаи масрафоти корхона ба хароҷот мубаддал мегардад, гарчи масрафот худ хароҷоти потенсиалист.

Арзиши аслии маҳсулот (кору хизмат) – ин ҷамъи масрафоти корхона оид ба истеҳсол ва фурӯши маҳсулот (кор, хизмат) аст. Ҷузъиёти арзиши аслиро масрафоти масолеҳ, музди меҳнати кормандони истеҳсолӣ ва хароҷоти бариловаи истеҳсолӣ ташкил менамоянд.

Сарф – ин маҷмуи намудҳои гуногуни масрафот оид ба истеҳсол ва фурӯши маҳсулот дар ҷамъ ё ҷузъиёти алоҳидаи он аст. Масалан, харҷи истеҳсолӣ – ин хароҷоти моддӣ, меҳнатӣ ва дигари истеҳсолот, харҷи муомилот – хароҷоти вобаста ба ташкили ҷараёни фурӯш баамалоянда аст.

Тибқи Стандартҳои байналмилалииҳисоботи молиявӣ хароҷот ин камшавии манфиатҳои иқтисодӣ дар давраи ҳисоботӣ дар шакли хориҷшавии маблағ ё камшавии дороиҳо ё афзоиши уҳдадориҳое фаҳмида мешавад, ки ба камшавии сармояе, ки бо бозгирифти соҳибмулкон алоқамандӣ надорад, бурда мерасонад.

Новобаста ба таърифҳои оварда минбаъд ба ҷойи мафҳумҳои «масрафот» ва «харҷ» мафҳуми «хароҷот»-ро истифода менамоем, зеро мафҳуми мазкур маъмул аст.

Ҳамин тавр, хароҷоти истеҳсолот ба худ як қисми захираҳоро дар бар мегирад, ки барои истеҳсоли маҳсулот (кор, хизмат) дар давраи муайян сарф шудаанд. Хароҷот – ин як қисми масрафоте мебошад, ки аз тарафи корхона барои ба даст овардани (гирифтани) даромад харҷ карда мешавад.

Вобаста ба таснифоти хароҷот, аз ҷумла таснифоти хароҷоти соҳаи хизматрасонӣ ақидаҳои муҳаққиқони зиёди дохилӣ ва хориҷӣ омӯхта шуданд, ки дар он муаммоҳои методологии гуногун пешниҳод карда шудаанд. Мо чунин меҳисобем, ки таснифоти дуруст ва аз ҷиҳати методологӣ илман асоснок метавонад барои буҷетикунонӣ, банақшагирӣ ва баҳисобгирии хароҷот таъсири амиқ расонад. Дар натиҷа ин имконият медиҳад, ки таҳлили амиқи мутаносибии байни намудҳои алоҳидаи хароҷот гузаронида шуда, таъсири он ба сатҳи арзиши аслӣ ва даромаднокии истеҳсолот (хизматрасонӣ) муайян карда шавад.

Дар пажӯҳишҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ нисбати гурӯҳбандии хароҷот ақидаи ягона ҷой надорад.

Дар асарҳои илмӣ олимон таснифоти васеи хароҷот аз рӯйи аломатҳои гуногунро пешниҳод мекунанд. Мутобиқи стандартҳо ва қоидаҳои мавҷуда, таснифоти таркибии хароҷот бо ҷамъбасткунии таҷрибавии усулҳои баҳисобгирӣ ва намудҳои баҳисобгирии маъмулӣ, асосан барои ташаккули таҳияи ҳисоботи молиявӣ-муҳосибӣ ташкил карда мешавад.

Дар ин маврид, мо чунин мешуморем, ки гурӯҳбандии хароҷот аз мавзеи пайдоиш, технологияи коркарди маҳсулот, ҳаҷми истеҳсолот, марказҳои масъулият ва дараҷаи идоракунии хароҷот вобастагӣ дошта, ба он эътибори зарурӣ дода намешавад.

Дар натиҷаи омӯзиши адабиёт ва сарчашмаҳои илмӣ аломатҳои гуногуни таснифотии хароҷот ва ҷузъиёти онҳо ба низом дароварда шудааст. Дар натиҷаи таҳлили комплексии хароҷот дар фаъолияти амалияи корхонаҳои ватанӣ ба хулосае омадан мумкин аст, ки имконияти ҷудо намудани хароҷот ба

гурӯҳҳои алоҳида мавҷуд нест. Дар асоси таҳқиқи сарчашмаҳои махсуси илмӣ[1] ва ғайра, нишонаҳои таснифотии хароҷот ва ҷузъиёти онҳо ба низом даровarda шудааст.

М.А. Вахрушина қайд мекунад, ки: «Арзиши аслии маҳсулот нишондиҳандаи сифатӣ буда, дар он натиҷаи фаъолияти хоҷагидории корхона, дастовардҳо ва захираҳои мавҷудаи он инъикос меёбад»[2].

Мафҳуми хароҷот кам шудани арзиши амволи корхонаро ифода менамояд. Аммо ин мафҳум боз ду ҳолатро ифода менамояд. Аввалан, дар хароҷот камшавии арзиши амволи корхона танҳо аз фаъолияти ҷорӣ ба ҳисоб гирифта мешавад, ки аз нуқтаи назари мақсади ин фаъолият фоиданок бошад. Дуюм, ба таркиби хароҷот чунин ҷузъиёти новобаста ба пардохтҳо, масалан

---

[1] Адамов Н.А., Чернышев В.Е. Организация управленческого учета в строительстве. Монография. – СПб.: ПИТЕР, 2006. – 192с., Алборов Р.А. Бухгалтерский управленческий учет (теория и практика). – М.: Дело и Сервис, 2005. – 224с., Апчёрч А. Управленческий учет: принципы и практика: Пер. с англ./Под. ред. Я.В. Соколова, И.А. Смирновой. – М.: Финансы и статистика, 2002. – 952 с., Баширов А.А. Учет издержек производства и калькулирования себестоимости в подрядном строительстве. – М.: Финансы и статистика,1986. – 206с., Бухгалтерский учет и аудит в строительстве / В.А. Лукинов, А.А. Карпенко, С.С. Романова; Под ред. В.А. Лукинова. – М.: Юрайт, 1998. – 474с., Врублевский Н.Д. Управленческий учет издержек производства: теория и практика. Монография. – М.: Финансы и статистика, 2002. –305с., Друри К. Управленческий и производственный учет: учебник. / Пер. с англ. В.Н. Егорова. М.: ЮНИТИ–ДАНА, 2002. – 1071с., Каверина О.Д. Управленческий учет: системы, методы, процедуры. Монография. – М.: Финансы и статистика, 2004. – 350с., Карпова Т.П. Основы управленческого учета: учеб. пособие.– М.: Инфра–М, 1997.– 392с., Керимов В.Э. Теория и практика организации управленческого учета на производственных предприятиях. Монография. – М.: 2001. – 327с., Кондраков В.П. Бухгалтерский управленческий учет: учеб. пособие. – М.: Инфра–М, 2003. –367с., Кукукина И.Г. Управленческий учет: учеб. пособие. – М.: Финансы и статистика, 2004. – 400с., Кулишева И.Б. Организация управленческого учета на предприятиях строительного комплекса. Учеб. пособие – М.: "Оргсервис", 2004. – 82с., Наринский А.С. Калькулирование себестоимости продукции в строительстве. – М.: Финансы и статистика, 1988. – 191с., Палий В.Ф. Управленческий учет издержек и доходов (с элементами финансового учета). – М.: ИНФРА-М, 2006. – 279с., Рассказова-Николаева С.А. Директ-костинг. Правильная себестоимость. – 2-ое изд., перераб. и доп. – М.: Книжный мир, 2009. – 526с., Соколов Я.В. Бухгалтерский учет: от истоков до наших дней. – М.: Аудит, ЮНИТИ, 1996. – 638с., Стуков С.А. Система производственного учета и контроля. – М.: Финансы и статистика, 1988. – 223с., Управленческий учет: учеб. пособие / под ред. А.Д. Шеремета. – 4–е изд. перераб. и доп. – М.: ИНФРА-М, 2009. – 429 с., Хорнгрен Ч., Фостер Дж., Датар Ш. Управленческий учет, 10-е изд./ пер. с англ. – СПб.: Питер, 2007. – 1008с., Шильникова Г.Г. Основы управленческого в строительстве: учеб. пособие. – Иркутск: изд-во ИГЭА. 2001. – 148с.

[2] Вахрушина М.А. Бухгалтерский управленческий учет. М.: ЗАО «Финстатинформ» – ООО МЦПУПЛ, 2000.– 532 с. – С. 70.

ҳиссаҷудокуниҳои фарсудашавӣ ва истеҳлок низ дохил мешаванд. Мутобиқан: «Масрафҳо дар ҳисобот оид ба фоида ва зарар ҳамчун нишондиҳандаи вобаста ба пардохтҳо ба ҳисоб гирифта мешаванд, хароҷот бошад барои ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулот ва ҳисоботи муҳосибии хоҷагидорӣ истифода бурда мешаванд»[1].

Ба ақидаи Я.В. Соколов: «Хароҷот – ин қисми масрафе мебошад, ки дар давраҳои ҳисоботии оянда ба он мубаддал мегардад. Агар дар давраи ҳисоботӣ ин масрафҳо ба хароҷот гузаронида нашаванд, онҳо дохилкардашуда номида мешаванд. Аз ҳисоб баровардани масрафҳо «аз хароҷот баровардашуда» ном дорад. Ба ақидаи муҳаққиқон В.В. Ковалев ва Вит.В. Ковалев, «…хароҷот, аввалан, танҳо ва танҳо пайдо мешаванд, ки масрафҳо ва ҳисобу замкуниҳо мувофиқ аз як тараф, аз тарафи дигар бо даромад муқоиса карда мешаванд ва дуюм, онҳо ҳама вақт ба ҳамон даврае «вобаста» шудаанд, ки натиҷаи молиявӣ ҳисоб карда мешавад»[2].

Муҳаққиқони ватанӣ низ оид ба мафҳуми хароҷот ақидаҳои худро дар асарҳои илмиашон изҳор намудаанд. Ба ақидаи олимон Шобеков М., Бобоев М.У., Ҷонбеков Т.Т.: «Хароҷот – ин камшавии захираҳои иқтисодӣ дар натиҷаи хориҷшавии дороиҳо, ё бавуҷудоии уҳдадориҳо дар натиҷаи таҳвил ё истеҳсоли маҳсулот, расонидани хизматҳо ва баамалбарории дигар намудҳои фаъолият ба шумор меравад. Бо ибораи дигар, хароҷот – ин сарф барои истеҳсоли молҳо ва расонидани хизматҳо, ки дар рафти гирифтани даромад ба вуҷуд омадаанд»[3].

Муаллифон Б.Ҳ. Каримов ва Н.А. Ойев қайд менамоянд, ки: «Масрафҳо арзиши сарватҳои барои ягон мақсад харидашуда, вале харҷнашуда буда,

---

[1] Ширенбек Х. Экономика предприятия / Пер. с нем. /Под ред. Бойко И.П., Валдайцева С.В., Рихтера К.М. – Питер, 2005. – 847 с. – С. 410.

[2] Соколов Я.В. Основы теории бухгалтерского учета. – М.: Финансы и статистика, 2005. – 495 с. – С. 225.

[3] Шобеков М., Бобоев М.У., Ҷонбеков Т.Т. Ҳисобгирии молиявӣ. Китоби дарсӣ. – Душанбе, ҶДММ «Дақиқӣ», 2014. – 400 с. – С. 252.

хароҷот масрафҳоеанд, ки аллакай харҷ шудаанд»[1].

Дар «Луғати тафсирии истилоҳоти Стандартҳои байналмилалииҳисоботи молиявӣ» хароҷот (expenses) чунин тасниф карда шудааст: «Хароҷот камшавии неъматҳои иқтисодӣ дар давраи ҳисоботӣ дар шакли хориҷшавии маблағ ё камшавии дороиҳо ё ба миён омадани уҳдадориҳое, ки боиси камшавии сармоя, ба истиснои камшавӣ дар натиҷаи тақсими даромадҳо ба моликон, мегардад»[2].

Ба ақидаи Бухориев М.Ҳ.: «Хароҷот чун унсури ҳисобот оид ба фоида ё зарар камшавии нафъҳои иқтисодиро дар давоми давраи ҳисоботӣ ифода мекунад, ки дар шакли хориҷшавии дороиҳо ё зиёдшавии уҳдадориҳо ба миён омада, ба камшавии сармояи ба тақсимот дар байни соҳибмулкон алоқаманд набуда меоварад»[3].

Аз ин ҷо, хароҷот ҳамчун масрафоти ба арзиш дохилшуда тавзеҳ карда мешаванд, яъне хориҷшавии дороиҳо ва (ё) пайдоиши уҳдадориҳо, ки арзиши ягон намуди дороиро ташкил медиҳанд. Дар ҳар ду ҳолат сухан дар бораи масрафот меравад, аммо агар онҳо ба натиҷаи молиявии ҳамон давраи ҳисоботӣ ҳамроҳ карда шаванд ё ба дороӣ ҳамроҳ карда нашуда, баҳои онро зиёд намоянд, дар ин маврид хароҷот ҳисобида мешаванд.

Ҳамин тавр, ба андешаи мо, масраф барои ба даст овардани дороиҳо, ба монанди молҳо – ин масраф набуда, тағйирот дар таркиби дороиҳои тавозун мебошад. Аммо, агар масрафро дарҳол ба натиҷаи давраи ҳисоботии ҷорӣ дохил кардан мумкин бошад, масалан хароҷоти нақлиётӣ оид ба расонидани мол ҳамчун масраф ҳисобида мешавад, агар ба арзиши аслии захираҳои моддӣ масрафи нақлиётиро дохил намоем, аллакай хароҷот ҳисобида мешаванд.

[1] Каримов Б.Ҳ., Ойев Н.А., Бобиев И.А., Шоймардонов С.Қ. Баҳисобгирии муҳосибии молиявӣ. – Душанбе: Ирфон, 2016. – 550 с. – С. 38.

[2] Луғати тафсирии истилоҳоти стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ (тоҷикӣ-русӣ-англисӣ). Фармоиши Вазорати Молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 майи соли 2011. – № 40 . – 176 с. – С.74.

[3] Бухориев М.Ҳ. Барасии даромад аз фурӯш ва дигар натиҷаҳои молиявии фаъолияти корхона тибқи СБҲМ/Муаммоҳои иқтисодиёт ва идораи муосир/Маҷмӯаи мақолаҳо ва фишурдаи баромадҳои конференсияи илмӣ–амалии байналмилалӣ (10 ноябри соли 2017). – Душанбе: «Ирфон», 2017. – 312 с. – С. 177.

Бинобар ин, чудо кардани мафҳумҳои «масрафҳо» ва «хароҷот» дар ҳисобгирии муҳосибӣ барои муайян кардани натиҷаи молиявӣ муҳим аст, чунки онҳо ҳама масрафҳои дар давраи ҳисоботӣ сарфшударо ба масрафот ва хароҷот ҷудо мекунанд. Хароҷот – ин қисми дар давраи ҳисоботӣ ба арзиши маҳсулот дохилшудаи масрафот мебошад, ҳамон қадаре ки ин қисмат зиёд бошад, натиҷаи молиявии давраи ҳисоботӣ ҳамон қадар кам мешавад. Дарки чунин тафриқагузорӣ вобаста ба омили муваққатии арзиши пул, ки дар тавозун, вобаста ба назарияи номиналии пул ва пешбари ҳуқуқии он дар ҳисобгирии муҳосибӣ ба ҳисоб гирифта намешавад боз ҳам бештар аҳаммиятнок мешавад.

Ҳамин тавр, ба андешаи мо, дар низоми баҳисобгирии молиявӣ ва идоракунӣ мазмуни мафҳуми хароҷот аз ҳамдигар фарқ мекунанд ва онҳоро ҳамчун ҳаммаъно истифода бурдан мумкин нест, чунки фарқияти иқтисодии ин тафсирҳо ба фаҳмиши табдилдиҳии хароҷот ва масрафоти бо далели фурӯш баамаломада асос меёбад.

Хароҷоти муайяне, ки дар тавозуни муҳосибӣ ҳамчун дороӣ инъикос мегардад дар намуди маҳсулоти тайёр, истеҳсолоти нотамом ва ё захираҳо зоҳир мегардад. Хароҷот дар ҳисобот оид ба даромади умумӣ дар асоси алоқаи бевоситаи байни хароҷоти баамаломада ва эътирофи даромад ба эътибор гирифта мешавад. Ин ҷараён дар як вақт ё эътирофи якҷояи даромаду хароҷотро, ки натиҷаи бевоситаю якҷояи ин ё он додугирифт ва ё ҳодисаҳо мебошанд, дар бар мегирад. Ҷараёни мазкур натиҷаи риояи принсипи мувофиқати даромаду хароҷот аст.

Яке аз объектҳои асосии баҳисобгирии муҳосибӣ дар корхонаҳои сайёҳӣ хароҷот ба шумор рафта, дар низоми баҳисобгирии муҳосибӣ-идоракунӣ баҳисобгирии хароҷот мавқеи намоёнро ишғол менамояд. Бинобар ин, таҳияи модели баҳисобгириии хароҷот имконият медиҳад, ки дар доираи он баҳисобгирии ҷараёни бонизоми таъсири хароҷот ба натиҷаҳои молиявӣ муайян карда шавад. Дар амалияти байналмилалии баҳисобгирӣ хароҷотро бо баҳисобгирии (ҳисобкунии) арзиши аслӣ шабоҳат медиҳанд.

Арзиши аслии маҳсулоти (хизматрасонии) сайёҳӣ – ин баҳодиҳии арзишии истифодабарии захираҳои моддӣ ва дигар захираҳо дар ҷараёни истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти сайёҳӣ мебошад. Азбаски таъиноти хароҷот дар ҷараёни истеҳсолот бо роҳи муайянсозии мутааллиқияти онҳо ба ин ё он маҳсулот асос меёбад, усули ба арзиши аслии маҳсулоти мушаххас ҳамроҳ кардани он ҳам низ чунин муқаррар карда мешавад.

Бинобар ин, бо мақсади муайянкунии арзиши аслии маҳсулот, банақшагирӣ ва идоракунии корхона гурӯҳбандии гуногуни хароҷот зарур аст.

Аз рӯйи аломатҳои гуногун гурӯҳбандӣ намудани хароҷот ва аз лиҳози илмӣ асоснок кардани гурӯҳбандии хароҷот бадастории маълумоти таҳлилиро доир ба даромадҳо ва хароҷоти истеҳсолӣ таъмин менамояд, ҳамзамон барои ташкили баҳисобгирии хароҷоти истеҳсолӣ муҳим арзёбӣ мегардад. Дар баҳисобгирии муҳосибии муосир ҷанбаҳои зерини асосии таснифоти хароҷот муайян карда шудаанд:

1. Гурӯҳбандии хароҷот барои баҳодиҳии захираҳо, муайян намудани арзиши аслии маҳсулоти тайёр ва истеҳсолоти нотамом.

2. Гурӯҳбандии хароҷот барои банақшагирӣ, қабули қарори идоракунӣ ва пешгӯикунии фаъолияти корхона.

3. Гурӯҳбандии хароҷот барои танзимкунӣ ва назорат.

Дар баҳисобгирии идоракунии муосир гурӯҳбандии хароҷот аз рӯйи якчанд аломатҳо васеъ таҳлил карда шуда, ҷабҳаҳои баҳсталаб дорад. Ин гурӯҳбандиро дар ҷадвали зерин дида мебароем.

Таснифоти хароҷоти истеҳсолӣ аз рӯйи аломатҳои гуногун дар ҷадвали 2.2.1 оварда шудааст.

Дар ҷараёни баҳисобгирии муҳосибӣ хароҷот ҳамчун омилҳои истеҳсолот, ки барои истеҳсол ва фурӯши маҳсулот масрафшуда фаҳмида мешавад. Хароҷоти корхона аз нигоҳи ҳисоботи муҳосибӣ ва оморӣ ҳамчун арзиши аслӣ баромад мекунад.

Маҷмуи хароҷот барои ташаккул ва фурӯши маҳсулоти сайёҳӣ дар шакли пулӣ ифода меёбад ва арзиши аслии ҳақиқии онро инъикос менамояд. Арзиши

аслӣ фақат хароҷоти ҷориро дар бар мегирад. Арзиши аслӣ аз маблағгузориҳои асосие, ки барои ташаккули воситаҳои асосӣ равона шуданд, фарқ мекунад.

**Ҷадвали 2.2.1. – Таснифоти хароҷот аз рӯйи аломатҳои гуногун**

| № р/т | Аломатҳои гурӯҳбандӣ | Гурӯҳбандии хароҷот |
|---|---|---|
| 1. | Аз рӯйи мазмуни иқтисодӣ | Унсурҳои (ҷузъиёти) иқтисодии хароҷот |
| | | Моддаҳои арзишмуайянкунӣ |
| 3. | Вобаста ба ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот | Доимӣ |
| | | Тағйирёбанда |
| 4. | Аз рӯйи тарзи ҳамроҳ карданашон ба арзиши аслии маҳсулот | Мустақим (бевосита) |
| | | Ғайримустақим (бавосита) |
| 5. | Аз рӯйи усули эътирофашон ба сифати хароҷот | Хароҷот ба маҳсулот |
| | | Хароҷоти даврӣ |
| 6. | Аз рӯйи муносибаташон ба ҷараёни истеҳсолот | Асосӣ |
| | | Барилова |
| 7. | Аз рӯйи таркибашон | Якунсура |
| | | Комплексӣ |
| 8. | Вобаста ба ҷараёни технологияи истеҳсолот | Истеҳсолӣ |
| | | Ғайриистеҳсолӣ |
| 9. | Аз рӯйи имконияти фарогирии нақшавӣ | Нақшавӣ |
| | | Ғайринақшавӣ |
| 10. | Аз рӯйи давраҳои бавуҷудоӣ | Ҷорӣ |
| | | Яквақта |
| 11. | Аз рӯйи имконияти танзимшавӣ | Танзимшаванда |
| | | Танзимнашаванда |
| 12. | Аз рӯйи имконияти назорат | Назоратшаванда |
| | | Назоратнашаванда |
| 13. | Аз рӯйи муносибат ба маҳсулоти тайёр | Хароҷот ба маҳсулоти тайёр |
| | | Хароҷот ба истеҳсолоти нотамом |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Таркиби аниқ ва номгӯйи хароҷоти ширкатҳои сайёҳӣ ва агентиҳои сайёҳӣ ба дигар субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ монанд буда, бо санадҳои қонунгузорӣ ва низомномаҳои (стандартҳои) баҳисобгирии муҳосибӣ ба танзим даровaрда мешавад. Ҳуҷҷати асосии баҳисобгирии муҳосибӣ, ки дар он арзиши аслӣ то соли 2023 муайян карда мешуд ин Низомнома оид ба ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулот (кор, хадамот) барои корхонаву муассисаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёфт. Низомномаи мазкур пурра ҳамаи паҳлуҳои баҳисобгирии хароҷоти истеҳсолиро мувофиқи санадҳои меъёрии амалкунанда фаро намегирифт.

Таркиби хароҷот ва тартиби ташаккули хизматрасониҳои сайёҳӣ дар

асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» ва талаботҳои «Қоидаҳои намунавии ҳисобкунии арзиши аслии мол (кор, хизматрасонӣ)», (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, № 505, аз 28 октябри соли 2023) ба танзим даровардa мешавад. Тавсияҳои методии хос оид ба банақшагирӣ, баҳисобгирӣ ва ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулоти сайёҳӣ дар алоҳидагӣ таҳия карда нашудааст. Ба андешаи мо, барои дуруст муайян намудани таркиб ва таснифоти хароҷоти намудҳои алоҳидаи маҳсулоти (хизматрасонии) сайёҳӣ, меъёрҳо ва усулҳои ягона дастурамал ё тавсияномаи хоси танзимкунандаи соҳа зарур шуморида мешавад, ки ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулоти сайёҳӣ ва натиҷаи молиявӣ аз фурӯши хизматрасонии сайёҳиро таъмин намояд.

Вобаста ба хусусиятҳои хоси хизматрасонии соҳа, баҳисобгирии хароҷот оид ба хизматрасонӣ ба сайёҳон – маҷмуи усулҳои пурра ва дуруст инъикос намудани хароҷоти ширкатҳои сайёҳӣ ва агентиҳои сайёҳӣ мебошад, ки вобаста ба пешниҳоди маҷмуи хизматрасониҳои дар роҳхати сайёҳӣ пешбинишуда ва хизматрасониҳои иловагӣ бо пардохти алоҳида расонидашаванда мебошад.

Баҳисобгирии хароҷоти истеҳсолӣ, пешбарӣ ва фурӯши маҳсулоти сайёҳӣ бо мақсади фаврӣ, саҳеҳ, дақиқ ва пурра гирифтани маълумот оид ба захираҳои моддӣ, меҳнатӣ ва молиявӣ дар мавриди расонидани хизматрасониҳои сайёҳӣ, бояд аз тарафи ширкатҳои сайёҳӣ ва агентиҳои сайёҳӣ амалӣ карда шаванд.

Хусусиятҳои фаъолияти корхонаҳои соҳаи сайёҳӣ ва ташаккули иттилооти эътимоднок, ҳақиқӣ ва ҷамъбастӣ, хароҷоти истеҳсолӣ аз лиҳози илмӣ асоснок гурӯҳбандӣ карда шавад, ки он ҳамчун замина барои самаранок ташкил намудани баҳисобгирии муҳосибӣ баромад менамояд. Хусусиятҳои соҳавӣ имкон медиҳад, ки чунин самтҳои таснифоти хароҷот дар сайёҳӣ ҷудо карда шаванд:

*Вобаста ба субъекти фаъолияти хоҷагидорӣ,* хароҷоти пайдошаванда дар ширкати сайёҳӣ ва агентии сайёҳӣ фарқ карда мешавад. Чунин танифот бо

сарчашмаҳои гуногун рӯйпӯш кардани ин хароҷотро дар назар дорад. Ширкати сайёҳӣ хароҷоти худро аз ҳисоби даромади аз ҳисоби фурӯши маҳсулоти сайёҳии ташаккулёфта мепӯшонад. Хароҷоти агентии сайёҳӣ бошад ба пешбарӣ ва фурӯши маҳсулоти сайёҳии ташаккулёфта ба истеъмолкунандагон алоқаманд аст. Хароҷоти мазкур, мувофиқи талаботи шартномаи ба агентии сайёҳӣ ҳамчун подоши комиссионӣ пардохт карда мешавад.

*Вобаста ба муносибат ба ҷараёни истеҳсолӣ,* хароҷоти дар ҷараёни ташаккули (истеҳсоли) маҳсулоти сайёҳӣ ва дар ҷараёни пешбарӣ ва фурӯши минбаъда ҷудо мешаванд.

*Вобаста ба мавзеи пайдоиш,* хароҷоти истеҳсолии дар корхонаи сайёҳӣ ташаккулёфта ва хароҷоти ҳуқуқашон аз корхонаҳои беруна гирифташуда ҷудо мешаванд, ки ширкатҳои сайёҳӣ бо мақсади ташаккули маҷмуи хизматрасониҳои фурӯхташаванда мегиранд. Зарурати ин таснифот имконият медиҳад, ки таркиби хароҷоти ширкати сайёҳӣ асоснок карда шавад ва арзиши аслии истеҳсолии маҳсулоти сайёҳӣ барои фурӯш муайян карда шавад.

Хароҷоти истеҳсолии дар худи корхонаи сайёҳӣ ташаккулёбанда, аз хароҷоти дохилихоҷагӣ ва зерсохторҳои корхонаи сайёҳӣ, ки дар истеҳсоли маҳсулоти сайёҳӣ иштирок мекунанд, ташкил мешаванд. Ба чунин зерсохторҳо воситаҳои ҷойгиронӣ, хизматрасониҳои нақлиётӣ, маданӣ, варзишӣ ва дигаронро, ки ба корхонаи сайёҳӣ тобеанд, дохил намудан мумкин аст.

Ба хароҷоти гирифтани ҳуқуқи хизматрасонӣ, ки субъектҳои хоҷагидории беруна мерасонанд, пешбинӣ мешаванд, ки ба таркиби маҳсулоти сайёҳии ба харидорон фурӯхташаванда дохил шаванд ва чунин хароҷотро дохил намудан мумкин аст:

- ҷойгиркунӣ ва зисти сайёҳон;
- хизматрасонии нақлиётӣ;
- хӯрока;
- хизматрасониҳои экскурсионӣ;
- хизматрасониҳои тиббӣ, табобатӣ ва пешгирии бемориҳо;
- хизматрасонии раводидӣ, бо ҳамроҳ кардани хароҷоти дигари

барасмиятдарории сайру саёҳат;

- ташкили чорабиниҳои маданӣ-фарҳангӣ, фароғатӣ ва варзишӣ;
- суғуртакунонӣ аз ҳолатҳои садамавӣ, беморӣ ва суғуртаи ҳатмии тиббӣ дар давоми сайри сайёҳӣ;
- хизматрасонии роҳбалад-тарҷумонҳо ва дигар шахсони ҳамроҳикунандаи гурӯҳ, ки бо корхонаи сайёҳӣ муносибати меҳнатӣ ва шаҳрвандию ҳуқуқӣ надоранд.

Пардохти чунин хизматрасониҳо ба субъектҳои беруна хароҷоти истеҳсолии корхонаи сайёҳӣ маҳсуб меёбанд ва бо маблағи хароҷоти истеҳсолии худии ширкати сайёҳӣ нишондиҳандаи арзиши аслии ҳақиқии хизматрасонии сайёҳиро ташкил медиҳанд.

*Вобаста ба тартиби дохил кардан ба таркиби даромад аз фурӯши хизматрасонии сайёҳӣ*, хароҷот барои расонидани хизматрасонии асосӣ ва иловагиро фарқ мекунанд. Таркиби хизматрасонии асосӣ дар роҳхати сайёҳии фурӯхташаванда нишон дода мешавад. Расонидани хизмати иловагӣ сарчашмаи даромади иловагӣ барои корхонаҳои сайёҳӣ мебошад. Маблағи барои ин намуди хизматрасониҳо сарфшуда аз ҳисоби даромади гирифташуда рӯйпӯш карда мешавад.

*Вобаста ба давраи ҳисоботӣ,* хароҷоти корхонаҳои сайёҳӣ ба хароҷот оид ба таҳия ва фурӯши хатсайрҳои амалкунанда ва аз худ кардани маҳсулоти сайёҳии нав ҷудо мешаванд. Чунин таснифот имконият медиҳад, ки натиҷаи молиявии ҳар як давраи ҳисоботӣ дақиқ муайян карда шавад.

*Вобаста ба танзими хароҷоти ба арзиши аслии маҳсулоти сайёҳӣ дохилшаванда,* ба меъёрӣ ва ғайримеъёрӣ ҷудо мешаванд. Вобаста ба моддаҳои хароҷоти муътадил аз тарафи давлат меъёрҳои ба арзиши аслии сайрҳо дохилшаванда муқаррар карда шудааст. Ба ин намуди хароҷоти сайёҳӣ тааллуқ доранд: хароҷоти реклама, омода намудани мутахассисон, гузаронидани санҷишҳои аудиторӣ, хароҷоти машваратӣ, маркетингӣ, намояндагӣ ва сафари хизматӣ, фарсудашавии воситаҳои асосӣ, андозҳое, ки мутобиқи қонунгузории амалкунанда ба арзиши аслии маҳсулоти сайёҳӣ дохил карда мешаванд.

*Вобаста ба дохил намудан ба арзиши аслии маҳсулот,* хароҷот ба мустақим ва ғайримустақим таснифот карда мешаванд. Хароҷоти мустақим ба арзиши аслии ҳамон хатсайре дохил карда мешавад, ки барои ташкили ин хатсайр масраф шудаанд. Хароҷоти ғайримустақим дар як вақт ташаккули якчанд сайрҳоро таъмин менамоянд ва ба арзиши аслии ҳар яки онҳо дар натиҷаи тақсимот, мутобиқи асоси муайяншуда тақсим карда мешаванд. Тартиби тақсимоти хароҷоти ғайримустақим барои дохил кардан ба арзиши сайрҳои ташкилшаванда дар сиёсати баҳисобгирии корхона муайян карда мешавад.

Вобаста аз талаботҳои асосии «Қоидаҳои намунавии ҳисобкунии арзиши аслии мол (кор, хизматрасонӣ)», (Қарори Ҳукумаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, № 505, аз 28 октябри соли 2023), баҳисобгирии хароҷот бояд мутобиқи унсурҳои иқтисодӣ ва моддаҳои арзишмуайянкунӣ ташкил карда шаванд. Қайд кардан бамарид аст, ки ин унсурҳои гурӯҳбандӣ байни ҳам алоқамандбуда, яке хароҷотро барои як воҳиди маҳсулоти сайёҳӣ медиҳад, дигараш бошад хароҷоти истеҳсоли маҳсулоти сайёҳиро дар умум баҳо медиҳад.

Дар ҳисобгирии муҳосибӣ иттилоот оид ба корхона дар умум, ба воситаи гурӯҳбандии хароҷот, мутобиқи унсурҳои иқтисодӣ ба даст оварда мешавад ва вобаста ба сайрҳои ташкилшаванда тақсим карда мешавад.

Таснифот мувофиқи моддаҳои арзишмуайянкунӣ имконият медиҳад, ки арзиши аслии сайрҳои ташкилшаванда дар баҳисобгирӣ дақиқ инъикос карда шуда, барои соқит кардани хароҷоти меъёрӣ ва назорати хароҷоти истеҳсолӣ замина фароҳам орад, инчунин асоснокии нархҳои муқарраршуда таъмин карда шаванд.

Ҳамин тавр, ба ақидаи мо, дар ҳисобгирии муҳосибии корхонаҳои сайёҳӣ, бояд таркиби ҳар як намуди хароҷот ва тартиби ҳамроҳ кардани онҳо ба арзиши аслии маҳсулоти сайёҳӣ, вобаста ба хусусиятҳои хоси соҳаи сайёҳӣ ва хизматрасонӣ аниқу возеҳ муайян карда шавад.

Барои ташкили банақшагирӣ ва баҳисобгирии таҳлилии хароҷот бояд номгӯйи ягонаи баҳисобгирӣ ва ҳисоботӣ истифода бурда шавад. Вобаста ба

хусусиятҳои фаъолияти хоҷагидории ширкати сайёҳӣ ва агентии сайёҳӣ, номгӯйи моддаҳои баҳисобгирии хароҷот гуногун мешаванд.

Арзиши аслии маҳсулоти фурӯхташуда дар корхонаҳои сайёҳӣ аз арзиши аслии истеҳсолӣ, хароҷоти барилова ва хароҷоти аз меъёр зиёд ташаккул меёбад.

«Мувофиқи ҳуҷҷатҳои соҳавӣ, арзиши маҳсулоти сайёҳӣ харҷнома барои ба даст овардани даромад аз фаъолияти сайёҳӣ мебошад, ки хароҷоти зеринро дар бар мегирад:

1) гирифтани иҷозатнома барои ҳуқуқи расонидани хизматрасониҳои сайёҳӣ;

2) таъминоти ташкилоти сайёҳӣ бо қувваи корӣ;

3) ҳиссаҷудокунӣ ба фондҳо ва буҷетҳои гуногун;

4) барои ҷалби муташаккилонаи кормандон;

5) бо таҳияи хатсайрҳои нав алоқаманд;

6) барои нигаҳдорӣ, хизматрасонӣ ва идоракунии ташкилоти сайёҳӣ;

7) барои пардохти маблағи комиссионӣ ба шарикон;

8) хизматҳое, ки ба сайёҳон расонида намешаванд ва ин ҳуқуқҳо аз ҷониби тарафҳо барои ташкили сайрҳо ба даст оварда мешаванд;

9) дигар хароҷот ва пардохтҳо, аз ҷумла хароҷот барои сертификатсияи хатсайрҳои сайёҳӣ ва пардохти маблағи иҷозатнома барои амалӣ намудани фаъолияти ширкатҳо ё агентҳои сайёҳӣ»[1].

Таҳқиқоти гузарондашуда имкон дод, ки алоқамандии байниҳамдигарии онҳо, ки барои иттилоотнокии баҳисобгирӣ ва назорати хароҷот барои идоракунӣ мусоидат менамояд, муайян карда шавад. Бо ҳам алоқамандии нишонаҳои таснифотии хароҷот дар расми 2.2.1 оварда шудааст. Чуноне дар расм омадааст, арзиши аслии истеҳсоли маҳсулоти сайёҳӣ иборат аст аз:

– хароҷоти хариди маҳсулоти (хизматрасонии) сайёҳӣ аз дигар корхонаҳо ва хароҷоти худӣ барои ташаккул ва пешниҳоди хизматрасониҳое, ки бевосита

---

[1] Чагарова, Д. Б. Особенности учета затрат в туризме / Д. Б. Чагарова // Достижения науки и образования. – 2017. – № 7(20). – С. 13-17. – С. 14.

ба арзиши маҳсулоти сайёҳӣ дохил карда мешаванд;




**Расми 2.2.1. – Таснифоти хароҷот аз рӯйи намуди фаъолияти ширкати сайёҳӣ**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

– хароҷоти мустақими меҳнатӣ, ки ба он пардохти музди меҳнат ва дигар пардохтҳои кормандони ба ташаккули маҳсулоти сайёҳӣ машғулбуда дохил мешаванд ва бевосита ба объекти мушаххаси хароҷот ҳамроҳ карда мешаванд;

– дигар хароҷоти мустақим, ки бевосита бо ҳиссаҷудокунҳои иҷтимоӣ, иҷораи замин, истеҳлоки дороиҳо ва ғайра алоқамандбуда, ба объекти мушаххаси хароҷот мустақиман ҳамроҳ карда мешаванд;

– хароҷоти умумиистеҳсолӣ, ки ба он пардохти меҳнати ҳайати идоракунии зерсохторҳои истеҳсолии корхона дохил мешаванд ва

ҳиссаҷудокунӣ аз музди меҳнат, хароҷоти ҳифзи меҳнат, техникаи бехатарӣ, ҳифзи муҳити зист ва ғайра.

Мувофиқи хусусияти фаъолияти субъектҳои сайёҳӣ, хароҷоти бариловаи истеҳсолиро ба доимӣ ва тағйирёбанда гурӯҳбандӣ намудан мумкин аст.

Ба хароҷоти доимӣ хароҷоти бо ташкил ва идоракунии истеҳсолот алоқамандбуда дохил мешавад, ки онҳо аз ҳаҷми фурӯши маҳсулоти сайёҳӣ вобаста набуда, дар давоми вақти релевантӣ бетағйир боқӣ мемонанд. Тартиби ҳамроҳ кардани ин хароҷот ба як воҳиди маҳсулоти сайёҳӣ (хизматрасонӣ) бо роҳи тақсимоти онҳо мутаносибан ба хароҷоти мустақим амалӣ карда мешавад.

Ба хароҷоти тағйирёбанда, ки мутаносибан ё қариб мутаносибан ба тағйирёбии ҳаҷми фаъолият дигаргун мешаванд, хароҷоти хизматрасонӣ ва идоракунии зерсохторҳо оид ба ташаккул ва фурӯши маҳсулоти сайёҳӣ дохил мешаванд. Барои тақсимоти ин хароҷот аксаран ҳаҷми фаъолият, баъзан хароҷоти мустақими корхона баромад мекунад. Номгӯй ва таркиби хароҷоти умумиистеҳсолии тағйирёбанда ва доимиро корхонаи сайёҳӣ метавонад мустақилона муқаррар намояд.

Хароҷоти ба фаъолияти амалиётии корхона алоқаманд, ба арзиши аслии маҳсулоти сайёҳии фурӯхташуда дохил карда намешаванд ва ба хароҷоти маъмурӣ-идоракунӣ, фурӯш ва дигар хароҷоти амалиётӣ ҷудо карда мешаванд.

Ба хароҷоти фурӯш, хароҷоти вобаста ба фурӯши маҳсулоти сайёҳии бевосита ба харидорон ё ба воситаи миёнаравҳо, аз ҷумла подош ба фурӯшандагони маҳсулоти сайёҳӣ, хароҷот барои тарғиб ва омӯзиши бозори хизматрасонии сайёҳӣ, барои суғуртаи сайёҳон ва роҳбаладони гурӯҳҳои сайёҳӣ ва дигар хароҷоти ба фурӯши маҳсулоти сайёҳӣ ва хизматрасониҳо вобаста дохил мешаванд.

Ба дигар хароҷоти амалиётӣ, хароҷоти вобаста ба мубодилаи асъори миллӣ ба хориҷӣ, дар мавриди сайёҳии байналмилалӣ ва мубодилаи асъори хориҷии сайёҳони хориҷӣ ба асъори миллӣ; маблағи соқит кардани қарздориҳои дебитории беэътимод; захираҳо аз рӯйи қарзҳои шубҳанок; зарар аз фарқияти қурбӣ; ҷаримаҳои эътирофшуда; маблағи ҳавасмандкунии моддӣ,

барои нигаҳдории объектҳои иҷтимоӣ, маданӣ, маишӣ ва ғайра; дигар хароҷот барои фаъолияти амалиётӣ дохил мешаванд.

Хароҷот барои фаъолияти амалиётии субъектҳои сайёҳӣ инчунин мутобиқи унсурҳои иқтисодӣ, ҳамчун маҷмуи хароҷоти аз ҷиҳати якхела будан гурӯҳбандӣ карда мешаванд.

Мутобиқи ин нишонаҳо панҷ унсури хароҷотро истифода намудан мумкин аст, ки дар расми 2.2.2 оварда шудааст.




**Расми 2.2.2. – Таркиби хароҷот вобаста ба унсурҳои иқтисодӣ**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси[1]

Мутобиқи таснифоти маъмулии хароҷот мутобиқи унсурҳои иқтисодӣ, ба хароҷоти моддии корхонаҳои сайёҳӣ арзиши хизматрасонии сайёҳии харидашуда ва дигар бастаи маҳсулоти сайёҳӣ (молу маҳсулот), сӯзишворӣ ва қувваи барқ, қисмҳои эҳтиётӣ ва масолеҳи сохтмонӣ дохил мешаванд.

Ба таркиби унсури «Хароҷот барои пардохти меҳнат» музди меҳнат мутобиқи воҳидҳои корӣ ва моҳона (маоши вазифавӣ), подошпулӣ ва ҳавасмандкунӣ, пардохтҳои ҷубронпулӣ, пардохти рухсатии меҳнатӣ ва дигар хароҷоти пардохти меҳнат дохил мешаванд.

Ба унсури «Ҳиссаҷудокунӣ барои эхтиёҷоти иҷтимоӣ» маблағи ҳиссаҷудокунӣ ба фондҳои иҷтимоӣ дохил мешаванд. Вобаста ба ин пешниҳод менамоем, ки дар таркиби моддаи «Ҳиссаҷудокунӣ барои эхтиёҷоти иҷтимоӣ»

[1] Низомов, С.Ф., Мирзоалиев, А.А., Раҳимов, С.Х. Баҳисобгирии идоракунӣ: китоби дарсӣ. – Душанбе: Ирфон, 2017. – 324 с. – С.47.

суғуртаи ҳатмии давлатӣ дар мавриди бекорӣ, корношоямии муваққатӣ, бардоштани ҷароҳат дар истеҳсолот ва бемориҳои касбӣ ташкил карда шавад.

Унсури «Ҳиссаҷудокунии фарсудашавӣ» маблағи фарсудашавии ҳисобкардашудаи фондҳои асосӣ, дороиҳои ғайримоддӣ ва дигар дороиҳои дарозмуддати моддиро дар бар мегирад.

Ба таркиби унсури «Дигар хароҷоти амалиётӣ» хароҷоти бо таъмини хадамоти алоқа ва почта, расонидани кумаки моддӣ, хизматрасонии бонкӣ ва амсоли онҳо дохил мешаванд.

Ба хароҷоти умумии корхона, ба ғайр аз хароҷоти амалиётӣ, инчунин хароҷоти молиявӣ ва хароҷоти ҳолатҳои фавқулода дохил мешаванд.

Ба хароҷоти молиявӣ, пардохти фоизҳо барои истифодабарии қарзҳо, хароҷот оид ба иҷораи молиявӣ ва дигар хароҷоти корхона, вобаста ба ҷалби сармоя аз берун; талафот аз иштирок дар сармоягузории корхонаҳои ҳамҷоя, фаръӣ ва муштарак, инчунин талафоти молиявии дигар (арзоншавӣ ва хориҷшавии дороиҳои ғайригардишӣ ва маблағгузориҳои молиявӣ, талафот аз фарқиятҳои қурбии ғайриамалиётӣ ва монанди онҳо) дохил мешавад. Хароҷоти фаъолияти амалиётӣ ва молиявӣ ба хароҷоти фаъолияти асосӣ дохил мешаванд.

Маблағи хароҷот аз ҳолатҳои фавқулода аз маблағи андоз аз даромад кам карда мешавад ва барои пӯшонидани зарарҳо ва талафот аз ҳолатҳои фавқулода, дар мавриди маблағи фоида аз фаъолияти асосӣ аз зарари ҳолатҳои фавқулода кам набудан, равона карда мешавад.

Ба намудҳои асосии хароҷот барои ташаккули маҳсулоти сайёҳӣ дохил мешаванд:

– хароҷот барои пардохти хизматрасонии дигар корхонаҳои сайёҳӣ;

– хароҷоти подоши меҳнати кормандони корхонаҳои сайёҳӣ;

– хароҷот барои тарғибот (реклама);

– хароҷоти иҷора ва фарсудашавии дороиҳои дарозмуддат;

– хароҷоти истеҳлоки барномаҳои коммуникатсионӣ ва компютерӣ.

Хароҷоти фурӯши маҳсулоти сайёҳӣ ё хизматрасонии миёнаравон (агентиҳои сайёҳӣ) вобаста ба сохтори ташаккулёбиашон аз ҳамдигар тафовут

доранд. Ин хароҷот б амонанди хароҷоти тақсимоти савдои чакана ҳисоб карда мешаванд ва аз ҳисоби подоши комиссионӣ рӯйпӯш карда мешаванд. Хароҷот оид ба фурӯши маҳсулоти сайёҳӣ ба агентиҳои сайёҳӣ амалан хароҷоти моддӣ надоранд. Хароҷоти асосии ин корхонаҳо – хароҷоти пардохти музди меҳнат ва ҳиссаҷудокуниҳо барои эҳтиёҷоти иҷтимоӣ мебошад.

Азбаски маҳсулоти сайёҳӣ бештар дар шакли умумии (бастаи) хизматрасониҳои сайёҳӣ барои гурӯҳи сайёҳон ҳисоб карда шудааст, мо пешниҳод мекунем, ки дар таркиби арзиши аслии маҳсулоти сайёҳӣ инчунин хароҷоти роҳбаладон аз рӯйи самти саёҳат, роҳбалад-тарҷумон низ дохил карда шаванд.

Вобаста бо шахсони гурӯҳи сайёҳонро роҳбаладикунанда, арзиши аслии ҷамъи хизматрасониҳои сайёҳӣ барои гурӯҳи сайёҳон ва як сайёҳ муайян карда мешавад. Ба ин калкулятсия арзиши ҷойгиронӣ, хӯрока, хароҷоти нақлиётӣ (чиптаи ҳавопаймо, қатора, автобус), интиқол, суғурта, сафари роҳбари гурӯҳ, хароҷоти экскурсионӣ, подоши комиссионии агентиҳои сайёҳӣ, боҷи гумрукӣ ва монанди инҳо дохил карда мешаванд.

Ҳисоббаробаркунии арзиши аслӣ аввалан вобаста ба фаъолияти асосӣ, яъне мутобиқи ҷамъи хизматрасонӣ ба гурӯҳи сайёҳон дар умум, баъдан арзиши аслӣ барои як сайёҳ ҳисоб карда мешавад ва арзиши хизматрасонӣ барои роҳхати сайёҳӣ муқаррар карда мешавад.

## 2.3. Ташаккули сиёсати баҳисобгирӣ дар корхонаҳои сайёҳӣ

Дар замони муосир тамоюли тағйирёбии нақши баҳисобгирии муҳосибӣ дар корхона мушоҳида мешавад. Дар корхона баҳисобгирии муҳосибӣ аз бақайдгирии одии далелҳои фаъолияти хоҷагидорӣ ба яке аз ҷузъиёти муҳимми идоракунии корхона мубаддал гаштааст. Дар баробари ин, яке аз марказҳои калидии сиёсати идоракунӣ – сиёсати баҳисобгирии корхона маҳсуб меёбад, ки бевосита ба нишондиҳандаҳои ҳисоботи молиявӣ таъсир расонда, манбаи иттилоотӣ барои қабули қарорҳо аз тарафи маблағгузорони воқеӣ ва эҳтимолӣ мебошад.

Яке аз муҳимтарин вазифаҳое, ки дар назди роҳбарият ва муҳосиботи корхона меистад, ин таҳияи дурусти сиёсати баҳисобгирӣ мебошад. Сиёсати баҳисобгирии интихобшуда ба бузургии нишондиҳандаҳои арзиши аслии маҳсулот, даромад, андоз аз даромад, нишондиҳандаҳои вазъи молиявии корхона таъсири амиқ мегузорад. Таваҷҷуҳи кам зоҳир намудан ба ташаккули он ҳамчун ҷузъиёти зарурии низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ба оқибатҳои ногувор оварда мерасонад. Номувофиқатӣ ва номутаносибии ҷараёни баҳисобгирӣ, инъикоси нопурраи объектҳои баҳисобгирӣ ва асоснок набудани тарзҳои ба роҳ мондани он, мавҷуд набудани ҳуҷҷатикунонии ба тартиб даровардашуда ба таҳрифоти ҳисоботи муҳосибӣ оварда мерасонад ва наметавонад ҳамчун сарчашмаи эътимодноки иттилоот оид ба фаъолияти корхона хизмат намояд.

Сиёсати баҳисобгирӣ ҳамчун асоси ташкили низоми баҳисобгирии корхона маҳсуб меёбад. Ба ғайр аз муқаррароти дохилии муҳосибии корхонаи тиҷоратӣ, ки тарзи мувофиқи ба роҳ мондани баҳисобгириро инъикос менамоянд, инчунин яке аз воситаҳои ташаккули иттилоот мебошад, ки барои қабули қарори самараноки идоракунӣ равона карда шудааст. Сиёсати баҳисобгирӣ метавонад барои расидан ба натиҷаҳои баландтарини имконпазири фаъолияти корхонаи тиҷоратӣ мусоидат намояд: барои ҷамъоварӣ, ба низомдарорӣ ва ҷамъбасти маълумотҳои гирифташуда, ба нишондиҳандаҳои арзиши аслии маҳсулоти истеҳсолшаванда, натиҷаҳои молиявӣ, андозбандии муносиб таъсир расонад. Ба ақидаи Баранов П.П., Залышкина Т.А.: «Сиёсати баҳисобгирӣ воситаи идоракунии хароҷоти корхонаҳои тиҷоратӣ, инчунин натиҷаҳои гирифташуда аз ҷараёни фаъолият, банақшагирии тактикӣ ва стратегӣ, мутаносибии андозбандӣ, паст кардани меҳнатталабӣ, истифодабарии принсипҳо ва талаботҳои СБҲМ мебошад»[1].

Ҳангоми таҳияи сиёсати баҳисобгирӣ худи корхона мустақилона қарор

[1] Баранов, П. П. Формирование эффективной учетной политики организации / П. П. Баранов, Т. А. Залышкина // Сибирская финансовая школа. – 2006. – № 4(61). – С. 79-84. – С. 80.

қабул мекунад. Дар ҷараёни таҳия намудани сиёсати баҳисобгирӣ муқаррароти санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва Стандартҳои байналмилалииҳисоботи молиявиро бояд ҳатман риоя намояд. Роҳбарияти корхона бо ёрии муҳосиб ин ё он усулҳои ба роҳ мондани баҳисобгирии муҳосибиро интихоб намуда, муайян менамоянд, ки алоқамандии ҳисобҳои мушаххаси муҳосибӣ дар хусуси аз ҳисоб баровардани захираҳо, ҳисоб кардани фарсудашавӣ, аз ҳисоб баровардани хароҷот, аз нав баҳодиҳии дороиҳо чӣ тарз бояд ташкил карда шаванд. Вобаста ба ин, бояд ба инобат гирифта шавад, ки байни чунин навиштаҷоти муҳосибӣ ва мазмуни ҳисоботи муҳосибӣ дар умум алоқамандии бевосита мавҷуд аст. Ҳамин тавр, интихоби усулҳои ба роҳ мондани баҳисобгирии амалиётҳои хоҷагидорӣ, ҳаҷми фоидаро муайян менамояд, дар ҳисобот ё талафот, баҳодиҳии дороиҳо, эътирофи даромадҳо ва хароҷот пешниҳод мешавад. Бе шиносоӣ бо сиёсати баҳисобгирӣ, таҳлили муқоисавии нишондодҳои фаъолияти корхонаро дар давраҳои гуногун ва хусусан таҳлили муқосавии корхонаҳои гуногунро гузарондан мумкин нест.

Бинобар ин, маҳз дар сиёсати баҳисобгирӣ методикаи ташаккули ҳисоботи молиявӣ инъикос карда мешавад, ки ба истифодбарандагон маълумоти эътимоднок ва дақиқро оид ба даромаднокӣ, пардохтпазирӣ, сармоягузорӣ ва дигар нишондодҳои фаъолияти молиявии корхонаро барои қабули қарори идоракунӣ пешниҳод менамояд.

Сиёсати баҳисобгирӣ – ин сиёсати дарозмуҳлат дар доираи баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил ва аудит мебошад, ки ҳар як корхона онро мустақилона таҳия менамояд.

Сиёсати баҳисобгирӣ аз тарафи муҳосибот ва роҳбарияти корхона бояд таҳия, коркард, усулҳои пешбурди баҳисобгирӣ интихоб ва тартиби истифода бурдани онҳо нишон дода шавад. Ҳамзамон нишондиҳандаҳои ҳисоботи молиявӣ ба талаботи Стандартҳои байналмилалииҳисоботи молиявӣ ҷавобгӯ бошанд. Дар ҳолати мавҷуд набудани талаботи мушаххас, роҳбарият бояд сиёсатеро таҳия намояд, то дар ҳисоботи молиявӣ иттилооте пешниҳод карда шавад, ки принсипҳои ҳисобу замкунӣ, фаъолияти бетанаффус, ва таснифоти

сифатӣ – фаҳмогӣ, бамавридӣ, эътимоднокӣ, муқоисавӣ риоя карда шаванд.

Дар моддаи 2 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» омадааст: «Сиёсати баҳисобгирӣ – принсипҳои дақиқе, ки дар асоси ҳуҷҷатҳои тасдиқнамудаи роҳбарияти корхона, маҷмуи қоидаҳо, усулҳо ва тартиби пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартиб додани ҳисоботи молиявиро тибқи стандартҳои байналмилалӣ ва ё миллӣ муайян менамояд»[1].

Дар СБҲМ (IAS) 8 «Сиёсати ҳисобгирӣ, тағйирот дар баҳодиҳиҳои бухгалтерӣ ва хатоиҳо» оварда шудааст: «Сиёсати баҳисобгирӣ – ин принсипҳои мушаххас, асосҳо, шартҳо, қоидаҳо ва амалияе, ки ширкат барои таҳия ва пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ қабул кардааст»[2]. Тафсирҳои овардашудаи сиёсати баҳисобгирӣ имкон медиҳад, ки дар шакли васеъ оид ба сиёсати баҳисобгирӣ ҳамчун низоми пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ дар корхонаи мушаххас ҳарф занем.

Аз тарафи дигар, сиёсати баҳисобгириро ба маънои маҳдуд, ҳамчун ҳуҷҷати низоми пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ дида баромадан мумкин аст, ки шаклҳои махсус ва вариантии баҳисобгирии муҳосибии корхонаи мушаххас истифодабарандаро инъикос менамояд. Аз ҷумла, Брызгалин А.В. сиёсати баҳисобгирии корхонаро ҳамчун: «...ҳуҷҷати ҳатмии қабулкардаи корхона, ки мутобиқи қонунгузории амалкунандаи муҳосибӣ, қоидаҳои дохилии пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ муқаррар карда шудаанд»[3], муайян менамояд.

Профессор Ю.А. Бабаев кӯшиш кардааст ин равандҳои ба сиёсати баҳисобгирӣ вобастаро пайваст намояд: «Сиёсати баҳисобгирӣ – ин воситаи нодире мебошад, ки ба воситаи он, аввалан ҷараёни мусолиҳакории

---

[1] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ” аз 27 марти соли 2011, №702. [Сарчашмаи электронӣ] / Низоми дастрасӣ: https://mmk.tj.

[2] Садченко, К. Г. Учетная политика организации как инструмент оптимизации налогообложения / К. Г. Садченко // Вестник евразийской науки. – 2018. – Т. 10, № 1. – С. 29.

[3] Брызгалин А.В., Головкин А.Н., Берник В.Р. Учетная политика предприятия на 2002 год [Электронный ресурс] // Налоги и финансовое право, 2002. № 12. Режим доступа: http://www.pravo.vuzlib.su/book_z281_page_1.html.

(либерализатсияи) низоми баҳисобгирии муҳосибӣ амалӣ карда мешавад; дуюм, низоми меъёрии баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисобот такмил дода мешавад; сеюм, номувофиқатиҳои қонунгузории амалкунанда ҳалли худро меёбад»[1].

Ҳамин тавр, ба ақидаи Ю.А. Бабаев баҳисобгирӣ аз шакли одии бақайдгирии далелҳои фаъолияти хоҷагидорӣ ба яке аз унсурҳои муҳимтарини идоракунии тиҷорат мубаддал гашт. Соколов Я.В., Терентьева Т.О. қайд менамоянд, ки: «Сиёсати баҳисобгирӣ – интихоби усулҳои методологӣ мебошад, ки имконият медиҳад дар ҳисобот натиҷаи молиявии фаъолияти субъекти хоҷагидориро инъикос намояд»[2].

Аз ин ҷо бармеояд, ки яке аз қоидаи дар охир пешниҳодшуда, моҳияти сиёсати баҳисобгириро дар ҳама ҷанбаҳо равшантар инъикос менамояд.

Мо чунин мешуморем, ки сиёсати баҳисобгирӣ аз маҷмуи усулҳои пешбудрди баҳисобгирии муҳосибӣ – ҳуҷҷатикунонӣ, назорати аввалия, баҳодиҳӣ, гурӯҳбандии ҷорӣ ва ҷамъбасти натиҷавии рӯйдодҳои фаъолияти хоҷагидории аз тарафи корхона қабулшуда мебошад.

«Сиёсати баҳисобгирии корхона – кулли усулҳои қабулкардашудаи корхона оид ба пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ мебошад, аз он ҷумла:

– мушоҳидаи аввала;

– ченаки арзишӣ;

– гурӯҳбандии ҷорӣ;

– ҷамъбасти натиҷаҳои фаъолияти хоҷагидорӣ (ҳисоботдиҳӣ).

Сиёсати баҳисобгириро корхона дар соли ҷорӣ таҳия менамояд ва барои соли минбаъда истифода мебарад. Сиёсати баҳисобгирӣ ҳуҷҷати асосии танзимкунандаи пешбурди баҳисобгирии муҳосибии корхона буда, дар он талаботҳои асосии методӣ, ташкилӣ ва техникии ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ дарҷ мегардад ва унсурҳои ҳатмии дар қонунгузории амалкунанда

---

[1] Бухгалтерский учет: учеб. / Ю.А. Бабаев и др. / под ред. Ю.А. Бабаева. — М.: ТК Велби, Изд-во Проспект, 2005. — 392 с. – С. 22.

[2] Бухгалтерский учети аудит: современная теория и практика / учебник под. ред. Я.В. Соколова и Т.О. Терентьевой. – М.: Экономика, 2009. – 438 с. – С. 125.

пешбинишуда нишон дода мешавад.

Сиёсати баҳисобгирии ширкати сайёҳӣ воситаи муҳимми ташаккули нишондиҳандаҳои фаъолияти корхона, банақшагирӣ ва сиёсати нархгузорӣ мебошад. Иттилооте, ки дар низоми баҳисобгирии муҳосибии корхонаҳои соҳаи сайёҳӣ ташаккул меёбанд, ба онҳо омилҳои дохилӣ ва берунӣ таъсир мерасонанд. Ба омилҳои берунӣ дохил мешаванд:

– санадҳои танзимкунанадаи меъёрӣ-ҳуқуқии пешбурди баҳисобгирӣ;

– ташкили баҳисобгирии андозҳо;

– мушкил будани ташаккул ва пешниҳоди ҳисоботи андозӣ, оморӣ, ҳисобот ба фонди ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва суғуртаи иҷтимоӣ;

– риоя кардани талаботҳои СБҲМ.

Ба омилҳои дохилӣ, ки мазмуни иттилооти ҳисоботи молиявиро муайян менамоянд, дохил мешаванд:

– шакли ташкилӣ-ҳуқуқӣ;

– сохтори ташкилии корхонаи сайёҳӣ;

– самти фаъолияти ширкати сайёҳӣ ё агентии сайёҳӣ;

– самти гуногуни фаъолияти корхонаҳои соҳаи сайёҳӣ (бисёрҷабҳагӣ, муқаррар намудани алоқаҳои берунии иқтисодӣ, ташкили филиалҳо ва намояндагиҳо);

– низоми андозбандӣ;

– ниёзмандии иттилоотии моликон ва ҳайати идоракунӣ;

– дараҷаи касбии ҳайати кадрии муҳосибии ширкати сайёҳӣ.

Таъсири омилҳои дохилии ба мазмуни иттилооти дар ҳисобгирии муҳосибӣ ташаккулёфтаро таҳқиқ намуда, мо таваҷҷуҳи хосро ба эҳтиёҷоти иттилоотии ҳайати роҳбарикунанда ва касбияти муҳосибон зоҳир намудем, чунки ҳамкорӣ ва таъсири мутақобилаи онҳо объективӣ мебошад. Ҳайати роҳбарикунандаи корхона, дар асоси иттилоот оид ба натиҷаҳои фаъолияти молиявӣ, тағйироти эҳтимолии захираҳое, ки корхона дар оянда назорат мекунад, баҳо медиҳад ва имконияти исифодабарии самараноки онро муайян менамояд. Маҳз, ҳайати идоракунии корхонаи сайёҳӣ, ҳамчун

истифодабарандаи дохилии иттилооти молиявӣ, метавонад ба раванди пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ таъсири бевосита расонад. Хадамоти муҳосибии корхона, ки фаъолияти сайёҳиро амалӣ менамояд, бо хадамоти банақшагирӣ, шуъбаҳои маркетинг, ҳуқуқ ва кадрҳо алоқаи зич дорад. Ҳамкории мутақобилаи ин сохторҳо расидан ба мақсади асосии фаъолияти корхонаи тиҷоратӣ, яъне гирифтани фоидаи максималиро таъмин менамояд. Агар хадамоти гуногуни молиявӣ истифодабарандагони маъмулии иттилооти муҳосибӣ маҳсуб ёбанд, кормандони шуъбаи маркетинг на танҳо маълумотҳои баҳисобгирии муҳосибиро истифода мебаранд, инчунин фаъолона ба онҳо таъсир мерасонанд. Мутахассисон-маркетологҳо, ки барои иҷроиши харҷномаҳо ва назорати буҷети маркетинг ҷавобгаранд, бояд усулҳои ҳисобкунии хароҷоти корхона ва назорати буҷетии дар ширкат истифодашавандаро донанд. Ба зиммаи менеҷерон вазифаи пешбарии баҳисобгирии фаврӣ-техникӣ вогузор карда мешавад, ки дар замони муосир аз онҳо донистани худи мантиқи баҳисобгирии муҳосибӣ, алоқамандии намудҳои баҳисобгирии дар низоми идоракунии автоматикунондашудаи ширкат истифодашавандаро талаб менамояд.

Мутахассисони хадамоти муҳосибӣ бе гирифтани машваратҳои касбии ҳуқуқӣ фаъолият карда наметавонанд, ки онро кормандони хадамоти ҳуқуқӣ таъмин менамоянд. Дар шароити имрӯза чунин ҳамкории мутақобилаи байни муҳосибон ва ҳуқуқшиносон хеле муҳим тағйиротҳои зуд-зуд ба амалояндаи қонунгузории ватанӣ, мураккабшавии фаъолияти хоҷагидорӣ, муқаррар шудани намудҳои нави муносибатҳои шартномавӣ мебошад.

Низоми мураккаби муносибатҳои байниҳамдигарӣ, ки байни истифодабарандагони дохилии иттилооти муҳосибӣ ба амал меояд, таъмини эҳтиёҷоти истифодабарандаи мушаххас барои ба даст овардани мақсади асосии фаъолияти субъекти иқтисодӣ, яъне гирифтани фоидаи максималӣ равона карда мешавад. Дар чунин вазъият, сиёсати баҳисобгирии корхона воситаи воқеие мебошад, ки онро идора кунад, фаъолияти молиявӣ ва банақшагирии андозиро амалӣ намояд ва гаронии андозро паст намояд. Сиёсати баҳисобгирӣ

дар корхона нақши бузург ва муҳиммияти хоси худро доро мебошад, чунки маҳз дар ин ҳуҷҷати дохилӣ меъёрҳое дохил карда мешаванд, ки дар қонунгузории баҳисобгирии муҳосибӣ ва андоз пешбинӣ шудаанд, муқаррароти он ба сифати далелҳо дар судҳои иқтисодӣ ва идораҳои андоз қабул карда мешаванд.

Ба ақидаи мо, сиёсати баҳисобгирии корхона бояд талабот ва манфиатҳои истифодабарандагони дохилӣ ва берунаи иттилооти ҳисоботи молиявиро дар бар гирифта, барои расидан ба мақсади асосии ҳар як корхона, яъне гирифтани фоидаи амалиётӣ мусоидат намояд. Маҳз, ин мақсад ва вазифаҳо бояд дар мавриди таҳияи сиёсати баҳисобгирии ширкатҳои сайёҳӣ ба даст оварда шаванд ва муқаррароти он тартиби умумии алоқаи байниҳамдигарии ҳайати роҳбарикунандаро муайян намояд.

Сиёсати баҳисобгирӣ дар фаъолияти молиявии корхонаҳои сайёҳӣ нақши муҳимро мебозад. Баҳисобгирӣ бошад фишанги самарабахши идоракунии иқтисодии корхона буда, иттилоотро оид ба нишондиҳандаҳои истеҳсолӣ, иқтисодӣ ва молиявии фаъолияти корхона ташаккул медиҳад. Ин иттилоот баъд аз коркард ва таҳлил имконият медиҳад, ки қарорҳои самарабахши идоракунӣ бароварда шаванд ва мувозинаи молиявии корхонаи сайёҳӣ нигоҳ дошта шавад.

Тибқи талаботҳои СБҲМ ошкоркунии принсипҳои мушаххаси сиёсати ҳисобгирӣ барои истифодабарандагон алалхусус муҳим мебошад, яъне сиёсати баҳисобгирии корхона бояд дар тавзеҳоти ҳисоботи молиявӣ ба истифодабарандагон пешниҳод карда шавад. Ширкати сайёҳӣ бояд дар сиёсати баҳисобгирӣ шарти баҳисобгирии ҷудогонаи даромадҳо ва хароҷоти вобаста ба фурӯши роҳхатҳои сайёҳӣ ва хизматрасониҳои иловагиро дохил намояд.

Ташкили баҳисобгирии корхонаи сайёҳӣ аз намуди фаъолияти он (ширкати сайёҳӣ ё агенти сайёҳӣ) вобастагӣ дорад. Хусусиятҳои хоси фаъолияти сайёҳӣ дар ширкати сайёҳӣ – ҳамчун истеҳсолкунандаи маҳсулоти сайёҳӣ ифода меёбад.

Ба ҷанбаҳои асосии сиёсати баҳисобгирии ширкати сайёҳӣ дохил

мешаванд:

1. Тартиби баҳисобгирии хароҷот ва усули гурӯҳбандӣ барои дохил намудан ба арзиши маҳсулоти сайёҳӣ.

2. Интихоби усули эътирофкунии даромад аз фурӯши маҳсулоти сайёҳӣ.

3. Истифодабарии шаклҳои ҳатмии ҳисоботи молиявӣ.

Дар сиёсати баҳисобгирии корхонаҳои сайёҳӣ бояд хусусиятҳои хоси фаъолияти корхонаи сайёҳӣ ва тартиби пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ; шаклҳои ҳуҷҷатҳои аввалияе, ки барои барасмиятдарории амалиётҳои хоҷагидорӣ истифода бурда мешаванд; нақшаи кории ҳисобҳо дар асоси нақшаи ҳисобҳои амалкунанда; тартиби гузарондани барӯйхатгирӣ; усулҳои баҳодиҳии захираҳо, амвол ва уҳдадориҳои корхона; тартиби гирдгардиши ҳуҷҷатҳо ва технологияи коркарди ахбороти баҳисобгирӣ ва дигар қарорҳое, ки барои ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ заруранд, ба инобат гирифта шаванд.

Дар раванди таҳияи сиёсати баҳисобгирӣ, муҳосиб бояд сохтори корхона, намуди фаъолият, технологияи истеҳсолот, таъминоти техникӣ ва ғайраро ба инобат гирифта, аз шаклҳои гуногуни пешбурди баҳисобгирии маъмулӣ бояд ҳамонеро интихоб намояд, ки ба хусусиятҳои хоси корхона мутобиқ бошад. Сиёсати баҳисобгириро таҳия намуда, муҳосиб боядояндабин бошад, яъне пешбинӣ намояд, ки истифодабарии усули мушаххаси баҳисобгирӣ ба нишондиҳандаҳои ҳисобот чӣ гуна таъсир мерасонад, инчунин принсипи сарфакориро истифода барад.

Маъмулан, сиёсати баҳисобгирӣ – ин кулли тарзу усулҳои пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ мебошад, аммо дар асл – ин яке аз воситаҳои идоракунии корхона маҳсуб меёбад.

Сиёсати баҳисобгирӣ – ин ҳуҷҷатест, ки манфиатҳои корхонаро дар доираи аз тарафи он истифодабарии қоидаҳои пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ҳифз менамояд. Дар асоси меъёрҳо ва талаботҳои ин ҳуҷҷат, ки ба санадҳои меъёрии танзимкунандаи соҳа такя мекунад, истифодабарандагони дохилӣ ва беруна метавонанд иттилооти фаврӣ ва эътимоднокро оид ба фаъолияти молиявӣ-хоҷагидории корхона ба даст оранд.

Дар мавриди таҳияи дурусти сиёсати баҳисобгирӣ сатҳи баланди самаранокии фаъолият (истеҳсолӣ, тиҷоратӣ, хизматрасонӣ) таъмин карда мешавад.

Ба интихоби қоидаҳо ва шартҳои мушаххасе, ки дар сиёсати баҳисобгирии корхона инъикос меёбанд, чунин омилҳо таъсир мерасонанд:

- мутаалиқии соҳавӣ ва намуди фаъолият;
- ҳаҷми истеҳсолот ва фурӯши маҳсулот, шумораи кормандон, арзиши амволи корхона;
- сохтори идоракунии корхона (мавҷудияти филиалҳо, зерсохторҳои таркибӣ);
- дараҷаи рушди низоми иттилоотӣ дар корхона;
- асоси моддӣ (мавҷудияти васоити техникии бақайдгирии иттилоот, техникаи компютерӣ ва монанди инҳо);
- сатҳи тахассусии кадрҳои муҳосибӣ;
- дигарҳо.

Пайдоиши қоидаҳо ва шартҳои махсуси пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ, ки дар сиёсати баҳисобгирии корхонаи мушаххас инъикос меёбанд, аз як қатор омилҳо вобастагӣ доранд:

Аввалан, аз интихоби варианти пешбурди баҳисобгирӣ, агар асоси меъёрӣ тағйирпазириро пешбинӣ кунад.

Дуюм, аз мавҷудияти амалиётҳои хоҷагидорӣ ва объектҳое, ки тартиби баҳисобгирии онҳо умуман ё қисман ба танзим дароварда нашудаанд.

Сеюм, аз мавҷудияти амалиётҳои хоҷагидорӣ ё объектҳое, ки вобаста ба онҳо дар базаи меъёрӣ номувофиқатиҳо мавҷуд аст.

Чорум, аз кӯшишҳои боз ҳам наздиктар кардани баҳисобгирии муҳосибӣ ва баҳисобгирии андоз ба воситаи сиёсати баҳисобгирӣ.

Қоидаҳои сиёсати баҳисобгириро дар ҳуҷҷатҳои меъёрии ватанӣ ва хориҷӣ таҳқиқ намуда, бояд қайд намоем, ки хусусиятҳои умумии онҳо дар он ифода меёбад, ки сиёсати баҳисобгирӣ бо тайёркунӣ ва пешниҳоди ҳисоботи

молиявӣ маҳдуд мешавад ва ба масъалаҳои ташкил ва пешбурди баҳисобгирӣ дахл намекунад.

Фаҳмост, ки таҳия ва қабули сиёсати баҳисобгирӣ – ин ҷараёни мураккаб буда, мавҷудияти имкониятҳои кадрӣ, молиявӣ ва техникии махсус ва комилан донистани фаъолияти корхонаро талаб менамояд.

Ташаккули сиёсати баҳисобгирӣ, ба ақидаи баъзе олимон дар ду сатҳ амалӣ мешавад:

1) сатҳи макро – сиёсати мақомоти давлатӣ оид ба рушди низоми баҳисобгирии муҳосибӣ. Дар ин маврид сиёсати баҳисобгирӣ ба воситаи мақомотҳои ваколатдор ташаккул меёбад ва дар шакли санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ба расмият даровarда мешавад;

2) сатҳи микро – сиёсати корхонаи мушаххас оид ба таъмин намудани эътимоднокии ҳисоботи молиявӣ. Корхона дар асоси санадҳои қонунгузорӣ ҳуҷҷати дохилии меъёрии худро таҳия менамояд, ки низомнома (фармон) оид ба сиёсати баҳисобгирӣ ном дорад.

Танзими методологӣ ва ташкилии низоми баҳисобгирии муҳосибӣ дар корхона аз тарафи давлат амалӣ карда мешавад. Мутобиқи моддаи 2 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ: «Мақоми ваколатдори давлатӣ – мақоми марказии ҳокимияти иҷроия, ки фаъолияти соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявиро ба танзим медарорад». Мувофиқи моддаи 8-и Қонуни мазкур: «Мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки сиёсати давлатиро дар соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ татбиқ менамояд, роҳбарии умумии методологиро ба зимма дорад ва аккредитатсияи корхонаҳои касбии муҳосибонро мегузаронад, ҳуҷҷатҳои меъёрӣ оид ба масъалаҳои танзими баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявиро дар мувофиқа бо мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи омор қабул менамояд, ки иҷрои онҳо барои ҳамаи корхонаҳои дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалкунанда ҳатмӣ мебошад, инчунин ҳуҷҷатҳои меъёриро таҳия ва қабул менамояд, ки тавсияҳои мушаххас

вобаста ба номгӯйи қоидаҳои алоҳидаи методика ва қоидаҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявиро дар бар мегиранд»[1].

Вобаста ба ин, ҳар як корхона метавонад сиёсати баҳисобгирии худро мустақилона, вобаста ба самти фаъолият ва натиҷаҳои интизоришаванда аз мақсади гузошта, таҳия ва тасдиқ намояд.

Дар мавриди таҳияи низомнома (фармон) оид ба сиёсати баҳисобгирӣ бояд чунин талаботҳо риоя карда шаванд:

1) қонуният – сиёсати баҳисобгирии корхона бо қонунгузории амалкунанда мухолифат накунад;

2) мутобиқат – сиёсати баҳисобгирии корхона бояд ба хусусиятҳои хоси фаъолияти он мутобиқ бошад;

3) самаранокӣ – хароҷоти масрафшуда барои таҳияи сиёсати баҳисобгирӣ бояд аз манфиати ҷорӣ кардан он баланд набошад;

4) ягонагӣ – сиёсати баҳисобгирии дар корхона таҳияшуда, бояд аз тарафи тамоми зерсохторҳо, филиалҳо ё корхонаҳои фаръӣ ҳатман риоя карда шавад. Чунин тартиб шароит фароҳам меорад, ки маълумоти ҳисоботҳо дар доираи корпоратсияҳо, холдингҳо, ассотсиатсияҳо муқоиса ва таҳлил карда шавад;

5) ошкорӣ – сиёсати баҳисобгирӣ бояд то ба таваҷҷуҳи истифодабарандагони дохилӣ ва берунии иттилоот расонида шавад, то ки барои гирифтани маълумот оид ба тарзҳои ташаккули ахбороти истифодашуда огаҳӣ пайдо кунанд.

Бояд қайд намуд, ки корхона мустақилона сиёсати баҳисобгирии худро муайян менамояд: шакли баҳисобгирии муҳосибӣ, тарзи бақайдгирӣ ва ҷамъбасти маълумот дар сабткунакҳои баҳисобгирӣ дар асоси заминаи методологии ягона, бо дарназардошти хусусиятҳои фаъолияти хоҷагидорӣ, интихоби технологияи коркарди маълумот, низом ва шакли баҳисобгирии идоракунӣ, ҳисобот ва назорати амалиётҳои хоҷагидорӣ ва ғайра.

[1] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» аз 27 марти соли 2011, №702.

Инчунин, дар мавриди ташаккул ва қабули сиёсати баҳисобгирӣ бояд ба инобат гирифт, ки мутобиқи моддаи 9-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» омадааст: «...шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ оид ба риояи талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавриди иҷрои амалиёти хоҷагидорӣ масъул мебошанд»[1], масъалаи ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ дар корхона ба ваколати муассиси (муассисон) он ё мақоми ваколатдор (шахси вазифадор) дохил мешавад. Яъне, ҷавобгарӣ барои ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ, аз ҷумла ташаккули сиёсати баҳисобгирӣ ба зиммаи молики корхона ё роҳбари он вогузор карда шудааст.

Аз таҳияи дурусти низомнома оид ба сиёсати баҳисобгирии субъекти фаъолияти сайёҳӣ, чи тавре ки Н.Б.Рошко дуруст қайд менамояд: «...на танҳо инъикоси объективии иттилоот дар ҳисоботи молиявӣ, инчунин таҳлили фаъолияти корхона дар умум, қабули қарор оид ба ташкили кори он низ вобастагӣ дорад»[2].

«Сиёсати баҳисобгирӣ принсипҳои мушаххас, низомнома, қоидаҳо ва таҷрибаи андӯхтаи корхонаҳоро ҷиҳати баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартиб додани ҳисоботи молиявӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, стандартҳои миллӣ, байналмилалӣ ва нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ, вобаста ба талабот ва хусусиятҳои фаъолияташон дар бар мегирад. Сиёсати баҳисобгирӣ дар корхона, ба таври мунтазам, ҳар сол татбиқ карда мешавад. Сиёсати баҳисобгирӣ метавонад дар ҳолатҳои тағйир ёфтани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ё санадҳои меъёрии мақомоте, ки баҳисобгирии муҳосибиро ба танзим медароранд, аз ҷониби корхона таҳия гардидани тартиби нави баҳисобгирии муҳосибӣ ё дар ҳолати куллан тағйир

---

[1] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ” аз 27марти соли 2011, №702.

[2] Рошко Н.Б. Организация учета в субъектах туристической деятельности / Н.Б. Рошко // Экономические науки. Серии: Экономика и менеджмент, Региональная экономика, Экономическая теория и экономическая история, Учет и финансы. – 2012. – № 9-4(33). – С. 343-353. – С. 346.

ёфтани шароити фаъолияти онҳо тағйир ёбад»[1].

Дар давраи ташаккули сиёсати баҳисобгирӣ барои корхонаҳои сайёҳӣ муайян намудани унсурҳои он дар объектҳои асосии баҳисобгирӣ нақши намоёнро мебозад. Вобаста аз субъекти фаъолияти сайёҳӣ, миқдори объектҳои баҳисобгирӣ ва мураккабии он фарқ мекунад. Ҳамин тавр, барои агентии сайёҳии хурд шумораи ками объекти баҳисобгирӣ хос бошад, барои ширкати сайёҳӣ метавонад зиёдтар, ба монанди воситаҳои асосӣ, қарздориҳо, захираҳо, даромадҳо, хароҷот ва монанди инҳо бошад.

Яке аз вазифаҳои муҳим муайян кардани сиёсати баҳисобгирии субъекти фаъолияти сайёҳӣ мебошад, ки дар ин бора аксаран агентиҳои сайёҳӣ фаромӯш мекунанд.

Сиёсати баҳисобгирӣ – ин ташкил намудани баҳисобгирии фаъолияти корхона буда, аз оғози гузаронидани аввалин амалиётҳои хоҷагидории корхона амалӣ карда мешавад. Аз унсурҳои таркибии сиёсати баҳисобгирии корхонаи сайёҳӣ, дақиқии инъикоси амалиётҳои хоҷагидорӣ, мутаносибан ҳам иттилоот дар ҳисоботи молиявӣ вобастагӣ дорад. Низомнома (фармоиш, фармон) оид ба сиёсати баҳисобгирӣ барои муҳлати дароз (камаш як сол) таҳия карда мешавад, бинобар ин барои таҳияи он бояд диққати махсус дода шавад.

Ба андешаи мо, дар таҳияи чунин ҳуҷҷат, на танҳо хадамоти муҳосибӣ бо роҳбарии сармуҳосиб, инчунин роҳбарияти корхона низ бояд иштирок намоянд.

Ҷузъиёти таркибии сиёсати баҳисобгириро корхона мустақилона муқаррар менамояд ва онро дар низомнома оид ба сиёсати баҳисобгирӣ бояд қайд намояд.

Дар расми 2.3.1 пешниҳодот оид ба интихоби сиёсати баҳисобгирии субъектҳои фаъолияти сайёҳӣ мутобиқи таркиби асосӣ (объектҳои баҳисобгирӣ) пешниҳод карда шудааст.

---

[1] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ” аз 27марти соли 2011, №702.




**Расми 2.3.1. – Хусусиятҳои сиёсати баҳисобгирии субъекти соҳаи сайёҳӣ**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Дар таркиби хароҷоти корхонаи сайёҳӣ мавқеи камро хароҷоти моддӣ ва фарсудашавӣ назар ба корхонаҳои истеҳсолӣ ишғол менамоянд, ки хусусан ба фаъолияти ширкатҳо ва агентиҳои сайёҳӣ дахл дорад.

Мутобиқи СБҲМ 1 даромади вобаста ба пешниҳоди хизматрасонӣ, вобаста ба дараҷаи ба охир расидани амалиёт оид ба иҷрои он дар санаи тавозун эътироф карда мешавад, агар натиҷаи ин амалиёт эътимоднок баҳо дода шуда бошад. Баҳодиҳии дараҷаи баитмомрасии амалиёт оид ба пешниҳоди хизматрасонӣ чунин муайян карда мешавад: омӯзиши корҳои иҷрошуда; муайян намудани ҳиссаи ҳаҷми хизматрасонии дар санаи муайян расондашуда, дар ҳаҷми умумии хизматрасонӣ, ки бояд пешниҳод карда шаванд; муайян намудани ҳиссаи ҳаҷми хароҷоте, ки корхона вобаста ба пешниҳоди хизматрасонӣ дорад, дар маблағи интизоришавандаи чунин хароҷот.

Маблағи хароҷоте, ки дар санаи муайян сарф шудааст, танҳо ҳамон

хароҷотеро ба ҳисоб мегирад, ки ҳаҷми хизматрасониҳои пешниҳодшударо дар ин сана инъикос менамояд. Бинобар ин, тарзи муайян намудани дараҷаи баитмомрасии хизматрасонӣ, мутобиқи СБҲМ 1 дар сиёсати баҳисобгирии корхона муқаррар карда мешавад. Бояд қайд намуд, ки дар ҳисобгирии муҳосибӣ ду намуди эътирофи даромадҳои корхонаи сайёҳӣ мавҷуд аст – даромад дар санаи воридшавии воситаҳои пулӣ ба ҳисоби ҷорӣ ё ба хазина барои пардохти маҳсулоти сайёҳӣ. Дар амалия бештар варианти дуюм истифода бурда мешавад, ки даромад танҳо баъд аз ба охиррасии санаи сайр эътироф карда мешавад. Бинобар ин, дар низомнома (фармон) оид ба сиёсати баҳисобгирӣ бояд усули баҳодиҳии хадамоти пешниҳодниҳодшаванда дар вақти ҳисоббаробаркунӣ бо харидор қайд карда шавад.

Ҷанбаи зарурии сиёсати баҳисобгирӣ интихоби намуди шартнома маҳсуб меёбад: шартнома барои хизматрасонии сайёҳӣ ё шартномаи хариду фурӯш.

Аз интихоби шартнома дар ҳисобгирӣ дуруст инъикос ёфтани амалиётҳо оид ба пешниҳоди хизматрасониҳои сайёҳӣ, хусусан инъикос додани даромад аз фурӯши маҳсулоти сайёҳӣ, ААИ, сабукиҳои андоз ва шакли ҳуҷҷатҳои аввалия вобастагӣ дорад.

Ҳамин тавр, фаъолияти сайёҳӣ мувофиқи шартномаҳои гуногуни хизматрасонии сайёҳӣ ба роҳ монда мешавад: хариду фурӯш, агентӣ, комиссионӣ, суғурта, таъминот (расондани хизматрасонӣ) ва ғ.

Ҷадвали ҳаракати ҳуҷҷатҳо ба мавзеъҳои коркард барои иҷрои амалиётҳои зарурии техникӣ бо ҳуҷҷатҳо гардиши ҳуҷҷатҳои корхонаҳои сайёҳӣ маҳсуб меёбад. Гардиши ҳуҷҷатҳо дар чунин корхонаҳо ба се ҷараёни асосӣ пешниҳод мешавад: воридотӣ (ҳуҷҷатҳои корхонаи болоӣ ё корхонае, ки назорат мекунад); содиротӣ (ҳуҷҷатҳое, ки ба истифодабарандагони беруна пешниҳод карда мешаванд); дохилӣ (ҳуҷҷатҳое, ки дар байни зерсохторҳо ва кормандони корхона дар гардишанд).

Дар ҷараёни гирдгардиши ҳуҷҷатҳо ҳамаи амалиётҳои хоҷагӣ дар лаҳзаи ба амал омаданашон ҳуҷҷатӣ кунонида мешаванд ва ҳуҷҷати аввала қонунӣ ба амал омадани ҳодисаро тасдиқ мекунад.

Ҳуҷҷатҳои аввалияи асосӣ дар фаъолияти сайёҳӣ – ин роҳхат, полиси суғуртавӣ, шартнома, ариза, ҳисобнома, супоришномаи пардохтӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои ҳамроҳикунанда мебошанд.

Ҳамин тавр, дар равиши таҳқиқоти гузарондашуда муайян карда шуд, ки сиёсати баҳисобгирӣ яке аз воситаҳои зарурии ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ маҳсуб меёбад. Маълум карда шуд, ки мансубият ба соҳа ё намуди фаъолият муҳимтарин омиле ба ҳисоб меравад, ки ба ташаккули сиёсати баҳисобгирӣ таъсир мерасонад. Самаранокии идоракунии фаъолияти молиявӣ-хоҷагидории корхона бештар аз хусусиятҳои ташаккул ва амалишавии сиёсати баҳисобгирӣ вобастагӣ дорад. Аломатҳои самаранокии сиёсати баҳисобгирӣ дар замимаҳои 2 ва 3 оварда шудаанд.

Дар натиҷаи таҳқиқот унсурҳои сиёсати баҳисобгирии объектҳои асосии баҳисобгирии корхонаҳои сайёҳӣ муайян карда шуд, ки дар низомнома (фармон) оид ба сиёсати баҳисобгирӣ оид ба онҳо бояд маълумот дода шавад.

Бинобар ин, ба таври нақшавӣ асосҳои ташаккули сиёсати баҳисобгирии корхонаи сайёҳиро метавонем дар чунин шакл тасвир намоем (расми 2.3.2).

Вобаста ба принсипҳои ташаккули сиёсати баҳисобгирӣ, ки дар расми 2.3.2 оварда шудааст ва ба хусусиятҳои фаъолияти корхонаи сайёҳӣ мувофиқ аст, метавонем қисмати асосии сиёсати баҳисобгирии корхонаи сайёҳӣ – ширкати сайёҳиро бо мақсади баҳисобгирии муҳосибӣ ва андозӣ тартиб диҳем:

1. Дар мавриди амалишавии фаъолияти ширкатҳои сайёҳӣ, даромад аз фурӯши маҳсулоти сайёҳиро дар ҳисобгирӣ чунин инъикос намудан мумкин аст:

– дар мавриди аввал: дар лаҳзаи интиқоли номгӯйи пурраи ҳуҷҷатҳо ё лаҳзаи дохилшавии воситаҳои пулӣ ба хазина ё ҳисоби бонкии корхона;

– дар ҳолати кор ба воситаи агентии сайёҳӣ: дар рӯзи гирифтани ҳисобот аз агентӣ оид ба фурӯши маҳсулоти сайёҳӣ ё дохилшавии воситаҳои пулӣ ба ҳисоби бонкӣ ё хазинаи корхона.

**1** **СИЁСАТИ БАҲИСОБГИРИИ КОРХОНАИ САЙЁҲӢ**

маҷмуи усулҳои пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ, ки корхона ба сифати шароитҳои мутобиқи хоҷагидорӣ ва таъсир расондан ба натиҷаҳои молиявии фаъолияти корӣ интихоб намудааст

**1.1** **Ташаббускори ташаккули сиёсати баҳисобгирӣ**, чун қоида роҳбар ё сармуҳосиб мебошанд, ки пешниҳоди хадамоти гуногуни корхонаро, ки барои банақшагирии арзиши аслии маҳсулоти сайёҳӣ, таснифоти хароҷот ва ғайра ҷавобгаранд, ҷамъбаст менамоянд.

**1.2** Бо фармон оид ба сиёсати баҳисобгирӣ ҳамасола ба расмият дароварда мешавад

**1.3** **Дар ҳолатҳои зер тағйир меёбад:**

– тағйирёбии қонунгузории ҶТ ва санадҳои меъёрӣ;

– таҳияи усулҳои нави пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ барои эътимоднокӣ ва самаранокии гирифтани иттилоот;

– аз нав ташкилшавии корхона;

-ивазшавии моликон, тағйирёбии намуди фаъолият.

**1** — **2** **ВАЗИФАИ АСОСӢ**

**2.1** Инъикоси объективонаи фаъолияти молиявӣ-хоҷагидории корхона

**2.2** Ташаккули иттилооти пурра ва эътимоднок оид бафаъолияти корхона бо мақсади идоракунии самараноки кори корхона

**1** **2**

**3** **ДАВРАҲОИ ТАШАККУЛИ СИЁСАТИ БАҲИСОБГИРӢ**

**3.1** Муайян намудани объектҳои баҳисоб-гирии муҳосибӣ

**3.2** Муайянкунӣ, таҳлил ва баҳодиҳии омил ки ба интихоби усулҳои пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ таъсир мерасон

**3.3** Интихоб ва асоснокунии мавқеи ибтидоии ташкили сиёсати баҳисобгирӣ

**3.4** Муайян намудани эҳтимолияти истифодабарии усули қобили қабули пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ дар

**3.5** Интихоби усулҳои пешбурди баҳисобгир муҳосибӣ дар корхонаи туристии мушах Истеъмолкунанда

**3.6** Ба расмиятдарории сиёсати баҳисобгирии интихобшуда

давоми расми 2.3.2




**Расми 2.3.2. – Сиёсати баҳисобгирии корхонаи сайёҳӣ**
**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси[1]

Дар мавриди амалӣ намудани фаъолияти агентии сайёҳӣ, баҳисобгирии

[1] Рахимов С.Х. Учетная политика на предприятиях туристической отрасли для целей бухгалтерского учета [Текст] / С.Х. Рахимов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально–экономических и общественных наук. – Душанбе. – 2020. – № 8. – С. 22-28. – С. 25.

даромад аз фурӯши маҳсулоти сайёҳӣ бояд чунин инъикос карда шавад:

– дар лаҳзаи иҷрои супориш оид ба фурӯши маҳсулоти сайёҳӣ (рӯзи тартиб додани ҳисобот) – дар мавриди амалишавии фаъолияти миёнаравӣ оид ба фурӯши маҳсулоти сайёҳии дигар ширкатҳои сайёҳӣ;

– дар рӯзи интиқоли номгӯйи умумии ҳуҷҷатҳо, ё дар рӯзи дохилшавии маблағҳои пулӣ ба ҳисоби бонкӣ ё хазинаи корхона – дар ҳолати бозфурӯшии маҳсулоти сайёҳӣ мувофиқи қоидаи лаҳзаи аввал.

Дохилшавии воситаҳои пулӣ ба хазина ё ба ҳисоби бонкии корхона бояд аз рӯзи фурӯши чиптаҳои ҳавопаймоӣ ҳисоб карда шавад. Агар чиптаҳои ҳавопаймоӣ мутобиқи шартномаи комиссионӣ фурӯхта шавад, санаи фурӯш бояд санаи интиқоли ҳуҷҷатҳо ба харидор ҳисобида шавад.

2. Баҳисобгирии маҳсулоти сайёҳӣ бояд дар ҳисоби 10741 «Маҳсулоти сайёҳӣ» мувофиқи арзиши аслии ҳақиқӣ инъикос карда шавад.

3. Дар ҳисоби 10731 «Истеҳсолоти нотамом» баҳисобгирии хароҷоти маҳсулоти сайёҳӣ амалӣ карда мешавад.

4. Барои баҳисобгирии хароҷоти умумихоҷагӣ бояд ҳисоби таркибии иловагӣ дар нақшаи ҳисобҳои амалкунанда дохил карда шавад. Бо ин мақсад, мо истифодабарии ҳисоби 10739 «Хароҷоти истеҳсолӣ»-ро пешниҳод менамоем ва дар он баҳисобгирии хароҷоти умумиистеҳсолиро тавсия медиҳем.

5. Истифода бурдани ҳисоби 55200 «Хароҷоти фурӯш» барои баҳисобгирии хароҷоти вобаста ба фурӯши маҳсулоти сайёҳӣ, чун:

– пардохти корхонаҳои миёнарав барои ҳиссаҷудокуниҳо ва боҷи комиссионӣ;

– хароҷоти тарғиботӣ (реклама);

– хароҷоти намояндагӣ.

6. Барои муайян намудани таркиби хароҷот оид ба фаъолияти асосии истеҳсолӣ бояд чунин хароҷот ҳисоб карда шаванд:

– оид ба ҷойгиркунӣ ва зиндагӣ;

– оид ба хизматрасонии нақлиётӣ (ҳамлу нақл);

– оид ба хӯрокворӣ;

– оид ба хизматрасонии экскурсионӣ;

– оид ба хизматрасонии тиббӣ, табобатӣ ва солимгардонӣ;

– хароҷоти сайру саёҳат ва дигар хароҷоти вобаста барасмиятдарории раводид;

– хароҷоти варзишӣ, маданиию маърифатӣ, маданӣ-маишӣ;

- хароҷот оид ба хизматрасонии роҳбаладӣ ва роҳбалад-тарҷумонҳо.

Ба хароҷоти бавосита дохил мекунанд:

– музди меҳнат;

– андозҳо ва ҳиссаҷудокуниҳо ба фонди таъминоти иҷтимоӣ;

- таъмири асосӣ ва ҳиссаҷудокуниҳои фарсудашавии воситаҳои асосии таъиноти истеҳсолидошта;

– хароҷот барои хизматрасониҳои алоқа, интернет ва хароҷот коммуналӣ;

– дигар хароҷоте, ки ба арзиши аслии маҳсулоти сайёҳӣ дохил намекунанд.

7. Андоз аз арзиши иловашуда мутобиқи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоб карда мешавад ва баҳисобгирии уҳдадориҳои андозӣ ва қарзи андоз дар ҳисоби 22320 «Андоз аз арзиши иловашуда (ААИ) барои пардохт» амалӣ карда мешавад.

8. Ҳангоми ҳисоббаробаркунӣ бо аҳолӣ аз ҳуҷҷатҳои зерин истифода мебаранд:

– шаклҳои ҳатмии ҳисоботе, ки аз тарафи Вазорати молия ва Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шудаанд;

– чиптаҳои ҳавопаймо;

– файлҳои амалиёти ҳисоббаробаркунӣ.

9. Баҳисобгирии шаклҳои ҳатмии ҳисобот дар ҳисоби 10130 «Ҳуҷҷатҳои пулӣ» ба ҳисоб гирифта шаванд. Баҳисобгирии таркибӣ барои ҳар як намуди шакли қатъии ҳисобот ва мавзеи нигаҳдории он бурда шавад.

Ҳамин тавр, вобаста аз гуфтаҳои боло, муайян карда шуд, ки сиёсати баҳисобгирии корхонаи сайёҳӣ, чун дар дигар корхонаҳо, мутобиқи

принсипҳои муайян ва бо риояи қоидаҳои муайян бо мақсади баҳисобгирии муҳосибӣ ва андозӣ ташаккул меёбад.

Вобаста ба таҳқиқоти гузарондашуда чунин хулосаҳо баровардан мумкин аст:

– дар шароити имрӯзаи рушди соҳаи сайёҳӣ дар мамлакати мо таҳқиқотҳои илмии дар ҳисобгирии муҳосибӣ инъикос намудани фаъолияти молиявӣ-хоҷагидории корхонаҳои сайёҳӣ мавҷуд нест. Инчунин ягон маводҳои методие коркард нашудааст, ки инъикоси тамоми паҳлуҳои фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ дар баҳисобгирии муҳосибиро таъмин намоянд. Чунин вазъият, мутаассифона, ба рушди бомаром ва ҳаматарафаи соҳаи сайёҳӣ мусоидат намекунад:

– имрӯзҳо барои сайёҳӣ, ҳамчун соҳаи босуръат ва ҳаматарафа рушдёбанда, коркардҳои аз ҷиҳати илмӣ тарҳрезишуда ва низоми батанзимдаровардашуда, вобаста ба ҳама ҷанбаҳо ва хусусиятҳои ба худ хоси фаъолияти сайёҳӣ ва корхонаҳои сайёҳӣ зарур аст;

– ҷанбаи муҳимми таҳқиқоти олимони ватанӣ бояд ба таҳқиқотҳо вобаста ба ташаккули низоми баҳисобгирӣ ва назорат дар корхонаҳои сайёҳӣ, бо назардошти таҷрибаи байналмилалӣ ва талаботҳои Стандартҳои байналмилалииҳисоботи молиявӣ равона карда шаванд.

# БОБИ 3. БАҲОДИҲИИ ҲОЛАТИ МУОСИРИ ТАШКИЛИ БАҲИСОБГИРИИ МУҲОСИБӢ ВА НАЗОРАТ ДАР КОРХОНАҲОИ САЙЁҲӢ

## 3.1. Таҳлили вазъи муосири ташкили баҳисобгирӣ ва назорат дар корхонаҳои сайёҳӣ

Муҳит, расму оин ва анъанаҳои миллӣ, муносибатҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ, инчунин сохтори сиёсии мамлакатҳо ба ташкил ва пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ дар соҳаи сайёҳӣ таъсири амиқ мерасонад. Омӯзиши таҷрибаи байналмилалии ташаккули низоми баҳисобгирии муҳосибӣ собит месозад, ки иттилооти дар ҳисоботи молиявӣ инъкосшуда барои қонеъ гардондани талаботи иттилоотии истифодабарандагони манфиатдор муҳим мебошад.

Ташкили ширкатҳои фаромиллӣ бо филиалҳо ва намояндагиҳои худ дар минтақаҳои гуногуни ҷаҳон аз он шаҳодат медиҳад, ки ба он ширкатҳои сайёҳии байналмилалӣ ва комплекси меҳмонхонаҳо дохил мешаванд. Ин ва дигар омилҳо барои ташкили низоми ягонаи батанзимдарории пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ мутобиқи Стандартҳои байналмилалииҳисоботи молиявӣ замина мегузорад.

Дар солҳои 90-уми асри XX пас аз омӯзиш ва ҳалли муаммоҳои умумӣ дар самти ҷорикунии Стандартҳои байналмилалииҳисоботи молиявӣ, вобаста ба рушди комплексии иқтисодиёти минтақа, ҳамоҳангсозии минтақавии муҳосибот, ҳамчун яке аз фишангҳои воқеии ислоҳоти низоми баҳисобгирии муҳосибӣ дар кишвар баромад намуд.

Барои асоснокkунӣ ва қабули қарорҳои самарабахши идоракунӣ, ташкил ва пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳия ва пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ, таъмин намудани талабот ва эҳтиёҷоти истифодабарандагони дохилӣ ва берунӣ бо маълумотҳои боэътимоди молиявӣ, нақши калидиро дар амалияи муосири идоракунии корхонаҳо, татбиқи амалии талаботҳои Стандартҳои байналмилалииҳисоботи молиявӣ мебозад.

Дар ҷумҳурӣ ба фаъолият оғоз намудани ширкатҳои фаромиллӣ, аз ҷумла намояндагиҳои ширкатҳои бонуфузи сайёҳии байналмилалӣ, маҷмааи меҳмонхонаҳо, ки дар давлатҳои гуногун филиалҳо, корхонаҳои фардӣ ва намояндагиҳо ифтитоҳ намуданд, дар пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ мутобиқи қонунгузориҳои маҳаллӣ, баҳодиҳии амвол ва уҳдадориҳои молиявӣ, эътирофи даромаду хароҷот, натиҷаҳои молиявӣ ва ғайра бо мушкилиҳо рӯ ба рӯ гардиданд. Ҳолати мазкур барои муайян намудани натиҷаҳои молиявии фаъолияти онҳо ва тартиб додани ҳисоботи молиявии ҷамъбастӣ дар миқёси корпоратсияҳо муаммои сарбаста мебошанд. Дар ин маврид, шаффоф набудани нишондиҳандаи ҳисобот, муқоисанашавандагии маълумоти баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботҳо имкон намедиҳанд, ки ҳолати вазъи воқеии молиявии корхонаҳо дар мамолики гуногун дуруст муайян карда шавад. Чунин тартиби кор ба талафоти бузурги молиявӣ ва ҳатто муфлисшавию аз байн рафтани онҳо оварда мерасонд.

Аз ҷониби дигар, татбиқи СБҲМ ва талаботи қонунгузориҳои андозбандию гумрукӣ барои ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ моделҳои гуногуни баҳисобгирии муҳосибиро ба миён овард. Чунин тамоюл тақозо менамояд, ки дар арсаи ҷаҳонӣ низомҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ байни ҳам ҳамгиро карда шаванд.

Ташкили бозори сармояи ҷаҳонӣ яке аз омилҳои дигаре мебошад, ки боиси ҷорӣ намудани СБҲМ дар мамлакатҳо гардида, наздик шудани усулҳои баҳисобгириро тақозо менамояд. Қадами аввалин ва асосӣ дар ин самт гузариш ва истифодабарии Стандартҳои байналмилалииҳисоботи молиявӣ ва ҷорӣ намудани низоми ягонаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисобот дар корхонаву муассисаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Зеро, низоми мавҷудаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ баҳодиҳӣ ва интихоби объекти маблағгузорӣ, воридшавии корхонаҳоро ба бозори байналмилалии сармоя имконнопазир мегардонад.

Пас аз Истиқлолияти давлатӣ зарурати гузариш ба Стандартҳои байналмилалииҳисоботи молиявӣ ба миён омад. Бо назардошти ин нуктаҳо, 4

ноябри соли 2002, № 428, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба гузариш ба Стандартҳои байналмилалииҳисоботи молиявӣ» қабул карда шуд.

Ҷиҳати амалӣ намудани иқдоми мазкур таҷрибаи давлатҳои ҳамсоя, аз ҷумла Ҷумҳуриҳои Қазоқистон ва Қирғизистон омӯхта шуда, дар назди Саридораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Шурои методологии баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит бо ҷалби кормандони вазорату идораҳо, мутахассисон, муҳосибони амалкунандаи касбии таҷрибадор, устодони донишгоҳу донишкадаҳои ватанӣ ташкил карда шуд.

Дар ин давра, бо пешниҳоди Шурои методологии баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити назди Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Фармони Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 марти соли.2004, таҳти №28 Нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибии фаъолияти молиявию хоҷагии корхонаву муассисаҳо ва дастурамал оиди истифодабарии он ва Дастурамал оиди тартиб додани шаклҳои ҳисоботи муҳосибӣ (молиявӣ)-и семоҳа ва солона мутобиқи СБҲМ аз тарафи субъектҳои хоҷагидор (Фармоиши Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 ноябри соли 2004, № 141) қабул гардид ва барои гузариши корхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба СБҲМ замина фароҳам оварда шуд. Вале бо сабабҳои мавҷуд набудани мутахассисони баландтаҷриба ва фароҳам набудани заминаи мусоид дар корхонаҳои ватанӣ ба талаботҳои гузариш ба СБҲМ ин раванд тамдид карда шуд.

Ҷорӣ намудани СБҲМ дар баҳисобгирии фаъолияти молиявӣ-хоҷагидории тамоми субъектҳои хоҷагидорӣ аз соли 2002 оғоз ёфта, то ҳол ба марҳилаи ниҳоии худ нарасидааст.

Дар замони муосир, вобаста ба гузариши корхонаҳои ватанӣ ба СБҲМ, баҳисобгирии муҳосибӣ вазифаи муҳимми пешниҳоди иттилооти молиявӣ ба истифодабарандагони дохилӣ ва берунӣ оид ба нишондиҳандаҳои фаъолияти молиявӣ ва ҳолати воқеии корхонаро иҷро менамояд.

Дар баробари ин, доираи истифодабарандагони иттилооти молиявӣ торафт васеъ гардида, талабот оид ба иттилооти саҳеҳ ва эътимоднок бештар

мегардад. Раванди ҷаҳонишавӣ имконият фароҳам овард, ки бисёре аз ҷанбаҳои илмӣ ва амалии баҳисобгирии муҳосибӣ ба таҷрибаи байналмилалӣ наздик ё мутобиқ карда шаванд, аммо баҳисобгирии муҳосибии ватанӣ то ҳол ба сатҳи нави методологии дар ҷаҳони муосир истифодашаванда расонда нашудааст.

Дар ин замина, бо назардошти талаботи иқтисоди миллӣ зарурати ислоҳоти низоми баҳисобгирии муҳосибӣ пеш омад, ки тақозои замон буда, ҳамчун унсури муҳимми иқтисоди бозорӣ барои ҷалби сармоя шинохта шудааст.

Баҳисобгирии муҳосибӣ ва идоракунии корхона иттилооти доимӣ оид ба амалӣ намудани ҷараёнҳои хоҷагидорӣ, иқтидорҳои молиявӣ ва натиҷаҳои молиявии ҳамаи намуди фаъолиятро талаб менамоянд. Чунин иттилоотро дар мавриди тақсимоти оқилонаи вазифаҳо ва ташкили дурусти фаъолияти хадамоти муҳосибӣ ба даст овардан мумкин аст.

Вазъи муосири баҳисобгирии муҳосибии ватанӣ чунин аст, ки дар амалия, тибқи қонунгузории амалкунанда ақалан ду намуди баҳисобгирӣ: муҳосибӣ ва андоз бурда мешаванд, ки ҳар яки онҳо мақсади муайяни худро доранд. Баҳисобгирии муҳосибӣ, новобаста аз масъалаҳо ва нозукиҳои низоми андозбандӣ, бояд маълумоти саҳеҳу эътимоднок оид ба ҳолати молиявӣ ва вазъи молиявии натиҷаҳои фаъолияти корхонаро пешниҳод намояд. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» санади меъёрии заминавие мебошад, ки дар он асосҳои ташкилию ҳуқуқӣ, принсипҳо ва қоидаҳои пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва таҳияи ҳисоботи молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда шудааст.

Баҳисобгирӣ ва пардохт намудани андозҳо дар «Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» пешбинӣ шудааст, ки истифодабарии модели англо-саксонӣ пешбинӣ намудааст. Мақсади модели англо-саксонӣ – тайёр кардани иттилооти гуногун барои мақсадҳои гуногуни идоракунӣ мебошад, аммо дар амалия муҳосибони касбӣ ва олимон баҳисобгирии муҳосибиро бо баҳисобгирии андоз наздик намуда истодаанд, ки маълумоти баҳисобгирии

муҳосибӣ бештар ба самти баҳисобгирии андоз мутобиқ шуда истодааст.

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» омадааст: «Вазифаҳои асосии баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ таъмин намудани шахсони манфиатдор бо иттилооти пурра ва дақиқ оид ба ҳолати молиявӣ, натиҷаи фаъолият ва тағйироти вазъи молиявии ташкилотҳо мебошад. Низоми баҳисобгирии муҳосибӣ низоми батанзимдарорӣ, бақайдгирӣ ва ҷамъбасти иттилоот оид ба амалиёт ва рӯйдодҳои ташкилотҳо мебошад, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст»[1].

Вобаста ба талаботҳои асосии роҳбарият оид ба амалӣ намудани вазифаҳои гузошташуда, вазифаҳои асосии баҳисобгирии муҳосибӣ – назоратӣ ва иттилоотӣ маҳсуб меёбанд. Вазифаи назоратӣ ба зарурати амалӣ намудани усулҳои баҳисобгирии муҳосибии назорат оид ба нигаҳдорӣ ва истифодабарии самараноки захираҳо, иҷроиши вазифаҳои банақшагирифташуда, риояи муқаррароти қонунгузории амалкунанда ва талаботи созишномаҳо ва шартномаҳо ифода меёбад.

Бо иттилооти зарурӣ таъмин намудани роҳбарият ва зерсохторҳои таркибии он ва корхона дар умум, ҷиҳати амалӣ намудани назорат, банақшагирӣ ва қабули қарорҳои фаврии идоракунӣ, вазифаи калидии баҳисобгирии муҳосибӣ ба шумор меравад.

Натиҷаҳои таҳлили иттилооти дар баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ инъикосёфта, барои қабули қарорҳои идоракунӣ (фаврӣ, тактикӣ ва стратегӣ) аз тарафи менеҷерони сатҳи гуногун истифода бурда мешавад.

Барои тартиб додани бизнес-нақшаҳо, интихоби бозор, фаъолияти кории зерсохторҳои корхона, подоши кормандон ва ғайра иттилооти баҳисобгирӣ ва ҳисоботи молиявӣ васеъ истифода карда мешаванд. Баҳисобгирии муҳосибии корхонаҳои сайёҳӣ барои таъмин намудани бозори дохилӣ ва берунӣ бо маҳсулоти (хизматрасониҳои) рақобатпазир, фаъолияти самараноки корхона,

---

[1] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ», аз 25 марти соли 2011, №702.

манфиати кормандон ва ҷомеа аз технологияҳои муосир истифода намояд. Баҳисобгирӣ бевосита дар асоси барасмиятдарории ҳуҷҷатии ҳамаи рӯйдодҳо ва амалиётҳои ҷараёни хоҷагидорӣ ба роҳ монда мешавад, барои назорат оид ба самаранок истифодабарии захираҳои пулӣ ва молӣ, хароҷоти ғайримақсаднок мусоидат менамояд, ҷаримаҳо барои риоя накардани шартҳои созшнома ва ғайраро пешгирӣ менамояд.

Мутаносибан, ҷорӣ намудани баҳисобгирии идоракунӣ, ҳамчун сарчашмаи таъминоти иттилоотӣ барои ба мақсади идоракунии корхона расидан, бояд консепсияи муосири идоракуниро ба инобат гирад. Натиҷаи таҳқиқоти гузаронида собит менамояд, ки дар корхонаҳои соҳаи сайёҳӣ таваҷҷуҳ ба мутахасисони СБҲМ-ро хуб дарк мекарда бештар гардидааст. Бинобар ин, роҳбарияти корхонаҳоро зарур аст, ки муҳосибони корхонаро барои омӯзиш ё бозомӯзӣ сафарбар намоянд ё мушовиронро ба кор ҷалб намоянд.

Бинобар ин, яке аз масъалаҳои рӯзмарраи ислоҳоти низоми баҳисобгирии муҳосибӣ омода намудани мутахассисоне, ки моҳияти СБҲМ-ро хуб дарк мекунанд, ба ҳисоб меравад.

Ҳамин тавр, ба ақидаи мо, вобаста ба вазъияти воқеии амалияи низоми баҳисобгирии муҳосибии корхонаҳои ватанӣ чунин чорабиниҳо бояд амалӣ карда шаванд:

1. Бо тартиби муайяни қонунгузорӣ ба танзим даровардани методологияи андозбандӣ ва баҳисобгирии муҳосибӣ. Амалияи мавҷудаи низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва андозбандӣ ба мустақилияти низоми баҳисобгирӣ таъсир мерасонад.

2. Дар асоси принсипҳо ва талаботҳои СБҲМ низоми иттилоотии муосири баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои иқтисодӣ, новобаста аз шакли моликият ва тобеияти идоравиашон, бо мақсади таҳияи стратегияи рушди онҳо дар шароити иқтисодиёти бозорӣ.

3. Бознигарӣ намудани барномаҳои таълимии макотиби олӣ ва миёнаи махсус, ки муҳосибон ва молиячиёнро омода менамоянд, баланд бардоштани

сифати таълим дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот, ташкили курсҳои тайёркунӣ ва бозомӯзии мутахассисон, омӯзгорон, муҳосибон, аудиторони дорандаи сертификатҳои байналмилалӣ ва миллӣ, ҳавасмандкунии моддӣ ва маънавӣ ва ғайра.

Аз гуфтаҳои боло ба хулоса омадан мумкин аст, ки баҳисобгирии муҳосибӣ дар низоми идоракунии корхона яке аз қисматҳои муҳим ба шумор меравад. Низоми баҳисобгирии муҳосибиро ба воситаи вазифаҳои асосии он, барои беҳтар намудани идоракунии корхона самаранок истифода бурдан зарур аст. Зарурати ташкили низоми самарабахши баҳисобгирии муҳосибӣ ба миён омадааст, ки он низоми чандирӣ, бисёрҷабҳаро пешбинӣ менамояд ва барои таъмин намудани роҳбарият бо маълумоти ибтидоии баҳисобгирӣ, бо мақсади қабули қарорҳои мутавозини идоракунӣ муҳим мебошанд.

Фаъолияти сайёҳӣ яке аз намудҳои соҳибкорӣ бо хусусиятҳои хоси фарқкунандаи худ мебошад: мустақилияти фаъолияти сайёҳӣ, амалӣ намудани фаъолият бо хавфи худӣ, мунтазам гирифтани фоида аз расондани хизматрасониҳои сайёҳӣ, бақайдгирии давлатии субъектҳои фаъолияти сайёҳӣ.

Низоми баҳисобгирии муҳосибӣ дар корхонаҳои сайёҳии ватанӣ ба баъзе муаммо ва хавфҳое алоқаманданд, ки ба эътимоднокии нишондиҳандаҳои натиҷаи фаъолияти молиявию хоҷагидорӣ таъсир мерасонад. Ташкил ва пешбурди нодурусти баҳисогирии муҳосибӣ метавонад ба оқибатҳои манфӣ, ситонидани ҷарима аз тарафи идораҳои андоз ва нобоварии мизоҷон оварда расонад.

Яке аз масъалаҳои асосии баҳисобгирии муҳосибӣ дар корхонаҳои сайёҳӣ дуруст ба ҳисоб гирифтани даромад ва хароҷот аз фаъолияти амалиётӣ, арзишмуайянкунии намудҳои гуногуни хизматрасонӣ мебошад. Инъикоси нодурусти даромаду хароҷот ба хатоӣ ва таҳрифоти иттилооти ҳисоботи молиявӣ ва андозӣ оварда мерасонад. Барои ҳалли ин масъала қабули сиёсати баҳисобгирии дақиқ ва мувофиқашуда зарур аст.

Масъалаи дигари ҳалталаб, ки дар раванди баҳисобгирии муҳосибии корхонаҳои сайёҳӣ пайдо мешавад, ин пардохти маблағи сайёҳоне мебошад, ки

аз саёҳат даст мекашанд ва дуруст ба ҳисоб гирифтани ин хароҷот ва додани ҷубропулӣ мебошад.

Хавфи дигари амалияи фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ нодуруст ҳисоб кардани андозҳо мебошад. Нодуруст муайян намудани манбаи андозбандӣ, сари вақт ҳисоб ва пардохт намудани он метвонад ба ҷаримабандӣ оварда расонад. Барои паст кардани ин хавф зарур аст, ки барномаҳои махсуси коркарди ахбороти баҳисобгирӣ дар ҷараёни ҳисобкуниҳои андоз истифода бурда шаванд ва вобаста ба тағйирёбиҳои қонунгузориҳои андоз шахсони масъул дар мавридҳои зарурӣ аз бозомӯзӣ гузаранд.

Яке аз хавфҳои дигари низоми баҳисобгирӣ нобоварии мизоҷон ба иттилооти носаҳеҳи баҳисобгирӣ ва ҳисоботи корхонаҳои сайёҳӣ маҳсуб меёбад. Мизоҷон ҳама вақт ба иттилооти эътимоднок ва дастраси корхонаҳои сайёҳӣ ниёз доранд. Ҳар як хатоӣ ё таҳрифоти муҳимми итиилоотӣ метавонад нуфузи корхонаро коҳиш диҳад ва мизоҷонро кам кунад. Барои пешгирӣ намудани ин хавф пеш аз ҳама бояд ба сиёсати баҳисобгирӣ, низоми назорати дохилӣ ва маросимҳои санҷишӣ, баҳодиҳӣ ва тасдиқи иттилооти молиявӣ дода шавад.

Ба хусусиятҳои пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ дар корхонаҳои соҳаи сайёҳӣ бояд таваҷҷуҳи хосса дода шавад, чунки дақиқ ва сари вақт инъикос ёфтани амалиётҳо ва далелҳои фаъолияти хоҷагидорӣ дар ҳисобгирии муҳосибӣ имкон медиҳад, ки рушди корхона дуруст ва равшан таҳлил карда шавад, пайдоиши мушкилоти молиявӣ пешгирӣ карда шаванд ва мутобиқи қонунҳои амалкунанда сари вақт уҳдадориҳои андозиро пардохт намоянд.

Ҳамин тавр, иттилооти баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявии корхонаҳои сайёҳӣ имкон медиҳад, ки фаъолияти тамоми субъектҳои фаъолияти сайёҳӣ таҳлил карда шаванд, ки натиҷаҳои он таъминоти фаъолияти самарабахши тиҷоратӣ ва молиявии онҳоро дар оянда таъмин менамояд.

Ташкили дурусти низоми баҳисобгирии муҳосибӣ дар корхонаи муосири сайёҳӣ сарчашмаи муҳимми иттилоотӣ барои қабули қарорҳои идоракунӣ маҳсуб меёбад. Дар амалия муҳосибоне, ки дар соҳаи сайёҳӣ кору фаъолият

менамоянд, хуб медонанд, ки мавҷуд набудани ҳуҷҷатҳои методӣ ва дастурамалҳои соҳавии пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ дар корхонаҳои сайёҳӣ кори онҳоро мушкил мегардонад. Бинобар ин, онҳо пеш аз ҳама аз таҷриба ва малакаи касбии худ, ки дар Стандартҳои байналмилалииҳисоботи молиявӣ пешбинӣ шудааст, истифода менамоянд.

Хусусияти хоси асосии соҳаи сайёҳӣ ва таъсири он ба иқтисодиёти мамлакат ба воситаи талабот ва истеъмолот аз тарафи сайёҳон ифода меёбад. Яъне маҳсулоти сайёҳӣ ва хизматрасониҳо ба сайёҳ таҳвил дода нашуда, худи сайёҳ ба ҷойи истеҳсол ва истеъмоли маҳсулот ва хизматрасонии сайёҳӣ ташриф меорад. Хизматрасониҳоро пардохт намуда, сайёҳ мехоҳад аз аз тамошои мавзеъҳои сайёҳӣ, таърихӣ, иҷтимоию фарҳангӣ, истироҳат ва дигар ҷойҳо таассуроти хуб гирад.

Хусусияти дигари фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ ин ҷудо намудани онҳо ба фаъолияти ширкатҳои сайёҳӣ ва агентиҳои сайёҳӣ, тартиби муайян намудани ташкили низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорати фаъолияти онҳо мебошад. Ҳар яке аз ин намудҳо, вобаста ба самти фаъолият низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорати ба худ хосро ташкил медиҳад, ки ба истеҳсол (ташкил) ва фурӯши маҳсулоти сайёҳӣ алоқаманданд. «Ширкатҳои сайёҳӣ ҳамчун субъекти хизматрасонии сайёҳӣ, шахсони ҳуқуқие мебошанд, ки дорои иҷозатномаи амалӣ намудани фаъолияти сайёҳӣ буда, барои ташаккул, пешбарӣ ва фурӯши маҳсулоти сайёҳӣ ба агентиҳои сайёҳӣ ва сайёҳон таъсис дода мешаванд. Агентиҳои сайёҳӣ бошанд ба сифати миёнарав бо мақсади фурӯши маҳсулот ва паҳнкунии хатсайрҳои сайёҳии ширкати сайёҳӣ дар асоси шартнома тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият менамоянд»[1]. Ширкати сайёҳӣ бастаи хизматрасониҳоро пешниҳод менамояд, ки ҳамчун роҳхат ба расмият даровarда шуда, ба истеъмолкунандаи ниҳоӣ – сайёҳ пешниҳод карда мешавад.

Агентии сайёҳӣ, ин ширкати яклухт мебошад, ки ҳамчун миёнарави

---

[1] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи сайёҳӣ”, аз 7 августи соли 2020, № 1717. – [Сарчашмаи электронӣ] - Низоми дастрасӣ: https://ctd.tj

байни ширкатҳои сайёҳӣ ва корхонаҳои хизматрасон ва мизоҷон-сайёҳон фаъолият менамояд. Инчунин, агентиҳои сайёҳӣ, ба ғайр аз фурӯши роҳхатҳои ширкатҳои сайёҳӣ метавонанд намудҳои алоҳидаи хизматрасониҳои нақлиётӣ, экскурсионӣ ва меҳмонхонаҳоро барои сайёҳони инфиродӣ ё гурӯҳи сайёҳон ташкил намоянд.

Вобаста ба хусусиятҳои хоси фаъолияти ширкатҳои сайёҳӣ ва агентиҳои сайёҳӣ ташкил ва пешбурди баҳисобгирии муҳосибии онҳо низ фарқ мекунад, ки ин махсусиятҳо дар фаъолияти амалии онҳо бояд ба инобат гирифта шаванд. Баҳисобгирии муҳосибӣ дар ширкатҳои сайёҳӣ асосан баҳисобгирии ташаккули арзиши аслии маҳсулоти сайёҳиро дар бар мегирад, ки дар як вақт арзиши саёҳатро ташкил медиҳад. Баҳисобгирии хароҷот оид ба ташаккули маҳсулоти сайёҳӣ ба нақшаи маъмулии корхонаҳои истеҳсолӣ монанд аст, маҳсулоти истеҳсоли худиро ба фурӯш мебароранд. Дар ин маврид, маҳсулоти истеҳсоли худии ширкати сайёҳӣ хизматрасониҳои сайёҳӣ дар шакли саёҳати ташаккулёфта мебошад, ки ба сайёҳ дар намуди роҳхат фурӯхта мешавад. Дар фаъолияти муҳосиботи агентии сайёҳӣ пешбурд ва фурӯши маҳсулоти сайёҳӣ дар ду самт: фаъолияти тиҷоратӣ ва миёнаравӣ, вобаста аз он ки дар ширкат кадоме аз ин намуди фаъолият истифода бурда мешавад, ташкил карда мешавад.

Хусусияти дигари фарқкунанда – сохтори мураккаби маҳсулоти сайёҳии ташаккулёфтаи ширкати сайёҳӣ ва ҷойгиршавии ҳудудии марказҳои хизматрасонии он мебошад. Маҳсулоти сайёҳӣ маҷмуи хизматрасониҳои сайёҳии байни ҳам алоқаманд мебошанд, ки барои қонеъ гардондани талаботи сайёҳон дар ҷараёни саёҳат, вобаста ба мақсади он пешниҳод карда мешаванд.

Дар ҷараёни саёҳат ширкати сайёҳӣ бо муассисаҳои ҷойгиронӣ, нақлиётӣ, хӯроки умумӣ, экскурсионӣ ва дигар корхонаҳо, ҳамчун миёнарави харидори яклухти хизматрасониҳои сайёҳӣ баромад мекунад.

Дар мавриди амалӣ намудани фаъолияти тиҷоратӣ, ширкатҳои сайёҳӣ метавонанд ба сайёҳоне, ки роҳхатро пешакӣ харидорӣ намудаанд, вобаста ба беқурбшавӣ, боду ҳавои номусоид ба сайёҳон тахфиф пешниҳод намоянд. Дар

вақти ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ, сиёсати маркетингӣ ва нархгузории ширкати сайёҳӣ бояд ба инобат гирифта шавад.

Ба самти хизматрасониҳои сайёҳӣ, тағйирёбиҳои мавсимии талабот таъсири амиқ мерасонад, ки коркард ва истифодабарии сиёсати махсуси баҳисобгирии даромадҳо ва хароҷот дар давраҳои байнимавсимиро пешбинӣ менамояд.

Таҳқиқоти гузарондашуда дар ширкатҳои сайёҳӣ нишон медиҳад, ки ҳиссаи асосӣ дар ҳаҷми иҷрои кор ва хизматрасониҳои ширкати сайёҳиро фурӯши роҳхатҳо ташкил медиҳад. Вобаста ба ин, масъалаҳои муҳим дар низоми умумии баҳисобгирии муҳосибии корхонаҳои сайёҳӣ ин баҳисобгирии маҳсулоти сайёҳӣ ба ҳисоб меравад. Омӯзиши адабиёти махсуси соҳавӣ ва амалияи низоми баҳисобгирии муҳосибии корхонаҳои сайёҳӣ нишон медиҳанд, ки фурӯши маҳсулоти сайёҳӣ аз тарафи корхонаи сайёҳӣ бо ду роҳ амалӣ карда мешавад:

Дар мавриди якум, агенти сайёҳӣ роҳхатро аз ширкати сайёҳӣ харидорӣ намуда аз нав мефурӯшад, дуюм роҳхатро ба комиссия қабул мекунад. Яъне, дар мавриди аввал агенти сайёҳӣ роҳхатро ҳамчун мол мефурӯшад ва дар ҳисобгирии муҳосибӣ молро ҳамчун маҳсулоти тайёри дигар корхонаҳо, бо мақсади аз нав фурӯхтан ва гирифтани даромад ба ҳисоб мегирад. Дар ин ҳолат агентии сайёҳӣ фаъолияти худро на дар соҳаи хизматрасонӣ, балки дар соҳаи тиҷорат амалӣ менамояд. Роҳхати сайёҳӣ дараҷаи «мол»-ро гирифта, бо изофанархии савдо фурӯхта мешавад, ҳуқуқи моликият ба агентии сайёҳӣ гузашта, дар таркиби дороиҳои агентӣ нишон дода мешавад.

Варианти дуюм дар он ифода меёбад, ки агентии сайёҳӣ ба дигар ширкати сайёҳӣ ё сайёҳ роҳхати сайёҳиро бе додани ҳуқуқи моликият пешниҳод менамояд ва аз ин ҳисоб фақат подоши комиссионӣ ба даст меорад.

Бо мақсади фурӯши пурраи маҳсулоти сайёҳӣ ва нигоҳ доштани нуфузи худ, ширкати сайёҳӣ ба агентии сайёҳӣ маҳсулоти сайёҳиро бо нархи устувор пешниҳод менамояд. Дар ин ҳолат, агентии сайёҳӣ ҳавасмандии комиссиониро дар шакли тахфиф аз арзиши маҳсулоти сайёҳӣ ба даст меорад, вале ҳуқуқи

моликӣ ба агентии сайёҳӣ намегузарад.

Фаъолияти самараноки корхонаҳои сайёҳиро дар замони муосир бе ташкили дақиқи баҳисобгирии муҳосибӣ тасаввур намудани ғайриимкон аст. Низоми баҳисобгирии муҳосибии корхонаҳои сайёҳӣ бояд ба тадаботҳои иқтисоди бозорӣ мутобиқат намояд. Иттилооти баҳисобгирии муҳосибӣ сарчашмаи муҳим барои қабули қарорҳои идоракунии зарурӣ маҳсуб меёбад. Дар мамолики мутараққии дунё низоми баҳисобгирии муҳосибии муосир дар ду самт: баҳисобгирии молиявӣ ва идоракунӣ амалӣ карда мешавад. Вобаста ба талаботи СБҲМ, иқтисоди бозорӣ ва талаботи истифодабарандагони иттилооти молиявӣ бояд низоми баҳисобгирии муҳосибии корхонаҳои сайёҳии ватанӣ дар ҳамоҳангии баҳисобгирии молиявӣ, идоракунӣ, андозӣ ва экологӣ ба роҳ монда шавад.

Дар нақшаи ҳисобҳои амалкунанда барои баҳисобгирии идоракунӣ, дар асоси баҳисобгирии арзишмуайянкунӣ, баҳисобгирии хароҷот дар доираи таснифоти гуногуни хароҷот барои давраҳои истеҳсолии ҷорӣ ва минбаъда бояд ташкил карда шавад. Интихоби муносиби қабули қарорҳои идоракунӣ маҳз тавассути моделсозии алоқамандӣ ва вобастагии хароҷоти истеҳсолӣ – фурӯши маҳсулот – натиҷаи молиявӣ имкон дорад. Мақсади баҳисобгирии идоракунӣ барои паст кардани арзиши аслии маҳсулот ва гирифтани даромади амалиётӣ бояд равона карда шавад.

Ҷорӣ намудани баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳои сайёҳӣ имконият медиҳад, ки он ҳамчун низоми ҳамоҳангсози бамеъёрдарорӣ, банақшагирӣ, буҷетикунонӣ, баҳисобгирӣ ва таҳлили даромадҳо ва хароҷот баромад намояд. Дар ин ҳолат, иттилооти баҳисобгирӣ натиҷагирӣ карда шуда, самтҳои ояндаи рушди корхона таъмин карда мешавад.

Дар баҳисобгирии идоракунӣ, чун дар низоми баҳисобгирии молиявӣ нақши муҳимро ҳуҷҷатикунонии аввала ва ҳисоботи дохилӣ мебозанд. Истифодабарии ҳуҷҷатҳои аввалия имкон медиҳад, ки сифатнокӣ, таҳлилӣ, саривақтӣ, саҳеҳӣ ва эътимоднокии иттилоотӣ таъмин карда шавад.

Барои ҷорӣ намудани баҳисобгирии идоракунӣ хусусиятҳои ташкилӣ ва

технологии фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ таъсири амиқ мерасонанд. Баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳои сайёҳӣ бояд ҳам бо низоми «стандарт-кост» ва ҳам «директ-кост» ташкил карда шавад. Дар ин маврид, барои ояндабинии фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ ва қабули қарорҳои идоракунии муносиб таҳлили ба ҳам алоқамандии «хароҷот-ҳаҷми истеҳсолот-фоида» воситаи муҳим арзёбӣ мегардад.

Буҷетикунонӣ дар низоми баҳисобгирии идоракунӣ яке аз воситаҳои муҳим ба шумор меравад. Ба воситаи буҷетикунонӣ раванди иҷроиши қарорҳои қабулшуда назорат карда мешавад. Инчунин, фаъолияти ҳар як маркази масъулият: маркази хароҷот, фурӯш, фоида ва сармоягузорӣ баҳо дода мешавад. Буҷетикунонӣ фаъолияти ҳар як зерсохтори корхонаи сайёҳиро ба танзим медарорад. Бинобар ин, таҳияи методикаи буҷетикунонӣ барои корхонаҳои сайёҳӣ ба манфиати фаъолияти онҳо хоҳад буд.

Исифодабарии амалии ташкили баҳисобгирии идоракунӣ барои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти истеҳсолӣ, хизматрасонӣ ва тиҷоратии корхонаҳои сайёҳӣ мусоидат менамояд. Инчунин, барои ҷоннок намудани назорати дохилӣ, муайян намудан ва истифодабарии захираҳо барои паст намудани арзиши аслии маҳсулоти сайёҳӣ, эътимоднокӣ ва таҳлилнокии нишондиҳандаҳои фаъолият ва идоракунии хароҷот муфид мебошад.

Ташкили низоми назорати дохилӣ дар корхонаҳои сайёҳӣ дар баробари ташкил ва пешбурди низоми баҳисобгирии муҳосибӣ яке аз маҳакҳои асосии идоракунии самаранок ба ҳисоб меравад. Таҳқиқоти гузаронидашуда оид ба ташкили назорати дохилӣ дар корхонаҳои сайёҳӣ нишон медиҳад, ки ташкили низоми назорати дохилӣ дар сатҳи паст қарор дошта, барои ҷоннок намудани фишангҳои амалинамоии он пешниҳодҳои мушаххас зарур аст. Низоми назорати дохилӣ ҳам барои шахсони ҳуқуқии мустақил, инчунин барои гурӯҳи корхонаҳо бо идоракунии марказонидашуда лозим аст.

Дар замони муосир, вобаста ба рушди соҳаи сайёҳӣ, низоми назорат бояд ҳам аз тарафи давлат ва идораҳои соҳавӣ дуруст ба роҳ монда шаванд. Идоракунии соҳаи сайёҳӣ тақозо менамояд, ки роҳу усулҳои муосири

идоракунӣ ва назоратро бо нигоҳи нав, барои мавқеи муайян пайдо намудани корхонаҳои сайёҳӣ дар бозори хизматрасониҳои сайёҳӣ коркард карда шаванд.

Буҳронҳои ҷаҳонии молиявию иқтисодӣ камбудиҳои низоми иқтисоди бозориро ошкор намуданд. Яке аз ин норасоиҳо мавҷуд набудани иттилооти зарурӣ дар бораи фаъолияти хоҷагидории субъектҳои хоҷагидорӣ, аз ҷумла корхонаҳои сайёҳӣ мебошад. Зарурияти ташкили низоми назорати дохилӣ дар корхонаҳо барои самаранокии фаъолияти тиҷоратӣ, қабули қарорҳои дурусти идоракунӣ, вобаста ба мақсад ва ҳадафҳои гузоштташуда, мутобиқ шудан ва сари вақт бартараф намудани оқибати буҳронҳо мебошад.

Бо таҳия ва қабул гардидани санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ, фаъолияти аудиторӣ, то ҳол масъалаи методӣ ва методологии низоми назорати дохилии субъектҳои хоҷагидорӣ ҳалли худро наёфтанд.

Таҳқиқоти муосири олимони соҳа дар умум хусусиятҳои объектҳои назорати дохилиро барои эҳтиёҷоти корхонаҳои сайёҳӣ пурра инъикос карда наметавонанд. Ин имконияти таъминоти самаранокии корхона ва амалинамоии низоми назорати дохилиро дар корхонаҳои сайёҳӣ мушкил мегардонад.

«Назорат аз нуқтаи назари олимони ватанӣ ва хориҷӣ ҳамчун яке аз намудҳои хоси фаъолияти субъекти хоҷагидорӣ дида баромада мешавад, ки мазмуни муайян, тартиби амалинамоӣ, самти мақсаднок ва дар натиҷа ҳамчун вазифаи идоракуниро таҷассум менамояд. Дар адабиёти муосир унсурҳои гуногуни назорати дохилӣ истифода бурда мешаванд, ки бо ҳамдигар муттаҳид карда шудаанд ё муфассал инъикос ёфтаанд, вале дар асл онҳо ба сохтори ягонаи як низом дохил мешаванд»[1].

Назорати дохилӣ дар маънои маҳдуд ин аз тарафи субъектҳои хоҷагидор ба субъектҳои назоратӣ додани ваколатҳо барои назорати зерсохторҳои таркибӣ (объектҳои назоратӣ) дар низоми идоракунии ягонаи корхона

[1] Рахимов С.Х. Идентификация объектов внутреннего контроля на туристических предприятиях [Текст] / С.Х. Рахимов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально–экономических и общественных наук.– 2020. – № 9. – С. 123-128. – С. 124.

мебошад.

Низоми назорати дохилӣ бо низоми баҳисобгирии муҳосибии корхона, вобаста ба хусусиятҳои хоси фаъолияти корхонаҳои гуногун алоқаи зич дорад.

Низоми баҳисобгирии муҳосибӣ – ин низоми ба тартиб ва ба танзим даровардашудаи назорат, бақайдгирӣ, ҷамъбасти иттилоот бо ифодаи пулӣ, дар бораи дороиҳо ва уҳдадориҳои корхона ва ҳаракати онҳо, бо роҳи ҳуҷҷатикунонии бемайлони амалиётҳои хоҷагидорӣ ба ҳисоб меравад.

«Низоми назорати дохилӣ – ин маҷмуи чорабиниҳои ташкилӣ, методӣ ва тартиби истифода намудани ҳуҷҷатҳои аввалияи баҳисобгирии муҳосибӣ мебошад, ки ба сифати воситаи бонизом ва самаранок пеш бурдани фаъолияти молиявӣ, таъмини амнияти дороиҳо, пайдо намудан, ислоҳ кардан ва бартараф кардани хатоиҳо ва таҳрифоти маълумот, инчунин сари вақт тайёр намудани ҳисоботи саҳеҳи молиявӣ зарур мебошад»[1].

Барои фаъолияти бонизом ва самараноки молиявию хоҷагидории корхонаҳо, намудҳои зерини назорат татбиқ карда мешаванд:

– риоя кардани талаботи қонунгузорӣ;

– эътимоднокӣ ва пуррагии ҳуҷҷатҳои баҳисобгирии муҳосибӣ;

– тайёркунии саривақтии ҳисоботи молиявии боэътимод;

– пешгирии хатоиҳо ва таҳрифот;

– иҷрои фармонҳо ва амру дастурҳо;

– таъмин намудани ҳифзи дороиҳо.

Низоми назорати дохилии субъекти иқтисодӣ бояд иборат аз:

1) низоми баҳисобгирии муҳосибии мувофиқ;

2) фазои назоратӣ;

3) воситаҳои асосии назорат бошад.

Низомҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорати дохилӣ маҳдудиятҳои хосро доранд, ки аз чунин сабабҳо сарчашма мегиранд:

– натиҷаи фаъолияти низоми назорати дохилӣ ба назорати амалиётҳои

[1] Аудит ва ибрози эътимод. Китоби дарсӣ / Низомов С.Ф., Мирзоалиев А.А., Калемуллоев М.В., Раҳимов С.Х. – Душанбе: «Мега-принт», 2020. – 364 с. – С. 192.

ҷорӣ равона шудааст, вале руйдодҳои минбаъдаи ҳаёти хоҷагӣ сарфи назар карда мешаванд;

– эҳтимолияти мавҷудияти хатоӣ дар натиҷаи омили инсонӣ мавҷуд аст;

– эҳтимолияти сарфи назар кардани назорати дохилӣ бо роҳи забоняккунии кормандон низ мавҷуд аст;

– эҳтимолияти суйистифода намудан аз ваколати ашхосе, ки вазифаҳои назорати дохилӣ бар зиммаи онҳо вогузор шудааст;

– бо тағйир ёфтани шартҳои фаъолияти корхона қоидаҳои назоратӣ метавонанд комилан мувофиқат накунанд.

Низоми назорати дохилӣ дар корхонаҳои сайёҳӣ ҳамчун омили таъминкунанда ва кафили амнияти иқтисодӣ маҳсуб меёбад ва барои идоракунии корхона мазмуни шаффофияти иттилооти объектро ифода менамояд. Назорати дохилӣ барои иҷрои вазифаҳои аз тарафи моликон ё роҳбарияти корхона гузошташуда хизмат менамояд ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти зерсохторҳо, филиалҳо, намояндагиҳоро дар асоси ҳамкории мутақобилан зич таъмин менамояд.

Назорати дохилӣ ҳамчун ҷузъиёти низоми ягонаи идоракунӣ принсипҳо, вазифаҳо, уҳдадориҳо ва усулҳои истифодашаванда дорад, ки самаранокии фаъолияти корхонаи сайёҳиро таъмин менамояд.

Низоми назорати дохилӣ аз чунин қисматҳои таркибӣ иборат аст: фазои назоратӣ, низоми идоракунии корхона, низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи дохилӣ, технология ва усулҳои назорат, баҳодиҳии хавфҳои соҳибкорӣ (расми 3.1.1).

Фазои назоратӣ ин тартиби амалӣ намудани низоми назорати дохилӣ дар корхона буда, мақсади он иҷроиши вазифа, меъёрҳо ва уҳдадориҳои ташкилӣ аз тарафи зерсохторҳо ва кормандони алоҳида мебошад, ки моликон, муассисон ва роҳбарияти корхона муайян кардаанд.




**Расми 3.1.1. – Сохтори низоми назорати дохилӣ**

**Сарчашма:** Раҳимов С.Х. Мавқеи низоми назорати дохилӣ дар идоракунии соҳаи меҳмонхонадорӣ. Ҷавонон дар шароити ҷаҳонишавии илм ва таълим / Маводи Анҷумани илмӣ-амалии байналмиллалӣ ҷ. 2 (Панҷакент,13-14 феврали 2017). – Панҷакент: ДОТ дар ш. Панҷакент, 2017. – 400 с. – С. 45-50. – С. 48.

Дар низоми идоракунии корхона назорати дохилӣ барои баҳодиҳии даромаднокӣ ва самаранокӣ аз рӯйи тамоми паҳлуҳои фаъолияти корхона амалӣ карда мешавад, сифати иҷрои вазифаҳои гуногунро дар алоқамандӣ ва пайвастагии мутақобила баҳо медиҳад. Сатҳи омодагии корхона ва кормандони он ҷиҳати таъмини самаранокии фаъолият, вобаста ба мақсаду вазифаҳои мушаххаси корхона баҳо дода мешаванд. Барномаи таҷдиди низоми назорати дохилии корхона, дар асоси баҳодиҳӣ ва ҷалби кадрҳои нав ё бозомӯзии мутахасисони корхона амалӣ карда мешавад.

Низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи идоракунӣ бояд натиҷаҳои фаъолияти корхонаро дуруст инъикос намуда, талаботи истифодабарандагони дохилӣ ва беруниро бо иттилооти эътимоднок таъмин намояд. Низоми назорати дохилии густурда барои расидан ба ин талаботҳоро мусоидат карда метавонад.

Мувофиқат намудани технологияи бизнес-ҷараёнҳо, намудҳои фаъолият, сегментҳо, хусусиятҳои технологии пешниҳоди маҳсулоти сайёҳӣ ва усулҳои назорати дохилӣ бо сохтори ташкилӣ ва фаъолияти корхона, инчунин ба талаботи қонунгузории амалкунанда омӯхта мешаванд. Дар давраи ниҳоии

назорати дохилӣ пеш аз ҳама ҳуҷҷатҳои танзимкунандаи фаъолияти корхона дар умум таҳқиқ карда мешаванд, ки ба онҳо дохил мешаванд:

- ҳуҷҷатҳое, ки дар умум фаъолияти корхонаро танзим менамоянд;
- ҳуҷҷатҳои муайянкунандаи самти фаъолияти корхона;
- ҳуҷҷатҳое, ки дар асоси онҳо қоидаҳо ва принсипҳои татбиқи идоракунии стратегӣ муайян карда мешаванд.

Пас аз натиҷагирии ин ҳуҷҷатҳо, маълумоти гирифташуда ба расмият даровarda шуда, дар шакли ҳуҷҷатӣ чунин нишондиҳандаҳоро инъикос менамояд:

- Самти фаъолияти корхона.
- Принсипҳои умумии фаъолияти корхона.
- Бизнес-ҷараёнҳои асосӣ.
- Таркиби зерсохторҳо.
- Тартиби ҳамкориҳои корхона бо субъектҳои берунӣ.
- Таҳқиқи фаъолияти ҳар як зерсохторҳои автоматикунонидашуда.

Дар давраи ниҳоӣ фаъолияти зерсохторҳои алоҳида ва бизнес-ҷараёнҳои алоҳидаи корхона таҳлил карда мешавад.

Дар шароити рақобати бозорӣ, фаъолияти муваффақонаи корхонаҳо умуман, аз муваффақшавӣ ба мақсадҳо ва вазифаҳои гузошташуда вобастагӣ дорад. Вазифаи асосии идоракунии корхона таъмин намудани мақсад ва вазифаҳои муқарраршуда мебошад.

Давраҳои асосии назорати дохилӣ дар ҷараёни идоракунии корхона дар расми 3.1.2. оварда шудааст, ки дар ин ҷо:

1) банақшагирӣ – ҷамъоварӣ, коркард, муоинаи иттилоот ва таҳияи қарори идоракунӣ;

2) ташкил ва батанзимдарории амалӣ намудани қарорҳои идоракунӣ;

3) баҳисобгирӣ – ҷамъоварӣ, ченкунӣ, бақайдгирӣ ва коркарди иттилоот оид ба иҷрои қарори идоракунӣ;

4) таҳлил – ҷудо кардани иттилооти дар давраи баҳисобгирӣ гирифташуда ба қисматҳо, омӯзиш ва баҳодиҳии вобастагиҳои муайяни ин

қисматҳо, барои қабул кардани қарорҳои минбаъдаи идоракунӣ.




**Расми 3.1.2. – Давраҳои назорати дохилӣ дар идоракунии корхона**

**Сарчашма:** Аудит ва ибрози эътимод. Китоби дарсӣ / Низомов С.Ф., Мирзоалиев А.А., Калемуллоев М.В., Раҳимов С.Х., Душанбе: «Мега-принт», 2020. – 364 с. – С. 196

Дар мавриди ташкил кардани низоми назорати дохилӣ корхонаҳо ба бисёр муаммоҳо дучор шуданашон мумкин аст. Дар як вақт, дар шароити муосир, талабот ва ҳатман ташкил кардани чунин намуди назорат кафили рушди минбаъдаи корхонаи сайёҳӣ мебошад. Сохтори ташкилӣ, намуди фаъолият, муносибати роҳбарият ва ғайра омилҳое мебошанд, ки ба интихоби шакли назорати дохилӣ таъсири назаррас мегузоранд.

Аудити дохилӣ яке аз шаклҳои назорати дохилӣ буда, дар корхонаҳое, ки хадамоти аудити дохилӣ ташкил карда шудааст, таъминоти эътимоднокии ҳисоботи молиявӣ ба зиммаи онҳо вогузор карда мешавад. Вале ба роҳ мондан ва ташкил намудани низоми назорати дохилӣ вазифаи калидии менеҷменти корхона ба ҳисоб рафта, вазифаи низоми аудити дохилӣ нест. Аудити дохилӣ ва умуман аудит танҳо тавсияҳои худро ба менҷменти корхона ҷиҳати мукаммалгардонии назорати дохилӣ пешниҳод менамояд.

Дар ҷумҳурии мо, самтҳои асосии инкишоф ва такмили низоми назорати дохилӣ дар соҳаи сайёҳӣ дар таҳқиқотҳои олимон ва санадҳои меъёрии соҳавӣ ба дараҷаи кофӣ ҳал карда нашудааст. Солҳои тулонӣ соҳаи хизматрасонӣ ба

соҳаи ғайриистеҳсолӣ шомил карда мешуд ва бисёре аз хизматросониҳо ба аҳолӣ аз ҳисоби буҷет, фондҳои ҷамъиятӣ, иттифоқи касаба ҷуброн карда мешуд.

Гузариш ба муносибатҳои бозорӣ се масъалаи ҳалталаб вобаста ба мустаҳкам гардидани муносибатҳои хоҷагидории бозорӣ дар соҳаи сайёҳӣ ба миён омад:

Якум, иқтисодиёти хизматрасонӣ тамоман ношаффоф, баҳисобгирии муҳосибии он дар сатҳи хеле паст буда, усули «дегии» баҳисобгирии хароҷот ва арзишмуайянкунии хизматрасонӣ истифода бурда мешавад. Баҳисобгирӣ бо низоми куҳнашуда (журнал-ордерӣ, журнали асосӣ) пеш бурда мешавад, баҳисобгирии идоракунӣ, таҳлил ва назорат тамоман мавҷуд нест ва маълумотҳои баҳисобгирии муҳосибӣ дар идоракунӣ истифода бурда намешаванд.

Дуюм, таъминоти нокифояи иттилооти оморӣ ва муҳосибӣ дар соҳаи сайёҳӣ, ки ба мавҷуд набудани нишондодҳои ҳақиқии соҳавӣ ва меъёрҳо оварда мерасонад. Инчунин бо таъминоти иттилооти дохилиширкатӣ низ вазъият он қадар хуб нест.

Сеюм, омӯзиши дурнамои такмили баҳисобгирии муҳосибӣ аз норасоии иттилооти идоракунӣ дар мавриди мавҷудияти талабот, имкон доданд, ки истифодабарии роҳҳои дурусти баҳисобгирии идоракунӣ дар дар шароити амалияи маҳдуд муайян карда шаванд.

Муайянкунандаи хусусиятҳои хоси соҳавии баҳисобгирии муҳосибии корхонаҳои соҳаи хизматрасонӣ, вобаста ба принсипҳои зерини асосӣ гузаронда мешуданд.

Аввалан, корхонаҳои соҳаи хизматрасонӣ аз корхонаҳои истеҳсолӣ бо гуногунҷабҳагӣ ва бисёрсамтии фаъолият фарқ мекунанд, инчунин аз рӯйи шакли ташкилӣ-ҳуқуқӣ ва андозаашон низ аз якдигар тафовут доранд.

Вобаста ба ин, хизматрасониҳо ба моддӣ, ғайримоддӣ, ғайритиҷоратӣ ва инҳо бошанд, дар навбати худ ба истеҳсолӣ ва истеъмолӣ ҷудо мешаванд. Бинобар ин, аз он мавқеъ бояд назар кард, ки хизматрасонӣ ҳамчун шакли

фаъолият баҳо дода шавад. Соҳаи хизматрасонӣ хусусиятҳои муайян дар самти баҳисобгирии муҳосибиро доро аст.

Дар ин ҷо, яке аз масъалаҳои муҳим ва муайянкунанда пайванди баҳисобгирии муҳосибӣ – мавҷудият ва талабот ба иттилоот дар сатҳи муосири рушди идоракунии иқтисодиёти ватанӣ мебошад. Ин ба зарурияти баҳисобгирии омилҳои зиёде, ки идоракунии ширкатҳои хизматрасонро муайян мекунанд, оварда мерасонад: вазифаҳои фаврӣ, тактикӣ ва стратегие, ки дар назди ширкат меистанд; мавҷудият ё набудани маълумотҳои мутобиқ барои банақшагирӣ ва ояндабинӣ; пояи иттилоотӣ, ки ширкат доро аст; таҳқиқи фаъолиятҳои гуногунҷабҳа; ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ ва таъминоти иттилоотии он, хусусан дар самти муайян намудани натиҷаҳои фаъолият; ҳолати молиявӣ ва амволӣ; ба роҳ мондани баҳисобгирии идоракунӣ ва имконияти гирифтан ва истифодабарии маълумот дар марказҳои масъулият, сегментҳои фаъолият ҳам дар самти дохилӣ ва ҳам берунӣ ва монанди инҳо.

Дуюм, ҳангоми баррасии масъалаҳои баҳисобгирии соҳаи сайёҳӣ бояд принсипҳои умумии ташкилӣ-идоракунӣ, коркарди моделҳо, истифодабарии усулҳои таҳлилӣ-риёзӣ, яъне принсипҳои идоракунӣ ба инобат гирифта шаванд.

Сеюм, дар мавриди таҳқиқи соҳаи хизматрасонии моддӣ ва ғайримоддӣ бояд усулҳои моделсозӣ, хусусан вазъиятӣ-матритсавӣ истифода бурда шавад. Таҳияи моделҳои баҳисобгирӣ, ки селаи иттилооти иқтисодиро ифода менамояд, чун қоида, дар шароити номуайянӣ ба зарурати истфодабарии моделҳо оварда мерасонад.

Чорум, барои муайян намудани хусусиятҳои ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ дар корхонаҳои сайёҳӣ, омӯзиши баҳисобгирии муҳосибӣ дар умум, ҷамъоварӣ ва баҳодиҳии иттилоот, самтҳо (сегментҳои дохилӣ ва берунӣ), эътимоднокии иттилоот барои қабули қарорҳои саривақтии идоракунӣ зарур аст.

Бинобар ин, баҳисобгирӣ бояд истифодабарандагонро бо иттилооти саҳеҳ ва саривақтӣ, ҷиҳати қабули қарорҳои идоракунӣ таъмин намояд. Қайд

намудан ба маврид аст, ки ҳангоми пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ бо назардошти хусусиятҳои корхонаҳои сайёҳӣ хосияти эътимоднокӣ, муҳиммият ва саҳеҳии иттилооте, ки ташаккул меёбад, бояд таъмин карда шавад.

Таҳқиқоти хусусиятҳои ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ бо алоқамандии имконияти рушди баҳисобгирӣ, инчунин амалияи хеле ночизи ташкили баҳисобгирии идоракунӣ, омӯзиши талабот ба иттилооти идоракунӣ имкон доданд, ки хусусиятҳои асосии баҳисобгирии идоракунӣ дар соҳаи хизматрасонӣ ва низоми оиндаи он муайян карда шаванд.

Ҳамин тавр, дар корхонаҳои соҳаи сайёҳӣ пешбурди баҳисобгирии идоракунӣ аз рӯйи самтҳои зерин ба мақсад мувофиқ аст: баҳисобгирӣ дар марказҳои масъулият; ташкили баҳисобгирии идоракунии хароҷот, даромадҳо ва натиҷаҳои фаъолият дар асоси арзишмуайянкунии нопурра; баҳисобгирии идоракунӣ оид ба сегментҳои беруна; низоми ояндадори баҳисобгирии идоракунӣ, ки самтҳои нави рушди минбаъдаи онро ташаккул медиҳад.

## 3.2. Ҷанбаҳои ташкилӣ-методии баҳисобгирии фурӯши маҳсулоти сайёҳӣ ва муайян кардани натиҷаҳои молиявӣ дар корхонаи сайёҳӣ

Имрӯзҳо соҳаи сайёҳӣ яке аз заминаҳои рушди иҷтимоӣ-иқтисодии мамолики дунё ба ҳисоб рафта, дар мамлакати мо соҳаи зудрушдёбандаи иқтисодиёт маҳсуб меёбад. Таваҷҷуҳи хоссаи ҳукумати кишвар ба рушди ин соҳа, ҷалб намудани сарчашмаҳои маблағгузории дохилӣ ва берунӣ, додани имтиёзҳои андозӣ барои соҳибкороне, ки ба сайёҳӣ машғуланд, сохтмони иншоотҳои сайёҳӣ, дар тамоми қаламрави ҷумҳурӣ бунёди инфрасохторҳои сайёҳӣ шароит фароҳам меорад, ки шумораи ширкатҳои сайёҳӣ афзоиш ёфта, саҳми онҳо дар рушди иқтисодиёти кишвар бештар шавад. Ин омилҳо барои рушди иҷтимоӣ-иқтисодии мамлакат самараи хуб дода истодаанд.

Мувофиқи маълумотҳои омории соҳаи сайёҳӣ, дар солҳои охир шумораи ширкатҳои сайёҳӣ хеле зиёд шуда, сатҳи хизматрасонӣ ба сайёҳон, даромад аз хизматрасониҳои сайёҳӣ низ баланд шудааст (ҷадвали 3.2.1).

**Ҷадвали 3.2.1. – Нишондиҳандаҳои асосии соҳаи сайёҳӣ**

| Нишондиҳанда | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 |
|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи ширкатҳои сайёҳӣ, адад (фаъолияткунанда) | 146 | 161 | 224 | 235 | 242 |
| Даромад аз пешниҳоди хизматрасониҳои сайёҳӣ (бе назардошти ААИ), ҳаз.сомонӣ | 16928,1 | 24497,9 | 7677,0 | 12789,9 | 22818,8 |

**Сарчашма:** ҳисоби муаллиф дар асоси маълумоти Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон - 2022 (нашрияи расмӣ) - Душанбе, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2022. - 472 с.– С. 185.

Аз нишондиҳандаҳои ҷадвали 3.2.1 аён аст, ки дар панҷ соли охир шумораи ширкатҳои сайёҳӣ аз 146 адади соли 2018, ба 242 дар соли 2022 расидааст, ки 60% зиёдшавии ширкатҳои сайёҳиро нишон медиҳад. Даромад аз пешниҳоди хизматрасониҳои сайёҳӣ бошад дар давоми панҷсолаи охир 74% зиёд шудааст.

Ба ҳолати 1 январи соли 2024, тибқи маълумоти оморӣ дар ҳудуди ҷумҳурӣ 224 ширкати сайёҳӣ дар асоси иҷозатномаи Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият намуда истодаанд, ки аз ин миқдор дар ВМКБ 41 ширкати сайёҳӣ, дар шаҳри Душанбе 106 адад, вилояти Суғд 45 адад, вилояти Хатлон 17 адад ва шаҳру ноҳияҳои тобеи марказ 15 адад рост меояд. Дар маҷмӯъ 306 субъекти хизматрасонии сайёҳӣ фаъолият менамоянд, ки аз ин шумора 190 меҳмонхона, 34 хостел ва мотел, 52 осоишгоҳ, 5 осоишгоҳи кӯдакона ва лагери солимгардонӣ, 8 маркази муоличавӣ ва дармонгоҳи солимгардонӣ, 10 хонаи истироҳатӣ, 3 кемпинг, 4 базаи сайёҳӣ ва истироҳатӣ ба ҳисоб меравад. Аз шумораи мазкур дар шаҳри Душанбе 36 меҳмонхона, 9 хостел, мотел ва дигар намуди меҳмонхона бо иқтидори 1925 ҳуҷра ва 3720 катҳои хоб ба меҳмонони дохиливу хориҷӣ хизматрасонӣ намуда истодаанд.

Вобаста ба зиёдшавии шумораи ширкатҳои сайёҳӣ ва даромади онҳо, ташкили дурусти баҳисобгирии муҳосибии арзиши хизматрасониҳои сайёҳӣ, ташаккули маҳсулоти сайёҳӣ, баҳисобгирии даромаду хароҷот ва муайян намудани натиҷаҳои молиявӣ дар муҳосиботи ширкатҳо яке аз масъалаҳои муҳим ба ҳисоб рафта, аз муҳосибон донишу малакаи баланди касбӣ ва таҷрибаи байналмилалӣ бо донистани талаботҳои стадартҳои байналмилалии

ҳисоботи молиявиро тақозо менамояд.

Объекти мушаххаси баҳисобгирии муҳосибӣ дар ширкатҳои сайёҳӣ – маҳсулоти сайёҳӣ маҳсуб меёбад. Дар бозори хизматрасониҳои сайёҳӣ корхонаҳо ва шахсони инфиродӣ ба монанди ширкатҳои сайёҳӣ, агентиҳои сайёҳӣ фаъолият мекунанд, ки бевосита ба сайёҳон хизматҳои гуногунро мерасонад.

Дар соҳаи сайёҳӣ масъалаи ташаккули итиилооти пурра ва эътимодноки ба вазифаҳои мушаххас мутобиққардашуда, барои муайян намудани натиҷаи молиявӣ, ҷараёни муносиб намудани фоида ва аз тарафи роҳбарияти ширкати сайёҳӣ қабул кардани қарорҳои самарабахши идоракунӣ хеле муҳим мебошад.

Дар ширкатҳои сайёҳӣ ба монанди дигар корхонаҳои тиҷоратӣ объекти баҳисобгирии муҳосибӣ воситаҳои асосӣ, захираҳо, воситаҳои пулӣ, қарздориҳои тиҷоратии дебиторӣ ва кредиторӣ, ҳисоббаробаркуниҳо бо буҷет ва фондҳои ғайрибуҷетӣ, уҳдадориҳои ҳисобкардашуда, таркиби сармояи худӣ мебошад. Аммо, маҳсулоти сайёҳӣ объекти мушаххаси ширкатҳои сайёҳӣ мебошад.

Маҳсулоти сайёҳӣ – ҳуқуқ барои сайёҳат, ки ба он арзиши маҷмуи хизматрасониҳо барои кашондан, ҷойгиронӣ, хӯрока, хадамоти экскурсионӣ, инчунин хизматрасонии роҳбалад-тарҷумонҳо, вобаста ба мақсади сайёҳат буда, объекти хариду фурӯш ба сайёҳон ё дигар корхонаи сайёҳӣ мебошад.

Корхонаи сайёҳӣ метавонад маҳсулоти сайёҳиро аз дигар корхонаҳо бо гирифтани ҳуқуқи истифодабарии хизматрасонии сайёҳӣ дастрас кунад ё бо қувваи худаш ташаккул диҳад.

Бояд қайд намуд, ки ба ақидаи Чагарова Д.Б.: «Ширкатҳои сайёҳӣ дар фаъолияти сайёҳии байналмилалӣ нақши асосиро иҷро намуда, маҳсулоти сайёҳиро ташаккул медиҳанд, ҷойгоҳ-меҳмонхонаро банд ва маблағи онро пардохт менамоянд, чиптаи ҳавопайморо фармоиш медиҳанд, хизматрасониҳои нақлиётӣ ва экскурсионӣ ва дигар хадамоте, ки ба саёҳат дохил мешавад, пешниҳод ва таъмин менамоянд. Ба ғайр аз ин, ширкати сайёҳӣ нархи саёҳат ва

сиёсати тахфифро муайян менамояд»[1].

Дар ширкатҳои сайёҳӣ баҳисобгирии хароҷоти ташкили сайёҳӣ ва арзишмуайянкунӣ масъалаи калидӣ ба ҳисоб меравад.

Новобаста аз таъиноти масадноки истеҳсолӣ ва мавзеи пайдоиш, гурӯҳҳои овардашуда, вобаста ба мазмуни иқтисодии худ аз якдигар фарқ мекунанд. Барои муайян намудани арзиши аслии истеҳсолии ҳар як воҳиди маҳсулоти сайёҳӣ, мутобиқи қоидаҳои маъмулӣ, чунин таснифот пешниҳод карда мешавад:

– хароҷот барои истифодабарии хизматрасониҳои корхонаҳои дигар, дар ҷараёни истеҳсоли маҳсулоти сайёҳӣ;

– хароҷоти пардохти меҳнати кормандони асосии истеҳсолӣ;

– хароҷоти нигаҳдории инфрасохторҳои истеҳсолии корхонаи сайёҳӣ;

– хароҷоти барилова;

– хароҷоти фурӯш.

Дар мавриди ташаккули арзиши маҳсулоти сайёҳӣ корхонаҳо метавонанд яке аз чунин усулҳои баҳисобгирии хароҷотро истифода баранд:

– усули меъёрӣ;

– усули фармоишӣ;

– усули «директ-кост».

Чун қоида, баҳисобгирии хароҷоти маҳсулоти сайёҳӣ бо усули фармоишӣ ташкил карда мешавад. Дар баробари бо усули фармоишӣ ташкил намудани баҳисобгирии хароҷоти маҳсулоти сайёҳӣ, дуруст муайян кардани арзиши маҳсулоти сайёҳӣ ва хизматрасониҳои сайёҳӣ, баҳисобгирии даромад ва муайян кардани натиҷаҳои молиявии корхонаҳои сайёҳӣ хеле муҳим мебошад. Бинобар ин, дар амалияи баҳисобгирии ин амалиётҳо чунин пешниҳодҳо ва истифодабарии ҳисобҳои иловагиро дар асоси нақшаи амалкуандаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ пешниҳод менамоем.

Дохилшавии маҳсулоти сайёҳӣ аз ширкати сайёҳӣ барои фурӯш дар

[1] Чагарова Д.Б. Особенности учета затрат в туризме / Д.Б. Чагарова // Достижения науки и образования. – 2017. – № 7(20). – С. 13.

ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ бояд чунин инъикос карда шаванд:

| Ҳисоби асосӣ | Ҳисоби иловагӣ |
| --- | --- |
| 10710 «Молҳо» | 10711 «Роҳхатҳои гирифташуда» |
| 55010 «Арзиши аслии фурӯш» | 55011 «Арзиши аслии роҳхати фурӯхташуда» |
| 44010 «Даромад аз фурӯш» | 44011 «Даромад аз фурӯши роҳхати сайёҳӣ» |

Амалиётҳои асосие, ки ба фурӯши маҳсулоти сайёҳӣ алоқамананд, бояд чунин инъикос карда шаванд:

1. Хариди роҳхат:

*Дебети ҳисоби 10711 «Роҳхатҳои гирифташуда»* XXXX

*Кредити ҳисоби 22010 «Ҳисобҳо барои пардохт»* XXXX

2. Фурӯши роҳхат бо изофанархӣ:

*Дебети ҳисоби «Воситаҳои пулӣ» (10100, 10200) ё ҳисоби 10410 «Ҳисобҳо барои қабул»* XXXX

*Кредити ҳисоби 44011 «Даромад аз фурӯши роҳхатҳои сайёҳӣ»* XXXX

3. Аз ҳисоб баровардани арзиши роҳхати гирифташуда:

*Дебети ҳисоби 55011 «Арзиши аслии роҳхати фурӯхташуда»* XXXX

*Кредити ҳисоби 10711 «Роҳхатҳои гирифташуда»* XXXX

4. Муайян намудани натиҷаи молиявӣ аз амалиёт:

*Дебети ҳисоби 44011 «Даромад аз фурӯши роҳхати сайёҳӣ»* XXXX

*Кредити ҳисоби 70000 «Маҷмуи даромадҳо ва хароҷот»,* XXXX

*Дебети ҳисоби 70000 «Маҷмуи даромадҳо ва хароҷот»* XXXX

*Кредити ҳисоби 55011 «Арзиши аслии роҳхати фурӯхташуда»* XXXX

Дар охири давраи ҳисоботӣ ҳисобҳои кории 44011 «Даромад аз фурӯши роҳхати сайёҳӣ» ва 55011 «Арзиши аслии роҳхати фурӯхташуда» пӯшида мешаванд. Даромадҳо ва хароҷот барои муайян кардани натиҷаи молиявии фаъолият бо алоқамандии ҳисобҳо чунин натиҷагирӣ карда мешаванд:

Дебет 44011 «Даромад аз фурӯши роҳхати сайёҳӣ»

Кредит 70000 «Маҷмуи даромадҳо ва хароҷот»,

Дебет 70000 «Маҷмуи даромадҳо ва хароҷот»

Кредит 55011 «Арзиши аслии роҳхати фурӯхташуда».

Дар мавриди ҳисоби 70000 бақияи дебетӣ доштан, бо алоқамандии ҳисоби 33200 «Фоидаи тақсимнашуда», зарар аз ҳисоби фоида рӯйпӯш карда мешавад, агар ҳисоби 70000 бақияи кредитӣ дошта бошад, фоида ба ҳисоби 33200 гузаронда мешавад.

Чи тавре аз алоқамандии ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ маълум шуд, дар ин маврид, баҳисобгирии муҳосибии натиҷаи молиявӣ дар ширкати сайёҳӣ ва агентии сайёҳӣ ҳамчун корхонаҳои фурӯши яклухт, ки барои таҳвили мол бо мақсади аз нав фурӯхтан фаъолият мекунанд, монанд аст.

Яке аз самтҳои дигари фаъолияти самарабахши корхонаҳои сайёҳӣ, ки ба натиҷагирии фаъолияти молиявии онҳо таъсири бевосита мерасонад – банақшагирии фоидаи корхона мебошад. Банақшагирии фоида қисмати таркибии банақшагирии молиявӣ ва қисмати муҳимми фаъолияти молиявӣ-иқтисодии корхонаҳои сайёҳӣ маҳсуб меёбад. Барои ҳар як намуди фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ фоида дар алоҳидагӣ ба нақша гирифта мешавад. Ин на танҳо банақшагириро осон мегардонад, балки барои бузургии пешгӯишавандаи андоз аз даромад муҳим мебошад. Дар равишиояндабинии натиҷаҳои молиявӣ бояд ҳама омилҳои эҳтимолии ба бузургии фоида таъсиррасон ба ҳисоб гирифта шаванд, то ки гирифтани фоидаи максималӣ таъмин карда шавад.

Ба ақидаи мо, унсурҳои пешгӯишавандаи фоидаи тавозунӣ, аз ҷумла фоида аз расондани хизматрасониҳои сайёҳӣ объекти банақшагирӣ маҳсуб меёбад. Базаи ҳисобкунӣ ҳаҷми барномаи истеҳсолӣ вобаста ба фармоиши истеъмолкунандагон ва шартномаҳои хоҷагидорӣ мебошад.

Фоида дар алоҳидагӣ барои намудҳои хизматрасониҳои зерини сайёҳӣ ба нақша гирифта мешавад:

– фоида аз расондани хизматрасониҳои сайёҳӣ;

– фоида аз фурӯши дигар хизматрасониҳо;

– фоида аз фурӯши воситаҳои асосӣ;

– фоида аз фурӯши дигар амвол ва ҳуқуқҳои амволӣ;

– фоида аз пардохти хизматҳои расондашуда ва ғайра;

– фоида (зарар) аз амалиётҳои ғайрифурӯш.

Ҳар як намуди фаъолият, аз ҷумла фаъолияти сайёҳӣ, барои ташаккули маҳсулоти сайёҳӣ ва пешниҳод намудани он ба истифодабарандагон ба хароҷот вобастагӣ дорад. Сатҳи хароҷоти сарфшуда дар амалияи баҳисобгирии байналмилалӣ ва ватанӣ бо муайян кардани арзиши аслии маҳсулот баҳо дода мешавад. Мувофиқи қоидаҳои пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартиб додани ҳисоботи молиявӣ роҳбарияти корхона дар сиёсати баҳисобгирӣ гурӯҳбандии хароҷот, ҷудо намудани ҷойи бавуҷудоии хароҷот, марказҳои масъулият ва алоқамандии онҳо, тартиби баҳисобгирии хароҷотро дар низомҳои буҳисобгирии хароҷоти ҳақиқӣ ё стандартӣ, пурра ё ҷузъӣ (тағйирёбанда, доимӣ) тасдиқ менамояд.

Номгӯйи хароҷоти мустақим бо мақсади андозбандӣ бояд дар сиёсати баҳисобгирии ширкати сайёҳӣ инъикос карда шавад. Хароҷоти ғайримустақим бошанд пурра ба хароҷоти давраи ҳисоботӣ гузаронда мешаванд.

Маҳаки асосии эътирофи даромад аз фурӯши хизматрасонии сайёҳӣ, гузаштани ҳуқуқи моликият ба харидор баъд аз иҷроиши шартнома мебошад. Бинобар ин, шарти гузариши ҳуқуқи моликият барои фурӯши хизматрасониҳои субъекти фаъолияти сайёҳӣ ба иштирокчӣ, лаҳзаи тавлиди даромади вобаста ба фурӯши хизматрасонӣ муайян карда мешавад.

Ҳамин тавр, хизматрасониҳо ҳамон вақт фурӯхташуда ҳисобида мешаванд, ки ба харидор ҳуқуқи моликият мутобиқи шартномаи расонидани хадамоти сайёҳӣ дода шуда, бо тартиби муқарраршуда роҳхати сайёҳӣ ба расмият дароварда шудааст ва дар ҳаҷми пурра маблағи пулӣ гирифта шудааст.

Рушди сайёҳӣ ва фаъолияти самараноки корхонаҳои сайёҳӣ асосан аз дуруст ба роҳ мондани баҳисобгирии муҳосибӣ дар ин соҳа вобастагӣ дорад. Гуногунҷабҳа ва мураккабии фаъолияти молиявӣ-хоҷагидории корхонаҳои сайёҳӣ, дигар будани низомномаҳо, дастурамалҳо, дастурҳои методии соҳавӣ ва

дигар ҳуҷҷатҳо, хусусияти хоси индустрияи сайёҳӣ таҳқиқоти минбаъдаи баҳисобгирии муҳосибии корхонаҳои индустрияи сайёҳиро талаб мекунад.

Баҳисобгирии муҳосибии корхонаҳои сайёҳӣ – ин ҷабҳаи донишҳои махсуси иқтисодӣ мебошад, ки дар замони муосир арзиши муҳимми амалӣ дорад. Батанзимдарории ҳуқуқии баҳисобгирии муҳосибӣ дар ин самт ҳатмӣ мебошад. Бе риояи талаботҳои қонунгузорӣ пешниҳоди иттилооти босифат маънои худро гум мекунад. Дар навбати худ, маълумоте, ки дар низоми баҳисобгирӣ ташаккул меёбад, мутобиқати сиёсати баҳисобгирии тасдиқгардида бо талаботи санадҳои меъёрӣ баҳо дода мешавад.

Вобаста ба рушди муносибатҳои байналмилалӣ, фаъолияти ширкатҳои сайёҳӣ бо ҷалби сармоягузории хориҷӣ, ҳисоботи молиявии ширкатҳо бояд бо забони хориҷӣ мутобиқи Стандартҳои байналмилалииҳисоботи молиявӣ тартиб дода шаванд, ки донистани ҳуқуқи байналмилалиро талаб мекунад. Донистани баҳисобгирии муҳосибӣ ва гузаронида тавонистани таҳлили маълумотҳои гирифташуда на танҳо фақат ба муҳосибон, инчунин барои роҳбарон, менеҷерон низ зарур аст, ки барои ташкили баҳисобгирии муҳосибии корхона онҳо низ ҷавобгаранд.

Вобаста ба муайян кардани натиҷаҳои молиявии корхонаҳои сайёҳӣ алоқамандии баҳисобгиирии муҳосибиро бо мақсади андозбандии фаъолият таҳлил намудан аз манфиат холӣ нест. Таърихи масоили баҳисобгирии андозҳо на он қадар бузург аст, аммо мафҳуми ҳисоббаробаркуниҳои андоз ҳамчун ҷузъи баҳисогирии муҳосибӣ барвақт маъмул аст. Дар кори таҳқиқотӣ вобаста таҳлили амиқи баҳисобгирии муҳосибӣ ва андоз хулоса бароварда шудааст, ки мазмуни баҳисобгирии муҳосибӣ аз баҳисобгирии андоз васеътар аст. Баҳисобгирии андоз ҳамчун яке аз зернизомҳои баҳисобгирии муҳосибӣ принсипҳои маъмулии баҳисобгирии муҳосибиро истифода мебарад ва мақсади асосии он аниқ муайян намудани уҳдадориҳои андозии корхона маҳсуб меёбад. Дар ин ҷо бамаврид аст, ки ба ҷойи мафҳуми «баҳисобгирии андоз» – «ҳисоббаробаркуниҳои андоз», ё чи хеле ки дар амал бештар «баҳисобгирии муҳосибӣ бо мақсади андозбандӣ», яъне маҷмуи роҳу усулҳо,

маросимҳои иловагӣ оид ба гурӯҳбандӣ, ба низомдарорӣ ва коркарди ахборот оид ба далелҳои фаъолияти хоҷагидории корхона бо мақсади ташаккули қисмати даромади буҷетро истифода барем.

Дар натиҷаи таҳлили муқоисавии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» ва Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардид, ки принсипҳои баҳисобгирии молиявӣ бо принсипҳои баҳисобгирии андозҳо мутобиқат мекунад.

Назарияи баҳисобгирии муҳосибии ҷаҳонӣ ва ватанӣ як қатор талаботҳои муҳимро пешбинӣ менамоянд, ки иҷрои онҳо бо дараҷаи муайяни боварибахш, иттилооти эътимоднок ва пурраи низоми баҳисобгирии муҳосибӣ барои ҳама гуна истифодабарандагон, аз ҷумла дар идораҳои сохторҳои андоз низ истифода бурда шаванд. Истифодабарии «Баҳисобгирии ҳисоббаробаркуниҳо оид ба андоз аз даромад» алоқаи мутақобилаи зернизомҳои иттилоотии баҳисобгирии муҳосибиро тасдиқ менамояд. Ба воситаи тасҳеҳи дуруст даромади баҳисобгирии муҳосибӣ ба даромади баҳисобгирии андоз мубаддал мегардад.

Баҳисобгирии андози хароҷот дар фаъолияти сайёҳӣ бояд тарзе ташкил карда шавад, ки эътимоднокии ташаккули арзиши аслӣ барои муайян намудани манбаи андозбандӣ оид ба андозҳо таъмин карда шавад. Масрафоти ширкати сайёҳӣ ҳамаи он хароҷоти вобаста ба ташаккул, пешбурд ва фурӯши маҳсулоти сайёҳиро эътироф менамояд.

Аз тарафи дигар, хароҷоти вобаста ба истеҳсол ва фурӯш, ба хароҷоти моддӣ, хароҷоти пардохти меҳнат, маблағҳои фарсудашавии ҳисобкардашуда ва дигар хароҷот ҷудо мешаванд.

Ба хароҷоти моддӣ бо мақсади баҳисобгирии андоз захираҳои барои истеҳсолот, пешбурд ва фурӯши маҳсулоти сайёҳии ширкатҳои сайёҳӣ ба сайёҳон таъиншуда дохил мешаванд. Бо мақсади баҳисобгирии андоз, ба таркиби хароҷоти моддӣ фақат он хароҷоте дохил мешаванд, ки барои истеҳсоли маҳсулоти сайёҳӣ алоқамандanд. Хароҷоти моддии идоракунӣ ба арзиши аслии маҳсулоти сайёҳӣ дохил карда нашуда, тибқи қонунгузории

андоз ба хароҷоти ғайрифурӯш дохил карда мешаванд.

Ба хароҷоти ширкати сайёҳӣ оид ба пардохти меҳнат ҳама ҳисобкуниҳои кормандон дар шакли пулӣ ва аслӣ, маблағҳои ҳавасмандкунӣ ва иловапулиҳо, подошҳо ва маблағҳои ҳавасмандкунии яквақта дохил мешаванд.

Барои дохил намудани амвол ба фарсудашаванда, маҳакҳои арзишӣ ва вақтии дар ҳисобгирии муҳосибӣ қабулшуда истифода бурда мешаванд. Аз ҷумла, амволи фарсудашаванда, натиҷаи фаъолияти зеҳнӣ ва дигар моликияти зеҳнии моликияти ширкати сайёҳӣ мебошад, ки барои гирифтани даромад истифода бурда мешавад. Заминаи эмперикии таҳқиқотро истифода бурда, ҳисобҳо бо ду усули ҳисобкунии фарсудашавӣ (ростхата ва ғайри ростхата) аз рӯйи маълумотҳо таҳқиқ карда шуд ва хулоса бароварда шуд, ки гарчанде усули ғайриростхата меҳнатталабии бештарро талаб мекунад, истифодабарии он афзалият дорад, чунки маблағи ҳиссаҷудокуниҳои фасудашавиро метавон тағйир дод. Дар корхонаи сайёҳӣ дигар хароҷот яке аз нақшҳои асосиро мебозад, чун худи фаъолияти сайёҳӣ аслан хизмате мебошад, ки асоси онро пешбурд ва фурӯши маҳсулоти сайёҳии истеҳсолкунандагони хадамоти сайёҳӣ ташкил медиҳад.

Дар фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ, баҳисобгирии фаъолияти экологӣ дар низоми умумии баҳисобгирии муҳосибӣ бо зернизомҳои баҳисобгирии молиявӣ ва идоракунӣ мавқеи худро пайдо карда истодааст.

Инчунин, натиҷаҳои бомуваффақияти фаъолияти экологии корхона аз стратегӣ будани карорҳои асоснок ва пайгиронаи роҳбарон вобаста аст, ки ҳар кадоми онҳо ба базаи иттилоотии мавҷуда асос ёфта, дар ниҳояти кор боиси таъсири хуб бахшидан ба муҳити табиӣ мегардад. Ба низоми баҳисобгирӣ ва назорат ворид шудани фаъолияти экологӣ омили мусбат арзёбӣ мегардад. Робитаи идоракунии муҳити зист бо ин низом, ки дар асоси принсипи «тағйир дода ва таҳлил карда натавонед, идора карда наметавонед» маъмул аст.

Вобаста ба ин, сиёсати баҳисобгирӣ метавонад ҳамчун як ҳуҷҷати тасдиқшудаи мукаммал бо мақсади таъминоти ташкилӣ-методии баҳисобгирии хароҷот ва натиҷаҳои молиявӣ унсурҳои зеринро фаро гирад: сиёсати

баҳисобгирии молиявӣ, сиёсати баҳисобгирии идоракунӣ, сиёсати баҳисобгирии экологӣ ва сиёсати баҳисобгирии андозӣ тартиб дода шавад. Бинобар ин, таҳияи алоқамандии намудҳои сиёсати баҳисобгирӣ пешниҳод карда мешавад (расми 3.2.1).




**Расми 3.2.1. –Алоқамандии намудҳои сиёсати баҳисобгирӣ**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Вобаста ба хусусияти соҳавӣ дар сиёсати баҳисобгирии корхонаҳои сайёҳӣ принсипҳои умумиқабулгардидаи баҳисобгириро ҳамчун заминаи илмӣ-методологии ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ кор бурдан ба мақсад мувофиқ мебошад. Оид ба ин ҷанба, талаботи СБҲМ 1 «Пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ» оид ба истифодабарии қоидаҳои соҳавии баҳисобгирӣ мебошад, ки мантиқан онро тасдиқ менамояд. Дар таҳқиқоти илмӣ ба базаи иттилоотии ширкати сайёҳӣ, ҳамчун пайванди пешбар дар занҷираи муносибатҳои сайёҳӣ диққати махсус дода шудааст.

Дар сиёсати баҳисобгирии корхонаи сайёҳӣ бо мақсади баҳисобгирии муҳосибӣ бояд чунин нишондиҳандаҳоро инъикос намуд:

– тартиби баҳисобгирии даромад аз фурӯши маҳсулоти сайёҳӣ дар ширкати сайёҳӣ ва агентии сайёҳӣ. Лаҳзаи дар баҳисобгирии муҳосибӣ

инъикос намудани даромад аз фурӯши маҳсулоти сайёҳӣ аз шартномаи басташудаи байни агентии сайёҳӣ ва сайёҳ: шартномаи расондани хизматрасонии бо подош ё шартномаи хариду фурӯш вобастагӣ дорад;

– тартиби баҳисобгирии маҳсулоти сайёҳӣ («маҳсулоти тайёр») дар ширкати сайёҳӣ. Баҳисобгирии «маҳсулоти тайёр» дар муҳосиботи ширкатҳои сайёҳӣ шакли дигари «маҳсулоти тайёр» – маҳсулоти сайёҳӣ, мутобиқи қонунгузории фаъолияти сайёҳӣ. Ширкати сайёҳӣ метавонад маҳсулоти сайёҳиро дар ҳисоби 10740 «Маҳсулоти тайёр» ба ҳисоб гирад ё ҳисоби иловагии 10741 «Маҳсулоти сайёҳӣ» кушояд ва хизматрасониҳо барои сайёҳро дар ҳисоби 10730 «Истеҳсолоти нотамом» ба ҳисоб гирад;

– баҳисобгирии маҳсулоти сайёҳӣ чӣ тавр ба роҳ монда мешавад (дар ҳолати ширкати сайёҳӣ маҳсулоти сайёҳиро ҳамчун «маҳсулоти тайёр» ба ҳисоб гиранд): бо арзиши аслии ҳақиқии истеҳсолӣ, бо арзиши аслии меъёрӣ (нақшавӣ).

Бо мақсади андозбандӣ дар сиёсати баҳисобгирии корхонаи сайёҳӣ бояд ба инобат гирифта шаванд:

– санаи пардохти уҳдадориҳои андозӣ аз ҷониби ширкати сайёҳӣ ва агентии сайёҳӣ;

– баҳисобгирии ҷудогонаи даромади андозбандишавандаи хизматрасониҳои ширкати сайёҳие, ки ба фаъолияти туризми байналмилалии берунӣ машғул аст.

Яке аз самтҳои дигар дар сиёсати баҳисобгирии корхонаҳои сайёҳӣ ин таҳияи сиёсати баҳисобгирии экологӣ мебошад. Ба фикри мо, баҳисобгирии экологиро ҳамчун низоми ошкор кардан, чен кардан, ба қайд гирифтан, чамъ кардан, чамъбаст кардан, нигоҳ доштан, коркард ва тайёр кардани маълумоти дахлдор дар бораи фаъолияти корхона дар самти идоракунии муҳити зист, бо мақсади интиқол додани он ба истифодабарандагони дохилӣ ва берунӣ, барои қабули қарорҳои муносиби идоракунӣ дарк кардан ба мақсад мувофиқ аст.

Пас аз омӯзиши асарҳои олимони соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ, номгӯйи объектҳои фаъолияти экологии субъекти хоҷагидор, ки бояд дар баҳисобгирии

экологӣ инъикос карда шаванд, муайян карда шуд, аз ҷумла: воситаҳои экологӣ (дороӣ), уҳдадориҳои экологӣ (уҳдадориҳо), хароҷоти экологӣ, даромади экологӣ, таъсири экологӣ (фаъолияти натиҷавӣ), амалиёти иқтисодии экологӣ, захираҳои табиӣ ва ҳуқуқ ба истифодабарии онҳо.

Яке аз мушкилоти идоракунии муҳити зист дар ин замина таҳия ва такмили самтҳо ва принсипҳои баҳисобгирии экологӣ ва назорати экологӣ мебошад, ки баҳисобгирии молиявӣ ва идоракунӣ, ҳисобот оид ба фаъолияти экологӣ ва аудити экологиро дар бар мегирад.

Сабабҳое, ки масъалаҳои экологӣ бояд ба ҳисобдории корпоративӣ дар шароити муосир ворид карда шаванд, маълуманд:

• баҳисобгирии муҳосибӣ дар корхона бояд муносибати он ба муҳити зист ва таъсири хароҷот, хатарҳо ва уҳдадориҳо /масъулият/ вобаста ба фаъолияти экологӣ ба вазъи молиявии корхона инъикос ёбад;

• барои қабули қарорҳои сармоягузорӣ, сармоягузорон бояд маълумот дар бораи фаъолияти экологӣ ва хароҷоти марбут ба фаъолияти экологӣ дошта бошанд;

• фаъолияти экологӣ низ масъалаи идоракунӣ мебошад: менеҷерон бояд хароҷоти экологиро муайян ва тақсим кунанд, то маҳсулот дуруст баҳо дода шаванд ва қарорҳои сармоягузорӣ ба хароҷот ва даромадҳои воқеӣ асос ёбанд;

• корхонаҳо метавонанд дар рақобат бартарӣ дошта бошанд, агар онҳо нишон диҳанд, ки маҳсулот ва хидматҳои онҳо аз ҷиҳати экологӣ бартарӣ доранд;

• баҳисобгирии экологӣ калиди рушди устувор мебошад.

Сарфи назар аз он, ки субъектҳои соҳибкорӣ принсипҳои рушди устуворро қабул мекунанд, онҳо дар вайрон кардани принсипҳо дар корхонаҳои мушаххас ба мушкилот дучор мешаванд. Реҷаи кории аз ҷиҳати экологӣ самаранок, таъсири корхона ба вазъияти муҳити зист, дар баробари зиёд шудани даромаднокии он коҳиш меёбад. Аммо самаранокиро танҳо тавассути баҳисобгирии экологӣ, яъне пешниҳоди маълумоти дуруст дар бораи хароҷоти экологӣ, сарфаю сариштакорӣ ва таъсири экологии фаъолияти иқтисодӣ чен

кардан мумкин аст.

Имрӯз масъалаҳои баҳисобгирии экологӣ аз ҳама самтҳои таҳқиқнашуда, кам омӯхташудаи идоракунии экологӣ дар кишвари мо буда, дар давраи ташаккул қарор доранд. «Ҳамзамон аҳаммияти махсуси баҳисобгирии экологӣ ва аудит комилан равшан аст ва дар асарҳои як қатор муаллифон таъкид шудааст»[1].

Баҳисобгирии фаъолияти экологӣ зернизоми муҳимми баҳисобгирии муҳосибӣ мебошад, ки ҷамъоварии нишондиҳандаҳои он дар доираи баҳисобгирии молиявӣ ва идоракунӣ амалӣ карда мешавад. Ба роҳ мондани баҳисобгирии экологӣ дар корхона метавонад як қатор мушкилоти ҷориро ҳал кунад, ба идоракунии оқилонаи иқтисодиёт мусоидат кунад ва рақобатпазирии ташкилотро баланд бардорад. Аз ин рӯ, зарур аст, ки ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқии баҳисобгирии фаъолияти экологӣ такмил дода шуда, корхонаҳо барои таҳия ва пешниҳод намудани ҳисоботи экологӣ ҳавасманд гардонда шаванд.

«Ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ метавонад ҳамчун раванди дар низоми он инъикос намудани хароҷот ва ӯҳдадориҳои экологӣ, инчунин натиҷаҳои иҷтимоию экологӣ ва иқтисодии субъектҳои хоҷагидор бо мақсади идоракунии соҳибкорӣ ва ноил шудан ба самаранокии экологӣ ва адолати экологӣ муаррифӣ карда шавад»[2]. Чунин тафсир, ба фикри мо, барои равшан шудани моҳияти мафҳуми «баҳисобгирии экологӣ» ёрӣ мерасонад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаккули баҳисобгирии фаъолияти экологӣ танҳо дар марҳилаи ибтидоии рушд аст. Ташкили баҳисобгирии муҳосибии экологӣ метавонист ҳамчун воситаи ташаккули заминаи иттилоотӣ барои идоракунии корхона ва вазъи муҳити зист баромад намояд. Набудани заминаи дахлдори меъёрӣ ва методологияи инъикоси маълумот дар бораи хароҷоти

[1]Адамс Р. Основные направления развития современного экологического учета // Экологический учет и аудит: Сборник статей / Под ред. Л.З. Штейдмана. – М.: ФБК–ПРЕСС, 1997. – 184 с. – С. 164-185., Грей Р. Экологический учет: введение в основные проблемы // Экологический учет и аудит: Сборник статей / Под ред. Л.З. Штейдмана. –М.: ФБК–ПРЕСС, 1997. – 184 с. – С. 25-38., Думнов А., Потравный И. Экологические затраты: проблемы сопоставления и анализа// Вопросы экономики. – 1998. – № 6. – С.122-133.

[2] Грей Р. Экологический учет: введение в основные проблемы // Экологический учет и аудит: Сборник статей / Под ред. Л.З. Штейдмана. – М.: ФБК–ПРЕСС, 1997. – 184 с. – С.30.

экологӣ дар ҳисоботи молиявӣ имконият намедиҳад.

«Дар марҳалаи ҳозираи ташаккули усули баҳисобгирии хароҷоти экологӣ дар асарҳои олимон ихтилофҳои зиёде мавҷуданд»[1]. На танҳо дар методологияи баҳисобгирӣ, балки дар тасниф ва таърифи мафҳуми «хароҷоти экологӣ» муносибати ягона вуҷуд надорад. Мо истифодаи тафсири зерини мафҳуми омӯхташударо пешниҳод мекунем: хароҷоти экологӣ ин камшавии фоидаи иқтисодии корхона ё афзоиши уҳдадориҳо оид ба такрористеҳсол ва истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ, нигоҳ доштани ҳолати муқаррарӣ ва беҳтар намудани вазъи муҳити зист мебошад. Хусусиятҳои сифатии муҳити табиӣ, пешгирии олудашавии он ё вазифаҳои дигар, инчунин хаққи истифодаи захираҳои экონизомҳои табиӣ ё ҷуброни зарари ба онҳо расонидашуда мебошад.

Барои фаъолияти самараноки корхонаҳои сайёҳӣ таҳияи модели муносиби сиёсати баҳисобгирӣ дар умум ва қисматҳои таркибии он зарур шуморида мешавад. Сиёсати баҳисобгирӣ ҳамчун асоси методологии пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ, инчунин барои баҳисобгирии дурусти равандҳои фаъолияти корхонаи сайёҳӣ, баҳисобгирии арзишмуайянкунии маҳсулоти сайёҳӣ, фурӯш ва муайян намудани натиҷаи фаъолияти молиявӣ-хоҷагидорӣ, ҳамчун стандарти дохилӣ истифода бурда мешавад. Бинобар ин, дар диссертатсия ду варианти методикаи коркарди сиёсати баҳисобгирӣ барои корхонаҳои сайёҳӣ пешниҳод карда шудааст.

Модели аввал дар шакли ба тартиби муайяни амудӣ таҳия карда шудааст, ки ҷузъиёти таркибии сиёсати баҳисобгирии корхонаҳои сайёҳӣ, яъне сиёсати баҳисобгирии молиявӣ, идоракунӣ, экологӣ ва андозиро дар бар мегирад ва сохтори пайдарпай ва бисёрсатҳаи ташаккули онро ифода менамояд (расми 3.2.2).

Самти мусбати модели аввали пешниҳодшуда, ҳамоҳангсозии раванди баҳисобгирии муҳосибӣ дар доираи фазои иттилоотии сиёсати баҳисобгирии

[1] Думнов А., Потравный И. Экологические затраты: проблемы сопоставления и анализа// Вопросы экономики. – 1998. – № 6. – С. 122-133. – С. 126

муҳосибӣ ва манфии он танг шудани майдони иттилоотии баҳисобгирии муҳосибӣ бо хусусияти чаҳорчӯбаи ҳуҷҷати асосии танзимкунандаи дохилӣ – сиёсати баҳисобгирӣ мебошад.

| **Сиёсати баҳисобгирӣ** | | | |
|---|---|---|---|
| Сиёсати баҳисобгирии молиявӣ | Сиёсати баҳисобгирии идоракунӣ | Сиёсати баҳисобгирии эклологӣ | Сиёсати баҳисобгирии андозӣ |
| **Сатҳи 1** | | | |
| Низомҳои умумӣ, ки сиёсати баҳисобгирии молиявиро ба танзим медароранд | Низомҳои умумӣ, ки сиёсати баҳисобгирии идоракуииро ба танзим медароранд | Низомҳои умумӣ, ки сиёсати баҳисобгирии экологиро ба танзим медароранд | Низомҳои умумӣ, ки сиёсати баҳисобгирии андозиро ба танзим медароранд |
| **Сатҳи 2** | | | |
| Усулҳои баҳисобгирии молиявӣ | Усулҳои баҳисобгирии идоракунӣ | Усулҳои баҳисобгирии экологӣ | Усулҳои баҳисобгирии андозӣ |
| **Сатҳи 3** | | | |
| Техникаи шаклҳои пешбурди баҳисобгирии молиявӣ | Техникаи шаклҳои пешбурди баҳисобгирии идоракунӣ | Техникаи шаклҳои пешбурди баҳисобгирии экологӣ | Техникаи шаклҳои пешбурди баҳисобгирии андозӣ |

**Расми 3.2.2. – Модели якуми сиёсати баҳисобгирӣ: низоми бисёрсатҳаи ташаккули он**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Ҷанбаҳои ташкилии ҷараёни баҳисобгирӣ на танҳо дар фармон оид ба сиёсати баҳисобгирӣ, инчунин дар дигар ҳуҷҷатҳои тақсимотӣ дарҷ карда мешаванд, ки имкон медиҳад дар ин ҳуҷҷатҳо ислоҳоти саривақтӣ дар ин ҷараён дохил карда шавад ва он ба шароити зудтағйирёбиҳои фаъолияти хоҷагидории корхона, дар мавриди нигаҳдории тартиботи умумӣ бештар мутобиқ карда шавад.

Бинобар ин, барои корхонаҳои сайёҳӣ модели дуюми намунавии сиёсати баҳисобгирӣ пешниҳод карда шудааст, ки стандарти дохилии корхона маҳсуб ёфта, асоси онро манбаи ахбороти пешбурди намудҳои алоҳидаи баҳисобгирии муҳосибӣ: молиявӣ, идоракунӣ, экологӣ ва андозӣ ташкил медиҳанд (ҷадвали 3.2.2).

Ба ақидаи мо, вобаста ба хусусиятҳои хоси корхонаҳои сайёҳӣ, модели пешниҳодшудаи сиёсати баҳисобгирӣ имкон медиҳад, ки ҳама намудҳои

баҳисобгирии корхонаҳои сайёҳӣ дар фазои низоми ягонаи иттилоотӣ ташаккул ёбанд ва назорат карда шаванд.

**Ҷадвали 3.2.2. – Модели алтернативии сиёсати баҳисобгирӣ дар асоси сарчашмааи иттилоотии пешбурди баҳисобгирӣ**

| СИЁСАТИ БАҲИСОБГИРӢ | | | | |
|---|---|---|---|---|
| **Қисми 1** Низомҳои умумӣ оид ба пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ дар корхонаи сайёҳӣ | **Қисми 2** Стандарти дохилиширкатӣ оид ба пешбурди баҳисобгирии молиявӣ | **Қисми 3** Стандарти дохилиширкатӣ оид ба пешбурди баҳисобгирии идоракунӣ | **Қисми 4** Стандарти дохилишир-катӣ оид ба пешбурди баҳисобгирии экологӣ | **Қисми 5** Стандарти дохилишир-катӣ оид ба пешбурди баҳисобгирии андозӣ |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Ҳар яке аз қисматҳои пешниҳодгардида дар доираи низоми ягонаи сиёсати баҳисобгирии корхонаи сайёҳӣ дар алоҳидагӣ баррасӣ шуда, ба ҳам ҳамоҳанг карда мешаванд. Ин имкон медиҳад, ки иттилооти эътимодноки самтҳои фаъолияти корхона барои истифодабарандагони дохилӣ ва беруна сари вақт дастрас ва пешниҳод карда шавад.

Дар як вақт дар фармони роҳбар усулҳои дар корхона истифодашавандаи баҳисобгирии молиявӣ, идоракунӣ, экологӣ ва андозии дар дохили корхона истифодашавандаро бояд аниқ инъикос намояд.

Агар баҳисобгирии даромад ва хароҷот бо усули хазинавӣ бурда шавад, дар ин маврид даромад аз фурӯш бо мақсади баҳисобгирии андозро дар ҳамон моҳе нишон додан лозим аст, ки ба ҳисоби бонкии ширкати сайёҳӣ маблағ аз агентии сайёҳӣ ворид мешавад.

Ҳар яке аз қисматҳои пешниҳодшуда дар алоҳидагӣ ҳуҷҷатҳои худмухтор буда, дар якҷоягӣ ҷараёни баҳисобгирии корхонаи сайёҳиро ташкил медиҳанд.

Вобаста ба гузариши корхонаву муассисаҳои ватанӣ ба СБҲМ, аз ҷумла корхонаҳои соҳаи сайёҳӣ низ бояд низоми баҳисобгирии муҳосибии худро ба талаботҳои он мутобиқ намоянд. Дар раванди ташаккул ва пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳия ва пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ, инчунин

ташаккули иттилооти молиявӣ дар корхонаҳои сайёҳӣ зарурати истифодабарии ҳисобҳои таркибии тасдиқшуда ба миён омад. Аммо, ҳисобҳои таркибии ҷорӣ самтҳои методологӣ ва ташкилии баҳисобгирии муҳосибии равандҳои хоҷагидории корхонаҳои сайёҳиро пурра инъикос карда наметавонанд. Бинобар ин, дар диссертатсия мутобиқи сифатҳои иттилоотӣ, таъинот, низоми навиштаҷоти муҳосибӣ ва хусусиятҳои хоси ташаккул ва пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ дар корхонаҳои сайёҳӣ истифодаи ҳисобҳои иловагӣ дар асоси нақшаи ҳисобҳои амалкунанда пешниҳод ва асоснок карда шудаанд.

Ба ақидаи мо, вазъияти мавриди назарро метавонем дар ҳисоботи молиявӣ мутобиқи СБҲМ бо ду усул пешниҳод намоем.

Масалан, арзиши як роҳхат дар ширкати сайёҳии ҶДММ «Корвон Саёҳат» 10 000 сомониро ташкил медиҳад, нархи хариди ин роҳхат, ки сайёҳ харидорӣ намуд 12 000 сомонӣ, арзиши экскурсияи иловагӣ 1000 сомонӣ, хароҷот барои гузарондани экскурсия 800 сомониро ташкил медиҳад.

Ширкати сайёҳии ҶДММ «Корвон Саёҳат» амалиётҳои хоҷагидории зеринро бояд инъикос намояд (ҷадвали 3.2.3).

**Ҷадвали 3.2.3. – Усули инъикоси фаъолияти мустақили ширкати сайёҳии ҶДММ «Корвон Саёҳат» дар ҳисоботи молиявӣ**

| | |
|---|---|
| **Гузарондани воситаҳои пулӣ ба ширкати сайёҳӣ барои роҳхат барои сайёҳон, (сомонӣ).** | |
| Дт Қарздории дебиторӣ (пешпардохти ба ширкати сайёҳӣ додашуда) | 10 000 |
| Кт Воситаҳои пулӣ | 10 000 |
| **Пардохти роҳхати сайёҳӣ аз тарафи сайёҳ** | |
| Дт Воситаҳои пулӣ | 12 000 |
| Кт Қарздории кредиторӣ (авансҳои гирифташуда) | 12 000 |
| **Додани роҳхат ба сайёҳ ва инъикоси подоши агентии сайёҳӣ** | |
| Дт Қарздории кредиторӣ (авансҳои гирифташуда) | 12 000 |
| Кт Қарздории дебиторӣ (пешпардохти ба ширкати сайёҳӣ додашуда) | 10 000 |
| Кт Подоши агентии ширкати сайёҳӣ (даромад) | 2 000 |
| **Инъикоси даромадҳо ва хароҷот аз хизматрасонии ташкили экскурсияҳо** | |
| Дт Воситаҳои пулӣ | 1 000 |
| Кт Қарздории кредиторӣ (авансҳои гирифташуда) | 1 000 |
| Дт Қарздории дебиторӣ | 800 |
| Кт Воситаҳои пулӣ | 800 |
| Дт Қарздории кредиторӣ (авансҳои гирифташуда) | 1 000 |
| Кт Даромад аз расондани хизматрасонӣ | 1 000 |
| Дт Арзиши аслии хизматҳои расондашуда | 800 |
| Кт Қарздории дебиторӣ | 800 |

Дар ин мавридҳисобот оид ба фоида ва зарар чунин шаклро мегирад:

| **Ҳисобот оид ба фоида ва зарар** | |
|---|---|
| Даромад аз расондани хизматрасонӣ | 1 000 |
| Арзиши аслии хизматҳои расондашуда | (800) |
| Фоидаи умумӣ | 200 |
| Дигар даромадҳо (подоши агентӣ) | 2 000 |
| Фоидаи то андозбандӣ | 2 200 |

**Сарчашма:** коркарди муаллиф дар асоси маълумотҳои баҳисобгирии муҳосибии ҶДММ «Корвон Саёҳат»

Дар мавриде ки барои сайёҳон иловатан экскурсия ташкил карда мешавад ва хизматрасониҳо вобаста ба ташкили экскурсияҳо барои сайёҳон бо далели он пешниҳод карда мешавад, ки сайёҳ ширкати шуморо ба сифати агент интихоб кардааст. Хароҷоти ташкили экскурсия наметавонад ҳамчун як қисми хароҷоти намояндагӣ ба инобат гирифта шавад. Чунин хароҷот бояд аз ҳисоби фоидаи корхона ҳисоб карда шаванд. Барои мақсади баҳисобгирӣ, ин хароҷот бештар хароҷоти фурӯш маҳсубмеёбад, зеро аслан онҳо барои ҳавасманд кардани муштариён ва баланд бардоштани садоқати онҳо пешбинӣ шудаанд. Ба андешаи мо, ҳолати ташкили хизматрасонии экскурсионӣ барои намояндагони мизоҷон аз вазъияте, ки дастовезҳо, тухфаҳо дар доираи чорабиниҳои таблиғотӣ ё маркетингӣ гузаронида мешаванд, ба куллӣ фарқ намекунад.

Дар ин мавридмутобиқи принсипи «бартарияти моҳияти иқтисодӣ ба шакли ҳуқуқӣ» («Принсипи таҳия ва пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ») ухдадориҳои иловагӣ оид ба ташкили экскурсияҳоро ба худ мегирад, ба шарте ки сайёҳ роҳхатро ба воситаи ширкати шумо ба даст меорад.

Масалан, арзиши як роҳхат дар ширкати сайёҳии ҶДММ «Корвон Саёҳат» 10 000 сомонӣ мебошад, нархе, ки сайёҳ ин роҳхатро мегирад, 13 000 сомониро ташкил медиҳад, хароҷот барои гузарондани экскурсияи иловагӣ 800 сомонӣ аст.

Ширкати сайёҳии ҶДММ «Корвон Саёҳат» чунин амалиётҳои хоҷагидориро бояд инъикос намояд (ҷадвали 3.2.4).

Интихоби яке аз ин усулҳои инъикоси вазъият, аз моҳияти иқтисодии амалиётҳои гузарондашуда вобастагӣ дорад.

**Ҷадвали 3.2.4. – Усул бо инъикоси хароҷоти иловагӣ оид ба ташкили экскурсияҳо бо фурӯши роҳхатҳои ширкати сайёҳии ҶДММ «Корвон Саёҳат»**

| | |
|---|---|
| **Гузарондани воситаҳои пулӣ ба ширкати сайёҳӣ барои роҳхат барои сайёҳон, (сомонӣ).** | |
| Дт Қарздории дебиторӣ (пешпардохти ба ширкати сайёҳӣ додашуда) | 10 000 |
| Кт Воситаҳои пулӣ | 10 000 |
| **Пардохти роҳхати сайёҳӣ аз тарафи сайёҳ** | |
| Дт Воситаҳои пулӣ | 13 000 |
| Кт Қарздории кредиторӣ (авансҳои гирифташуда) | 13 000 |
| **Додани роҳхат ба сайёҳ ва инъикоси подоши агентии сайёҳӣ** | |
| Дт Қарздории кредиторӣ (авансҳои гирифташуда) | 13 000 |
| Кт Қарздории дебиторӣ (пешпардохти ба ширкати сайёҳӣ додашуда) | 10 000 |
| Кт Подоши агентии ширкати сайёҳӣ (даромадҳо) | 3 000 |
| **Инъикоси даромадҳо ва хароҷот аз хизматрасонии ташкили экскурсияҳо** | |
| Дт Қарздории дебиторӣ | 800 |
| Кт Воситаҳои пулӣ | 800 |
| Дт Хароҷоти фурӯш (арзиши аслии ташкили экскурсияҳо) | 800 |
| Кт Қарздории дебиторӣ | 800 |

Ҳисобот оид ба фоида ва зарар дар ин маврид чунин шаклро мегирад:

| **Ҳисобот оид ба фоида ва зарар** | |
|---|---|
| Даромад аз фаъолияти агентии сайёҳӣ | 3 000 |
| Хароҷоти фурӯш | 800 |
| Фоидаи то андозбандӣ | 2 200 |

**Сарчашма:** коркарди муаллиф дар асоси маълумотҳои баҳисобгирии муҳосибии ҶДММ «Корвон Саёҳат»

Ба ақидаи мо, амалияи пешбурди баҳисобгирии ватанӣ амалиётҳои воқеии фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ, арзишмуайянкунӣ ва муайян намудани натиҷаи молиявиро пурра инъикос карда наметавонад. Мутобиқи ин моддаи ҳисобот муайян кардан намешавад, ки кадом қисми фоидаи тақсимнашуда дар давраи ҳисоботӣ ва кадом қисми он аз давраҳои гузашта гирифта шудааст. Мо чунин меҳисобем, ки мавҷудияти чунин иттилоот барои худи корхона ва дигар шахсони ҳавасманд зарур аст. Корхонаҳое, ки фоидаи софро дар давраҳои гузашта гирифтаанд, дар давраи ҳисоботӣ метавонанд бо сабабҳои гуногун зарар бинанд, ё баръакс, натиҷаи мусбати давраи ҳисоботии охирон метавонад ҳама зарарҳои рӯйпӯшнашудаи солҳои гузаштаро пӯшонад. Ба ғайр аз ин, номи

ҳисоб ба мазмуни он мувофиқат намекунад. Инчунин бояд пешгӯинашавандагии натиҷаҳои фаъолияти субъектҳои хоҷагидориро ба ҳисоб гирифт, яъне натиҷа метавонад мусбат ё манфӣ бошад. Дар асоси камбудиҳои нишондодашуда, дар таҳқиқоти диссертатсионӣ пешниҳод карда мешавад, ки ҳисоби 33200 «Фоидаи тақсимнашуда» ба «Фоидаи тақсимнашуда (зарари рӯйпӯшнашуда)» табдил дода шуда, инчунин ҳисобҳои 33210 «Фоидаи тақсимнашудаи (зарари рӯйпӯшнашудаи) давраи ҳисоботӣ» 33220 «Фоидаи тақсимнашудаи (зарари рӯйпӯшнашудаи) солҳои гузашта» номгузорӣ карда шаванд.

Гузариши баҳисобгирии муҳосибии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба СБҲМ зарурати ҷорӣ намудани дигаргуниҳои назаррасро дар ҷараёни ташаккули иттилооти молиявии субъектҳои хоҷагидории соҳаи сайёҳӣ ба миён овард. Ҳамин тавр, дар ҳисоби асосии 22400 «Захираҳои хароҷот ва пардохтҳои дарпешистода» чор захираи таркибан ҳархела, ки аз ҷиҳати иқтисодӣ тамоман гуногунанд пешбинӣ шудааст, ки ба самти таркибӣ ва методологии захираҳо ҷавобгӯ нестанд.

Вобаста ба ин, пешниҳод карда мешавад, ки аз ҳисоби асосии 22400 «Захираҳои хароҷот ва пардохтҳои дарпешистода» вобаста ба таркиби захираҳо, захираҳои зерин ба ҳисоби 33300 «Сармояи захиравӣ» ҳамроҳ карда шаванд, ки ба таъиноти таркибии захираҳо мутобиқ бошанд.

Мақсади истифода намудани ин ҳисоб дар инъикоси хосиятҳои маъмулии дороиҳо, махсусан – амволии дороӣ ба сифати дивиденд ифода меёбад. Ин ҳисоб дар мавриде маънои муайянро ба худ мегирад, ки агар маблағи фонди захиравӣ ба дороиҳои бозорногир ва беқурбшуда мувофиқат кунад. Дар амалияи баҳисобгирии муҳосибӣ чунин ҳолатҳо ба назар мерасанд ва корхонаҳое, ки чунин захира ташкил мекунанд, метавонанд ин захираро барои пардохти уҳдадориҳои фаврии кредиторӣ, рӯйпӯш намудани зарар ё пардохти даромади сармоягузорон истифода баранд.

Дар нақшаи ҳисобҳо баҳисобгирии захираҳои хароҷоти дарпешистода дар таркиби даромадҳои мавқуфгузошта пешбинӣ шудааст ва бо ин мақсад

ҳисоби 22700 «Даромадҳои мавқуфгузошта» истифода бурда мешавад. Дар амалия ин тарзи баҳисобгирӣ ба принсипҳои ягонаи методии баҳисобгирии муҳосибӣ, аз ҷумла, баҳодиҳӣ ва мушоҳидаи аввала, инчунин, ҳамчун сарчашмаи ташаккул ва пардохти хароҷоти минбаъда мувофиқат намекунанд. Бинобар ин пешниҳод менамоем, ки онҳо бояд дар таркиби ҳисоби 22400 «Захираҳои хароҷот ва пардохтҳои дарпешистода», ҳисоби алоҳидаи 22401 «Пардохтҳои дарпешистода» ба ҳисоб гирифта шаванд.

Истифодабарии ин ҳисоб имконият медиҳад, ки нисбати уҳдадориҳои воқеии тибқи ҳуҷҷатҳои тасдиқшуда дар моддаи «Захираҳои хароҷот ва пардохтҳои дарпешистода» ба ҳисоб гирифта шаванд. Баҳисобгирии муҳосибии захираи ин гуна пардохтҳо дар ҳисоби таҳлилии алоҳида дар сабткунакҳои мувофиқи ҳисобдорӣ барои назорати дуруст истифодабарии онҳо дар давраи муайяни ҳисоботӣ имконият фароҳам меоварад. Инчунин, баҳисобгирии таҳлилӣ барои тасҳеҳи саривақтии маблағи ин захираҳо дар сабткунакҳои алоҳидаи баҳисобгирии муҳосибӣ мусоидат менамояд.

СБҲМ истифодабарии усулҳои гуногуни баҳодиҳии дороиҳо ва уҳдадориҳои молиявӣ ва тартиби баҳисобгирии онҳоро пешбинӣ менамояд. Ин талаботҳо барои баҳисобгирии фоидаи амалиётии соли ҳисоботӣ ва гузашта низ пешбинӣ шуда бошад ҳам, дар амалия номуназзамии баҳисобгирии фоида ва зарар дар корхонаҳои сайёҳӣ дида мешавад. Эътирофи фоида ва зарар дар корхонаҳои сайёҳӣ аз намуди шартномаи басташудаи байни ширкати сайёҳӣ ва агентии сайёҳӣ вобастагӣ дорад. Бинобар ин, далели ба вуҷуд омадани амалиёти хариду фурӯши роҳхат байни ширкати сайёҳӣ ва агентии сайёҳӣ бояд ба принсипи мутобиқати даромад ва хароҷот асос ёбад.

Барои рӯйпӯш кардани зарар аз фаъолияти амалиётӣ, захираҳои баҳододашуда ташкил карда шаванд. Бо ин мақсад метавонем ҳисоби 22441 «Захираҳои баҳододашуда»-ро истифода барем.

Захираҳои баҳододашуда устувории молиявии субъекти хоҷагидорӣ, инчунин, эътимоднокӣ ва сифати ҳисоботи молиявиро хеле баланд мебардорад. Ин, дар навбати худ, ба истфодабарандагон имконият медиҳад, ки баҳодиҳии

на хароҷотӣ, балки ҳақиқии дороиҳои корхонаҳои соҳаи сайёҳиро бинанд.

Бо вуҷуди ин, ҳисобҳои дар Нақшаи ҳисобҳо тавсияшуда:

22410 «Захираҳо барои пардохти рухсатии меҳнатӣ»;

22420 «Захираҳо барои хизматрасонии кафолатӣ»;

22430 «Захираҳо барои даъвоҳои судӣ»;

22440 «Дигар захираҳои ҳисобкардашуда»,

амалан дар худ заминаи методологӣ надоранд, бинобар ин, онҳоро метавон дар як ҳисоб, масалан «Дигар захираҳо» муттаҳид намуда, рақами муайян диҳем.

## 3.3. Мукаммалгардонии методикаи баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити СБҲМ дар сайёҳӣ

Дуруст ба роҳ мондани низоми баҳисобгирии муҳосибӣ дар корхонаҳои сайёҳӣ ба бисёр омилҳо вобастагӣ дорад, ки дар байни онҳо истифода бурдани усулҳои баҳисобгирӣ ва унсурҳои методологияи баҳисобгирӣ мавқеи муҳимро ишғол менамояд. Барномаи ислоҳоти низоми баҳисобгирии муҳосибӣ дар соҳаи сайёҳӣ, аз ҷумла барои корхонаҳои сайёҳӣ хеле суст амалӣ мегардад. Новобаста аз дастгирии давлатии соҳаи сайёҳӣ, фаъолияти бозори хизматасониҳои сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то ҳол дар сатҳи ташаккул қарор дорад. Гарчанде иқтидори рекреатсионии мамлакат бузург аст, аммо объектҳо ва инфрсохторҳои сайёҳии мамлакат то ҳол ба маршрути сайёҳии минтақавӣ ва байналмилалӣ пайваст нашудааст. Сабаби асосии ин мавҷуд набудани маълумоти дастрас ва эътимоднок оид ба бозори сайёҳӣ ва хизматрасониҳои сатҳи байналмилалӣ мебошад, ки ба тариқи воситаҳои алоқа ва коммуникатсияи муосир гирифта мешавад.

Хусусиятҳои хоси фурӯши маҳсулоти сайёҳӣ аз таъминоти иттилооти саривақтӣ вобастагӣ дорад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, чун дар дигар давлатҳои пасошӯравӣ корхонаҳои сайёҳӣ ва идораҳои танзимкунандаи фаъолияти сайёҳӣ, ки дар бозори байналмилалӣ фаъолият менамоянд, ба

мушкилоти таъминоти азхуднамоии технологияи муосир дучор гардиданд, ки барои роҳ ёфтан дар бозори сайёҳӣ ва пешниҳоди маҳсулоти сайёҳии худ душвориҳо пеш меорад. Бинобар ин, дар замони муосир масъалаи таъминоти иттилоотӣ ба воситаи технологияи муосир, барои пешбарӣ намудани маҳсулоти сайёҳӣ дар сатҳи байналмилалӣ хеле муҳим арзёбӣ мегардад.

Ҳамаи иттилоот оид ба фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ аз маълумотҳои баҳисобгирии муҳосибии корхона сарчашма мегирад. Барои пешбарии маҳсулоти сайёҳӣ корхонаҳои сайёҳӣ вазифадоранд коркарди автоматии маълумотҳоро дар базаи барномаҳои мавҷудаи баҳисобгирии муҳосибӣ роҳандозӣ намоянд.

Ин барномаҳо дар асоси шаклҳои амалкунандаи журнал-ордерӣ, мемориал-ордерӣ ва шакли содакардашудаи баҳисобгирӣ ва андозбандӣ таҳия карда шудаанд, ки корхонаҳо метавонанд вобаста ба шакли баҳисобгирии истифодашаванда онро дар амалия истифода баранд.

Яке аз самтҳои дигари рушди сайёҳӣ ва беҳтар намудани сифати маҳсулоти сайёҳӣ – ин ислоҳоти низоми батанзимдарории меъёрӣ-ҳуқуқии фаъолияти сайёҳӣ мебошад. Фаъолияти молиявӣ-хоҷагидории корхонаҳои сайёҳӣ дар асоси санадҳои байналмилалӣ ва дохилӣ танзим карда мешавад, ки онҳо баъзеашон ҳатмӣ ва баъзе характери тавсиявӣ доранд. Дуруст ба роҳ мондани муносибатҳои байниҳамдигарии ҳуқуқии субъектҳои фаъолияти сайёҳӣ ба фаъолияти онҳо таъсири мусбат мерасонад.

Дар замони муосири ислоҳоти баҳисобгирии муҳосибии ватанӣ, яке аз вазифаҳои муҳимми корхонаҳои сайёҳӣ дуруст ба роҳ мондан ва пешбурди баҳисобгирии молиявӣ, идоракунӣ, экологӣ ва андозӣ мебошад. Иттилооти саҳеҳи дар ҳисоботи молиявии корхонаҳои сайёҳӣ, мутобиқи талаботҳои СБҲМ таҳиягардида, ҳамчун сарчашмаи боэътимоди баҳодиҳии вазъи молиявии корхонаи сайёҳӣ, барои истифодабарандагони дохилӣ ва беруна мебошад. Ин нишондиҳандаҳои ҳисоботи молиявӣ асосан даромадҳо ва хароҷот мебошанд, ки унсурҳои асосӣ ва категорияҳои бунёдии баҳисобгирии молиявӣ маҳсуб меёбанд.

Гуногуншаклии рӯйдодҳои фаъолияти хоҷагидорӣ, тамоюли рушди он дар иқтисодиёти бозорӣ, зарурати муайян намудани даромадҳо ва хароҷот ба ташкили баҳисобгирӣ ва эътимоднокии маълумоти баҳисобгирии муҳосибӣ таъсир мерасонанд, ки натиҷаи молиявӣ дақиқ муайян карда намешавад. Аммо, дар низоми батанзимдарории меъёрӣ мафҳуми маълумотҳои баҳисобгирӣ аниқ муайян нагардидааст. Ба ақидаи мо, ин ба қоидаҳои мушаххаси низоми батанзимдарории меъёрӣ ва тартиби гузариши корхонаву ташкилотҳои ватанӣ ба стандартҳои миллӣ ва байналмилалии ҳисоботи молиявӣ мебошад. Омӯзиши ҷараёни ташаккули натиҷаҳои молиявӣ ҷанбаи муҳимми баҳисобгирӣ ва иқтисодии корхона дар умум маҳсуб меёбад. Аз дуруст амалӣ намудани он на танҳо бузургии фоида (зарар), инчунин ҳаҷми воситаҳое, ки буҷети давалатиро пур мекунанд вобастагӣ дорад. Бинобар ин, нишондиҳадаи асосии корхонаҳои сайёҳӣ, ки фоида ё зарари давраи ҳисоботиро инъикос менамояд, натиҷагирӣ аз фурӯши маҳсулоти сайёҳӣ, яъне аз даромадҳои амалиётӣ ва даромадҳои ғайриамалиётии корхонаи сайёҳӣ сарчашма мегирад.

Ҷараёни ташаккули ҳар як ҳисоботи молиявиро бо якчанд усулҳои маъмулӣ таҳқиқ намудан мумкин аст. Ин усулҳо зиёд набуда, ҳар як муҳосиб метавонад онҳоро дар амалияи фаъолияти худ истифода барад. Баҳисобгирии молиявӣ ва ташаккули ҳисоботи молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони муосир, барои мутобиқ намудан ба талаботҳои Стандартҳои байналмилалииҳисоботи молиявӣ тағйиротҳои куллиро паси сар намуд. Ақидаи кӯшоиши ҳама иттилооти муҳим аз он шаҳодат медиҳад, ки дар амалияи баҳисобгирии корхонаҳои ватанӣ мафҳумҳои нав, ба монанди хавфҳо, ҳолатҳои хос, мавҷудияти дороиҳо ва уҳдадориҳои шартӣ пайдо шуд. Тағйирёбии хусусияти сифатии ҳисоботи молиявӣ чунин шарҳ дода мешавад, ки гузариш ба стандартҳои байналмилалӣ тағйирёбии характери консептуалӣ ва мақсади тартиб додани ҳисоботи молиявиро ба миён овард. Барои мутобиқ намудани низоми баҳисобгирии муҳосибии корхонаҳои ватанӣ ба талаботҳои СБҲМ ва беҳтар намудани раванди пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ, ба ақидаи мо, як қатор амалҳоро роҳандозӣ намудан зарур аст:

– такмил додани санадҳои меъёрӣ-хуқуқии танзими низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ;

– ҳамоҳангсозии фаъолияти идораҳои соҳавӣ дар мавриди таҳияи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии баҳисобгирии муҳосибӣ мутобиқи хусусиятҳои соҳавӣ;

– мутобиқ намудани стандартҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ бо стандартҳои байналмилалӣ;

– ташаккули меъёри бунёдӣ (стандартҳо);

– таҳияи таъминоти методӣ;

– тайёркунии кадрҳо;

– ҳамкориҳои байналмилалӣ.

Чи хеле ки натиҷаи таҳқиқот гувоҳӣ медиҳад, бартарии истифода намудани СБҲМ дар пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ аз тарафи корхонаҳои бузург ва ташкилотҳои аудиторӣ нисбат ба корхонаҳои хурд мавқеи устуворро пайдо намудааст.

Наздиккунии низоми баҳисобгирии муҳосибии ватанӣ ба талаботҳои СБҲМ давраи тулониро гузаронда, натиҷаи ҷараёнҳои ба ҳам алоқамандро дар бар гирифт, ки то ба натиҷаи дилхоҳ расидан давра ба давра амалӣ гардид. Стандартҳои миллии баҳисобгирии қабулшуда, барои таъмин намудани талаботи истифодабарандагон бо иттилооти аз рӯйи қоидаҳои байналмилалӣ таҳияшуда пешбинӣ шудаанд.

Гузариши корхонаҳои ватанӣ ба СБҲМ ба таъминоти сифатии муҳимми ҳисоботи молиявӣ, ба монанди возеҳӣ, муқоисавӣ, дақиқӣ ва эътимоднокӣ имконият фароҳам овард. Дар навбати худ, ин тавсифномаҳо ба истифодабарандагони ҳисоботи молиявӣ, барои паст кардани хароҷот ва таҳлили он зарур шуморида мешаванд. Корхонаҳои ватание, ки ба СБҲМ гузаштаанд, пешбурди баҳисобгирии дохилӣ ва беруниро дар алоҳидагӣ зарур намешуморанд. Бартарии асосии гузариш ба СБҲМ зиёд шудани дохилшавии сармоя ба кишвар мебошад. Дар натиҷаи ба сармоягузорон дастрас будани ҳаҷми зиёди иттилоот оид ба объекти сармоягузории эҳтимолӣ, хавфи

сармоягузорӣ кам мешавад. Истифодабарии СБҲМ идоракунии самаранок ва шаффофияти корхонаро баланд мебардорад ва дар рақобати бозорӣ мавқеи онро устувор менамояд. Ин имконият медиҳад, ки байни корхонаҳои ватанӣ ва ширкатҳои хориҷӣ алоқаҳои иқтисодии байниҳамдигариро мустаҳкам менамояд. Низоми баҳисобгирии муҳосибии ватанӣ мутобиқ ба талаботи иқтисоди бозорӣ ислоҳот гузаронда шудааст ва заминаи асосии он Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистоназ 4 ноябри соли 2002, №428 «Оиди Стандартҳои байналмилалииҳисоботи молиявӣ» мебошад.

Рақобатпазирии ширкатҳои сайёҳӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ аз идоракунии самарабахши онҳо вобастагӣ дорад. Бинобар ин, дар замони муосир, барои ҷалб намудани сармоягузории дохилӣ ва берунӣ иттилооти боэътимоди ҳисоботи молиявии корхонаҳо, ки аз пешбурди дурусти баҳисобгирии муҳосибии фаъолияти молиявӣ-хоҷагидорӣ, муайян намудани натиҷаи молиявии фаъолият сарчашма мегирад, хеле муҳим мебошад. Асоси батанзимдарории меъёрӣ-ҳуқуқии баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявии корхонаҳои сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қонунҳо, стандартҳо, низомномаҳо, дастурамалҳо, дастурҳои методӣ, фармоишҳо мебошанд. Дар мавриди таҳияи ҳисоботи молиявӣ, алалхусус ҳисоботи молиявии муттаҳидкардашуда (маҷмуӣ), риоя намудани талаботҳои СБҲМ, низомнома ва дастурамалҳои амалкунандаи соҳавии аз тарафи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқшуда ва сиёсати баҳисобгирии корхонаҳо муҳим мебошад.

Барои идоракунии стратегии ширкати сайёҳӣ иттилооти мавҷудаи баҳисобгирии молиявӣ роҳбарияти сатҳи гуногуни идоракунии корхонаро қонеъ карда наметавонад. Нақши баҳисобгирӣ ва ҳисоботи сегментӣ дар низоми баҳисобгирии муҳосибии муосир, аз ҷумла дар корхонаҳои сайёҳӣ бо чунин сабабҳо хеле баланд мешавад.

Барои баҳисобгирии муҳосибии амалиётҳои вобаста ба ҳисоббаробаркуниҳои дохилихоҷагӣ пешниҳод менамоем, ки дар асоси нақшаи ҳисобҳои амалкунанда, ҳисобҳои иловагии «Даромади сегментҳо» ва «Хароҷоти сегментҳо» кушода шаванд. Кушодани чунин ҳисобҳо барои

баҳисобгирии дуруст ва эътимодноки хароҷот, даромадҳо ва муайян намудани натиҷаи молиявӣ мусоидат менамоянд.

Аҳаммияти назариявӣ ва амалии пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартиб додани ҳисоботи сегментӣ ба корхонаҳои сайёҳӣ имконият фароҳам меорад, ки талаботи мизоҷон сари вақт таъмин, рақобат дар бозори сайёҳӣ бо васеъ намудани доираи фаъолият вусъат дода шуда, ширкатҳои сайёҳӣ ба ширкатҳои бузурги байналмилалӣ мубаддал гарданд.

Инчунин, ҳисоботи сегментӣ барои истифодабарандагони дохилӣ ва берунаи ҳисоботи молиявӣ имкон медиҳад, ки корхонаҳои сайёҳӣ ба бозорҳои нави истеъмоли хизмарасониҳои сайёҳӣ роҳ ёфта, маҳсулоти сайёҳии худро пешбарӣ намоянд. Аз як тараф ин ташкилотро барои баромадан ба бозорҳои нав водор сохта, аз тарафи дигар – ба бозор пешниҳод намудани молу хизматҳои навро талаб менамояд. Диверсификатсияи тиҷорат банақшагирии ҷиддӣ ва назорати даромаднокии маҳсулот ва хизматрасонии навро талаб менамояд. Ба ғайр аз ин, талабот ба ҷавобгарӣ ва ҳавасмандии шахсии менеҷерон аз натиҷаи фаъолияти сегментҳои худ баланд мегардад. Барои идоракунии самараноки корхона иттилооти алоҳидаи сегментҳо хеле муҳим аст. Бинобар ин, асоси идоракунии молиявии корхонаро ҳисоботи сегметарӣ ташкил медиҳад, ки оид ба самтҳои гуногуни фаъолияти корхона иттилоотро пешниҳод менамояд.

Дар натиҷаи омӯзиш ва таҳқиқоти фаъолият ва тартиби пешбурди корхонаҳои сайёҳии ватанӣ, аз ҷумла фаъолияти ширкатҳои сайёҳии ҶДММ «Корвон Саёҳат», ҶДММ «Расул тур», ҶДММ «Ориент Адвентур» мо ба чунин чунин хулосаҳо омадем:

Якум, ба истифодабарандагони дохилӣ ва берунаи иттилооти ҳисоботи молиявӣ барои баҳодиҳии вазъи молиявии корхонаи сайёҳӣ хеле муҳим мебошад. Дар асоси таҳлили нишондиҳандаҳои он қобилияти пардохтпазирӣ ва ҳолати молиявии онҳо баҳо дода мешавад. Ҳолати молиявии ширкати сайёҳӣ дар асоси тавозуни муҳосибӣ фаъолияти молиявӣ-хоҷагидории ширкати сайёҳӣ дар давраи ҳисоботӣ баҳо дода мешавад. Зарурияти тавозун дар он аст, ки

сарчашмаи муҳимми баҳодиҳии коэффитсиентҳои зиёди молиявӣ, ба монанди пардохтпазирӣ, чандирии молиявӣ, даромаднокӣ ва баҳодиҳии дороиҳо мебошад.

Дуюм, мутобиқи талаботҳои СБҲМ ва дастурамали тасдиқшудаи шаклҳои ҳисоботи молиявӣ барои корхонаҳои ватанӣ, тавозуни муҳосибӣ бо мафҳуми васеъ, ҳамчун шакли № 1 Ҳисобот оиди ҳолати молиявӣ (тавозуни муҳосибӣ) истифода бурда мешавад. Ин барои мутобиқнамоии низоми баҳисобгирии муҳосибии ширкатҳои сайёҳии ватанӣ, ҷалби сармоягузориии хориҷӣ ва баланд гардидани боварӣ ба иттилооти саҳеҳ мусоидат менамояд.

Сеюм, натиҷаҳои молиявӣ низоми нишондиҳандаҳои ба ҳам алоқаманди иқтисодие мебошанд, ки дар асоси муқоисаи даромаду хароҷоти ширкатҳои сайёҳӣ муайян карда мешавад. Низоми нишондиҳандаҳои иқтисодӣ дар шакли даромадҳо, хароҷот, фоида ва зараре, ки дар натиҷаи фаъолияти корхона ба вуҷуд меоянд. Дар доираи баҳисобгирӣ бо пайдарпайии муайян инъикос карда шуда, таҳлил карда мешаванд. Ин пайдарпайӣ аз тартиб, қоидаҳо, мақсадҳое, ки ҳангоми муайян кардани натиҷаҳои молиявӣ пешбинӣ мешаванд, вобастагӣ дорад. Натиҷаҳои молиявии ширкатҳои сайёҳӣ бо формулаи зерин муайян карда мешавад:

**Фоида (зарар) = даромадҳо – хароҷот**

Ба андешаи мо, ҳисобкунии натиҷаҳои молиявии ниҳоӣ бо ин формула талаботи менеҷерон, муассисон, идоракунандагони молиявӣ, таҳлил ва дигар истифодабарандагонро бо иттилоот пурра таъмин карда наметавонад. Дар айни замон, корхонаҳои сайёҳӣ натиҷаҳои молиявии худро дар асоси қонунгузории андоз ва талаботҳои стандартҳои миллӣ ва байналмилалии ҳисоботи молиявӣ ҳисоб мекунанд. Бинобар ин, истифодабарандагони ҳавасманди иттилооти молиявӣ метавонанд барои ҳисобкунии натиҷаҳои молиявӣ қоидаҳо ва талаботи худро муайян намоянд.

Таҳлили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба баҳисобгирии муҳосибӣ дар соҳаи сайёҳӣ нишон дод, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон «Қоидаҳои намунавии ҳисобкунии арзиши аслии мол (кор, хизматрасонӣ)» (минбаъд – Қоидаҳо)

(Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, 28 октябри соли 2023, № 505) қабул шудааст, ки ба СБҲМ ва баҳисобгирии андоз мувофиқат намекунад, ки дар амал боиси ба миён омадани ҳолатҳои баҳснок ё ғайристандартӣ мегардад.

Илова бар ин, тавре ки таҳлили корҳои илмӣ оид ба назария ва амалияи баҳисобгирии муҳосибӣ дар соҳаи сайёҳӣ нишон дод, дар айни замон барои таҳияи санадҳои меъёрии дохилӣ оид ба баҳисобгирии муҳосибӣ дар корхонаҳои соҳаи сайёҳӣ ва ташаккули сиёсати баҳисобгирии онҳо бо мақсадҳои баҳисобгирии молиявӣ, идоракунӣ ва андоз ягон корҳои амалӣ бурда намешаванд. Ҳангоми таҳия ва татбиқи усулҳои баҳисобгирии муҳосибӣ дар сайёҳӣ на танҳо масъалаҳои умумии методологӣ, балки фарогирии чунин ҷанбаҳои баҳисобгирии муҳосибӣ аз нуқтаи назари ташкил ва методологияи он, ба монанди баҳисобгирии сегментҳои алоҳидаи тиҷорати сайёҳӣ муҳим аст.

Ба принсипҳои ташаккули заминаи консептуалии ташаккули сиёсати баҳисобгирии муҳосибӣ дар корхонаҳои сайёҳӣ диққати мутахассисони соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ бояд ҷалб карда шаванд. Дар кори диссертатсионӣ мутобиқозии имконпазири сиёсати дохилии баҳисобгирии муҳосибӣ бо амалияи байналмилалӣ таҳлил карда шудааст. Мо ба чунин хулоса омадем, ки сиёсати баҳисобгириро барои максадҳои баҳисобгирии молиявӣ, идоракунӣ ва андоз зарур аст.

Пешниҳод карда мешавад, ки доираи татбиқи принсипҳои асосии сиёсати баҳисобгирӣ ба соҳаи мушаххас – сайёҳӣ васеъ карда шавад. Мо моделҳои таҳияи сиёсати баҳисобгирии фаъолияти корхонаҳои сайёҳиро дар якчанд вариант таҳия ва пешниҳод намудем. Варианти аввал таъсиси санади дохилии ширкатро дар бар мегирад, ки сиёсати баҳисобгирии корхонаҳои сайёҳиро бо мақсади баҳисобгирии молиявӣ, идоракунӣ, экологӣ ва андоз ташкил медиҳад. Варианти сиёсати баҳисобгирӣ барои низоми ташаккули бисёрсатҳа пешниҳод карда мешавад. Низоми қонунгузорӣ имкон медиҳад, ки ҳуҷҷати муносиби дохилиширкатӣ бо мақсади стандартикунонии баҳисобгирии муҳосибӣ дар фаъолияти сайёҳӣ тартиб дода шавад.

Ҳоло баҳисобгирии молиявӣ, идоракунӣ, экологӣ ва андоз, вобаста ба

талаботҳои СБҲМ дар соҳаи сайёҳӣ дар марҳилаи ташаккул ва рушд қарор дорад. Асосҳои илмию амалии баҳисобгирии муҳосибиро таҳқиқ намуда, ба хулосае омадем, ки баҳисобгирии идоракунӣ дар фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ омили муҳимтарини ба вуҷуд овардани маҳсулоти сайёҳӣ буда, ба ташаккули нишондиҳандаҳои молиявии ширкати сайёҳӣ таъсири ҳалкунанда мерасонад.

Мо таснифоти хароҷоти ширкати сайёҳиро чунин пешниҳод менамоем:

– иштирок дар раванди истеҳсоли маҳсулоти сайёҳӣ;

– усули ба арзиши аслӣ дохил намудани маҳсулоти сайёҳӣ;

– нисбат ба ҳаҷми фурӯши маҳсулоти сайёҳӣ.

Принсипи муҳимтарини баҳисобгирии идоракунӣ муқаррар намудани объекти баҳисобгирӣ мебошад. Пешниҳод карда мешавад, ки маҳсулоти сайёҳӣ ҳамчун объекти баҳисобгирӣ дар сайёҳӣ баррасӣ карда шавад. Объектҳои баҳисобгирии хароҷот мавзеъҳое мебошанд, ки онҳо ба вуҷуд меоянд ва воҳиди хароҷот роҳхати сайёҳӣ мебошад. Ҳисоб кардани хароҷот барои як воҳиди маҳсулоти сайёҳӣ (хизматрасонӣ) барои асоснок кардани нарх, муайян кардани даромаднокии марказҳои масъулият зарур аст, ки барои тасдиқи онҳо дар диссертатсия пешниҳодҳои мушаххас шудаанд. Усули нархгузории фармоишӣ барои банақшагирии хароҷот ва нархи фурӯши маҳсулоти сайёҳии оянда замина фароҳам меорад.

Маълумот дар бораи сегментҳои амалиётӣ ва ҳисоботи сегментӣ муҳимтарин ҷузъҳои фаъолияти самараноки корхонаҳои сайёҳӣ мебошанд. Шакли ҳисоботи сегментӣ аз рӯйи марказҳои масъулияти корхонаи сайёҳӣ мебошад, ки ҳам ба таври амудӣ – байни сатҳҳои идоракунӣ (корхона - шуъба – сомона - ҷойи кор) ва ҳам ба таври уфуқӣ – байни шуъбаҳои функсионалӣ ва хизматрасониҳо амалӣ карда мешавад.

Асоснок карда шуд, ки ташкил намудани назорат аз рӯйи марказҳои масъулият дар корхонаҳои сайёҳӣ ба мақсад мувофиқ аст, зеро ҳар як роҳбари маркази масъулият ба маркази ба он вобасташуда ҷавобгарии фардӣ дошта, барои фаъолияти пурсамари корхона мусоидат менамояд. Дар корхонаи сайёҳӣ мо як маркази хароҷот, маркази даромад, маркази фоида ва маркази

сармоягузорӣ муайян кардем. Таҳлили маълумоти гузоришшуда аз ҷониби маркази хароҷот ба роҳбарон имкон медиҳад, ки дар бораи он ки кадом маркази масъулият бештар хароҷот дорад, хулоса бароранд ва сабабҳои ин афзоишро фаҳманд.

Самти дигари самараноки корхонаҳои сайёҳӣ ташкили ҳуҷҷатии амалиётҳо мебошад. Ҳуҷҷатҳо дар ташкилот як системаи мураккабест, ки мониторинг ва танзими доимиро талаб мекунад ва ба самаранокии ташкилот таъсири назаррас мерасонад. Ҷараёни ҳуҷҷатҳо дар баҳисобгирии корхонаи сайёҳӣ тамоми марҳилаҳои ҳаракати ҳуҷҷатҳои аввалияро дар бар мегирад. Муомилоти самараноки ҳуҷҷатҳо дар корхона калиди таъмини пуррагӣ ва эътимоднокии маълумоти баҳисобгирӣ ва амнияти он мебошад.

Ташкили гардиши ҳуҷҷатҳо, таҳияи шакли ҳуҷҷатҳои аввалия, сабткунакҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва шаклҳои ҳисоботдиҳӣ, ки аз ягонагӣ фарқ мекунанд, тартиб додани ҷадвали ҳуҷҷатҳо, муайян намудани механизми қабули ҳуҷҷатҳо барои баҳисобгирӣ, интихоби ҳуҷҷатҳоро дар бар мегирад, ки низоми коркард ва тартиби нигаҳдории онҳоро таъмин менамояд.

Дар баробари ин, низоми қабулшудаи ҳуҷҷатгузории фаъолияти корхонаи сайёҳӣ бояд инҳоро таъмин намояд:

– пеш аз ҳама, дар баҳисобгирӣ пурра инъикос намудани ҳамаи рӯйдодҳои фаъолияти хоҷагидорӣ. Ҳар як далели фаъолияти хоҷагидорӣ бояд дар ҳуҷҷати аввалияи баҳисобгирии муҳосибӣ сабт карда шавад, зеро он аз як тараф, ҳуҷҷатҳои аввалияи баҳисобгирии муҳосибӣ мебошанд, ки рӯйдоди амалиёти хоҷагиро тасдиқ мекунанд. Ҳуҷҷатҳои аввалия, далелҳои фаъолияти хоҷагидорӣ, шаклҳои ҳисоботи молиявӣ сарчашмаҳое мебошанд, ки барои банақшагирӣ, ояндабинӣ ва таҳлили фаъолияти корхона истифода бурда мешаванд;

– дуюм, истифодабарии захираҳои ошкоршудаи корхона. Ҳангоми барасмиятдарории ҳуҷҷатии амалиётҳои хоҷагӣ вобаста ба истифодабарии захираҳои корхона тавре ба роҳ монда шавад, ки дар рафти тартиб додани ҳуҷҷатҳои аввалияи баҳисобгирии муҳосибӣ ва инчунин дар вақти тартиб

додани сабткунакҳои баҳисобгирии таркибӣ таҳлили самаранокии истифодаи захираҳо гузаронида шавад. Ба ин, аз ҷумла, тавассути ҷорӣ намудани сутунҳои махсуси дорои нишондиҳандаҳои меъёрӣ ба ҳуҷҷатҳои аввалияи баҳисобгирӣ ва сабткунакҳои баҳисобгирӣ ноил шудан мумкин аст. Ҳамин тариқ, аллакай дар раванди ҳуҷҷатгузории амалиёти хоҷагидорӣ имкони таҳлили пешакии самаранокӣ ва имконпазирии онҳо ба таври назаррас мусоидат мекунад;

– сеюм, ҳодисаҳои фаъолияти хоҷагӣ тавре инъикос гардад, ки он на танҳо мазмуни ҳуқуқии онҳо, инчунин мазмуни иқтисодии далелҳо ва шартҳои фаъолияти хоҷагидориро инъикос намояд. Ҳангоми ташкили ҳуҷҷатгузории амалиёти хоҷагидорӣ риояи принсипи афзалияти мундариҷа нисбат ба шакл аҳаммияти калон дорад. Дар ҳар як корхона давра ба давра вазъиятҳои ғайристандартии хоҷагидорӣ ба вуҷуд меоянд ва онҳо аксар вакт бо далели гирифтани ҳуҷҷтҳои нодуруст тартибдодашуда алоқаманданд, ки корхона дигар имкони тағйир додани онҳоро надорад;

– чорум, дурустиии маълумоти баҳисобгирии таркибӣ ва таҳлилӣ. Ҳангоми ташкили низоми ба расмият даровардани муомилоти тиҷоратӣ низоми назорати дохилии байниҳамдигарии кормандони муҳосиботро пешбинӣ кардан лозим аст. Уҳдадориҳо бояд тавре тақсим карда шаванд, ки муҳосибон маҷбур бошанд то маълумотҳои дар сабткунакҳои баҳисобгирии муҳосибӣ нишондодаашон бо маълумотҳои ҳуҷҷатҳои аввалияи баҳисобгирӣ ва маълумотҳои сабткунакҳои баҳисобгирие, ки аз тарафи дигар муҳосибон тартиб дода шудаанд, мувофиқат кунанд. Ин корро бевосита сармуҳосиб ё муҳосиби масъули таҳия ва пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ ба истифодабарандагони беруна ташкил мекунад;

– панҷум, баҳисобгирии оқилона ва иқтисодӣ дар асоси шароити фаъолияти хоҷагидорӣ ва хаҷми корхона. Ҳангоми ташкили низоми ҳуҷҷатгузории амалиёти хоҷагидорӣ ва гардиши ҳуҷҷатҳо кӯшиш кардан лозим аст, ки ҳар як амалиёти хоҷагидорӣ танҳо дар як номгӯй ҳуҷҷатгузорӣ карда шавад ва як қатор амалиёти шабеҳ дар як ҳуҷҷати маҷмуӣ ҷамъбаст

карда шавад.

Бинобар ин, ташкили дурусти корҳои баҳисобгирӣ дар муҳосиботи корхонаи сайёҳӣ ба мақсад мувофиқ аст. Ба ташкили кори муҳосиботи корхонаи сайёҳӣ чунин қисматҳои баҳисобгирии муҳосибӣ дохил мешаванд:

– техникаи пешбурди баҳисобгирӣ;

– шакли пешбурди баҳисобгирӣ;

– сохтори таркибии хадамоти баҳисобгирӣ ва вазифаҳои онҳо.

Барои ҳалли масъала оид ба техникаи пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ, корхона метавонад ҳамчун асос нақшаи ҳисобҳои қонунӣ қабулшударо қабул кунад, ё дар асоси нақшаи қабулшудаи ҳисобҳо нақшаи ҳисобҳои кориро таҳия намуда дар сиёсати баҳисобгирӣ инъикос намояд. Вобаста ба шакли баҳисобгирии муҳосибӣ, корхона бояд оид ба интихоби яке аз шаклҳои дар санадҳои меъёрӣ иҷозатдодашуда қарор қабул намояд:

– журнал – ордерӣ;

– мемориал – ордерӣ;

– автоматикунонидашуда;

– низоми содакардашуда.

Корхона баҳисобгирии муҳосибиро дар асоси барномаи «1С Бухгалтерия» бояд ба роҳ монад.

Баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ – воситаҳо, амвол, уҳдадориҳо ва амалиётҳои хоҷагидороиро пурра инъикос ва ҷамъбаст менамоянд.

Ҳисоботи молиявӣ дар асоси талабот аз чунин шаклҳо бояд иборат бошад:

- Ҳисобот оиди ҳолати молиявӣ (тавозуни муҳосибӣ).

- Ҳисобот оиди фоида ва зарар.

- Ҳисобот оиди маҷмуи даромадҳо.

- Ҳисобот оиди тағйирёбии сармояи худӣ.

- Ҳисобот оиди гардиши воситаҳои пулӣ.

- Таҳқиқи андозӣ.

- Тавзеҳот ба ҳисоботи молиявӣ[1].

Тавозуни муҳосибӣ дар варақаи тавзеҳӣ дар асоси принсипҳои СБҲМ 30 «Пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ» тартиб ва кушоиш дода мешавад.

Ҳисобот оиди фоида ва зарар, ки натиҷаҳои фаъолияти молиявии субъектро дар давраи ҳисоботӣ тавсиф менамояд, дар асоси принсипҳои СБҲМ 30 «Пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ» тартиб ва эзоҳ дода мешавад.

Ҳисобот оиди гардиши воситаҳои пулӣ имконият медиҳад, ки тағйирот оид ба ҳолати молиявии субъект баҳо дода шавад, истифодабарандагони иттилоотро оид ба дохилшавӣ ва сарфи воситаҳои пулӣ дар давраи ҳисоботӣ дар доираи фаъолияти амалиётӣ, сармоягузорӣ ва молиявӣ таъмин намояд.

Дар сиёсати баҳисобгирии корхона бояд усулҳои амалӣ намудани назорати аввала, баҳодиҳии арзишӣ, гурӯҳбандии ҷорӣ ва ҷамъбасткунии натиҷавии далелҳои фаъолияти хоҷагидорӣ дар ҳисобҳои баҳисобгирӣ, ки корхона интихоб намудааст, нишон дода шаванд.

Сиёсати баҳисобгирӣ мутобиқи принсипҳои дар асоси СБҲМ 1 «Пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ» инъикосёфта таҳия карда мешавад.

Ҳисоббаробаркуниҳо ва пардохтҳои андозӣ мутобиқи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад ва дар ҳисобгирии муҳосибӣ усули ҳисобузамкунӣ истифода бурда мешавад.

Дар асоси маълумотҳои баҳисобгирии молиявӣ нишондиҳандаҳои баҳисобгирии оморӣ ташаккул меёбанд ва дар шаклҳои муқаррарнамудаи ҳисоботи омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиб дода мешаванд. Дар асоси маълумоти баҳисобгирии идоракунӣ, ки дар ҳисоботи идоракунӣ инъикос ёфтааст, иттилоот барои таҳлили ҳолати ҷорӣ ва оянда, инчунин қабули қарорҳои идоракунии саривақтӣ ба роҳ монда мешавад. дар ташкили баҳисобгирии идоракунӣ корхона мустақил буда, шакл, миқдори маълумот, муҳлат ва ҳаҷми пешниҳодшавандаи иттилоотро вобаста ба

[1] Дастурамал оиди тартиби таҳия намудани шаклҳои ҳисоботи молиявие, ки мутобиқи Стандартҳои миллӣ ва байналмилалии ҳисоботи молиявӣ тартиб дода шудаанд. Фармоиши Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 27 майи соли 2011, № 42.

талаботи идоракунӣ озодона муқаррар менамояд.

Барои бақайдгирӣ ва гурӯҳбандии далелҳои амалиётҳои молиявӣ-хоҷагидорӣ, корхонаи сайёҳӣ бояд Нақшаи ҳисобҳои маъмулиро дар асоси фаъолияти оинномавӣ истифода барад.

Бо мақсади таъмин намудани эътимоднокии маълумотҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ, барӯйхатгирии амвол ва уҳдадориҳои молиявӣ, на камтар аз як маротиба дар як сол, инчунин дар мавриди ивазшавии шахсони масъули моддӣ (дар рӯзи қабулу супоридани кор); дар мавриди ошкор шудани далелҳои дуздӣ ё суйиистифода, инчунин талафоти захираҳо; дар ҳолати офатҳои табиӣ, сӯхтор, садамаҳо ё дигар ҳолатҳои фавқулодае, ки дар шароити ҷиноятӣ ба амал омадаанд; дар мавриди барҳамхӯрии (аз нав ташкилшавии) субъект, пеш аз тартиб додани тавозуни барҳамхӯрӣ (тақсимкунӣ) ва дигар ҳолатҳое, ки қонунгузории ҶТ пешбинӣ намудааст, мувофиқи СБҲМ 24 «Ташкили хадамоти муҳосибӣ» гузаронида мешавад.

Баҳисобгирии воситаҳои асосӣ мутобиқи СБҲМ 6 «Баҳисобгирии воситаҳои асосӣ» амалӣ карда мешавад.

Ҳисобкунии фарсудашавии воситаҳои асосӣ бо усули ростхаттаи (баробари) аз ҳисоб баровардани арзиш гузаронда мешавад. Ҳиссаҷудокуниҳои фарсудашавӣ барои ҳар як давра ҳамчун хароҷот эътироф карда мешаванд.

Тақсимкунии хароҷот барои барқароркунии (таъмири) воситаҳои асосӣ, хароҷоти ҷорӣ эътироф карда мешавад, ки арзиши ибтидоии воситаҳои асосиро зиёд намекунад.

Баҳисобгирии воитаҳои пулӣ дар хазина ба василаи тартиб додани ҳисоботи хазина амалӣ карда мешавад ва барои таъминоти нигаҳдории маблағҳои хазина муҳосиб-хазинадор ҷавобгар аст.

Вобаста ба амалияи баҳисобгирии амалиётҳо дар корхонаҳои сайёҳӣ, нақшаи алоқамандии ҳисобҳоро оид ба дохилшавии маблағҳо ба хазинаи меҳмонхона дида мебароем. Мувофиқи ҳисоботи хазинадор:

1. Аз фурӯши ҳуҷра ба хазина ворид шуд – маблағи умумӣ 1806,90 сомонӣ. Барои ин амалиёт хазинадор дар асоси ордери даромади хазинавӣ дар

ҳисобҳо чунин сабт карда мешаванд:

А) ба арзиши манзил:

Дт 10100 «Воситаҳои пулӣ дар хазина» 1481 сомонӣ.

Кт 44010 «Даромад аз фурӯши хизматрасонии меҳмонхона» 1481 сомонӣ.

Б) ба маблағи ААИ:

Дт 10100 «Воситаҳои пулӣ дар хазина» 296,32 сомонӣ..

Кт 22320 «ААИ барои пардохт» 296,32 сомонӣ.

В) ба маблағи ҳаққи меҳмонхона (2% аз арзиши манзил):

Дт 10100 «Воситаҳои пулӣ дар хазина» 29,64 сомонӣ.

Кт 44020 «Дигар даромадҳо» 29,64 сомонӣ.

Г) ба маблағи андоз аз фурӯш (4%):

Дт 10100 «Воситаҳои пулӣ дар хазина» 59,26 сомонӣ.

Кт 22310 «Андоз аз фурӯш» 59,26 сомонӣ.

2. Ба хазина пешпардохт аз корхонаи истеъмолкунанда барои хизматрасонии меҳмонхона 20 000 сомонӣ ворид шуд:

Дт 10100 «Воситаҳои пулӣ дар хазина» 20 000 сомонӣ.

Кт 22030 «Пешпардохтҳои гирифташуда» 20 000 сомонӣ.

3. Ба хазина бақияи маблағҳои зерҳисоботии мудири анбор 2000 сомонӣ баргардонда шуд:

Дт 10100 «Воситаҳои пулӣ дар хазина» 2000 сомонӣ.

Кт 10520 «Қарздории дебитории кормандон» 2000 сомонӣ.

**Хароҷоти музди меҳнат ва пардохти он.** Барои баҳисобгирии музди меҳнат ҳисоби 22210 истифода бурда мешавад. Дар корхона чанд шакли музди меҳнат ҳисоб карда мешавад:

– вақтбайъ;

– пардохт дар асоси созишномаҳо;

Ҷадвали воҳидҳои корӣ, ҳаҷми маоши вазифавӣ, низоми подошдиҳӣ ва дигар ҳавасманкуниҳоро корхона мустақилона, дар ҳудуди фонди музди меҳнати муқарраршуда муайян менамояд.

– Музди меҳнати ҳисоб кардашуда чунин сабт карда мешавад:

Дт 55220 «Хароҷоти музди меҳнат»

Кт 22210 «Музди меҳнати пардохтшаванда».

– Боздошти андоз аз даромади шахсони воқеӣ аз музди меҳнат:

Дт 22210 «Музди меҳнати пардохтшаванда»

Кт 22230 «Андоз аз даромади шахсони воқеии пардохтшаванда».

– Боздошти андози нафақавӣ аз музди меҳнат:

Дт 22210 «Музди меҳнати пардохтшаванда»

Кт 22220 «Андоз нафақавии пардохтшаванда»

– Ҳиссаҷудокуниҳо ба фонди таъминоти иҷтимоӣ:

Дт 55220 «Хароҷоти музди меҳнат»

Кт 22240 «Андоз иҷтимоии пардохтшаванда».

– Рухсатиҳои ҳисобкардашуда: Дт 55220 Кт 22210

– Ҳиссаҷудокуниҳо ба иттифоқи касаба: Дт 22210 Кт 22270.

Ба кор қабул кардан, гузариш ба кори дигар, сафари хизматӣ, аз кор рафтан ва рухсатии меҳнатӣ дар асоси фармон амалӣ мешаванд.

Ҳисоббаробаркуниҳо ва пардохтҳои андоз дар асоси талаботҳои Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешаванд.

Аз ин рӯ, ҳаҷми гардиши фурӯши маҳсулоти сайёҳӣ аз ҳисоби арзиши хизматрасониҳои сайёҳӣ, ки ба роҳхати сайёҳӣ дохил карда шудааст, ҳисоб карда мешавад. Дар агентии сайёҳӣ бошад, маблағи ҳавасмандкунии комиссионии аз фурӯши маҳсулоти сайёҳӣ гирифташудае, ки ширкати сайёҳӣ муқаррар кардааст, муайян карда мешавад.

**Эътирофи даромад.** Даромад – ин зиёдшавии дороиҳо, ё камшавии уҳдадориҳо дар соли ҳисоботӣ мебошад.

Ба даромади умумии субъекти хоҷагидорӣ даромадҳо аз фаъолияти амалиётӣ ва ғайриамалиётӣ дохил мешавад. Даромад метавонад аз сарчашмаҳои зерин иборат бошад:

– фурӯши маҳсулоти сайёҳӣ;

– фурӯши захираҳо;

Шарти фардии эътирофи даромад инҳоянд:

– расондани хизматрасонӣ – давраи ба итмомрасии муомилот дар санаи ҳисоботӣ бо дараҷаи баланди эътимоднокӣ муайян карда мешавад;

– фурӯши молҳо – ҳуқуқи моликият ба харидор дода мешавад.

Дар мавриди гирифтани даромад ин ҳисобҳо (44010, 44020, 44090) кредит шуда, ҳисобҳои (10110,10210,10220 ва ғайра) дебет мешаванд ва дар охири давраи ҳисоботӣ ҳисобҳои даромад бо ҳисоби 70000 «Маҷмуи даромадҳо ва хароҷот» маҳкам карда мешаванд, чунки ҳисоби даромадҳо муваққатӣ буда, бақия надоранд.

Аз н ҷо: Дт 44010 «Даромад аз фурӯш»

Кт 70000 «Маҷмуи даромадҳо ва хароҷот».

**Эътирофи хароҷот.** Хароҷот – ин камшавии захираҳои иқтисодӣ дар мавриди сарф ё камшавии дороиҳо, ё пайдоиши уҳдадориҳо дар натиҷаи фаъолияти асосии субъекти хоҷагидорӣ оид ба гирифтани даромад мебошад. Баъд аз он ки даромад дар давраи ҳисоботӣ, мутобиқи принсипи даромад тағйир дода ва эътироф карда мешавад, барои тағйирот ва эътирофи даромад принсипи мувофиқатӣ истифода бурда мешавад, ки ин давраи дуюми эътирофи даромад мебошад.

Принсипи мувофиқат талаб менамояд, ки дар давраи ҳисоботии дилхоҳ, мувофиқи маҳакҳои эътироф, даромадҳо мутобиқи принсипи ҳисобузамкунӣ муайян карда шудаанд. Баъдан, дар ин давра хароҷоте муайян карда мешаванд, ки дар рафти гирифтани даромадҳои ин давра ба вуҷуд омадаанд. Хароҷот барои истифодабарии дороиҳо ва хизматрасониҳо дар ҳисобот бояд ҳамчун хароҷоти давра эътироф ва ба ҳисоб гирифта шаванд, ки дар раванди он мутаносиби даромад эътироф карда мешаванд.

Хароҷотро метавон бо чунин тарз таснифот намуд:

– хароҷоти мустақим (55200) – арзиши аслии хизматрасониҳои (маҳсулоти) фурӯхташуда бо даромад мувофиқ. Чунин хароҷот бо эътрофи даромадҳо эътироф карда мешаванд, ки бевосита ва як вақт дар натиҷаи гузаронидани ҳамон амалиёт ё рӯйдод ба вуҷуд меоянд.

– хароҷоти давра (55300) – хароҷоти вобаста ба ҷараёни фурӯш ва

хароҷоти умумӣ ва маъмурӣ. Ин хароҷот дар даврае, ки ба вуҷуд омадаанд, эътироф карда мешаванд.

Имрӯз дар корхонаҳои ватанӣ зарурати таҷдиди назар намудани сиёсати баҳисобгирӣ ва мутобиқ намудани он ба талаботҳои СБҲМ ба миён омадааст. Мутобиқи СБҲМ 8 «Сиёсати ҳисобгирӣ, тағйирот дар баҳодиҳиҳои муҳосибӣ ва хатоҳо», дар мавриди қабули Стандартҳои байналмилалииҳисоботи молиявӣ ва тағйирёбии санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии баҳисобгирии муҳосибӣ сиёсати баҳисобгирӣ дар корхонаҳо аз нав қабул карда мешавад ва бояд мутобиқи низомномаи махсуси гузариш амалӣ карда шавад, агар ин низомнома барои СБҲМ-и мувофиқ мавҷуд бошад. Дар мавриди набудани низомномаҳои гузариш, тағйирёбии сиёсати баҳисобгирӣ бояд мутобиқи равиши маъмулӣ ё алтернативӣ амалӣ карда шавад.

Дар замони муосир, масъалаҳои гузариш ба СБҲМ бо стандарти нави «Истифодаи СБҲМ бори аввал» ба танзим дароварда мешавад. Мутобиқи ин стандарт дар даврае, ки СБҲМ аввалин маротиба пурра, ба сифати асоси бунёдии баҳисобгирӣ истифода бурда мешавад, ҳисоботи молиявӣ бояд чунон тайёр ва пешниҳод карда шавад, ки агар ҳисоботи молиявӣ ҳама вақт мутобиқ ба он стандартҳо ва тафсироти он, ҳақиқатан дар ҳамон даврае, ки онҳо аввалин бор истифода бурда шудаанд, тайёр карда шудааст. Бинобар ин, стандартҳо ва тафсири онҳо, барои давраи истифодабарии нахуст, бояд ба таври ретроспективӣ истифода бурда шаванд, ба ғайр аз ҳолатҳое, ки:

– стандартҳои алоҳида ва тафсирот дигар ҳолатҳои давраи гузаришро иҷозат ё пешбинӣ менамоянд; ё

– бузургии тасҳеҳоте, ки ба давраи гузашта тааллуқ доранд, ба таври эътимоднок наметавон баҳо дод.

Ҳар як тасҳеҳ, ки натиҷаи гузариш ба СБҲМ мебошад, бояд ҳамчун тасҳеҳи бақияи аввали фоидаи тақсимнашудаи давраҳои аввали мутобиқи СБҲМ пешниҳодшуда дида баромада шавад.

Дар мавриди таҳияи сиёсати баҳисобгирӣ бояд онро ба инобат гирифт, ки мутобиқи боби 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии

муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ: «...мақоми ваколатдор (Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон) стандартҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва дастурҳои методии онро таҳия ва қабул менамояд, санадҳои меъёрӣ оид ба баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявиро, ки бо СБҲМ танзим нашудаанд ва хилофи он нестанд»[1], қабул мекунад.

Ҳамин тавр, масъалаи мукаммалгардонии методикаи баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити СБҲМ дар корхонаҳои сайёҳӣ ташкил ва пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ бо усулҳои муосир, ба роҳ мондани баҳисобгирии молиявӣ, идоракунӣ, экологӣ ва андоз дар алоҳидагӣ, истифодабарии шакл ва техникаи муосири баҳисобгирӣ ва назорат, ташкил намудани назорат аз рӯйи марказҳои масъулият, сиёсати баҳисобгирии муносиб, истифодабарии ҳисоботи сегментӣ, сари вақт ҳуҷҷатноккунии рӯйдодҳои фаъолияти хоҷагидорӣ, ташкили гардиши ҳуҷатҳо, барӯйхатгирӣ зарур мебошад, ки барои баҳисобгирии даромадҳо, хароҷот, муайян намудани натиҷаҳои фаъолият мусоидат намуда, ба истифодабарандагони дохилӣ ва берунаи иттилооти ҳисоботи молиявӣ барои баҳодиҳии вазъи молиявии корхонаи сайёҳӣ хеле муҳим мебошад.

### 3.4. Ташкили назорати дохилии фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ

Рушди босуръати соҳаи сайёҳӣ зарурати мутобиқшавии субъектҳои хоҷагидорро ба хизматрасонии шумораи зиёди сайёҳон водор менамояд. Вобаста ба ин, назорат дар соҳаи сайёҳӣ ҳам аз тарафи давлат, ва ҳам аз ҷониби субъекти хоҷагидорӣ ба роҳ монда мешавад. Номукаммал будани назорати дохилӣ, ки дар нодуруст муайян кардани объектҳои он ифода меёбад, яке аз омилҳои калидӣ мебошад ва ба муфлисшавии корхонаҳои сайёҳӣ оварда мерасонад.

Вобаста ба хусусияти объектҳои назорати дохилӣ барои зарурати корхонаҳои сайёҳӣ, таҳқиқотҳои муосири назариявии олимон онро пурра

[1] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ». [Сарчашмаи электронӣ] / Низоми дастрасӣ: https://mmk.tj/system/files/Legislation/702_tj.pdf

инъикос карда наметавонад. Ин имконияти таъминоти ташкили самаранокӣ ва амалишавии низоми назорати дохилӣ дар корхонаҳои сайёҳиро бештар мушкил менамояд.

Барои баҳодиҳии қаноатмандии муштариён бо намудҳои гуногуни хизматрасониҳое, ки ширкатҳои сайёҳӣ ё меҳмонхонаҳо мерасонанд ва муайян намудани сабабҳои асосии норизогӣ ва қаноатманд набудани сайёҳон ва меҳмонон, дар корхонаҳои сайёҳӣ ва меҳмонхонадорӣ, чун дар дигар ширкатҳо, мустақилона низоми назоратии худиро таҳия менамоянд. Дар соҳаи сайёҳӣ нишондиҳандаҳои фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ бо назорати дохилӣ мунтазам фаро гирифта мешаванд, аз ҷумла миқдори сайрҳои фурӯхташуда, сифати хизматрасонӣ, миқдори сайёҳони такроран муроҷиаткарда, дараҷаи қонеъ шудани сайёҳон аз хизмати расонидашуда, пешниҳоди хизматрасониҳои иловагӣ ва ғайра. Назорат дар ширкати сайёҳӣ низ чун дар дигар тиҷоратҳо зарур буда, ташкили кор муносибати банизомдаровардашударо талаб мекунад.

Доираи хеле маҳдуди таҳқиқоти олимони ватанӣ, вобаста ба объектҳои назорати дохилӣ дар корхонаҳои сайёҳиро ба инобат гирифта, пеш аз ҳама, бояд асоси интихоб намудани объектҳои дар боло номбаршударо ҳамчун калидӣ дар байни объектҳои эҳтимолии назорати дохилӣ таҳқиқ намудан лозим аст.

Дар асари илмии Осадчая Т.С[1] диққати асосӣ ба барӯйхатгирӣ – ҳамчун усули таъсирбахши назорати хоҷагидорӣ, ташаккули таркиби объектҳои назоратро баҳисобгирифта дода мешавад. Сабаби он таҳқиқоти махсусиятдошта мебошад, яъне фаъолияти хоҷагиҳои деҳот (соҳибкории хурд), ки ба сайёҳон хадамоти сайёҳӣ пешниҳод менамоянд. Фарқияти асосии байни фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ (махсусан ширкатҳои сайёҳӣ ва агентиҳои сайёҳӣ) ва фаъолияти субъектҳои самти сайёҳии деҳот ин аст, ки гурӯҳи аввал ба истеъмолкунанда (сайёҳ) маҳсулоти сайёҳиро ҳамчун маҷмуи хизматрасонии сайёҳӣ: баъзе аз онҳо ҳуқуқи фурӯшро, ки ба даст овардаанд,

[1] Осадчая Т.С. Организация учета и контроля деятельности в системе сельского туризма// Дис. канд. экон. наук. – М., 2007. – 178 с.

дигарон хизматрасонии сайёҳии худро мефурӯшанд. Бинобар ин ҷараёни назорат дар ин субъектҳо аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Ҳамин тавр, методика ва проблемаҳои назорати дохилӣ, хусусан дар қисмати шиносоӣ бо объектҳои назорати дохилӣ, ки Осадчая Т.С. инъикос намудааст, барои таҳқиқоти назорати дохилии корхонаҳои сайёҳӣ ва муайян кардани тавсифномаи объектҳои назорати дохилӣ муҳиммият надоранд.

Богданова Ж.А. дар кори худ[1] хусусиятҳои назорати дохилии субъектҳои фаъолияти сайёҳиро инъикос намуда, диққати асосиро ба чунин равандҳо медиҳад:

1) ҷараёни ташаккули арзиши аслии маҳсулоти сайёҳии ширкати сайёҳӣ;

2) ҷараёни фурӯши роҳхатҳои сайёҳӣ аз тарафи агентиҳои сайёҳӣ;

3) ҷараёнҳои бастан ва иҷрои уҳдадориҳои шартномавӣ дар соҳаи сайёҳӣ.

Асосноккунии интихоби чунин ҷараёнҳо дар фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ инҳоянд:

– паҳноии доираи фаъолияти субъектҳои сайёҳӣ (ширкати сайёҳӣ, агентии сайёҳӣ, корхонаҳои алоқаманд);

– хусусиятҳои маҳсулоти сайёҳӣ, аз номгӯйи якчанд намуди хизмарасониҳои субъектҳои байни ҳам алоқаманднабуда, ташаккул меёбад;

– маҳсулоти сайёҳӣ дар як вақти муайян ва муҳлати муайян истеъмол мешаванд;

– ҷавобгарӣ байни суъектҳои сайёҳӣ дар ҷараёнҳои ташаккул ва фурӯши маҳсулоти (хизматрасониҳои) сайёҳӣ муқаррар карда мешавад.

Ҳангоми пеҳниҳоди маҳсулоти сайёҳӣ байни ширкати сайёҳӣ ва агентии сайёҳӣ муносибатҳои шартномавӣ назорат карда шаванд. Мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ», ширкати сайёҳӣ ба сифати хизматрасонии сайёҳӣ мувофиқи талаботҳои шартномаи бо харидор (сайёҳ) басташуда ҷавобгар мебошад. Шарикони тиҷоратие, ки дар асоси шартнома ба корхонаҳои сайёҳӣ хизмат мерасонанд ва он ба таркиби маҳсулоти сайёҳӣ

[1] Богданова Ж.А. Бухгалтерский учет и контроль туристической деятельности // Дис. канд. экон. наук: – ЖДТУ, 2010. – 191 с.

дохил мешавад, объекти асосии назорати дохилии онҳо ба шумор меравад.

Ба ғайр аз ин, назорат муносибатҳои шартномавии байни ширкат ва агентии сайёҳиро низ талаб менамояд. Агентии сайёҳӣ бо ширкати сайёҳӣ шартнома баста, метавонад ҷаримаҳои беасос ва ғайриқонунии иқтисодиро арзёбӣ намуда, ҷавобгариро барои маҳсулоти сайёҳии фурӯхтанашуда ба агентиҳои сайёҳӣ вогузор намояд. Новобаста аз ин, дар мавриди амалӣ намудани назорати муносибатҳои шартномавӣ дар корхонаҳои сайёҳӣ, бояд диққати асосӣ ба тахримҳои молиявие дода шавад, ки дар мавриди амалишавии фаъолияти сайёҳӣ ба вуҷуд меоянд.

Инчунин, ҷараёни ташаккули арзиши аслии маҳсулоти сайёҳӣ низ таҳқиқоти алоҳидаро талаб мекунад. Махсусан ин ҷараён сарчашмаи пайдоиши қоидавайронкунӣ, суиистифода, хатокорӣ мебошад, ки дар оянда метавонад ба таҳрифоти иттилооти ҳисоботи молиявӣ оварда расонад ва барои қабули қарорҳои идоракунии нодуруст мусоидат намояд, метавонад боиси хизматрасониҳои бесифат ба истеъмолкунандагон (сайёҳон) шавад, сарчашмаи пайдоиши хароҷоти пешбининашуда барои пӯшондани ҷаримаҳо дар ҳолати муайян шудани қоидавайронкуниҳо ва суиистифода аз тарафи идораҳои назоратӣ гардад.

Бояд ба ҳисоб гирифт, ки асоси ташаккули маҳсулоти сайёҳиро арзиши хизматрасонии сайёҳӣ ташкил медиҳад. Дар холати аз тарафи худи корхонаи сайёҳӣ пешниҳоди баъзе намудҳои хизматрасонӣ, он ҳам ба ташаккули маҳсулоти сайёҳӣ ва ҳам арзиши аслии хизматрасонӣ бевосита таъсир мерасонад. Инчунин, имконияти назорати маҳсулоти сайёҳӣ аз тарафи ширкати сайёҳӣ на танҳо дар давраи ташкил, инчунин дар мавриди истеъмоли бевоситаи он пайдо мешавад. Чун ҳама вақт хавфи вобаста ба фаъолияти бевиҷдононаи корхонаҳо-шарикон мавҷуд аст, ки ба хадамоти онҳо ширкати сайёҳӣ маҷбур аст, муроҷиат кунад.

Аммо имконияти ширкати сайёҳӣ одатан маҳдудияти ҳудудӣ мебошад. Аз ин рӯ, назорати маҳсулоти сайёҳӣ ҳамчун объекти назорати дохилӣ мураккаб буда, зарурати ҷорӣ намудани назорат дар давраҳои фурӯш ва

истеъмоли онро талаб менамояд. Ба замми ин, бояд ба инобат гирифт, ки ҷузъҳои алоҳидаи таркибии маҳсулоти сайёҳӣ метавонанд якдигаривазкунанда бошанд (масалан воситаҳои нақлиёт метавонанд дар як вақт ба сифати воситаҳои ҷойгиркунӣ, объекти фароғатӣ, воситаи нақлиёти фардӣ ва ғайра хизмат намоянд).

Ҳама ҷанбаҳои дар боло нишондодашуда ба мураккабии ҷараёни ташаккули маҳсулоти сайёҳӣ сабаб шуда метавонанд, ки вобаста ба он зарурати назорати амиқ дар ин ҷараёнҳоро тақозо менамояд.

Мавҷуд набудани дастурҳои методии соҳавӣ ташкили низоми назорати дохилиро коста мегардонад. Саволҳои шубҳанок оид ба ҳисобгирии хароҷот дар корхонаҳои сайёҳӣ алоқамандро ҳамчун омили паст кардани самаранокии фаъолияти низоми назорати дохилӣ дида баромадан лозим аст. Чунки он ба таҳрифоти низоми назорати иттилооти лозима ва мутобиқати талаботи иттилооти истеъмолкунандагон метавонад мусоидат намояд. Ба ғайр аз ин, камбудиҳои вобаста ба ҳисобгирии хароҷот ба ҷараёни ташаккули арзиши аслии маҳсулоти сайёҳӣ таъсири манфӣ мерасонанд.

Олимони ватанӣ объектҳои корхонаҳои сайёҳиро метавонанд дар асарҳои илмии худ бештар инъикос намоянд, чун объекти назорат дар як вақт объекти идоракунӣ низ маҳсуб меёбад, бинобар ин объектро наметавон бе ҳуқуқи идоракунии он назорат намуд. Вобаста ба ин, ба ақидаи мо, объекти идоракуниро ҳамчун объекти назорат дида баромадан мувофиқи мақсад аст.

Гарчанде корхонаҳои сайёҳӣ барои таъминоти фаъолияти худ таҷҳизоти махсусро истифода намебаранд, аммо амволи муайяни худро дороянд, ки назорат оид ба нигаҳдории онҳоро амалӣ намудан лозим аст. Мавҷудияти дороиҳои ширкати сайёҳӣ, ки мустақилона пешниҳод намудани таркиби алоҳидаи хизматрасонии сайёҳиро таъмин менамоянд (масалан, ҷойгиркунӣ, хӯрока, ҳамлу нақл), метавонад барои баланд бардоштани самаранокии назорати ҷараёни истеъмоли маҳсулоти сайёҳӣ мусоидат намояд.

Ба ғайр аз ин, новобаста аз инъикос намудани амалишавии назорати муносибатҳои шартномавии корхонаҳои сайёҳӣ аз тарафи олимони ватанӣ,

чунин объектҳои зарурии назорат, ба монанди қарздориҳои дебиторӣ ва кредиторӣ, ки дар натиҷаи муносибатҳои шартномавӣ ба амал меоянд, бе таваҷҷуҳ мондаанд. Вобаста ба хусусиятҳои хоси “истеҳсолии” ҷараёнҳои фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ, мавҷуд набудани тавсияномаҳо оид ба ташкили назорати объектҳои мазкур камбудии ҷиддӣ маҳсуб меёбад, ки сабаби пайдоиши муаммоҳо дар самти амалияи фаъолият шуданаш мумкин аст.

Вобаста ба хусусиятҳои фаъолияти сайёҳӣ, зарурияти дохил намудани хавфҳо ба таркиби объектҳои эҳтимолии назорати дохилӣ ба миён меояд.

Сабаби ин сатҳи баланд ва доираи васеи хавфҳо мебошанд, ки ба фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ хосанд. Чунки субъектҳои фаъолияти сайёҳӣ, ба ғайр аз хавфҳои маъмулӣ, ки барои ҳама субъекти хоҷагидор ва пешбурди фаъолияти хоҷагидорӣ хос (масалан, хавфҳои сармоягузорӣ ва молиявӣ, ҷараёнҳои беқурбшавӣ ва ғайра)-ро ба инобат гиранд. Мушкилии назорати хавфҳо ҳамчун объект, пеш аз ҳама дар мавҷуд набудани шакли моддии онҳо, инчунин зарурати таъминоти хусусияти пешгирикунандаи расмиёти назорат (ташаккули иттилоот оид ба таҳдидҳои эҳтимолӣ, бо мақсади огоҳӣ намудан аз зуҳуроти манфии онҳо, ё ҳадди ақал кам кардани онҳо) ифода меёбад.

Бе мавҷудияти таҳқиқоти мақсадноки назариявии объектҳои калидии назорат, оид ба таъминоти самаранокии назорати дохилӣ дар корхонаҳои сайёҳӣ гуфтан душвор аст. Таҳқиқоти гузарондашуда, метавонад чунин номгӯйи эҳтимолии назорат дар корхонаҳои сайёҳиро ташаккул диҳад: муносибатҳои шартномавӣ; ҷараёнҳои ташаккул, фурӯш ва истеъмоли маҳсулоти сайёҳӣ; арзиши аслии маҳсулоти сайёҳӣ; хароҷот; даромадҳо; амвол ва сарчашмаҳои он; ташаккул (мувофиқи унсурҳо). Инчунин муҳиммияти дида баромадани хавфҳо ҳамчун объекти нави назорати дохилӣ дар корхонаҳои сайёҳӣ асоснок карда шудааст.

Олимон ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии назорати дохилии фаъолияти корхонаҳоро дар замони муосир, ҷузъҳои таркибии назоратиро вобаста ба объектҳои мувофиқи назорат дида баромадаанд, аммо диққати алоҳида ба хусусиятҳои фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ дода нашудааст. Бояд пешравиҳоро

дар асарҳои баъзе олимон қайд намуд, ки ҷузъиёти таркибии муайяни низоми назорати дохилиро дар корхонаҳои таҳқиқшаванда дар шароити муосири хоҷагидорӣ дида баромадаанд, ки ба тағйирёбии доимии низоми идоракунӣ оварда мерасонад ва зарурати таҳқиқи иловагӣ ба самти мукаммалгардонии ташкил ва методикаи назорати дохилии фаъолияти корхонаҳои сайёҳиро тақозо менамояд.

Низоми назорати дохилӣ – сиёсати қоидаҳо ва амалҳо мебошад, ки аз тарафи роҳбарияти субъекти фаъолияти соҳибкорӣ қабул карда шуда, бо мақсади таъминоти дурустӣ ва пуррагии маълумоти баҳисобгирии муҳосибӣ, инчунин омодасозии саривақтии итиилооти дахлдори молиявӣ, таъминоти ташкилӣ ва самаранок амалӣ намудани фаъолияти молиявӣ-хоҷагидорӣ, барои нигоҳдории дороиҳо, пешгирӣ ва ошкор намудани ҳолатҳои суиистифода ва хатоҳо нигаронда шудааст.

Ба ақидаи Бычкова С.М.: «Назорати дохилӣ маҷмуи сохтори ташкилӣ, усулҳо ва расмиёти аз ҷониби роҳбарони ташкилот ҳамчун воситаи назорати самаранокии фаъолияти иқтисодӣ қабулшуда мебошад»[1]. Аз матн дида мешавад, ки муаллиф назорати дохилиро ҳамчун сохтори ташкилӣ ва воситаҳои аз ҷониби менеҷмент қабулгардида баҳо додааст, ки доираи мафҳумро маҳдуд месозад. Губина Е.П. чунин мешуморад, ки: «Назорати идоракунӣ ин қобилияти шахсони воқеӣ ва ё ҳуқуқӣ барои таъмини идоракунии фаъолияти иқтисодии корхона, муттасилии қарорҳои идоракунӣ ва сохторҳо мебошад»[2].

Д.М. Марченко и Г.М. Яровенко тасдиқ менамоянд, ки: «Назорати дохилӣ аз тарафи субъекти назорат иҷро шудани талаботи қонунҳои амалкунанда ва санадҳои меъёриро оид ба самаранок ва мақсаднок истифодабарии воситаҳо, нигаҳдории амвол, қонунӣ ва самаранок истифодабарии захираҳои молиявӣ, моддӣ, меҳнатӣ, эътимоднокии низоми

---

[1] Бычкова С.М. Аудит для руководителей и бухгалтеров. СПб.: Питер, 2003. – 384 с. – С. 100.

[2] Губина Е.П. Управление и корпоративный контроль в акционерном обществе: Практическое пособие / под ред. Е.П. Губина. – М.: Юристъ, 1999. – 248 с. – С. 21.

баҳисобгирӣ ва ҳисоботро сабт ва пайгирӣ менамояд»[1]. Дар ин таърифи муаллифон аз лиҳози иҷроиш ба вазифаҳои назоратии субъектони назорат ишора мекунанд. Нуқтаи назари ба ҳамин наздикро Корнеева Т.А. тарафдорӣ менамояд. Ба ақидаи ӯ: «Системаи назорати идоракунӣ ҳамчун маҷмуи таркибии механизмҳои банақшагирӣ, баҳисобгирӣ, таҳлили иқтисодӣ ва таъсиррасонӣ, ба назорати фаъолияти корхона ва қисмҳои алоҳидаи он нигаронида шудаанд, ки барои мусоидат ба фаъолияти менеҷероне пешбинӣ шудаанд, ки аз рӯйи хусусияти фаъолияти худ оқилона рафтор мекунанд»[2].

Т.В. Ковтун чунин меҳисобад, ки: «Назорати дохилӣ – ин ҷараёнест, ки барои ноил шудан ба ҳадафҳои муайян равона карда шудааст ва натиҷаи амали низоми идоракунӣ оид ба банақшагирӣ, ташкил, мониторинги фаъолияти корхона дар умум ва марказҳои алоҳидаи масъулият мебошад»[3].

Сотникова Л.В. чунин меҳисобад, ки: «Назорати дохилӣ системаи чорабиниҳое мебошад, ки аз ҷониби роҳбарияти корхона ташкил карда шуда, дар корхона бо мақсади самараноктар иҷро намудани вазифаҳои худ аз ҷониби ҳамаи кормандон ҳангоми анҷом додани амалиёти тиҷоратӣ амалӣ карда мешавад. Назорати дохилӣ қонунӣ будани ин амалиётҳо ва мувофиқати иқтисодии онҳоро барои корхона муайян мекунад»[4].

Олимони ватанӣ низ вобаста ба мавқеи назорат ва низоми назорати дохилӣ дар рушди корхона дар асарҳои илмии худ далел овардаанд.

Олими барҷастаи ватании соҳа Д. Уроқов чунин меҳисобанд: «Назорат ҷараёни иҷрои ҳақиқии буҷаро муайян менамояд, ки бо усули муқоисаи хароҷоти ҳақиқӣ ва даромад бо нақша ба даст меояд. Назорати ҳолат ва

---

[1] Марченко Д.М. Совершенствование организации внутреннего денежного контроля компаний / Д. М. Марченко, Г. М. Яровенко // Актуальные трудности экономики. – 2010. – № 2. – С. 163.

2 Корнеева Т.А. Корпоративный и управленческий контроль в системе функций менеджмента /монография/ – М.: Компания Спутник +, 2006. – 342 с. – С. 167-168.

3 Ковтун Т.В. Система внутреннего контроля как неотъемлемая часть операционной системы предприятия / Т.В. Ковтун // Вестник Хмельницкого национального университета. – 2009. – № 6. – Т. 1. – С.165.

[4] Сотникова Л.В. Внутренний контроль и аудит. – М.: ЗАО Финстатинформ, 2001. – 239 с. – С. 9.

ҳаракати амволи корхона, уҳдадориҳо ва амалиётҳои хоҷагии он, бо мақсади бартараф кардани зуҳуроти номатлуб дар фаъолияти молиявию хоҷагии корхона, муайян намудани захираҳои дохили хоҷагӣ ва истифодабарии он дар корхона ба роҳ монда мешавад»[1].

Ба ақидаи олими ватанӣ З.Р. Шарифов: «Назорат ҷараёне аст, ки барои ба мақсади худ расидани ташкилот имконият медиҳад. Вазифаи назоратӣ аз муқаррар кардани стандартҳо, чен кардани натиҷаи ҳақиқии дастрасшуда ва ворид кардани тағйирот дар ҳолати пайдо шудани фарқият нисбати меъёри муқарраркардаи стандартҳо иборат аст»[2].

Р.Н. Саидов чунин меҳисобад, ки: «Назорат – ин омӯзиши маҷмуи фаъолияти корхонаҳо, қисмҳои таркибии онҳо, самаранокии иқтисодӣ, ба таври қонунӣ амаликунии амалиётҳои хоҷагӣ, пуррагии ахбороти муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ, инчунин ҳолати объектҳои назоратиро дар бар мегирад»[3].

Инчунин ӯ иброз медорад, ки: «Назорати дохилӣ – қисми таркибии низоми назорати корпоративӣ мебошад, ки ҳамчун назорати доимӣ дар корхонаҳо амал карда, дар ҷараёни фаъолияти он саҳми мутахассисони дохилӣ назаррас аст. Бо ҳамин мақсад, устувории низоми назорати дохилӣ аз дараҷаи донишҳои назариявию амалиявии мутахассисони дохилӣ вобаста аст»[4].

Инчунин олимон Низомов С.Ф., Мирзоалиев А.А., Калемуллоев М.В., Раҳимов С.Х. қайд мекунанд, ки: «Низоми назорати дохилӣ – ин маҷмуи чорабиниҳои ташкилӣ, методӣ ва тартиби истифода намудани ҳуҷҷатҳои шахси санҷидашаванда, ба сифати воситаҳо барои ботартиб ва самаранок пеш бурдани фаъолияти молиявӣ, таъмини амнияти дороиҳо, пайдо намудан, ислоҳ кардан ва бартараф кардани хатоҳо ва таҳрифоти маълумот, инчунин сари вақт

---

1 Уроқов Д.У. Назарияи баҳисобгирии муҳосибӣ. Китоби дарсӣ. – Душанбе: «ЭР–граф», 2012. – 324с. – С. 32.

2 Шарифов З.Р. Назарияи баҳисобгирии бухгалтерӣ. Дастури таълимӣ .– Душанбе: «Ирфон», 2013с. – С.39.

3 Саидов Р.Н. Назорат ва тафтиш. Дастури таълимӣ. – Душанбе: «ЭР–граф», 2014.– 296с .– С.8.

4 Саидов Р.Н. Назорат ва тафтиш. Дастури таълимӣ. – Душанбе: «ЭР–граф», 2014. – 296с .– С.44.

тайёр намудани ҳисоботи саҳеҳи молиявӣ мебошад»[1].

Ба ақидаи Т.М. Расулов ва Р. Рауфова: «Низоми назорати дохилӣ барои таъмини риояи сиёсати баҳисобгирии муҳосибӣ, стратегияҳои роҳбарият, нигоҳдории амвол ва ахборот, сари вақт ва ба таври пурра омодакунии ахборот, риояи талаботҳои қонунгузорӣ равона карда шудааст. Асосан вазифаи низоми назорати дохилӣ огоҳ кардан аз ғайрисамаранок истифодабарии дороиҳои корхона, хусусан нигоҳдорӣ аз сарфи зиёдатии воситаҳо, ошкоркунии шахсони гунаҳкор оид ба ғайримақсаднок истифодабарии захираҳои иқтисодӣ мебошад»[2].

Ақидаи олимони ватанӣ ва хориҷӣ оид ба таснифоти таърифи мафҳуми «назорати дохилӣ (идоракунӣ, истеҳсолӣ)» дар замимаи 4 оварда шудааст.

Дида баромадани муҳтавои назорати дохилӣ зарурати ба роҳ мондани низоми назорати дуруст, ҷузъи зарурии механизми идоракунии танзимшавандаро ҳамчун асос тасдиқ намуда, ташаккули иттилооти фаврӣ ва дақиқро пешбинӣ менамояд, барои ба даст овардани мақсадҳои гузошташуда натиҷаи қарорҳои идоракунии қабулшударо таъмин менамояд.

Назорати дохилӣ ҳамчун ҷузъи таркибии низоми идоракунӣ ба ҳисоб рафта, бояд мунтазам фаъолият намояд. Зеро он ба фаъолияти объектҳои таҳтиназоратӣ таъсир расонида, ба қабули қарорҳои идоракунии самарабахш ва беҳтар намудани фаъолияти молиявӣ-хоҷагидории корхона мусоидат менамояд.

Натиҷаи таҳқиқот имконият медиҳад, хулоса намоем, ки назорати дохилӣ самаранокии идоракунии корхона, ташаккули иттилооти фаврӣ ва эътимоднок, ки ба татбиқи ба мақсад мувофиқ будани бизнес-ҷараёнҳо, нигаҳдорӣ ва самаранок истифодабарии дороиҳо, назорати фаврии хароҷот ва даромадҳоро таъмин намояд.

Иҷрои ин вазифаҳо дар асоси амалинамоии низоми назоратӣ татбиқ

---

[1] Низомов СФ., Мирзоалиев А.А., Калемуллоев М.В., Раҳимов С.Х. Аудит ва ибрози эътимод. Китоби дарсӣ. Душанбе, «Мега–принт», 2020, – 364с. – С.196.

[2] Расулов Т.М., Рауфова Р. [Сарчашмаи электронӣ] / Низоми дастрасӣ: ://ravshanfikr.tj.

карда мешавад, ки тақсимоти уҳдадориҳо ва ҷавобгариро байни кормандони алоҳида ва хадамоти мутобиқ пешбинӣ менамояд. Моҳияти назорати дохилӣ дар корхонаҳои сайёҳиро вобаста ба вазифаҳои асосии он таҳқиқ намудан мумкин аст ( расми 3.4.1).

Ба ғайр аз ин, ба ақиди мо, вазифаҳои иловагии назорат, ба монанди назорати ваколатҳо, назорати барасмиятдарории ҳуҷҷатӣ ва назорати нигаҳдориро ҷудо намудан мумкин аст.




**Расми 3.4.1. – Вазифаҳои асосии низоми назорати дохилии корхонаҳои сайёҳӣ**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси: Низомов СФ., Мирзоалиев А.А., Калемуллоев М.В., Раҳимов С.Х. Аудит ва ибрози эътимод. Китоби дарсӣ. – Душанбе, «Мега-принт», 2020. – 364с. – С. 192.

Назорати ваколатҳо иҷрои он маросимҳои назоратиро пешбинӣ менамояд, ки ба фаъолияти самараноки корхонаҳои таҳқиқшаванда мусоидат менамоянд. Ин имконият медиҳад, ки аз суиистифодаи шахсони мансабдор огаҳ шуда, амалишавии амалиётҳои хоҷагидорие, ки аз ҷиҳати иқтисодӣ мақсаднок нестанд, пешгирӣ карда шаванд.

Назорати барасмиятдарории ҳуҷҷатӣ имконият медиҳад, ки ташаккули иттилооти пурра оид ба амалиётҳои хоҷагидорӣ таъмин карда шавад ва бо ҳуҷҷатҳои аввалия ва сабткунакҳои баҳисобгирӣ тасдиқ карда шаванд. Назорати нигаҳдорӣ самаранок истифодабарӣ ва истеъмолоти оқилонаи

дороиҳои ғайригардишӣ ва гардишии дар корхона мавҷудбуда (дороиҳои махсуси корӣ)-ро пешбинӣ менамояд.

Ба ташкили низоми назоратии корхонаҳо омилҳо ва принсипҳои гуногун таъсир мерасонанд. Дар расми 3.4.2 давраҳои асосии ташкили низоми назорати дохилӣ пешниҳод карда шудааст, ки фаъолияти корхонаро барои расидан ба мақсадҳои гузошташуда ба танзим медароранд.

Қайд намудан ба маврид аст, ки дар корхонаҳои сайёҳӣ низоми назорати дохилӣ аз хусусиятҳои ташкилӣ, назорати раванди ҷараёнҳои хоҷагидорӣ, ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ мутобиқи марказҳои масъулият, ваколатҳо, шахсони таҳтиҳисоботӣ, баҳисобгирии таҳлилии равандҳои истеҳсолӣ вобастагӣ дорад. Дар ин маврид низоми назорати дохилӣ мувофиқи сохтори ташкилии корхона бо дарназардошти хусусияти марказҳои масъулият амалӣ карда шавад, аз ҷумла:

– ба таври ҳатмӣ мушаххас намудани объектҳои назоратӣ;

– ташаккули марказҳои даромад ва хароҷот, ҳамчун дигар марказҳои масъулият;

– тасдиқ кардани буҷетҳо, бо мақсади ташаккули нишондиҳандаҳои муносиб, ки дар асоси онҳо натиҷаи фаъолияти корхона ва зерсохторҳои таркибии он муайян карда мешавад;

– таъмин намудани иттилооти таҳлилӣ барои гузарондани маросимҳои назоратӣ;

– таҳия ва ҷорӣ намудани шаклҳои ҳисоботи дохилӣ бо мақсади ташаккули таъминоти иттиллоти фаврии низоми идоракунӣ.

Натиҷаи таҳқиқоти ҳолати назорати дохилии корхонаҳои сайёҳӣ мавҷуд набудани муносибати низомнок барои гузарондани маросимҳо дар объектҳои назоратро нишон медиҳад ва онро тасдиқ менамояд, ки ҳолати низоми назорат ғайриқаноатбахш буда, зарурияти ташкили низоми назоратии барои роҳбарият самаранокро тақозо менамояд.

| Даврахо | Маросимҳои назоратӣ |
|---|---|
| Муайян кардани мақсад ва талабот ба низоми назорат | ✓ интихоби шакли ташкилии назорат<br>✓ ташаккули методикаи назорат<br>✓ муайян намудани ваколатҳои хадамоти назоратӣ<br>✓ таҳияи муқаррароти назорати дохилӣ |
| Ташаккули чараёнҳои асосии назорат | ✓ ташаккули номгӯи маросимҳои назоратӣ, ки объектҳои назорат амалӣ менамоянд;<br>✓ аниқ кардани сохтори таркибии назорати дохилӣ |
| Таҳияи таъминоти ташкилӣ-методӣ | ✓ таҳияи ҳуҷҷатҳои корӣ, ки гузарондани назорати дохилиро тасдиқ менамоянд;<br>✓ таҳияи методикаи назорат оид ба объектҳои интихобшуда |
| Ворид намудани муқарраорти назорати дохилӣ | ✓ шиносоии шахсони масъул бо ҳуқуқҳо, вазифаҳо, ваколатҳо ва ҷавобгариҳо мутобиқи муқаррароти тасдиқшудаи назорати дохилӣ |
| Амалӣ намудани маросимҳои назоратӣ | ✓ ташаккули таъминоти иттилоотӣ ва таҳлилии низоми назорат<br>✓ таҳияи пешниҳодҳо ва тавсияҳо оид ба натиҷаи нишондиҳандаҳои назорати дохилӣ |
| Баҳодиҳии низоми назорати дохилӣ | ✓ амалӣ намуда маросимҳо оид ба муайян намудани самаранокии низоми назоратии амаокунанда;<br>✓ пешниҳоди тавсияҳо оиди бартараф намудани камбудиҳои ошкоршуда ва ташаккули тавсияҳо оид ба беҳтар намудани низоми назорати дохилӣ |

**Расми 3.4.2. – Даврахои ташкили назорати дохилӣ дар корхонаҳои сайёҳӣ**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Устувории фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ асоси устувории фаъолияти бахши сайёҳӣ маҳсуб меёбад. Таҳия ва пешбурди маҳсулоти сайёҳӣ дар мамлакат аосан аз ҷониби соҳибкорони хусусӣ амалӣ карда мешавад. Дар шароити иқтисоди бозорӣ ташкили назорати дохилӣ дар низоми идоракунии корхонаҳои сайёҳӣ воситаи иловагии таъмини устувории фаъолияти молиявию

хоҷагидории онҳо мебошад.

Мавқеи эътирофшудаи менеҷменти тиҷорат аз он иборат аст, ки фаъолияти устувор ва танзимшавандаи ҳар як ширкати сайёҳӣ мустақиман ба бунёди низоми муосири назорати дохилӣ ҳамчун воситаи идоракунии дохилии ба хатар нигаронидашуда алоқаманд аст. Дар шароити иқтисоди бозори озод ва дахолати маҳдуди давлат назорати дохилӣ яке аз ҷанбаҳои асосии пешбурди тиҷорат мебошад. Назорати дохилӣ ҳамчун воситаи мониторинги устуворӣ дар соҳаҳои гуногуни тиҷорат муҳим аст. Назорати дохилӣ яке аз вазифаҳои низоми идоракунӣ мебошад, ки барои таъмини устувории дарозмуддати молиявӣ ва фаъолияти самараноки корхонаҳои ҳама гуна намуди фаъолият хизмат мекунад.

Хусусияти низоми назорати дохилии корхонаҳои сайёҳӣ бо хусусиятҳои модели бизнеси он ва равандҳои тиҷоратии мувофиқ алоқаманд аст. корхонаи сайёҳӣ субъекти бевоситаи бозори хизматрасонии сайёҳӣ мебошад. Ҳамзамон, маҳсулоти сайёҳӣ  аз ҷониби ширкатҳои сайёҳӣ аз хидматҳое, ки аз ҷониби субъектҳои гуногуни соҳаи сайёҳӣ ва кластерҳои иловагии иқтисодӣ пешниҳод мешаванд, ташаккул меёбад. Пас аз ташаккули маҳсулоти сайёҳии гуногунҷабҳа, ширкатҳо ва агентиҳои сайёҳӣ онҳоро ба истеъмолкунандаи ниҳоӣ пешниҳод менамоянд. Пешбурд ва фурӯши маҳсулоти сайёҳӣ, дар навбати худ, маҷмӯи мустақили амалҳо ва субъектҳои фурӯши ба ҳам мантиқан алоқаманд мебошанд.

Дар асоси присипҳои мақсаднокӣ ва иқтисодӣ, инчунин муносибати низомнокӣ дар идоракунии фаъолияти корхонаҳои таҳқиқшаванда, мо модели ташкилии назорати дохилии фаъолияти корхонаҳои сайёҳиро пешниҳод менамоем ( расми 3.4.3).

Модели пешниҳодшудаи ташкили назорати дохилӣ дар фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ имконият медиҳад, ки таркиби низоми назоратро бо мақсади баланд бардоштани тартиби гузаронидани он барои ташаккули иттилооти лозимӣ бо мақсади қабули қарорҳои идоракунии дахлдор аниқ муайян намоем.




**Расми 3.4.3. – Модели ташкили низоми назорати дохилии фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Натиҷаи таҳқиқоти гузаронидашуда нишон медиҳанд, ки барои муайян намудани натиҷаҳои фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ ҳангоми амалӣ намудани низоми назорати дохилӣ бояд чунин ҷузъиёти ба ҳам алоқаманд, ба монанди низоми баҳисобгирӣ, муҳити назоратӣ ва маросимҳои назоратӣ ба инобат гирифта шавад (ҷадвали 3.4.1).

**Ҷадвали 3.4.1. – Асосҳои таркибии низоми назорати дохилӣ**

| Номгӯй | Тавсифнома |
|---|---|
| Низоми баҳисобгирӣ | пайдарпайӣ ва мазмуни навиштаҷотро дар низоми баҳисобгириро дар асоси ҳуҷҷатҳои аввалия муайян менамояд, ки далели амалишавии амалиётҳои хоҷагидориро тасдиқ менамоянд |
| Муҳити назоратӣ | муносибати умумӣ вобаста ба огаҳӣ ва амали ҳайати роҳбарикунандаро оид ба низоми назорат ва муҳиммият дар қабули вазифаҳои гузошташуда муайян менамояд. Ба омилҳое, ки фазои назоратиро муайян менамоянд дохил мешаванд: тарзи корбарии ҳайати роҳбарикунанда, сохтори таркибӣ, тақсимоти ваколатҳо ва доираи ҷавобгарии кормандон ва монанди инҳо. |
| Маросимҳои назоратӣ | барои расидан ба мақсадҳои гузошташуда аз тарафи низоми идоракунӣ таҳия шудаанд. Ба монанди: мувофиқи мақсад будани амалиётҳои анҷомдодашуда, барӯйхатгирӣ, таҳлили фаъолият, санҷиши дақиқии арифметикӣ, тасдиқ намудани натиҷаҳои муқоисашуда, тасдиқи ҳуҷҷатҳо ва назорати онҳо, ташхис, маҳдудияти дастрасӣ ба иттилоот, назорат аз болои иҷроиши буҷетҳо ва ғайра. |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Т.А. Ефимова тасдиқ менамояд, ки: «Ҷузъиёти асосӣ барои низоми самараноки назорати дохилӣ ин тақсимоти дурусти ҷавобгарии вазифавӣ ё тақсимоти вазифаҳо дар байни роҳбарони марказҳои масъулият ва кормандони корхона мебошад»[1].

Бояд қайд намоем, ки самаранокии низоми назорати дохилӣ дар мавриди ба низоми муайян даровардани муносибатҳои байниҳамдигарии субъектҳои назоратии корхонаҳои сайёҳӣ таъмин мегардад. Бинобар ин, санҷиши мақсаднок будани амалиётҳои хоҷагидорӣ, сари вақт ва пурра инъикос намудани ин амалиётҳо дар ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ барои ташаккули иттилооти фаврӣ ва эътимоднок гузаронида шавад.

[1] Ефимова, О.П. Экономика гостиниц и ресторанов. Учебное пособие / О.П. Ефимова, Н.А. Ефимова; под ред. Кабушкина. – Минск: Новое знание, 2004. – 391с.– С. 98.

Дар асоси таҳқиқоти гузарондашуда ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки дар бисёре аз корхонаҳои сайёҳии таҳқиқшаванда низоми дуруст вобаста ба марказҳои масъулият ва марказҳои хароҷот ба роҳ монда нашудааст, ки дар натиҷа дастурамалҳои вазифавӣ ба шахсони ба амалишавии низоми назорат ҷавобгар вобаста карда нашудаанд. Ҷанбаи баҳсноки ҳолати муосири низоми назорат, мавҷуд набудани муносибати бонизом дар ҳама қитъаҳои баҳисобгирӣ вобаста ба бизнес-ҷараёнҳои мувофиқ, инчунин вогузор намудани вазифаҳои назоратӣ аз роҳбарони зерсохторҳои таркибӣ ба муҳосиботи корхона мебошад. Ин ба зиёдшавии сарбории кормандони муҳосибот ва дуруст роҳандозӣ нашудани маросимҳои назоратӣ оварда мерасонад, ки ба натиҷаи умумӣ зарар мерасонад. Барои бартараф намудани камбудии мазкур мо низоми бисёрсатҳаи идоракуниро пешниҳод менамоем, ки назорати дохилӣ бояд мутобиқи сохтори ташкилии корхона ташкил карда шуда, ҷавобгарии роҳбарони зерсохторҳои таркибӣ ва кормандон барои истифодабарии воситаҳо ва нишондиҳандаҳои фаъолият дақиқ карда шавад.

Ба ақидаи мо, дар корхона сатҳи олии назоратиро бояд моликон дошта бошанд, ки мақсад ва вазифаҳоро барои роҳбарияти корхона муқаррар ва бизнес-ҷараёнҳои асосиро муайян менамоянд. Роҳбарият ва менеҷерон маркази масъулияти сатҳи III-юм маҳсуб меёбанд ва онҳо вазифадоранд, ки сохтори низоми назоратиро таҳия ва тасдиқ намуда, барои ҳар як объекти назоратӣ тартиби амалӣ намудани маросимҳои назоратиро муқаррар намоянд. Дар сатҳи ҷараёнии назорат (маркази масъулияти сатҳи II) роҳбарони марказҳои масъулият ваколатдоранд (маъмурони зерсохторҳои таркибӣ), ки ба зиммаи онҳо масъулият оид ба самаранок фаъолият намудани зерсохторҳои таркибӣ вогузор шудааст. Онҳо ҳуқуқ доранд ҳуҷҷатҳои заруриро имзо намоянд ва ҳисоботи дохилии идоракуниро, ки ба роҳбарияти корхона пешниҳод менамоянд, таҳия намоянд. Марказҳои масъулияти сатҳи аввалро роҳбарони марказҳои хароҷот ва марказҳои даромад ташкил медиҳанд, ки дар асоси дастурамалҳои вазифавии тасдиқгардида вазифаҳои назоратиро иҷро менамоянд. Дар модели пешниҳодшуда инчунин масъулияти кормандони

корхона барои самаранок фаъолият намудани марказҳои хароҷот низ ба инобат гирифта мешавад.

Ҷадвали пешниҳодшудаи сохтори низоми назорати дохилии фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ ваколати маросимҳои назоратиро то ба иҷрокунандагони бевоситаи бизнес-ҷараёнҳо пешбинӣ менамояд, ки имконият медиҳад иҷрои нишондиҳандаҳои буҷетӣ (нақшавӣ) назорат карда шавад ва сабабҳои тағйирёбиҳо муайян карда шаванд, ҷараёнҳои номатлуб дар фаъолияти хоҷагидории корхонаи таҳқиқшаванда сари вақт бартараф карда шаванд. Ҳамин тавр, тақсимоти ҳама корҳои назоратӣ байни кормандони корхона, ки ҳамчун субъектҳои назорат баромад мекунанд, амалӣ карда мешаванд.

Макарук Ф.Ф. ва Куцик А.А. ақидаи мазкурро ҷонибдорӣ намуда, қайд менамоянд, ки: «Тақсимоти вазифаҳои назоратӣ барои кормандони муайян дар доираи иҷро кардани уҳдадориҳои вазифавии худ амалӣ карда мешаванд. Дар ин ҷо субъектҳои назорат, ки идоракунандагон ва иҷрокунандагон мебошанд, бояд дар алоҳидагӣ инъикос карда шаванд»[1].

Ҳамин тавр, дар корхонаҳои сайёҳӣ, субъекти назорати идоракунии сатҳи олии назоратро муассисон, моликон, роҳбарони марказҳои масъулият (марказҳои масъулияти сатҳи I), роҳбарони зерсохторҳои таркибӣ (марказҳои масъулияти сатҳи II) ва роҳбари корхона (маркази масъулияти сатҳи III), мебошанд. Субъектҳои назорат – иҷрокунандагон кормандони корхона (марказҳои масъулияти аввала) мебошанд, ки вазифаҳои гузошташудаи роҳбарони марказҳои масъулиятро иҷро менамоянд. Дар навбати худ, роҳбарони марказҳои масъулият дар назди роҳбарони зерсохторҳои таркибӣ иҷрокунанда мебошанд, ки оид ба корҳои иҷрошуда дар назди роҳбарияти корхона ҳисобот медиҳанд, роҳбар бошад иҷроишгар дар назди муассиси корхона мебошад.

Ба тақсимоти вазифаҳои назоратӣ байни субъектҳои назорат, яъне

---

[1] Макарук Ф. Ф. Внутренний контроль издержек деятельности рынков: организационно–управленческий аспект / Ф. Ф. Макарук, А. А. Куцик // Вестник НУ "ЛП". – 2012. – № 2. – С. 138-142.

муайян намудани доираи масъулият бояд диққати ҷиддӣ дода шавад. Доираи масъулият дар асоси таҳия ва пешниҳод намудани низоми ҳисоботи дохилӣ аз тарафи марказҳои масъулияти сатҳи поёнӣ ба сатҳи болоӣ амалӣ карда мешавад, ки дар асоси нишондиҳандаҳои он натиҷаи фаъолияти зерсохторҳои таркибӣ ва марказҳои масъулият назорат ва баҳогузорӣ карда мешаванд. Муносибати муаллиф оид ба тақсимоти ваколатҳо ва вазифаҳои назоратӣ байни субъектҳои назорат, сатҳҳои муайяни масъулиятро пешбинӣ менамояд, ки имкон медиҳад назоратро фаврӣ оид ба амалиётҳои хоҷагидорӣ амалӣ намоем, шахси мушаххаси вазифадорро муайян намоем, ки барои даромадҳои гирифташуда ва масрафҳои харҷшуда масъуланд.

Давраи минбаъдаи ташкили низоми назорати дохилӣ интихоби шакли ташкилиро пешбинӣ менамояд. Фаъолияти амалии корхонаҳои сайёҳӣ нишон медиҳад, ки субъектҳои хоҷагидорӣ метавонанд хадамоти алоҳидаи назорати дохилиро ташкил кунанд ё вазифаҳои назоратиро ба роҳбарони зерсохторҳои таркибӣ вогузор намоянд.

Барои қабули қарор оид ба интихоби шакли ташкилӣ бояд талабот вобаста ба ҷараёни назорат бо иттилоот ва маводҳои методӣ таъмин карда шавад. Ба ғайр аз ин, дар мавриди интихоби шакли назорат масрафҳои харҷшуда барои ташкили гузарондани назорат ба инобат гирифта шавад ва бояд бо хавфҳои эҳтимолии аз даст додани дороиҳо ё даромадҳои гирифтанашуда муқоиса карда шаванд.

Ба фикри мо, шаклҳои ташкилии овардашуда бояд якдигарро пурра кунанд, то ки маросимҳои назоратии лозима, вобаста ба объектҳои назоратии интихобшуда дар корхонаҳои таҳқиқшаванда амалӣ карда шаванд.

Л. Г. Медведь тасдиқ менамояд, ки: «Яке аз муаммоҳои ташкили дурусти низоми назорати дохилӣ муайян кардани доираи объектҳои он мебошад»[1].

В.П. Пантелеев чунин мешуморад, ки: «Объектҳои назорат ҷараёнҳои

[1] Медведь Л. Г. Организационно–методические аспекты внутреннего контроля деятельности торговых предприятий в конкурентной среде / Л. Г. Медведь, Д. А. Харинович–Яворская // Эффективная экономика. – 2014. – №11: [Электронный ресурс]. – Режим доступа: http://www.economy.nayka.com.ua/?op=1&z=3524.

хоҷагидорӣ, қарорҳои идоракунӣ, натиҷаҳои фаъолият мебошанд, ки дар муносибат ба онҳо амалҳои назоратии субекти назоратӣ равона карда шудаанд ва нисбати онҳо чораҳои зарурии мутобиқат ба доираи муайян истифода бурда мешавад»[1]. Интихоби шакли ташкилии назорат аз мақсадҳо ва вазифаҳои гузошташуда, сохтори ташкилӣ ва ҳаҷми фаъолият вобастагӣ дорад.

Ба ғайр аз ҷузъиёти номбаршуда, Н.А. Остапюк қайд менамояд, ки: «Барои ташаккули назорати дохилӣ инчунин шакли ташкилӣ-ҳуқуқии корхона таъсир мерасонад»[2].

Е.В. Калюга қайд мекунад, ки: «Объектҳои назоратӣ – ҳаракати дороиҳои ғайримоддӣ, калкулятсия ва бамеъёргирии захираҳои моддӣ ва меҳнатӣ, захираҳои молӣ ва воситаҳои пулӣ, уҳдадориҳо, хароҷот ва даромади фаъолият, натиҷаҳои молиявӣ, иттилооти баҳисобгирӣ-таҳлилӣ мебошанд»[3].

Н.Г. Виговская, масъалаи монандии шиносоии объектҳои назоратиро таҳқиқ намуда, ба хулосае меояд, ки: «Объектҳои назорати дохилӣ ҷараёнҳои фаъолияти хоҷагидорӣ, амволи корхона ва сарчашмаҳои ташаккули он, инчунин вазифаҳои идоракунӣ мебошанд»[4].

Дар доираи фаъолияти назорати дохилии корхонаҳои сайёҳӣ, пеш аз ҳама ҷараёнҳои хоҷагидорӣ, дороиҳои махсуси корӣ, масрафҳои харҷшуда ва даромадҳои гирифташудаи умумӣ дар корхона ва дар доираи ҳар як хизматрасонии пешниҳодшуда ва маҳсулоти сайёҳии фурӯхташуда, баҳодиҳии фаъолияти зерсохторҳои таркибӣ ва муайян намудани самаранокии қарорҳои идоракунии қабулшуда ҳамчун объекти назорат баромад мекунанд (ҷадвали 3.4.2).

---

[1] Пантелеев В. П. Внутрихозяйственный контроль: методология и организация: [монография / В. П. Пантелеев. – К.: ГП «Информ.–аналит. агентство», 2008. – 491 с.– С. 37.

[2] Остапьюк Н. А. Учетное обеспечение управленческих решений: проблема достоверности / Н. А. Остапьюк // Зимние чтения, посвященные идеям П. П. Нимчинова и И. В. Малышева: сб. тезисов и текстов выступлений на 8 всеукр. науч. конф. (г. Житомир, 24–25 февраля 2010 г.). – Житомир: ЖДТУ, 2010. – С. 53-55.

[3] Калюга Е. В. Финансово–хозяйственный контроль в системе управления. Монография / Е. В. Калюга. – К.: Эльга, Ника–Центр, 2002. – 360 с.– С. 46-47.

[4] Выговская Н. Г. Хозяйственный контроль в Украине: теория, методология, организация. Монография. – Житомир: ЖДТУ, 2008. – 532 с. – С. 241.

**Ҷадвали 3.4.2. – Таркиби назорати дохилии фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ**

| Объектҳои назорат | Унсурҳои объектҳои назоратӣ | Тартиби назорат |
|---|---|---|
| Ҷараёнҳо | истеҳсол, пешниҳод ва фурӯши маҳсулоти (хизматрасонии) сайёҳӣ аз тарафи ширкати сайёҳӣ,<br>пешниҳоди маҳсулоти (хизмарасонии) сайёҳӣ аз тарафи агентии сайёҳӣ | назорати пешниҳоди хизматрасонӣ ва фурӯши маҳсулоти сайёҳӣ;<br>муайян кардани тағйирёбиҳои нишондиҳандаҳои ҳақиқӣ аз буҷетӣ |
| Дороиҳои махсуси корӣ | дороиҳои махсуси кории ширкати сайёҳӣ; дороиҳои махсуси кории агентии сайёҳӣ | кифоя будани таъминот;<br>истифодабарии оқилона |
| Даромадҳои гирифташуда | даромад аз фурӯш ва пешниҳоди маҳсулоти (хизматрасонии) сайёҳӣ аз тарафи ширкати сайёҳӣ ва агентии сайёҳӣ | назорат аз рӯйи фурӯш ва пешниҳоди маҳсулоти (хизматрасонии) сайёҳӣ, баҳодиҳии даромадҳои гирифташуда,<br>муайян кардани тағйирёбиҳои нишондиҳандаҳои ҳақиқӣ аз буҷетӣ |
| Масрафҳои харҷшуда | хароҷоти мустақим ва пешниҳоди хизматрасониҳои сайёҳӣ;<br>хароҷот барои истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти сайёҳӣ; дигар хароҷоти ширкати сайёҳӣ ва агентии сайёҳӣ | баҳодиҳии масрафҳои харҷшуда; санҷиши дурустии баҳодиҳӣ ва гузарондани хароҷот ба марказҳои мутобиқи хароҷот;<br>санҷиши усули тақсимоти хароҷоти барилова; муайян кардани тағйирёбиҳои нишондиҳандаҳои ҳақиқӣ аз буҷетӣ |
| Баҳодиҳии фаъолияти зерсохторҳои таркибӣ | кормандони зерсохторҳо; роҳбарияти марказҳои масъулият; роҳбарияти зерсохторҳои таркибӣ; роҳбари корхона | баҳодиҳии масрафҳои харҷшуда; баҳодиҳии даромадҳои гирифташуда; муайян кардани натиҷаҳои фаъолият |
| Муайян кардани самаранокии қарорҳои идоракунии қабулшуда | санҷиши натиҷаҳои гирифташуда дар натиҷаи истифодабарии маросимҳои назоратӣ | |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Вобаста ба объектҳои назоратии муайяншуда чунин расмиётҳои назоратиро истифода бурдан мумкин аст:

– фурӯши маҳсулоти сайёҳӣ ва хизматрасониҳои пешниҳодшуда;

– баҳодиҳии хароҷоти амалиётӣ ва даромадҳои давраи ҳисоботӣ;

– гузаронидани таҳлил ва ташхиси фаъолияти молиявӣ-хоҷагидорӣ;

– назорати пешниҳоди хизматрасониҳо ва фурӯши маҳсулоти сайёҳӣ;

– санҷиши таъминоти зерсохторҳои таркибӣ бо дороиҳо;

– муайян кардани тағйирёбиҳои ҳақиқӣ аз буҷетӣ (нақшавӣ) ва омилҳои таъсиррасон аз рӯйи марказҳои масъулият.

Ҷузъиёти зарурии ташкили самарабахши низоми назорати дохилӣ дар корхонаҳои сайёҳӣ, ин ташаккули дурусти таъминоти иттилоотӣ дар мавриди истифодабарии маросимҳои назоратӣ мебошад.

Выговская Н.Г. чунин меҳисобад, ки: «иттилоот дар низоми назорат таъминоти иттилоотӣ мебошад, ки мавқеи ҷараёни идоракуниро дар низоми идоракунӣ инъикос менамояд ва маълумотро оид ба ҳолат, ташаккул ва тағйирёбиҳои ҷараёнро дар бар мегирад»[1].

Петренко С.М. тасдиқ менамояд, ки: «таъминоти иттилоотӣ – кулли қарорҳое мебошанд, ки дар муносибат ба объектҳои иттилоот, таркиби сифатӣ ва миқдорӣ, шакли ташкилӣ ва ҷойгиркунӣ истифода бурда мешаванд»[2].

Бисёре аз олимон таъминоти иттилоотии низоми назоратро ҳамчун маҷмуи иттилооти таҳлилӣ ва назоратӣ, ташкили манбаи маълумотҳо ва гирифтани натиҷаҳои ниҳоиро вобаста ба тавсифномаи нишондиҳандаҳои фаъолият, бо мақсади ташаккули иттилооти зарурӣ барои қабули қарорҳои идоракунӣ меҳисобанд.

Натиҷаи таҳқиқот имконият медиҳад тасдиқ намоем, ки манбаи иттилоотии назорати дохилии корхонаҳои сайёҳиро ташкил медиҳанд:

– низомномаҳо, дастурамалҳои вазифавӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои меъёрии дохилӣ;

– буҷетҳои тасдиқшуда, харҷномаҳо ва ҳисобкуниҳо;

– иттилооти ҳуҷҷатҳои аввалия ва сабткунакҳои баҳисобгирӣ;

---

[1] Выговская Н. Г. Хозяйственный контроль в Украине: теория, методология, организация: /монография / Н. Г. Выговская. – Житомир: ЖДТУ, 2008. – 532 с. – С. 254

[2] Контрольно–аналитический механизм в управлении бизнесом предприятия: /монография / С. М. Петренко, И. В. Сименко. – Донецк: ДонНУЭТ, 2011. – 232 с.– С.17.

– ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи натиҷаҳои барӯйхатгирӣ;

– иттилооти ҳисоботи дохилӣ ва назорати дохилӣ;

– ахбороти баҳисобгирии аввалия;

– варақаҳои барӯйхатгирӣ;

– маълумоти назорати дохилӣ ва ҳисоботи идоракунӣ;

– сабткунакҳои баҳисобгирии таҳлилӣ ва таркибӣ, варақаҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ;

– дигар ҳуҷҷатҳое, ки дар корхона таҳия шудаанд ва ҳамчун таъминоти иттилоотӣ барои қабули қарорҳои идоракунӣ истифода бурда мешаванд.

Вобаста аз таъминоти иттилоотие, ки дар мавриди маросимҳои назоратӣ истифода мебаранд, назорати дохилӣ ба ҳуҷҷатӣ ва ҳақиқӣ ҷудо мешавад.

Дар асоси маълумотҳои баҳисобгирии аввала, сабткунакҳо, маълумоти ҳисоботӣ, далелҳои тасдиққунандаи ҷараёнҳо ва амалҳо, ҷараёни муайян кардани эътимоднокӣ ва мақсаднокии амалиётҳои хоҷагидории гузарондашуда ҳамчун назорати ҳуҷҷатӣ фаҳмида мешавад.

Назорати воқеӣ гуфта, санҷиши таркиби миқдорӣ ва сифатии объектҳоро меноманд, ки бо роҳи гузарондани барӯйхатгирӣ ва дигар усулҳои санҷиши ҳолати воқеии объектҳо амалӣ мешавад. Объектҳои назоратие, ки нисбати онҳо назорати воқеӣ амалӣ мешавад, дороиҳои махсуси корӣ ва захираҳо мебошанд.

Бояд қайд намуд, ки назорати ҳуҷҷатӣ ва воқеӣ байни якдигар алоқамананданд, бинобар ин, истифодаи муштараки онҳо имконият медиҳад, ки ҳолати воқеии объектҳо муайян карда шаванд. «Ҳамҷоягии назорати ҳуҷҷатӣ ва воқеиро дар назария ва амалия назорати омехта меноманд»[1].

Барои назорати нигаҳдорӣ ва истифодабарии мақсадноки дороиҳои махсуси кории корхонаҳои сайёҳӣ усули назорати воқеӣ – барӯйхатгириро истифода мебаранд. Мақсади гузарондани он таъмини эътимоднокии низоми баҳисобгирӣ ва ҳисоботдиҳӣ бо роҳи санҷиши воқеӣ ва ҳуҷҷатӣ тасдиқ намудани мавҷудияти ҳақиқӣ, мутобиқати ҳолати эътироф ва баҳодиҳии онҳо

---

[1] Станкевич Г. Особенности системы внутреннего контроля предприятия и работы внутреннего аудитора /Г. Станкевич // Аудитор Украины. – 2014. – № 9 (226). – С. 34.

мебошад.

Бо ақидаи В.В. Ковалишин розӣ мешавем, ки қайд менамояд: «Барӯйхатгирӣ ҳамчун усули назорат бо санҷиши мавҷудияти воқеии маводҳо маҳдуд намешавад. Дар мавриди истифодабарии чунин усули назорат, санҷиши шахсони вазифадор барои суиистифода ва ҳолати нигаҳдории дороиҳо, санҷиши риояи ҳолати истеъмол ва истифодабарии дороиҳои махсуси корӣ дар фаъолияти корхонаҳои таҳқиқшаванда гузаронда мешавад. Давраи тайёрӣ барои гузарнодани барӯйхатгирӣ ташкили комиссияи барӯйхатгириро пешбинӣ менамояд, ки аз тарафи роҳбари корхона тасдиқ карда мешавад»[1]. Ба ҳайати чунин комиссия намояндаи (роҳбари) хадамоти назорати дохилиро шомил намудан ба мақсад мувофиқ аст.

Барӯйхатгирӣ ҳамчун усули назорати дохилӣ дар корхонаҳои сайёҳӣ бояд дақиқ ба танзим дароварда шавад. Объектҳо, давра ва муҳлати гузарондани барӯйхатгирӣ бояд дар Низомнома оид ба барӯйхатгирӣ инъикос карда шаванд. Дар ҳуҷҷатҳои ташкилӣ бояд муҳлат ва тартиби гузарондан, тартиби дуруст муайян кардани фарқиятҳои барӯйхатгирӣ, ҳуҷҷатикунонӣ, санҷиш ва барасмиятдарории натиҷаҳои барӯйхатгирӣ навишта шаванд.

Дар ҳуҷҷати меъёрӣ, мутобиқи сохтори ташкилӣ ва ҳаҷми фаъолият, меъёрҳои қонунгузории амалкунандаро ба ҳисоб гирифта, муҳлати гузарондан ва вақти ҳақиқатан гузарондани барӯйхатгирӣ аниқ муайян карда шавад.

Ташкили дурусти давраи тайёрии барӯйхатгирӣ, ҳамчун усули назорати дохилӣ, имконият медиҳад алоқаи иттилоотии дуруст ташаккул дода шавад, ки пайдарпайӣ ва дақиқияти санҷишро таъмин менамояд, инчунин қоидавайронкуниҳои эҳтимолӣ ва истифодаи аз ҳад зиёди дороиҳои махсуси корӣ ба ҳаракати онҳо вобаста муайян карда шаванд.

Низоми назорати дохилӣ дар ҳолате бонизом мешавад, ки он бо тарзи муайян ба тартиб дароварда шавад. Барои баланд бардоштани

[1] Ковалишин В.В. Становление учетной политики в Украине /В.В. Ковалишин// Всеукраинская научная конференция. – Тернополь: Экономическая мысль, 2007. – 339 с. – С. 107.

нишондиҳандаҳои фаъолияти корхона маросимҳои назоратӣ бояд барои иҷроиши мақсад ва вазифаҳои гузошташуда мутобиқ карда шаванд. Инчунин, дастурамалҳои вазифавии шахсони масъул бояд ба стандартҳо ва ҳуҷҷатҳои меъёрӣ мувофиқ бошанд. Тавсифномаи умумии низомҳои назорати дохилӣ барои корхонаҳои сайёҳӣ дар ҷадвали 3.4.3 оварда шудааст.

**Ҷадвали 3.4.3. - Низомҳои назорати дохилӣ дар корхонаҳои сайёҳӣ**

| Номгӯйи ҳуҷҷат | Тавсифнома | Шахсони мутасаддӣ |
|---|---|---|
| Низомнома оид ба сиёсати баҳисобгирӣ | усули баҳисобгирӣ оид ба ҳар як объекти баҳисобгирӣ навишта шудааст; тартиби ташаккули иттилооти баҳисобгириро инъикос менамояд | роҳбар, сармуҳосиб, муҳосибот |
| Реҷаи гардиши ҳуҷҷатҳо | ҳаракати барандагони иттилооти баҳисобгириро инъикос менамояд; номгӯйи корҳои ба таҳия, санҷиш ва коркардаи ҳуҷҷатҳо, инчунин ҳама иҷрокунандагон ва вазифаҳои онҳо нишон дода мешавад | сармуҳосиб, муҳосибот |
| Низомнома оид ба низоми назорати дохилӣ | номгӯйи вазифаҳои назоратӣ, маросимҳои назоратӣ, объектҳо ва субъектҳои назорат, давраҳои гузарондани чорабиниҳои назоратӣ ва тартиби пешниҳоди маълумотҳои назорат нишон дода мешавад | роҳбар, хадамоти назорати дохилӣ, сармуҳосиб |
| Низомнома оид ба барӯйхатгирӣ | тартиб, мӯҳлат, объект ва миқдори гузарондани барӯйхатгириро инъикос менамояд | роҳбар, сармуҳосиб, раиси комиссияи барӯйхатгирӣ |
| Низомнома оид ба низоми буҷетикунонӣ | методикаи буҷетикунонии фаъолияти корхона, реҷаи тартибдиҳӣ ва тартиби тасдиқ намудани онро инъикос менамояд | роҳбар, хадамоти назорати дохилӣ, сармуҳосиб |
| Тавсияҳо оид ба истифодабарии шаклҳои ҳисоботи идоракунӣ | номгӯйи ҳисоботи идоракунӣ оид ба объектҳои баҳисобгирӣ ва назорат, тартиби таҳия ва пешниҳод нишон дода мешавад | роҳбар, сармуҳосиб, муҳосибот |
| Дастурамалҳои вазифавии кормандон | ҳуқуқ, ӯҳдадорӣ ва вазифаҳои кормандони корхонаро инъикос менамояд, ваколатҳои муайянро оид ба объекти баҳисобгирӣ ва назорат муқаррар менамояд | роҳбари шуъбаи кадрҳо, муҳосибот, роҳбарони зерсохторҳои таркибӣ, марказҳои масъулият, кормандон |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Маълумоти ҷадвали 3.4.3 нишон медиҳад, ки дар корхонаҳои таҳқиқшаванда дар ҳуҷҷатҳои танзимкунандаи назорати дохилӣ такроршавии иҷроиши маросимҳои назоратӣ аз ҷониби субъектони назоратӣ ба назар

мерасад. Дар ин ҳуҷҷатҳо мушаххас нишон дода нашудааст, ки кӣ кадом маросимро иҷро мекунад. Ин ифодагари он аст, ки дар ҳолатҳои гуногун ҷавобгарии шахсони масъул ва масъулияти роҳбарони марказҳои масъулият мушаххас набуда, дар натиҷа шахсони масъул номуайян мемонанд ва корхона талафоти иқтисодӣ мегирад.

Барои мақсаднок фаъолият кардани низоми назорати дохилӣ дар корхонаҳои сайёҳӣ, бояд шахсони вазифадорро бо тартиби низоми назоратии амалкунанда шинос намуда, иттилоотро фақат дар доираи ваколатҳо ва вазифаҳои онҳо расондан лозим аст.

Дар мавриди ташкили назорати дохилии фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ бояд ба инобат гирифта шавад, ки субъектҳои назорат фақат кормандони корхона мебошанд, фаъолияти самаранок дар алоқаи байниҳамдигарии бевосита ва баръакс байни субъектҳои назорат (идоракунандагон ва иҷрокунандагон) ифода меёбад.

Барои ташкил ва амалӣ намудани назорати дохилӣ дар корхонаҳои сайёҳӣ омилҳои дохилӣ ва берунӣ таъсир мерасонанд.

Ба омилҳои дохилӣ, ки ба низоми назорат таъсир расонда метавонанд, сохтори ташкилӣ, сохтори идоракунии корхона, сатҳи корбарӣ ва маҳорати ҳайати роҳбарикунанда, ваколатҳо байни сатҳҳои менеҷментро метавон дохил намуд. Омилҳои берунӣ батанзимдарории меъёрӣ-ҳуқуқии соҳа, вазъи иқтисодии давлат, мавҷудияти рақобат ва ғайра буда метавонанад. Яке аз омилҳои дигаре, ки ба фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ таъсири манфӣ мерасонад, бухронҳои молиявию иқтисодӣ мебошад, ки ба иқтисодиёти миллӣ низ таъсири худро мерасонад. Бинобар ин, роҳбарияти корхонаҳои сайёҳиро зарур аст, ки низоми самараноки назорати дохилиро дар корхонаҳои худ ҷорӣ намояд.

Дар натиҷаи таҳқиқоти гузарондашуда тасдиқ намудан мумкин аст, ки ташкили назорати дохилӣ дар корхонаҳои сайёҳӣ ба танзим даровარда нашуда, бо ҳуҷҷати дохилии ҳар як корхонаи алоҳида муайян карда мешавад, ки танзими ташаккул ва ҷамъбасти иттилооти назоратӣ ва истифодабарии

натиҷаҳои назоратро барои қабули қарорҳои идоракунӣ муайян менамояд.

Ба фикри мо, маҳаки асосии самаранокии фаъолияти низоми назорати дохилӣ дар корхонаҳои таҳқиқшаванда, аз тарафи онҳо имконияти иҷро кардани чунин вазифаҳо мебошад:

– огоҳ намудани тамоюлот (тағйирёбиҳо), ки ба фаъолияти хоҷагидории корхона ва низоми баҳисобгирӣ таҳдид менамоянд;

– дар ҳолати огоҳ накардани тағйирёбиҳо ва камбудиҳо дар фаъолияти хоҷагидорӣ ва дар низоми баҳисобгирӣ – бартараф кардани ин норасоиҳо дар фаъолияти хоҷагидорӣ ва низоми баҳисобгирӣ.

Мутобиқан, агар низоми назорати амалкунанда аз уҳдаи иҷрои яке аз ин вазифаҳо баромада натавонад, ин низом бесамар аст.

Ҳамин тавр, дар корхонаҳои сайёҳӣ барои таъмин намудани ташкили самараноки низоми назорати дохилӣ чунин амалҳоро мақсаднок меҳисобем:

– танзими амалишавии назорат дар корхона тавассути таҳия намудани стандартҳои дохилӣ;

– барои таъмин намудани талаботи иттилоотии сатҳи гуногуни идоракунӣ дар шаклҳои муайян ташкил намудани низоми бисёрсатҳаи назорати дохилӣ;

– дар асоси ҳамоҳанг намудани технологияи муосири иттилоотӣ ва иттилооти идоракунии зерсохторҳо, ташкил намудани назорати пешакӣ;

– таҳияи ҳисоботи идоракунӣ барои ҳуҷҷатикунонии маросимҳои назоратии амалишаванда;

– пешбурди усули амалинамоии назорат бо назардошти хусусиятҳои ташкилии фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ;

– ҷорӣ намудани назорати истифодабарии самараноки дороиҳои махсуси корӣ.

Ҳамин тавр, барои гирифтан ва таъминот намудани иттилоотии эътимоднок дар низоми идоракунӣ, ташкили назорати дохилии фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ ба ақидаи мо имконият фароҳам меорад, ки дар доираи зерсохторҳои таркибӣ, марказҳои масъулият ва марказҳои хароҷот назорати

фаврӣ ба роҳ монда шавад, ки ташкили фаъолияти самараноки корхонаҳои сайёҳиро таъмин менамояд.

# БОБИ 4. РУШДИ МЕТОДИКАИ БАҲИСОБГИРӢ ВА НАЗОРАТ ДАР КОРХОНАҲОИ СОҲАИ САЙЁҲӢ

## 4.1. Мукаммалгардонии методикаи баҳисобгирии даромадҳо ва хароҷот дар корхонаҳои сайёҳӣ

Дар натиҷаи таҳлили таҷрибаи мамолики аз ҷиҳати иқтисодӣ рушдёфта ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки ҳиссаи соҳаи сайёҳӣ дар рушди иқтисодии онҳо хеле назаррас арзёбӣ мегардад. Ин аз он далолат мекунад, ки фаъолияти сайёҳӣ ҳаматарафа ҳавасманд карда шуда, аз тарафи давлат барои рушди он имтиёзҳои гуногун дода мешавад.

Муносибатҳои бозорӣ аз низоми идоракунии соҳаи сайёҳӣ вокуниши саривақтӣ вобаста ба ҳама тағйирёбиҳои нақшаи тиҷоратии пешакӣ тасдиқшуда ва муайян намудани вусъатёбӣ ва самтҳои рушди ояндаро талаб менамояд.

«Мақсади асосии рушди сайёҳӣ ва муккамалгардонии инфрасохтори фаъолияти сайёҳӣ дар ҷумҳурии мо, таъмин намудани рақобатпазирӣ дар бозори ҷаҳонии соҳаи сайёҳӣ, дар асоси таъминоти максималии талаботи сайёҳони ватанӣ ва хориҷӣ, рушди босамари субъектҳои фаъолияти сайёҳӣ, ба танзим даровардани истифодабарии захираҳои молиявӣ ва моддӣ, воридоти маблағҳои асъорӣ, кам кардани хароҷоти беасос мебошад. Мақсадҳои нишондодашуда зарурати ёфтани усулҳои муносиби баланд бардоштани сатҳи хизматрасонӣ ва самаранокии фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ ва ба таври кофӣ инъикоскунандаи хусусиятҳои муосири рушди сайёҳӣ мебошанд»[1].

Таъминоти самаранокии фаъолияти субъектҳои бозори хизматрасониҳои сайёҳӣ, ки дар асоси принсипҳои худтаъминкунӣ ва худмаблаггузорӣ фаъолият менамоянд, танҳо дар мавриди риояи сатҳи начандон баланди хароҷоти амалиётӣ имконпазир аст. Мутобиқ шудан ба шароити рақобат корхонаҳои

[1] Рахимов С.Х. Особенности учета формирования операционных расходов туристских предприятий [Текст] / С.Х. Рахимов // Вестник Таджикского государственного университета коммерции. – 2023. – № 2–2 (47). – С. 117-127. - С. 119.

сайёҳиро ба он равона менамояд, ки онҳо бо таҷҳизоти нав идораи худро муҷаҳҳаз намоянд, дар ҷараёнҳои хизматрасонӣ технологияҳои муосири компютериро истифода баранд, ки ин барои баланд гардидани сифати хизматрасонӣ ва мутобиқан ба хароҷот оварда мерасонад. Баланд гардидани рақобатнокии нархи маҳсулоти сайёҳӣ паст гардидани арзиши аслии онро вобаста ба пастшавии хароҷоти хариди хизматрасонӣ – таркиби маҳсулоти сайёҳӣ, хароҷоти ҳама намуди захираҳоро талаб менамояд. Аз ин рӯ, дар шароити иқтисоди бозорӣ, ҳар як тоҷир ба муносиб намудани хароҷот, дар ҳоле ки сатҳи кофии хизматрасонӣ ба сайёҳон нигоҳ дошта мешавад, кӯшиш ба харҷ медиҳад. Барои муносиб намудани шароити амалӣ намудани барномаҳо: баланд бардоштани самаранокӣ ва рақобатнокии корхона бояд идоракунии хароҷоти амалиётӣ ва истифодабарии захираҳои асосӣ ва муносибии онҳо зарур аст.

Дар таҳқиқотҳои илмии олимони варзидаи хориҷӣ ва ватанӣ равиши умумӣ барои ҳалли масъалаҳои идоракунии хароҷоти амалиётии корхонаҳои соҳаи сайёҳӣ мавҷуд нест. Бинобар ин, масъалаҳои таҳқиқот, баҳисобгирӣ ва таҳлили хароҷоти ташаккулёбандаи ширкатҳои сайёҳӣ муҳим мебошад. дар давраи муосир, такмил додани идоракунии хароҷот дар соҳаи сайёҳӣ муҳиммияти худро гум накардааст ва бо дарназардошти фаъолият дар шароити муосир, хусусиятҳои соҳавӣ ва меъёрҳои муқаррарнамудаи қонунгузории ватанӣ таҳқиқоти минбаъдаи системавиро талаб мекунад.

Дар амалия ҳар як корхона, бе ёрии дигарон вазифаҳои ташкили идоракунии хароҷот ва муайян намудани арзиши аслии маҳсулоти сайёҳиро ҳал менамояд. Стандартҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ, низомномаҳо, дастурамалҳо хусусиятҳои фаъолияти амалиётии корхонаҳои сайёҳӣ, таркиби мушаххаси хароҷоти онҳоро ба инобат намегиранд. Муҳиммияти таҳқиқоти масъалаҳои номбаршударо ба инобат гирифта, аҳаммияти таҳқиқоти ташаккули хароҷоти амалиётии корхонаҳои сайёҳӣ бештар мегардад.

Ин омилҳоо ба инобат гирифта, таҳқиқоти омӯзиши асосҳои назариявӣ ва методологии идоракунии хароҷоти амалиётии корхонаҳои сайёҳӣ, омилҳои таъсиррасон бо дарназардошти хусусиятҳои соҳавӣ муҳим арзёбӣ мегардад.

Аз рӯйи мазмуни иқтисодӣ, хароҷоти амалиётӣ хароҷоте мебошад, ки ба фаъолияти асосӣ ва дигар намуди фаъолият, ба ғайр аз фаъолияти сармоягузорӣ ва молиявӣ алоқаманд аст. Бинобар ин, ҳар як корхона талош меварзад, ки хароҷоти амалиётии худро барои гирифтани фоидаи бештари амалиётӣ муносиб намояд.

Мақсади асосии ҳар як корхона, аз ҷумла корхонаи сайёҳӣ гирифтани фоидаи максималӣ мебошад. Бинобар ин, барои расидан ба ин мақсад, дар доираи татбиқи стратегияи идоракунии даромадҳо ва хароҷот, аз тарафи корхонаҳои соҳаи сайёҳӣ масъалаҳои зерин ҳаллу фасл карда шаванд:

– мавҷудияти захираҳо ҷиҳати таъмини намудани сохторҳои алоҳида бо сармоя;

– таносуби байни даромадҳо ва хароҷот;

– коҳиш додани ҳиссаи дороиҳои гардони истифоданашаванда;

– истифодабарии самараноки захираҳои моддӣ, меҳнатӣ ва молиявӣ.

Яке аз омилҳои таъмин намудани идоракунии муваффақонаи даромадҳо ва хароҷот дар корхонаҳои сайёҳӣ иттилоот ба шумор меравад, ки ба се гурӯҳ ҷудо мешаванд:

– маълумотҳои умумииқтисодии корхона;

– маълумотҳои вазъи бозори хизматрасониҳои сайёҳӣ;

– маълумотҳо оид ба нарх, мизоҷон ва рақибон.

Таъминоти дохилии иттилоот аз сарчашмаҳои зерин иборат мебошад:

– таъминоти иттилоотии аз рӯйи даромадҳо ва хароҷот вобаста аз талаботи мизоҷи корхона;

– вобаста аз санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои танзимкунандаи соҳавӣ.

Ҳамин тавр, аз сарчашмаҳои дарболономбаршуда мавқеи хосро маълумотҳои дохилӣ ишғол менамоянд, ки иттилооти баҳисобгирӣ ба таркиби он дохил мешавад. Иттилооти баҳисобгирӣ равиши чандирӣ ва саривақтӣ барои ташкили низоми баҳисобгирии корхонаро талаб менамояд. Барои иҷро намудани ин вазифа ташкил намудани низоми ягонаи баҳисобгирӣ зарур аст.

Низоми ягона аз баҳисобгирии молиявӣ, идоракунӣ, андозӣ ва оморӣ иборат аст. Ин низом ба стандартҳои миллӣ ва байналмилалии ҳисоботи молиявӣ асос ёфта, имконият медиҳад, ки фаъолияти молиявию хоҷагидории корхонаро ҳамаҷониба ва пурра инъикос намояд.

Барои корхонаҳои сайёҳӣ ин низом имконият медиҳад, ки иттилоотро оид ба фаъолияти онҳо, вобаста ба объектҳои алоҳидаи баҳисобгирӣ дар тафсирҳои гуногун муттаҳид намояд.

Дар амалияи фаъолияти корхонаҳои соҳаи сайёҳӣ – ширкатҳои сайёҳӣ, агентиҳои сайёҳӣ ва дигар субъектҳои хизматрасонии сайёҳӣ фаъолият менамоянд, ки бояд бо тартиби ҳатмӣ даромадҳо ва хароҷот, вобаста ба намуди фаъолияти онҳо дар алоҳидагӣ ба ҳисоб гирифта шаванд.

Хароҷоти вобаста ба ташаккули маҳсулоти сайёҳӣ ва хизматрасониҳои сайёҳӣ алоқаманд, мутобиқи таснифоти маъмулӣ ба мустақим ва ғайримустақим ҷудо карда мешаванд. Аммо, дар мавриди аввал хароҷот ба унсурҳо тақсим карда мешаванд, яъне:

– хароҷоти моддӣ;

– хароҷоти меҳнатӣ;

– ҳиссаҷудокуниҳо барои эҳтиёҷоти иҷтимоӣ;

– ҳиссаҷудокуниҳои фарсудашавӣ;

– дигар хароҷот.

Хароҷоти мустақим бевосита ба арзиши маҳсулоти сайёҳии мутобиқ, ки ба он алоқамананд ҳамроҳ карда мешаванд, хароҷоти ғайримустақим бошад дар умум ба фаъолияти корхонаи сайёҳӣ байни маҳсулоҳои сайёҳӣ тақсим карда мешаванд.

Ҳамин тавр, барои рушди соҳаи сайёҳӣ, пешбурд ва амилинамоии фаъолияти сайёҳӣ такмил додани методикаи баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил ва назорат талаби замон буда, маълумоти дар дораи он ташаккулёфта барои баҳодиҳии фаъолият, эътимоднокии иттилоот, коркард ва қабули қарорҳои саривақтии идоракунӣ аз ҷониби менеҷерони корхонаҳои сайёҳӣ истифода бурда мешавад.

Мутобиқи маълумотҳои Созмони умумиҷаҳонии сайёҳӣ, ҳиссаи соҳаи сайёҳӣ дар бозори хизматрасонии ҷаҳонӣ қариб 30%-ро ташкил медиҳад ва дар замони муосир, вобаста ба васеъ гардидани ҳамкориҳои иқтисодию тиҷоратӣ яке аз соҳаҳои зудрушдкунанда ба ҳисоб меравад.

Ширкатҳои сайёҳӣ ва агентиҳои сайёҳӣ дар таркиби субъектҳои фаъолияти сайёҳӣ нақши калидиро мебозанд. Фаъолияти онҳо асосан барои ташаккул, пешбурд ва фурӯши маҳсулоти сайёҳӣ равона карда шудааст. Бинобар ин, ташкили дуруст ва самарабахши баҳисобгирии муҳосибии даромаду хароҷот дар фаъолияти онҳо таваҷҷуҳи хоссаро талаб менамояд.

Ба яке аз самтҳои муҳимми фаъолияти онҳо метавон пешбурди маҷмуи саёҳат ва фурӯши онҳоро дар қисмати ташкил намудани шабакаи фурӯш дохил намуд, ки таҳияи сиёсати шартномавии муносиб бо шариконро тақозо менамояд.

Муносибатҳои байниҳамдигарии корхонаҳои сайёҳӣ дар асоси санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии амалкунанда ба танзим даровარда мешаванд. Вобаста ба муҳтаво ва талаботи санадҳои мазкур таркиб ва тартиби эътирофи даромаду хароҷотро дар баҳисобгирии муҳосибӣ пешбинӣ менамояд. Тағйирёбии равиши муайян намудани таркиби манфиатҳои иқтисодӣ дурустии инъикоси онҳоро дар баҳисобгирии муҳосибӣ тақозо мекунад, зеро ширкатҳои сайёҳӣ ва агентиҳои сайёҳӣ бо роҳи ҳамроҳ кардани маблағҳои пулӣ дар таркиби фурӯши роҳхатҳо, ки даромади мустақил ба ҳисоб меравад, андозаи даромадҳоро нодуруст нишон медиҳанд. Инчунин маблағҳои пулиро ҳамчун уҳдадориҳо эътироф намуда, бе инъикоси минбаъдаи онҳо дар таркиби даромадҳо даромадҳои худро коҳиш медиҳанд.

Дар ин маврид принсипи асосии мувофиқати даромад ва хароҷот риоя намегардад. Мутобиқи ин принсип, хароҷот дар ҳисобот оиди фоида ва зарар дар он лаҳзае эътироф мегардад, ки арзиши аслии хизматрасонӣ дар ин давра аз ҳисоб бароварда шуда, даромад аз фурӯши маҳсулоти сайёҳӣ эътироф карда шавад. Дар натиҷаи риоя накардани ин принсип, иттилооти носаҳеҳ оид ба натиҷаи молиявии корхона ташаккул мeёбад ва ба таҳрифоти

нишондиҳандаҳои ҳисоботи молиявӣ, оморӣ ва андозӣ оварда мерасонад.

Натиҷаи таҳқиқоти фаъолияти амалии ширкатҳои сайёҳӣ нишон дод, ки батанзимдарории меъёрии баҳисобгирии муҳосибии даромадҳо ва хароҷот дар корхонаҳои соҳаи сайёҳӣ ҳалталаб ва номукаммал мебошанд. Ҳамзамон аксари масъалаҳои баҳисобгирии муҳосибии даромадҳо ва хароҷот дар корхонаҳои сайёҳӣ, вобаста ба эътирофи эътимоднокӣ дар ҳисобгирӣ ва ҳисоботи молиявӣ ҳалли худро наёфтаанд. Ба ғайр аз ин, методикаи инъикоси муносибатҳои шартномавии байни ширкатҳои сайёҳӣ ва агентии сайёҳӣ дар баҳисобгирии муҳосибӣ дар соҳаи сайёҳӣ пурра коркард нашудаанд.

Мушкилӣ ва масоили гуногуни ҳалнашуда дар ташкили баҳисобгирии муҳосибии даромад ва хароҷоти ширкатҳои сайёҳӣ ва агентиҳои сайёҳӣ, дар мавриди мавҷуд набудани дастурамалҳои методии соҳавӣ, боиси гузарондани таҳқиқотҳои махсус ва ҷустуҷӯи усулҳои самараноки таъмин намудани талаботи истифодабарандагони гуногуни ҳисобот мегардад. Пешниҳод менамоем, барои фаъолияти самаранок, инчунин гирифтани иттилооти эътимоднок оид ба фаъолияти молиявӣ-хоҷагидории корхонаҳои сайёҳӣ, таҳияи низомнома ё дастури алоҳида барои арзишмуайянкунии маҳсулоти сайёҳӣ ва хизматрасониҳои гуногуни сайёҳӣ, инчунин назорати дохилии фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ аз манфиат холӣ нест.

Идоракунии мақсадноки арзиши аслӣ бо истифодабарии унсурҳои гуногуни сиёсати баҳисобгирии корхона асоси бунёдии баҳисобгирии идоракунӣ маҳсуб меёбад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми ягонаи баҳисобгирии муҳосибӣ амал мекунад, ки ба андешаи мо, чунин зуҳурот, ба монанди сиёсати баҳисобгирӣ он ҷанбаҳоеро дар бар мегирад, ки дар мамолики Ғарб ба низоми баҳисобгирии идоракунӣ (дохили хоҷагидорӣ) дахл доранд.

Ҳамин тавр, ба воситаи сиёсати баҳисобгирӣ, вобаста ба тавсифи ягонагии баҳисобгирии миллӣ масъалҳое ҳал карда мешаванд, ки дар корхонаҳои хориҷӣ ба низоми баҳисобгирии идоракунӣ дохил мешаванд. Солҳои охир сиёсати баҳисобгирӣ аз мафҳуми барои бисёриҳо нофаҳмо ба воситаи воқеии идоракунӣ, банақшагирии молиявӣ ва андозии фаъолияти

корхонаҳо табдил ёфт.

Истифодабарии усулҳои муосири баҳисобгирии даромад, хароҷот ва муайян намудани натиҷаҳои молиявӣ мутобиқи СБҲМ, дар сиёсати баҳисобгирии корхона инъикос намудани он, вазифаи ҳар як муҳосиби дар амалия фаъолияткунанда дар корхонаҳои сайёҳӣ мебошад.

Истифодабарии усулҳои муосири муайян намудани арзиши аслии маҳсулоти сайёҳӣ, баҳисобгирии даромад, хароҷот ва натиҷаи молиявӣ имкон медиҳад, ки иттилооти баҳисобгирии молиявӣ, идоракунӣ ва андозӣ боэътимод бошанд ва барои идоракунии самараноки корхонаи сайёҳӣ мусоидат намояд. Баланд шудани арзиши аслии маҳсулоти сайёҳӣ ва паст гардидани сатҳу сифати хизмарасонии сайёҳӣ даромади корхонаи сайёҳиро маҳдуд мекунад ва ба барҳамхӯрии он оварда мерасонад.

Бинобар ин, дар мавриди қабули қарор оид ба истифодабарии ин ё он усули баланд кардани арзиши аслӣ, на танҳо ба кам шудани андоз аз даромад, инчунин зиёд шудани арзиши маҳсулоти сайёҳӣ ва бузургии фоидае, ки дар корхона боқӣ мемонад таъсир мерасонад ва онро ба инобат гирифтан зарур мебошад.

Солҳои охир барои ҳамоҳангсозии низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва баҳисобгирии андоз дар Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон чанд маротиба тағйиру иловаҳо ворид карда шуд. Мутобиқи он фаъолияти гуногунҷабҳаи корхонаҳо бо талаботи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии танзимкунандаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва баҳисобгирии андоз мувофиқ гардонида шуд. Мақсади наздик намудани пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва андоз дар он аст, ки усулҳои пешбурди баҳисобгирӣ бо мақсади баҳисобгирии муҳосибӣ ва андоз мутобиқ карда шаванд.

Шартномаи агентии бастушудаи байни ширкати сайёҳӣ ва агентии сайёҳӣ, замина барои ташаккули иттилооти аввала оид ба даромаду хароҷоте, ки дар муҳлатҳои наздик дар натиҷаи амалишавии шартнома гирифтанашон ба ҳисоб меравад, инчунин майдони иттилооти аввалияи худиро дар бар мегирад, ки дар ҷадвали 4.1.1. пешниҳод карда шудааст.

**Ҷадвали 4.1.1. – Майдони иттилоотии аввалия оид ба даромад ва хароҷоти агентии сайёҳӣ ва ширкати сайёҳӣ**

| Агентии сайёҳӣ | | Ширкати сайёҳӣ | |
|---|---|---|---|
| Нишондиҳандаҳо | Майдони иттилооти аввала барои эътироф мутобиқи шартномаи агентии даромадҳо ва хароҷот | | Нишондиҳандаҳо |
| Бузургии подоши агентӣ (интизоришаванда) | Бастани шартномаи агентӣ | | Бузургии даромад аз фурӯши маҳсулоти сайёҳӣ (интизоришаванда) |
| | Ташаккули дархост барои бандкунии маҳсулоти сайёҳӣ | Қабули дархост барои бандкунии маҳсулоти сайёҳӣ | |
| Бузургии подоши агентӣ (интизоришавандаиислоҳшуда) | Ташаккули ислоҳ дар дархост оид ба бандкунии маҳсулоти сайёҳӣ | Дохилкунии тағйирот вобаста аз далели бандкунӣ | Ислоҳот оид ба бузургии даромад аз фурӯши маҳсулоти сайёҳӣ (интизоришавандаи ислоҳшуда) |
| Бузургии хароҷот барои гирифтани маҳсулоти сайёҳӣ | Пардохти ҳисобе, ки ширкати сайёҳӣ ба муҳлати 3 рӯзи кории бонкӣ пешниҳод кардааст | Ҳисобҳои пешниҳодшуда барои пардохти арзиши маҳсулоти сайёҳӣ, мутобиқи дархост, ба муҳлати 3 рӯзи кории бонкӣ, аз рӯзи қабули дархост | Бузургии ҳақиқии даромад аз фурӯши маҳсулоти сайёҳӣ |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Баҳисобгирии даромад ва хароҷот дар ширкатҳои сайёҳӣ ва агентии сайёҳӣ пеш аз ҳама эътироф намудани даромадҳо ва хароҷот барои ташаккули маҳсулот, пешниҳод ва фурӯши маҳсулоти сайёҳӣ дар доираи низомҳои гуногуни андозбандӣ ба ҳисоб меравад.

Мутобиқи талаботи шартномаи хизматрасонии сайёҳӣ, ки ба кодекси гражданӣ асос ёфтааст, даромади агентҳои сайёҳӣ ҳамчун фоиз аз арзиши маҳсулоти сайёҳии фурӯхташуда дар шакли подош ташаккул меёбад.

Подоши агентӣ дар мавриди тасдиқ намудани ҳисоботи агентии сайёҳӣ, ки даромад аз фурӯш инъикос шудааст, дар баҳисобгирии муҳосибии ширкати сайёҳӣ ҳамчун хароҷот аз фаъолияти асосӣ ба ҳисоб гирифта мешавад. Дар ин маврид ҳамаи маблағи маҳсулоти сайёҳии фурӯхташуда, ки мутобиқи шартномаи байни агентии сайёҳӣ ва сайёҳ баста шудааст, даромади агентҳои сайёҳӣ ҳисобида мешавад. Хароҷот бошад маблағи ба агентии сайёҳӣ

пардохтнамудаи ширкати сайёҳӣ мебошад ва маблағи подоши агентӣ ҳамчун даромади иловагӣ ба ҳисоб гирифта мешавад. Дар амалияи баҳисобгирии агентиҳои сайёҳӣ бошад ин манфиатҳои иловагӣ, ба монанди подошҳо, тахфифҳо ҳамчун даромади алоҳида ба ҳисоб гирифта нашуда, дар шакли уҳдадорӣ ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Нодуруст ба ҳисоб гирифтани ин манфиатҳо ба паст нишон додани манбаи андозбандӣ мусоидат менамояд. Чунин ҳолат аз ҷониби нозироти андоз ва қонунгузории андоз дастгирӣ намеёбад ва манфиати иловагиро ҳамчун амволи бебозгашт додашуда ба назар мегиранд. Вале бояд тазаккур дод, ки гирифтани манфиати иловагӣ бо ҷараёни фурӯши маҳсулоти сайёҳӣ алоқаманд мебошад, ки яке аз шартҳои асосии эътироф намудани ин маблағҳо ҳамчун даромад аз намуди фаъолияти амалиётии ширкатҳои сайёҳӣ ба ҳисоб меравад.

Подошҳое, ки аз тарафи ширкати сайёҳӣ ба агентии сайёҳӣ барои фурӯши миқдори муайяни роҳхатҳо дода мешаванд, дар амалия дар шакли даромадҳо, ҳамчун камкунии арзиши роҳхат бо имтиёзҳои пешбинишуда инъикос карда мешавад. Инъикос накардани подоши муайян боиси беэътибор гардидани шартномаи басташуда мегардад, чунки дар ин маврид шартномаи агентӣ ба шартномаи подошӣ мубаддал мегардад ва ба камшавии манбаи андозбандӣ мусоидат менамояд. Бинобар ин, маблағи манфиати иловагии агентии сайёҳӣ, аз ҷумла подош бояд дар баҳисобгирии муҳосибии агентии сайёҳӣ ҳамчун даромади агентӣ эътироф карда шавад.

Дар ҷадвали 4.1.2 таркиби даромади агентҳои сайёҳӣ ва тартиби ҳисоб кардани онҳо дар асоси шартномаи миёнаравӣ оварда шудааст.

Тибқи нишондиҳандаҳои ин ҷадвал ҳама намуд манфиатҳо дар баҳисобгирии агентии сайёҳӣ ҳамчун нафъи иқтисодӣ дар таркиби даромад аз фаъолияти асосӣ ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Барои ширкати сайёҳӣ бошад, ба таркиби даромадҳои он низ метавонад даромадҳои дар ҷадвали 4.1.2 овардашуда дохил шаванд. Аммо, онҳо барои ҷуброни агентии сайёҳӣ мебошанд, ки барои ширкати сайёҳӣ ҳамчун хароҷот мебошанд.

**Ҷадвали 4.1.2. – Таркиби даромадҳои тавсияшаванда дар мавриди иҷроиши шартномаҳои миёнаравӣ**

| Намуди даромад | Тартиби ҳисобкунии бузургии даромад |
|---|---|
| Подош барои пешбурд ва фурӯши маҳсулот аз ном ва аз ҳисоби ширкати сайёҳӣ | Ҳисса аз арзиши маҳсулоти сайёҳии фурӯхташуда |
| | Бузургии муқарраршуда барои роҳхати фурӯхташуда дар як моҳ, ки ҳамчун фарқияти байни нархи маҳсулоти сайёҳии ширкати сайёҳӣ ва нархи фурӯши агентии сайёҳӣ ба сайёҳатчӣ |
| Ҷуброни хароҷоти ба иҷрои супориши ширкати сайёҳӣ алоқаманд | Маблағи масрафоте, ки ширкати сайёҳӣ ба агентии сайёҳӣ мутобиқи шартнома ҷуброн мекунад |
| Манфиати иловагӣ | Фарқияти байни арзиши саёҳати барои агентии сайёҳӣ муқарраршуда ва арзиши саёҳате, ки бо нархи аз бозорӣ зиёд фурӯхта шудааст |
| Тахфифҳо | Фарқияти байни маблағи бо фоиз аз нархи маҳсулоти сайёҳӣ ҳисобкардашуда, ки ширкати сайёҳӣ муқаррар намудааст ва тахфиф |
| | Маблағи масрафоти агентии сайёҳӣ |
| Бонусҳо | Маблағи зиёдкардаи подоши агентӣ |
| Туҳфаҳо ва подошҳо аз ширкати сайёҳӣ | Арзиши маҳсулоти сайёҳии беподош гирифтаи агентии сайёҳӣ |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Барои фурӯши маҳсулоти сайёҳӣ подоше, ки агентии сайёҳӣ аз ширкати сайёҳӣ мегирад ба шаклҳои гуногун метавонад ба хароҷот ҳамроҳ кунад. Дар мавриди дохил намудани маблағи подоши комиссионӣ ба нархи маҳсулоти сайёҳӣ он барои муайян кардани арзиши аслӣ истифода бурда мешавад. Дар ҳолати дохил накардан ба хароҷоти фурӯши ширкати сайёҳӣ мутобиқи шартнома агентии сайёҳӣ ба ширкати сайёҳӣ фарқияти байни маблағи даромад аз фурӯши саёҳат ва подоши худро пардохт менамояд. Дар ин маврид подоши агентии сайёҳӣ дар таркиби хароҷоти агентии сайёҳӣ тамоман нишон дода намешавад.

Мутобиқи қонунгузории амалкунанда корхонаҳои сайёҳӣ барои товони зарари ба сайёҳон расондашуда дар мавриди пайдо шудани ҳолатҳои пардохтнопазирии ширкати сайёҳӣ ва агентии сайёҳӣ ё дар натиҷаи эътирофи муфлисшавӣ бояд фонди таъминоти молиявӣ ташкил намоянд, ки ҳамчунин ба хароҷот дохил карда мешавад. Ҳадди ақали таъминоти молиявии ширкати сайёҳӣ ва агентии сайёҳӣ мутобиқи шартномаи ҷавобгарии суғуртавӣ ва

кафолати бонкӣ муқаррар карда мешавад. Чунин кафолат бо созишнома дар шакли хаттӣ байни корхонаи сайёҳӣ ва бонк ё муассисаи қарзӣ ба расмият даровarda мешавад.

«Ҳаҷм ва давомнокии чунин хароҷот дар асоси муқаррароти шартнома бо бонк ё муассисаи қарзӣ муайян карда мешавад. Ин хароҷот барои иҷроиши уҳдадориҳо дар назди сайёҳон дар мавриди истифодабарии маҳсулоти сайёҳӣ ба хароҷоти ғайримустақим дохил карда мешавад»[1].

Ҳамин тавр, дар мавриди гузарондани хароҷоти корхонаи сайёҳӣ ба намуди муайян шакли ташкилӣ-ҳуқуқии корхона, муқаррароти шартнома ва дигар омилҳоро ба инобат гирифтан зарур мебошад.

Хароҷот нишондиҳандаи муҳимми фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ ба ҳисоб рафта, муайян намудани натиҷаи молиявӣ ва фоидаи амалиётии корхона аз он вобастагӣ дорад. Дар назди ҳар як корхона вазифаи паст кардан ва сарфа кардани хароҷот меистад, зеро бо паст шудани хароҷот даромаднокии корхона баланд мегардад. Барои ин чунин чорабиниҳо бояд амалӣ карда шаванд:

– зиёд намудани намудҳои хизматрасониҳои сайёҳӣ барои бештар ҷалб намудани сайёҳон;

– интихоб намудан ва дарёфти усулҳои муносиби интиқоли сайёҳон;

– кам кардани хароҷоти идоракунӣ, фурӯш ва хароҷоти барилова;

– ҷустуҷӯи таъминкунандагони арзони хизматрасониҳои муайян, ба монанди ҷрйгиркунӣ, экскурсионӣ, хӯрока ва ғайра.

Барои муносибии хароҷоти корхонаҳои сайёҳӣ ташкили идоракунии дурусти он муҳим аст, ки интихоби усули бештар самарабахши ташаккули хароҷот, ҷамъоварии иттилоот оид ба хароҷот ва таҳлили онро барои қабули қарорҳои идоракунӣ, назорати хароҷот бо мақсади муайян намудани самтҳои коҳиши он, истифодабарии ғайрисамарабахшро пешбинӣ менамояд.

Яке аз масъалаҳои муҳимми баҳисобгирии инъикоси даромадҳо лаҳзаи эътирофи маблағи ҳар як намуди даромад аз фурӯши саёҳатҳо мебошад.

[1] Король, С. Учет затрат туристического предприятия / С. Король // Вестник КНТЭУ. – 2011. – № 4(78). – С. 72-84. – С. 83.

Вобаста аз низоми андозбандии татбиқшаванда, бояд вобаста аз лаҳзаи гузаштани ҳуқуқи моликият ба маҳсулоти сайёҳӣ даромад эътироф карда шавад (ҷадвали 4.1.3).

**Ҷадвали 4.1.3. – Варианти интихоби сана барои эътирофи даромад аз фурӯши саёҳатҳо дар мавриди истифодабарии низомҳои гуногуни андозбандӣ**

<table>
<tr><th colspan="2">Низоми умумии андозбандӣ</th><th colspan="2">Андозбандии содакардашуда</th></tr>
<tr><th>Ширкати сайёҳӣ</th><th>Агентии сайёҳӣ</th><th>Ширкати сайёҳӣ</th><th>Агентии сайёҳӣ</th></tr>
<tr><td>Санаи бастани шартнома бо сайёҳ</td><td rowspan="2">Санаи тасдиқи саёҳат аз тарафи ширкати сайёҳӣ</td><td rowspan="6">Санаи дохилшавии маблағҳои пулӣ ба ҳисоби бонкӣ ё хазинаи ширкати сайёҳӣ</td><td rowspan="6">Санаи воридшавии воситаҳои пулӣ ба ҳисоби бонкӣ ё хазинаи агентии сайёҳӣ</td></tr>
<tr><td>Санаи ташаккули (таҳияи) саёҳат</td></tr>
<tr><td colspan="2">Санаи аввали саёҳат</td></tr>
<tr><td colspan="2">Санаи баитмомрасии саёҳат</td></tr>
<tr><td>Санаи гирифтани ҳисоботи агентии сайёҳӣ</td><td>Санаи тасдиқи ҳисоботи агентии сайёҳӣ аз тарафи ширкати сайёҳӣ</td></tr>
<tr><td colspan="2">Санаи қабули пардохт барои саёҳат</td></tr>
</table>

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Интихоби санаҳоро барои эътирофи даромадҳо дида баромада, муайян карда шуд, ки эътирофи онҳо вобаста ба санаи фурӯши маҳсулоти сайёҳии ширкати сайёҳӣ ва санаи тасдиқи саёҳат аз тарафи агентии сайёҳӣ ба зарурати тасҳеҳи маблағҳои манфиати иқтисодӣ меорад, ки ба сабаби рад кардани истеъмолкунандагон аз саёҳатҳои гирифташуда мебошад.

Истифодабарии санаи баитмомрасии саёҳат ва тасдиқ намудани ҳисоботи агентӣ имкон медиҳад, ки лаҳзаи эътирофи даромаду хароҷот ба давраи номуайяни вақт гузаронида шавад. Барои агентии сайёҳӣ варианти муносиби эътирофи даромад лаҳзаи саршавии саёҳат ҳисобида мешавад, ки дар доираи он бузургии даромаду хароҷоти агентии сайёҳӣ муайян мегардад. Барои ширкати сайёҳӣ бошад, эътироф намудани даромаду хароҷот лаҳзаи тасдиқ намудани ҳисоботи агенти сайёҳӣ мебошад, ки дар ин маврид манфиатҳои иловагӣ ва подоши агентӣ муайян аст. Ҳангоми эътироф намудани даромадҳо асоснок ҳамроҳ намдуни хароҷот ба таркиби хароҷоти амалиётӣ муҳим

мебошад.

Масъалаи дигаре, ки ҳал нашудааст, ин дохилкунии хароҷоти хадамоти интиқол ба таркиби маҳсулоти сайёҳӣ мебошад. Дар амалия расондани хадамоти интиқол ҳамчун даромади иловагӣ эътироф шуда, низоми ягонаи андозбандии даромади муваққатӣ татбиқ карда мешавад. Бинобар ин, пешниҳод менамоем, ки арзиши интиқол ба арзиши кулли хадамоти сайёҳӣ ҳамроҳ карда шавад ва баҳисобгирии алоҳидаи он ба роҳ монда шавад.

Инчунин, масъалаи эътирофи хароҷот оид ба суғуртаи ҷавобгарии граждании агентиҳои сайёҳӣ ва ширкатҳои сайёҳӣ, ки низоми содакардашудаи андозбандиро истифода мебаранд, наметавонанд чунин хароҷотро аз сабаби номгӯйи пӯшидаи хароҷоти Кодекси андоз эътироф намоянд, гарчанде онҳо зарурати истеҳсолӣ доранд. Бинобар ин, дар амалия ин хароҷот дар таркиби хароҷоти сафари хизматӣ, мутобиқи талаботи қонунгузорӣ нишон дода мешаванд.

Дар ҳисобгирии хароҷоти ширкати сайёҳӣ, ки фаъолияти агентии сайёҳиро низ мустақиман мебарад, яке аз масъалаҳои ҳалталаб ин тақсимоти хароҷоти бавосита байни намудҳои фаъолияти корхонаи сайёҳӣ мебошад. Бояд қайд намоем, ки бузургии даромад аз фурӯши маҳсулоти сайёҳӣ ҳамчун базаи тақсимоти хароҷот дар амал истифода бурда мешавад. Дар ин маврид,масъалаи таъмини баҳисобгирии ҷудогонаи даромадҳо аз сегментҳои фаъолият ба миён меояд, ки барои ин мо иловатан ҳисобҳои таҳлилии 44011 «Даромад аз фурӯши ширкати сайёҳӣ» ва 44012 «Даромад аз фурӯши агентии сайёҳӣ» ба ҳисоби асосии 444010 «Даромад аз фурӯш»-ро пешниҳод менамоем, ки ин имкон медиҳад оид ба бузургии даромадҳои ҳар як сегмент маълумоти зарурӣ гирифта шавад.

Барои ҳалли масъалаи баҳисобгирии амалиётҳое, ки ширкатҳои сайёҳӣ барои сайёҳии байналмилалӣ мерасонанд, пешниҳод карда мешавад, ки барои баҳисобгирии ин амалиётҳо, дар асоси ҳисобҳои мавҷудаи нақшаи ҳисобҳои амалкунанда барои ҳисобҳои 10730 ва 44010 чунин ҳисобҳои иловагии тартиби дуюм кушода шаванд:

-10731 – «Хароҷоти маҳсулоти сайёҳӣ барои сайёҳии байналмилалӣ»;

-10732 – «Хароҷоти маҳсулоти сайёҳӣ барои сайёҳии дохилӣ»;

-44011 – «Даромад аз фурӯш барои сайёҳии байналмилалӣ»;

-44012 – «Даромад аз фурӯш барои сайёҳии дохилӣ».

Мутобиқи ҳисобҳои пешниҳодшуда ба корхонаҳои сайёҳие, ки фаъолияти агентиро низ амалӣ менамоянд ва супорандагони ААИ мебошанд, вобаста ба фурӯши маҳсулоти сайёҳӣ, инчунин хароҷоти ғайримустақим мутаносибан ба намуди фаъолият тақсим карда мешаванд. Методикаи тақсимоти хароҷоти ғайримустақим бо мақсади андозбандӣ чунин муайян карда мешавад:

1. Тақсимоти хароҷоти бавосита алоқаманд бо:

а) муайян намудани маблағи даромад аз фурӯши роҳхатҳои сайёҳӣ барои сайёҳии байналмилалӣ ва берунӣ бо чунин формула:

$$\text{Ҳиссаи ААИ андозбандинашавандаи даромад аз фурӯши роҳхатҳо барои сайёҳии байналмилалӣ} = \frac{\text{Гардиши кредитии ҳисоби 44011}}{\text{Маблағи умумии даромад аз фурӯш бе ААИ}}$$

$$\text{Ҳиссаи андозбандишавандаи ААИ даромад аз фурӯши роҳхатҳо барои сайёҳии дохилӣ, воридӣ ва хадамоти иловагӣ} = \frac{\text{Гардиши кредитии ҳисоби 44012}}{\text{Маблағи умумии даромад аз фурӯш бе ААИ}}$$

б) муайян намудани маблағи хароҷоти бавосита, ки даромади андозбандишаванда ва андозбандинашавандаи ААИ мувофиқи чунин формула:

$$\text{Маблағи хароҷоти бавосита, ки ба даромади андозбандинашавандаи ААИ рост меояд} = \text{Ҳиссаи даромади андозбандинашавандаи ААИ аз фурӯши роҳхатҳо оид ба сайёҳии байналмилалӣ} \times \text{Маблағи умумии хароҷоти бавосита}$$

$$\text{Маблағи хароҷоти бавосита, ки ба даромади андозбандинашавандаи ААИ рост меояд} = \text{Ҳиссаи даромади андозбандишавандаи ААИ аз фурӯши роҳхатҳо оид ба сайёҳии дохилӣ, воридӣ ва хадамоти иловагӣ} \times \text{Маблағи умумии хароҷоти бавосита}$$

2. Бо формулаи зерин тақсимоти ААИ оид ба хароҷоти ғайримустақим байни гардиши андозбандишаванда ва андозбандинашаванда ҳисоб карда мешавад:

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| Маблағи ААИ, ки ба таркиби хароҷоти ғайрмустақим ҳамроҳ карда мешавад | = | Ҳиссаи даромади андозбандинашавандаи ААИ аз фурӯши роххатҳо ба сайёҳии хориҷӣ | × | Маблағи умумии ААИ, ки ба таркиби хароҷоти ғайримустақим ҳамроҳ шудааст |

Барои эътироф намудани даромадҳо ва хароҷот ҳуҷҷатҳои аввалияи баҳисобгирии муҳосибӣ ҳамчун асос ба ҳисоб меравaнд. Дар асоси таҳқиқ ва омӯзиши ҳуҷҷатҳои аввалияи истифодашавандаи ширкатҳои сайёҳӣ дар ҷадвали 4.1.4 ҳуҷҷатҳои ширкатҳо ва агентиҳои сайёҳӣ ҷудо карда шуданд, ки барои эътирофи даромадҳо ва хароҷоти ширкатҳои сайёҳӣ ва агентиҳои сайёҳӣ ҳамчун асос истифода бурда мешаванд.

**Ҷадвали 4.1.4. – Асоснoккунии ҳуҷҷатии эътирофи даромаду хароҷот мутобиқи шартномаи агентӣ**

| Ҳуҷҷатҳое, ки эътирофи даромаду хароҷотро асоснок мекунанд | Намуди даромад/хароҷот | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | Даромад аз фурӯши маҳсулоти сайёҳӣ | Подоши агентии сайёҳӣ | Манфиати иловагӣ | Бонус, тахфиф | Тухфаҳо |
| Шартномаи агентӣ: | | | | | |
| - ширкати сайёҳӣ; | даромад | даромад/хароҷот | | | |
| - агентии сайёҳӣ | - | даромад | | | |
| Ҳисоботи миёнарав: | | | | | |
| - ширкати сайёҳӣ; | даромад | даромад/хароҷот | | | |
| - агентии сайёҳӣ | - | даромад | | | |
| Санади хизматрасонии агентии сайёҳӣ: | | | | | |
| - ширкати сайёҳӣ; | - | даромад/хароҷот | | | |
| - агентии сайёҳӣ | - | даромад | | | |
| Санади ширкати сайёҳӣ (ба арзиши саёҳат): | | | | | |
| - ширкати сайёҳӣ; | даромад | - | - | - | - |
| - агентии сайёҳӣ | - | - | - | - | - |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Дар асоснoккунии эътирофи даромаду хароҷоти ширкати сайёҳӣ ва агентии сайёҳӣ ҳисоботи агентии сайёҳӣ нақши бузургро мебозад, зеро дар он лаҳзаи эътирофи маблағҳои даромад ва хароҷот санаи тасдиқшудаи ҳисобот ҳисобида мешавад. Вобаста ба тавсияҳо оид ба эътирофи чунин даромадҳои ширкати сайёҳӣ ва агентии сайёҳӣ, ба монанди бонуси агентии сайёҳӣ, нафъи

иловагӣ, тахфифҳо, тuҳфаҳо, ва хароҷот аз фаъолияти ширкати сайёҳӣ ва агентии сайёҳӣ, зарурати аз нав дида баромадани методикаи баҳисобгирии таркибии онҳо ба миён омад.

Барои инъикоси ин даромадҳо дар ҳисобҳои таркибии ширкати сайёҳӣ ва агентии сайёҳӣ, тибқи Нақшаи ҳисобҳо ҳисоби 44010 «Даромад аз фурӯш» пешбинӣ шудааст.

Хусусияти инъикоси ҳисоби 44010 «Даромад аз фурӯш» барои агентии сайёҳӣ дар он ифода меёбад, ки дар кредити он нишон дода мешавад:

– подоши агентии сайёҳӣ дар намуди фоиз аз арзиши маҳсулоти сайёҳии фурӯхташуда, бо ҳамроҳии маблағи ААИ;

– манфиати иловагии агентии сайёҳӣ, ки ҳамчун фарқияти байни маблағи маҳсулоти сайёҳии фурӯхташаванда бо нархи ширкати сайёҳӣ ва маблағи маҳсулоти сайёҳтии барои сайёҳон ташаккулёфта, бо ҳамроҳ кардани ААИ;

– подоши агентии сайёҳӣ дар намуди бонус, тахфифҳо, подоши агентӣ, бо ҳамроҳ кардани ААИ.

Дар дебети ҳисоби 44010 «Даромад аз фурӯш» чунин хароҷоти махсус: қарздории ширкати сайёҳӣ ба маблағи подоши агентии сайёҳӣ дар шакли бонус, подоши агентӣ инъикос карда мешавад.

Пуркунии иттилоотии ҳисоби 44010 «Даромад аз фурӯш» дар ширкати сайёҳӣ низ тағйир меёбад. Ҳамин тавр, дар кредити ин ҳисоб тавсия медиҳем, ки иловатан нишон дода шавад:

– маблағи подоши агентии сайёҳӣ, дар ҳолати аз тарафи агентии сайёҳӣ ба ширкати сайёҳӣ гузарондани ҳамаи маблағҳои пулии аз ҳисоби фурӯши маҳсулоти сайёҳии аз сайёҳон гирифташуда ва қарздории дебитории агентии сайёҳӣ нишон дода мешавад;

– маблағи манфиати иловагии агентии сайёҳӣ аз ҳисоби фурӯши маҳсулоти сайёҳӣ ба сайёҳон;

– подоши агентии сайёҳӣ дар намуди бонус, подоши агентӣ.

Дар дебети ҳисоби 44010 дар таркиби хароҷоти умумихоҷагӣ пешниҳод менамоем, ки қарздории ширкати сайёҳиро ба маблағи: манфиати иловагии

агентии сайёҳӣ ва подоши агентии сайёҳӣ дар намуди бонус, подоши агентӣ, маблағи ҷуброни хароҷот барои агентии сайёҳиро инъикос намоянд.

Таҳқиқоти гузаронидашуда собит месозад, ки дар вақти эътироф ва баҳисобгирииии муҳосибии даромадҳо ва хароҷоти корхонаҳои сайёҳӣ нақши калидиро таъминоти ҳуҷҷатӣ иҷро мекунад. Дар рафти таҳқиқоти тартиби таъминоти ҳуҷҷатии фаъолияти субъектҳои сайёҳӣ, муаллиф як қатор ҳуҷҷатҳои аввалияро қайд намудааст, ки ассосноккунии эътирофи даромаду хароҷоти ин корхонаҳоро тасдиқ менамоянд. Инчунин, муқаррар карда шудааст, ки ҳисобот оид ба фаъолияти корхонаи сайёҳӣ бо нишон додани санаи расонидани хадамот, дар лаҳзаи эътирофи даомадҳо ва хароҷот нақши калидӣ мебозад.

Омӯзиши тартиби пешбурди баҳисобгирии фаъолияти корхонаи сайёҳӣ, аз ҷумла тартиби ба арзиши маҳсулоти сайёҳӣ дохил намудани хадамоти роҳбаладон ва тарҷумонҳо, вобаста ба дақиқ муайян кардани арзиши аслии маҳсулоти сайёҳӣ ба муаллиф имкон дод, ки тартиби пешбурди баҳисобгирии муҳосибии корхонаи сайёҳиро таҳия намояд:

а) ҳангоми бастани шартнома бо корхонаи сайёҳӣ:

1. Инъикос намудани маблағи пешпардохт:

| | |
|---|---|
| *Дебети ҳисоби 10510 «Пешпардохти ба таъминкунандагон додашуда»* | *XXXX* |
| *Кредити ҳисоби воситаҳои пулӣ (10100,10200)* | *XXXX* |

2.Инъикоси маблағи хароҷоти хадамоти экскурсионӣ:

| | |
|---|---|
| *Дебети ҳисоби 55010* | *XXXX* |
| *Кредити ҳисоби 10510* | *XXXX* |

3. Тасҳеҳи маблағи хароҷот оид ба хадамоти экскурсионӣ ба арзиши аслии роҳхатҳо:

| | |
|---|---|
| *Дебети ҳисоби 44010* | *XXXX* |
| *Кредити ҳисоби 55010* | *XXXX* |

б) дар вақти бастани шартнома бо шахси воқеӣ:

1. Инъикоси маблағи подоши ҳисобкардашуда барои шахси воқеӣ, тибқи шартномаи хизматрасонӣ:

*Дебети ҳисоби 55010* XXXX

*Кредити ҳисоби 22210* XXXX

2. Тасҳеҳи хароҷот барои хизматрасонии экскурсионӣ ба арзиши аввалаи роҳхатҳо:

*Дебети ҳисоби 44010* XXXX

*Кредити ҳисоби 10730* XXXX

Давраи ниҳоии ҳамаи чараёни баҳисобгирӣ барои ширкати сайёҳӣ ва агентии сайёҳӣ тартиб додани ҳисобот мебошад, ки дар шакли ҳисоботи молиявӣ (муҳосибӣ ва андоз) ва оморӣ пешниҳод мешавад.

Дар ҷадвали 4.1.5 алоқамандии нишондиҳандаҳо оид ба ташаккули намудҳои нави даромад, ки дар ҳисоботи молиявӣ, андозӣ ва оморӣ инъикос меёбанд, пешниҳод карда шудааст.

**Ҷадвали 4.1.5. – Нишондиҳандаҳои асосии фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ шакли ҳисоботи оморӣ № 2 ва нишондиҳандаҳои ҳисоботи молиявӣ**

| Маҷмуи нишондиҳандаҳо | Нишондиҳандаҳои ҳисоботи омори давлатӣ шакли № 2 саёҳат (туризм) | Тағйиротҳои тавсиявӣ | Сарчашмаи ташаккули нишондиҳандаҳои шакли № 2 саёҳат (туризм) | |
|---|---|---|---|---|
| | | | Иттилооти ҳисоби муҳосибӣ | Нишондиҳандаҳои ҳисоботи молиявӣ |
| Гардиши молиявии умумӣ аз хизматрасониҳои сайёҳӣ (туристӣ) | + | + | Гардиши кредитии ҳисоби 44010 «Даромад аз фурӯш» | Моддаи «Даромад аз фурӯш», шакли «Ҳисобот оиди фоида ва зарар» |
| азҷумла.: | + | + | | |
| – комиссионӣ, подоши агентӣ | - | + | | |
| – нафъи иловагӣ | - | + | | |
| –бонусҳо ва тахфифҳо | - | + | | |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Бузургии хароҷоте, ки дар ҳисоботи омори давлатӣ шакли № 2 саёҳат

(туризм) инъикос меёбад ва бо фаъолияти ширкати сайёҳӣ алоқамандананд, иттилоот оид ба бузургии онҳо бояд бо ба инобат гирифтани тавсияҳо оид ба маблағи хароҷот, бо дохил намудани даромади агентии сайёҳӣ ташаккул меёбад.

Дар ҳисоботи омори давлатӣ шакли № 2 саёҳат (туризм) пешниҳод менамоем, ки маблағи хароҷот барои нигаҳдории агентиҳои сайёҳӣ (барои нигаҳдории иншоот, пардохти меҳнати агентиҳои сайёҳӣ, ҳиссаҷудокуниҳои суғуртавии ҳисобкардашуда аз фонди музди меҳнат, молҳои дафтардорӣ ва ғайра), ки ба сохтори таркибии ширкатҳои сайёҳӣ дохил мешаванд, ҷудо нишон дода шаванд.

Бояд қайд намуд, ки дар мавриди эътироф намудани даромадҳо ва хароҷот дар корхонаҳои сайёҳӣ шаклҳои баҳисобгирии муҳосибӣ, низомҳои гуногуни андозбандӣ ва тартиби эътирофи даромаду хароҷот дар амалияи пешбурди баҳисобгирии муҳосибии ширкатҳо ва агентиҳои сайёҳӣ нақши муҳимро мебозанд. Инчунин, иттилооти эътимодноки шаклҳои ҳисоботи молиявӣ, оморӣ ва андозии корхонаҳои сайёҳӣ сарчашмаи асосии нишондиҳандаҳои фаъолияти корхонаҳои сайёҳиро таҷассум менамоянд.

## 4.2. Рушди методикаи назорати дохилии натиҷаҳои фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ

Вобаста ба хусусиятҳои хоси соҳавии корхонаҳои сайёҳӣ омилҳои таъсиррасони берунаи мустақим, ки ба фаъолияти ширкатҳои сайёҳӣ бевосита таъсир мерасонад: истеъмолкунандагони маҳсулот (хизматрасониҳои сайёҳӣ), рақибон дар бозори хизматрасониҳои сайёҳӣ, иттифоқи касабаи кормандони соҳа, қонунҳо ва идораҳои давлатӣ, вазъи сиёсию иҷтимоии давлат ва ғайраҳо маҳсуб меёбанд.

Ба ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ ва низоми назорати дохилӣ дар корхонаҳои сайёҳӣ омилҳои зерин таъсир мерасонанд: сохтори ташкилии корхона, ки тамоми самтҳои фаъолияти корхонаро дар бар мегирад, аз ҷумла

зерсохторҳои таркибӣ, бизнес-ҷараёнҳо, молиявӣ, нақлиётӣ, мавқеи ҷойгиршавӣ мебошанд, ки сохтор, вазифаҳо, технология ва ҳайати кормандонро фаро мегиранд.

Дар мавриди амалинамоии назорати дохилӣ оид ба натиҷаҳои фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ, риоя намудани пайдарпайии маросимҳои назоратӣ муҳим аст, ки хусусиятҳои фаъолият ва сохтори ташкилии субъектҳои таҳқиқотиро ба инобат гиранд. Барои муайян намудани самтҳои асосӣ ва давраҳои гузарондани назорати даромадҳо, хароҷот ва натиҷаҳои молиявии фаъолияти амалиётӣ, эҳтиёҷот ба иттилооти фаврӣ барои мақсади идоракунӣ ба миён меояд.

Дар замони муосир, амалӣ намудани низоми назорати дохилӣ дар корхонаҳои сайёҳӣ имконият фароҳам меорад, ки маълумоти зарурӣ оид ба даромадҳо ва хароҷот, иттилооти воқеӣ оид ба фаъолияти молиявию хоҷагидории корхона дар заминаи низоми баҳисобгирии муҳосибӣ дастрас карда шавад. Ин маълумотҳо барои истифодабарандагони дохилӣ ва беруна, инчунин баҳодиҳии самаранокии фаъолияти менеҷерони корхона ҷиҳати иҷроиши вазифаҳояшон мусоидат менамояд.

Мақсади назорати дохилии натиҷаҳои фаъолият тасдиқ ва таъмини иттилооти зарурӣ оид ба даромад аз фурӯш, арзиши аслии маҳсулоти сайёҳии фурӯхташуда, хароҷот оид ба ташаккули маҳсулоти сайёҳӣ, назорат аз болои фаъолияти марказҳои масъулият ва шахсони масъул, барои ба даст овардани натиҷаҳои беҳтар дар фаъолияти молиявӣ-хоҷагидорӣ, самаранокии идоракунӣ мебошад.

Шматковская Т.О. қайд менамояд, ки: «Назорати дохилии натиҷаҳои фаъолият бояд мониторинги ҳамаи фаъолиятро фаро гирад, чунки ҳар як амалиёти хоҷагидорӣ ба натиҷаи ниҳоӣ таъсир мерасонад»[1].

Ба ақидаи мо, объекти назорат ҷараёнҳое мебошанд, ки иттилоотро оид ба маблағи даромадҳо аз фурӯши молҳо ва пешниҳоди хадамот инъикос

---

[1] Шматковская Т.О. К проблематике организации системы внутреннего контроля финансовых результатов деятельности предприятия / Т.О. Шматковская, В.В. Ярош // Научные записки Национального университета «Острожская академия»: сб. науч. стир. – Острог: Издательство НУ «Острожская академия», 2014. – Вып. 25.– С. 200-205. – С. 202.

менамоянд, мабалағҳои харочоти мустақим ва ғайримустақиме, ки арзиши аслии фурӯшро ташаккул медиҳанд, инчунин маблағи харочоти фаъолияти амалиётии субъектҳои таҳқиқотӣ мебошанд.

Вазифаҳои асосии назорати дохилии таркиби натичаи молиявӣ дар расми 4.2.1 ба низом даровarда шудааст.




**Расми 4.2.1. – Вазифаҳои асосии назорати дохилии натичаҳои фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Л. В. Чижевская тасдиқ менамояд, ки: «Ташкили низоми назорати дохилӣ бояд ба мақсадҳое такя намояд, ки дар шароити муосир низоми идоракунӣ ба

он эҳтиёҷ дорад»[1].

Ба ақидаи мо, марҳилаи асосии назорати дохилии натиҷаҳои фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ бояд чунин доираҳоро дар бар гирад:

– дар доираи низоми баҳисобгирии муҳосибӣ бояд саривақтӣ, пуррагӣ ва қонунии инъикос намудани амалиётҳои хоҷагидорӣ риоя карда шуда, онҳо гурӯҳбандӣ, баҳодиҳӣ, коркард ва натиҷагирӣ карда шуда, ҳисоботи молиявӣ саривақт пешниҳод карда шавад;

– ташкил ва батанзимдарории қарорҳои идоракунӣ – назорат аз болои ба мақсад мувофиқ ва қонунӣ будани амалиётҳои ҷории иҷрошаванда ва баҳодиҳии имконияти гирифтани натиҷаи муносиби молиявӣ;

– мутобиқ ба мақсадҳои гузошташудаи ҷорӣ ва стратегӣ истифодабарии низоми буҷетикунонӣ – ҳамчун воситаи самарабахши баҳодиҳӣ ва муайян намудани натиҷаи фаъолияти корхона.

Шакли назорати дохилии натиҷаҳои фаъолият дар корхонаҳои сайёҳӣ, аз амалигардонии даврагии маросимҳои назоратӣ, марҳилаҳо ва сатҳҳои пайдоиши онҳо вобастагӣ дорад ва ба намуди назорати пешакӣ, ҷорӣ ва минбаъда ҷудо мешавад (ҷадвали 4.2.1).

И. В. Десяткина марҳилаи доимӣ гузарондани назорати дохилиро ҳамчун: «...заминаи хуби фаъолияти минбаъдаи субъектҳои хоҷагидорӣ, баландшавии даромаднокӣ ва нигаҳдории маводҳои пурарзиш меҳисобад, ки ба корхона имконият медиҳад дар оянда нафъи иқтисодӣ гирад»[2]. Ба ақидаи Р. Л. Хомяк: «...ин имкон медиҳад, ки иттилооти саҳеҳ оид ба вазъи объектҳои идоракунӣ гирифта шавад, камбудиҳои муайяншуда бартараф карда шаванд ва ба қабули қарори идоракунӣ таъсир расонда шавад»[3]. Ба ақидаи мо, марҳилаи

---

[1] Чижевская Л. В. Внутренний контроль расходов и доходов предприятий гостиничного хозяйства / Л. В. Чижевская, Я. В. Остапенко // Научные труды Полтавской государственной аграрной академии. – Вып. 2(7). – Т.1. – Полтава: ПГАА, 2013. – С. 302-310. – С. 306.

[2] Десяткина И. В. Порядок проведения внутреннего контроля в заведениях ресторанного хозяйства / И. В. Десяткина // Проблемы теории и методологии бухгалтерского учета, контроля и анализа – 2011. – № 3 (21) Ч. 2. – С. 44-52. – С. 48.

[3] Хомяк Р.Л. Внедрение системы внутреннего контроля за наличием и расходованием товарных запасов на предприятиях ресторанного бизнеса / Р.Л. Хомяк, Т.Р. Хомяк, И.Л. Тютяк, А.Л. Тютяк // Актуальные проблемы развития учета, контроля и анализа в условиях

пешниҳодшудаи назорати дохилӣ ба назорати фаврӣ (ҷорӣ) дохил мешавад.

Шматковская Т.О. тасдиқ менамояд, ки: «Истифодабарии таҳлили амудӣ ва уфуқӣ барои низоми назорати дохилии натиҷаҳои фаъолияти корхонаро беҳтар менамояд»[1].

**Ҷадвали 4.2.1. – Марҳилаҳои гузаронидани назорати дохилии натиҷаҳои фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ**

| Номи марҳила | Тавсифот |
|---|---|
| Пешакӣ | баҳодиҳии амалиёти хоҷагидорӣ пеш аз амалишавии онҳо, аз нуқтаи назари мақсаднокӣ, қонунӣ мутобиқи риояи талаботҳои ҳуҷҷатҳои меъёрӣ. Вазифаҳои назорати пешакӣ инҳо мебошанд: тартиб додани харҷномаи (буҷетҳои) хароҷоти зерсохторҳо; таъин намудани шахсони масъул барои назорати иҷроиши онҳо; муайян намудани андозаи муносиби хароҷот. |
| Ҷорӣ (фаврӣ) | дар раванди фаъолияти молиявӣ-хоҷагидории корхона барои сари вақт ва фаврӣ ошкор намудан ва пешгирии кмбудиву норасоиҳо ва майлкуниҳо аз нақша амалӣ карда мешавад. Дар ин давра назорат тамоми самтҳои фаъолияти корхона, низоми таъминоти иттилоотӣ, аз ҷумла риояи меъёрҳо, стандартҳо, қоидаҳо, ташкили дурусти равандҳои хоҷагидорӣ, баҳодиҳӣ, ташхис, таҳлили фаврии фаъолияти корхона ва зерсохторҳои онро бо хароҷоти камтарин бояд таъмин намояд. |
| Минбаъда | санҷиши амалиётҳоро пас аз амалишавии онҳо, бо роҳи гузаронидани тафтишот ва санҷишҳои мавзуӣ пешбинӣ менамояд. Санҷиши вазифаҳои аз ҷониби роҳбарият гузоштташуда бо мақсади муайян намудани камбудиҳо дар фаъолият ва таъсири онҳо ба қабули қарорҳои идоракунӣ |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Моҳияти усули амудии назорат дар он аст, ки баҳодиҳӣ, таҳлил, санҷиш ва назорат оид ба даромадҳои гирифташуда ва хароҷот аз рӯйи марказҳои масъулият гузаронда шавад. Усули уфуқии назорат бошад, таҳлили даромад, хароҷот ва натиҷаҳои молиявиро аз рӯйи намуди онҳо, бо роҳи тартиб додани буҷетҳо ва муқоиса намудани нишондиҳандаҳои ҳақиқӣ бо буҷетро пешбинӣ менамояд. Бинобар ин, методикаи назорати дохилии натиҷаҳои фаъолияти корхонаҳои таҳқиқшавандаро дар доираи марказҳои хароҷот ва марказҳои

глобальных экономических изменений: матер. междунар. науч.–практ. конф. (г. Полтава, ПУЭТ, 7–8 октября 2010 г.). – Полтава: ООО "АСМИ", 2010. – 500 с. – С. 445

[1] Шматковская Т.О. К проблематике организации системы внутреннего контроля финансовых результатов деятельности предприятия / Т.О. Шматковская, В.В. Ярош // Научные записки Национального университета "Острожская академия": сб. науч. стир. – Острог: Издательство НУ "Острожская академия", 2014. – Вып. 25. – 396 с. – С. 203.

даромад, оид ба маҳсулоти фурӯхташуда ва хадамоти расондашуда дида баромадан ба мақсад мувофиқ аст.

Дар вақти гузарондани назорати дохилии марказҳои даромад ва хароҷоти корхонаҳои сайёҳӣ, истифодабарии усулҳои гуногун, ки кулли усулҳо ва роҳҳои молиявӣ, иқтисодӣ, ташкилӣ, фаврӣ-техникӣ ва ҳақиқӣ барои санҷиши даромад, хароҷот ва натиҷаҳои молиявии корхона маҳсуб меёбанд, тавсия дода мешавад.

Назорати дохилии хароҷот ба воситаи расмиётҳои назоратӣ гузаронида мешавад, ки хусусиятҳои хоси фаъолият ва сохтори таркибиро ба назар гирифта, имконият фароҳам меорад, объекти назорат, ҳаҷми он ва майлкуниҳо аз рӯйи онҳо муайян карда шаванд.

Ж. С. Труфин пешниҳод менамояд, ки: «назорати дохилӣ дар ду ҷанбаи ҷудошуда: иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ амалӣ карда шавад. Зери ҷанбаи иқтисодӣ низоме фаҳмида мешавад, ки иттилооти саҳеҳ оид ба маблағҳои масрафшуда, ҳуқуқӣ бошад, муайян намудани марказҳои масъулият дар мазеи пайдоишро ташаккул медиҳад»[1].

Назорат оид ба хароҷоти истеҳсолиро амалӣ намуда, пеш аз ҳама таркиб, номгӯй ва мақсаднокии онҳо омӯхта мешавад, ки он имкон медиҳад ҳисобкунии дақиқи арзиши аслии хизматрасонӣ тартиб дода шавад ва назорати ҳақиқии чунин хароҷот барои муносиб шудани онҳо ташкил карда шавад. Санҷиш аз дуруст ҳамроҳ кардани хароҷоти бевосита ва бавосита ба марказҳои масъулияти мувофиқ ва муқаррар намудани моддаҳои хароҷот оғоз мегардад. Бо ин мақсад, маълумотҳои баҳисобгирии хароҷоти мустақим ва ғайримустақим санҷида мешавад, ки он имкон медиҳад назорати фаврӣ оид ба масрафҳои харҷшуда, ки арзиши аслии фурӯши маҳсулот ва расондани хадамот ба роҳ монда шавад. Мутаносибан, барои низоми идоракунӣ иттилооти зарурӣ ташаккул меёбад, ки ин имкон медиҳад захираҳо барои паст кардани хароҷот

[1] Труфина Ж.С. Внутренний контроль как один из механизмов формирование управления издержками производства / Ж.С. Труфина: [Электронный ресурс] – Режим доступа: http://www.chteiknteu

то сатҳи муносиб ёфта шаванд.

Марҳилаи зарурии назорати хароҷоти истеҳсолӣ назорати истифодабарии захираҳои моддӣ ва меҳнатӣ мебошад. Чунин назорат яке аз қисматҳои меҳнатталаб мебошад, чунки амалинамоии маросимҳои назоратӣ оид ба истифодабарии (истеъмоли) намудҳои гуногуни захираҳоро талаб менамояд, ки ин имкон медиҳад бузургии хароҷот бо ҳисобкунии нақшавӣ назорат карда шавад. Пеш аз ҳама дуруст тартиб додани калкулятсия барои хадамоти ҷойгиркунӣ дар ҳуҷраи меҳмонхонаҳо, барои пешниҳоди дигар хизматрасониҳо (шуъбаи иҷора, сартарошхона ва ғайра) ва калкулятсия дар корхона барои хӯрокаҳои алоҳида ва дигар маводҳо барои фурӯш иҷро карда мешавад. Ба ғайр аз ин, саривақтӣ ва эътимоднокии дар ҳисобгирӣ инъикос кардани амалиётҳо оид ба қабул, нигаҳдорӣ ва бор кардани захираҳои моддӣ дар корхона, истифодабарии онҳо дар меҳмонхона ва дигар зерсохторҳои таркибии субъекти таҳқиқотӣ бояд назорат карда шаванд. Дурустии сарфи захираҳо мутобиқи меъёрҳои муқарраршуда ва омӯзиши соқит кардани онҳо санҷида мешавад. Диққати махсус ба истифодабарии маҳсулоти хӯрокворӣ барои тайёр кардани хӯрок ва меъёрҳои муайяншуда дода мешавад.

Дар вақти санҷиши риояи шароити нигаҳдории маҳсулот дар корхона, ба миқдори маҳсулоти соқиткардашуда ва аз меъёр зиёд шудани партовҳо дар натиҷаи тайёр кардани хӯрокаҳо бояд диққати ҷиддӣ дода шавад. Барои ин, шароити дуруст нигаҳдорӣ ва риояи муҳлати нигаҳдорӣ санҷида мешавад. Бо мақсади муносиб намудани чунин хароҷот бояд ҷавобгарии моддии шахсони масъулро аниқ карда, дар ҳолати муайян шудани камбудиҳо, маблағи талафоти расондашуда аз ҳисоби онҳо рӯёнида шавад.

Усули самараноки назорати маблағҳои масрафшуда санҷиши мутақобила ва усули муқоисавӣ бо маълумоти ҳуҷҷатҳои аввалия, мувофиқати иттилооти нишондиҳандаҳои баҳисобгирии таҳлилӣ ва таркибӣ мебошад. Дар корхона бояд дуруст баҳодиҳии маҳсулот дар мавриди дохилшавӣ ва хориҷшавӣ ба инобат гирифта шавад, дуруст тартиб додан ва тасҳеҳ дар низоми баҳисобгирии иттилоотӣ дар ҳисобкунии тақсимоти майлкуниҳои арзиши

хариди маҳсулот аз арзиши баҳисобгирӣ нишондодашуда санҷида шаванд.

Дар марҳилаи назорати хароҷоти истеҳсолӣ, ташаккули хароҷоти мустақим ва ғайримустақим, ки арзиши аслии фурӯши маҳсулот дар корхона ва фурӯши хадамоти пешниҳодшудаи меҳмонхона ва дигар зерсохторҳои таркибиро ташкил медиҳанд, бояд пурра санҷида шаванд. Ба тартиби тақсимоти хароҷоти ғайримустақим ва риояи манбаи тақсимкунии интихобшуда мутобиқи сиёсати баҳисобгирии корхона бояд диққати махсус дода шавад. Чунин назоратро аз намуди маҳсулоти фурӯхташаванда ва хадамоти пешниҳодшуда амалӣ намудан зарур аст.

Пешниҳод менамоем, ки нишондиҳандаҳо оид ба натиҷаи назорати хароҷот оид ба истеҳсоли маҳсулоти сайёҳӣ дар маълумотнома оид ба назорати ташаккули арзиши аслии маҳсулоти фурӯхташудаи корхонаи сайёҳӣ ва варақаи назоратии ташаккули арзиши аслии пешниҳоди хадамоти ҷойгиронӣ нишон дода шаванд. Натиҷаи назорати хароҷоти бавосита ва бевосита барои пешниҳоди дигар хадамотро низ пешниҳод менамоем ва дар маълумотномаи мувофиқи назорат инъикос намоем, ки барои ҳар як намуди хизматрасонии корхона алоҳида бурда мешавад.

Равандҳо ба методикаи назорати дохилии хароҷоти истеҳсолии корхонаҳои сайёҳӣ дар расми 4.2.2 нишон дода шудааст.

Ба воситаи амалинамоии чунин маросимҳои назоратӣ, низоми идоракунӣ метавонад иттиллоти дақиқро оид ба маблағҳои хароҷоти воқеии истеҳсолӣ оид ба расондани хизматрасонӣ ба даст орад. Ба ғайр аз ин, методикаи пешниҳодшудаи назорати дохилии хароҷоти истеҳсолӣ имкон медиҳад, ки самтҳои ғайрифоидаовари фаъолияти корхонаҳои сайёҳиро ошкор намояд ва арзиши аслии онро самаранок идора намояд.

Натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳад, ки хароҷоти умумихоҷагӣ асоси таркибии хароҷоти истеҳсолии корхонаҳои сайёҳиро ташкил медиҳанд ва равиши низомноки гузарондани назорати дохилиро талаб менамоянд. Ба ақидаи мо, санҷиши чунин хароҷотро аз омӯзиши моҳият, сохтор ва таркиби он, санҷиши мақсаднокии иқтисодии ҳамроҳ кардани онҳо ба таркиби

хароҷоти умумихоҷагӣ бояд оғоз намуд. Диққати махсусро бояд ба давраи назорати ҷорӣ ҷалб намуд, ки дар ин давра камбудиҳои ошкоршуда фавран ва сари вақт пешгирӣ карда мешаванд (дар ҳисобгирӣ инъикос ёфтани масрафоте, ки ба хароҷоти умумихоҷагӣ рабт надоранд) ва майлкуниҳое, ки дар ҷараёни фаъолияти хоҷагидорӣ ба амал меоянд.




**Расми 4.2.2. – Методикаи назорати дохилии хароҷоти истеҳсолии корхонаҳои сайёҳӣ**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Дар вақти санҷиши хароҷоти умумихоҷагӣ, диққати асосӣ ба дуруст ҳисобкунии истифодабарии газ, қувваи барқ, об, риояи меъёри истифодабарии онҳо ва ёфтани захираҳо барои сарфаи онҳо дода мешавад.

Методикаи назорати дохилии хароҷоти умумихоҷагии корхонаҳои сайёҳӣ дар расми 4.2.3 пешниҳод карда шудааст. Дар ин расм тартиби ҳамроҳ

кардани хароҷоти умумихоҷагӣ ба хароҷоти зерсохторҳои таркибӣ дар асоси базаи тақсимотӣ нишон дода шудааст, ки давраи муҳимми назорат мебошад.




**Расми 4.2.3. – Методикаи назорати дохилии хароҷоти умумихоҷагии корхонаҳои сайёҳӣ**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Раванди пешниҳодшудаи амалинамоии назорати дохилии хароҷоти умумихоҷагии корхонаҳои сайёҳӣ имкон медиҳад, ки арзиши аслии фурӯши маҳсулот ва арзиши аслии хизматрасониҳо дар меҳмонхона, корхона, ширкати сайёҳӣ ва агентии сайёҳӣ ва дигар намуди хизматрасониҳо бо мақсади муайян намудани мақсаднокӣ ва муносибии онҳо барои ҳар як намуди хизматрасонӣ назорат карда шаванд. Инчунин, равиши мазкур шароит фароҳам меорад, ки назорати фаъолияти марказҳои хароҷот баҳо дода шуда, таъсири ҳар як маркази масъулият ба натиҷаи фаъолият муайян карда шавад.

Назорати дохилии хароҷот барои фурӯши маҳсулоти (хизматрасониҳои) корхонаҳои сайёҳӣ, бо мақсади санҷиши пеш аз ҳама, дуруст инъикос

намудани чунин хароҷот ва аниқ тақсим намудани онҳо ба марказҳои даромад мувофиқ мебошад. Маркази даромадҳое, ки мувофиқи онҳо хароҷот ташаккул меёбанд, мутобиқи сохтори ташкилии корхона кушода мешаванд. Ин имкон медиҳад, ки низоми идоракунӣ, иттилоотро оид ба маблағҳои масрафшуда, дар доираи марказҳои интихобшуда, бо мақсади муайян намудани самаранокии фаъолияти он ҷамъбаст намояд.

Дар ҷараёни хизматрасонии мизоҷон пурра инъикос ёфтани масрафҳои харҷшуда мувофиқи марказҳо санҷида мешавад. Пас аз маълум шудани масрафҳои харҷшуда, давраи дигари назорат санҷиши ҳуҷҷатҳои аввалия мебошад, ки дуруст ба расмият даровардани барандагони ахбороти баҳисобгирӣ ва гузарондани хароҷот ба ҳисоби мутобиқи таҳлилӣ дар асоси моддаҳои пешбинишудаи хароҷот назорат карда мешавад.

Бо мақсади назорати самараноки хароҷот барои фурӯши корхонаҳои сайёҳӣ пешниҳод менамоем, ки варақаи назоратӣ-ҷамъбастиии хароҷоти фурӯш истифода бурда шавад. Варақа ташаккули иттилоотро оид ба маблағҳои сарфшуда, мувофиқи моддаҳои пешниҳодшудаи хароҷотро дар доираи марказҳои даромади корхона пешбинӣ менамояд. Ҳуҷҷати пешниҳодшуда имкон медиҳад, ки сохтор, таркиб ва мақсаднокии хароҷот ва муносибии он муайян карда шавад.

Равандҳо дар методикаи назорати дохилии хароҷот барои фурӯши маҳсулоти корхонаҳои сайёҳӣ дар расми 4.2.4 оварда шудааст.

Методикаи пешниҳодшудаи назорати дохилии фурӯш имкон медиҳад, ки иттилооти саҳеҳро оид ба арзиши аслии ҳақиқии хизматрасониҳо барои амалӣ намудани назорати фаврии хароҷот ба даст оварда шавад ва дақиқияти натиҷаҳои фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ баланд бардошта шавад.

Назорати дохилии даромад аз фурӯш, иттилооти эътимоднокро оид ба маблағҳои гирифташуда дар давраи мутобиқ, инчунин санҷиши риояи ҳаракати селаи пулиро дар мавриди пардохти арзиши маҳсулот ва хизматрасонӣ пешбинӣ менамояд.




**Расми 4.2.4. – Методикаи назорати дохилии хароҷоти фурӯши маҳсулоти корхонаҳои сайёҳӣ**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Дар давраи пешакии назорат бояд тафсил вобаста аз намуди гирифтани он: даромад аз фурӯши маҳсулот, даромад аз пешниҳоди хизматрасониҳои меҳмонхона ва даромад аз пешниҳоди дигар хизматрасониҳо муайян карда шавад. Дар мавриди санҷиши даромад, бояд ҳаҷми даромад аз фурӯши маҳсулоти сайёҳӣ ва ҳаҷми хизматрасониҳои дигари пешниҳодшуда омӯхта шаванд. Ин чунин маъно дорад, ки ҳар як намуди даромад вобаста ба сарчашмаи он, тартиби ҳисоббаробаркунӣ ва тартиби ташаккулёбии онҳо санҷида шаванд. Инчунин, риояи талаботҳои сиёсати баҳисобгирӣ, вобаста ба эътироф, баҳодиҳӣ ва баҳисобгирии даромадҳо, муайян намудани мутобиқати инъикоси маблағи даромадҳо дар ҳисобҳои таҳлилии 44010 «Даромад аз фурӯш» ва феҳрасти баҳисобгирии таҳлилӣ, дар асоси ҳуҷҷатҳои аввалияи баҳисобгирӣ, муайян намудани пуррагӣ ва саривақтии инъикоси иттилоот дар

ҳисоботи идоракунӣ, барои қабули қарорҳои фаврии идоракунӣ санҷида мешаванд.

Дар давраи назорати ҷорӣ, баҳодиҳии таркиб ва сохтори даромадҳои гирифташуда гузаронда мешавад. диққати махсус ба тарзи гирифтани даромад: накдӣ ё ғайринакдӣ дода мешавад. Дар як вақт, ба тарзи гирифтани маблағҳои ғайринакдӣ: ба ҳисоби ҷорӣ, мутобиқи ҳисоби пешниҳодшуда ё ҳисоббаробаркунӣ барои хизматҳои расондашуда ба воситаи корти бонкӣ, бо пули миллӣ ё асъори хориҷӣ диққати махсус дода мешавад. Дар мавриди ҳисоббаробаркунии накдӣ, риояи талаботи хазинавӣ оид ба ҳаракати воситаҳои пулӣ назорат карда мешавад. Дар ҳолати ҳисоббаробаркунӣ оид ба даромадҳои гирифташуда бо тарзи пардохти минбаъда, бо мақсади баландбардории сатҳи пардохтадокунӣ, санаи дохилшавии маблағҳо ба ҳисоби ҷорӣ назорат карда мешавад.

Бо ёрии маросимҳои таҳлилӣ, пешниҳод менамоем, ки натиҷагирии фаъолияти ҳар як зерсохтори таркибӣ вобаста ба намудҳои хизматрасониҳои пешниҳодшаванда ва маркази фурӯши маҳсулоти сайёҳӣ муайян карда шавад. Дар доираи он имконият фароҳам меояд, ки иттилооти фаврӣ оид ба даромаднокии фурӯши хадамоти пешниҳодшуда аз рӯйи сегментҳо ташаккул дода шавад. Он имконият медиҳад, ки ҷиҳати ҳавасмандгардонии менеҷерон қарорҳои идоракунии дахлдор қабул карда шавад.

Дар марҳилаи назорати минбаъда, санҷиши даромадҳои гирифташуда пас аз эътирофи онҳо, бо пурра инъикос ёфтани онҳо дар мавзеи бавуҷудоӣ ва марказҳои масъулият, бо мақсади ошкор намудани камбудиҳо дар фаъолият ва ҷустуҷӯи захираҳо, барои баланд бардоштани даромади корхона амалӣ карда мешавад.

Мутобиқи методикаи пешниҳодшудаи назорати дохилии даромад аз фурӯши маҳсулоти сайёҳӣ ва пешниҳоди хизматрасониҳо, пешниҳод менамоем, ки онҳоро дар Маълумотномаи назорати дохилии даромадҳо аз пешниҳоди хизматрасониҳо, Варақаи назорати дохилӣ аз фурӯши маҳсулот (дар дохили марказҳои даромадҳои ҷудошуда) ва Маълумотномаи назорати

дохилии даромадҳо аз хизматрасониҳои расондашуда нишон дода шаванд.

Методикаи назорати дохилии даромадҳо аз фурӯши маҳсулоти сайёҳӣ ва пешниҳоди хизматрасониҳои корхонаи сайёҳӣ дар расми 4.2.5 пешниҳод карда шудааст. Назорати дохилии натиҷаҳои фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ санҷиши ҳама ҷанбаҳои фаъолиятро дар бар мегирад, чунки ҳар як амалиёти хоҷагидории гузарондашуда ба нишондиҳандаҳои фаъолияти онҳо таъсир мерасонад. Давраҳои пешакӣ ва ҷории назорат, ки дар доираи он маросимҳои назоратии гуногун гузаронда мешаванд, муҳим мебошанд. Дар натиҷа, имконияти назорати фаъолияти ҷорӣ, баҳодиҳии самаранокии фаъолият ва қабули қарорҳои фаврии идоракунӣ таъмин карда мешавад.




**Расми 4.2.5. – Методикаи назорати дохилии даромад аз фурӯши корхонаҳои сайёҳӣ**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Алалхусус, давраи назорати пешакӣ, барои интихоби маросимҳои назоратӣ барои ҷараёни ташаккул, тақсимот ва истифодабарии натиҷаҳои

молиявӣ истифода бурда мешавад.

Дар давраи назорати ҷорӣ тартиби дурустии ташаккулёбии даромадҳо ва хароҷот, инчунин натиҷаи молиявии фаъолияти корхонаи сайёҳӣ санҷида мешавад. Дар ин марҳила таҳлили майлкунии даромадҳо, хароҷот ва натиҷаи молиявӣ аз нишондиҳандаҳои нақшавӣ (буҷетӣ) гузаронда мешавад, ки иттилооти фаврии низоми идоракунӣ, ҷустуҷӯи захираҳои имконпазири зиёд кардани доираи фаъолиятро таъмин менамояд.

Барои муайян намудани натиҷаҳои фаъолияти зерсохторҳои таркибӣ, марказҳои масъулият, аз рӯйи намудҳои алоҳидаи маҳсулоти сайёҳӣ ва хизматрасониҳои гуногуни сайёҳӣ, ҳисобҳои таҳлилии алоҳида пешбинӣ карда мешавад, ки дар онҳо натиҷаҳои молиявии фаъолияти асосӣ ва марказҳои даромад аз фурӯш муайян карда мешавад. Дар асоси иттилооти саҳеҳи гирифташуда оид ба натиҷаҳои фаъолият, таҳлили амиқи самаранокии марказҳои масъулият, даромаднокии хизматҳои расондашуда, масрафоти оқилона гузаронда мешавад.

Дар марҳилаи назорати минбаъда, тартиби дуруст муайян намудани натиҷаҳои молиявӣ, тақсимоти минбаъдаи натиҷаи молиявӣ ва аз рӯйи самтҳо истифодабарии онҳо (рӯйпӯш намудани зарари солҳои гузашта, пурра намудани сармояи захиравӣ, ташкил намудани фондҳо ва захираҳо, пардохти андозҳо ба буҷет ва ғайра) санҷида мешавад. Ба ғайр аз ин, баҳодиҳии нишондиҳандаҳои ташаккули фоида, муайян намудани омилҳои гуногун, ки ба фоида таъсир мерасонанд, ҷустуҷӯи захираҳои зиёдшавии фоида амалӣ карда мешаванд.

Ба ғайр аз ин, барои самаранокии фаъолияти марказҳои масъулият ва шахсони масъул, дар давраи назорати минбаъда ба фаъолияти марказҳои даромад, хароҷот ва фурӯши маҳсулоти сайёҳӣ диққати ҷиддӣ дода мешавад.

Методикаи пешниҳодшудаи назорат барои назорати хизматрасониҳои асосӣ ва иловагӣ мусоидат намуда, барои назорати баҳисобгирии меъёри фоида ва ташаккули нархи фурӯши маҳсулоти сайёҳӣ истифода бурда мешавад. Барои низоми идоракунии корхона бошад ин методика ҷиҳати назорати тағйирёбии

арзиши аслии маҳсулоти сайёҳӣ, тағйирёбии арзиши захираҳо, мавқеъ пайдо намудан дар бозори хизматрасониҳои сайёҳӣ ва рақобатнокии маҳсулоти сайёҳӣ мусоидат менамояд. Ба ғайр аз ин, методикаи пешниҳодшудаи назорат имкон медиҳад, ки қувваи захиравӣ маржаи бехатарӣ муайян карда шуда, мутаносибан ба мизоҷони доимӣ низоми тахфиф барои ҳар як намуди хизматрасонии корхона пешниҳодкунанда ҷорӣ карда шавад.

Иттилоот оид ба натиҷаи назорати дохилии гузарондашуда, вобаста аз марказҳои масъулияти муайяншуда бояд ташаккул ёбад. Салоҳият ва ваколати сатҳи мувофиқи назоратро ба инобат гирифта, иттилоот барои давраи мутобиқ (вобаста аз ҳаҷми фаъолият: ҳафта, даҳ рӯз, моҳ, семоҳа) барои назорати фаврӣ вобаста ба ҳар як маркази масъулият ҷамъ карда мешавад, ки асоси таркибии онро намуди хизматрасонӣ ва гурӯҳи маҳсулот ташкил медиҳад ва онро роҳбарияти корхона истифода мебарад. Ҳар як ҷузъи таркибии арзиши аслии хизматрасонӣ ва фурӯши маҳсулотро ташкилдиҳанда, дар сатҳи ҷузъии таҳлилии низоми баҳисобгирии пешниҳодшуда, яъне марказҳои масъулияти аниқшуда назорат карда мешаванд. Иттилооти ҷамъбастшуда дар сатҳи зерсохторҳои таркибӣ имкон медиҳад, ки натиҷагирии фаъолияти онҳо осон ва масъулияти роҳбарони марказ фардӣ карда шавад.

Методикаи назорати натиҷаҳои фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ дар расми 4.2.6 пешниҳод мешавад.

Мувофиқан, нишондиҳандаҳои фаъолият аз тарафи роҳбарони зерсохторҳои таркибӣ ва роҳбарияти корхона назорати муштарак бурда мешавад. Роҳбарони зерсохторҳои таркибӣ аз маблағи даромадҳои гирифташуда аз пешниҳоди хизматрасониҳо (фурӯши маҳсулот), маълумот оид ба маблағҳои сарфшудаи хароҷот барои ҳар як намуди хизматрасонӣ, ки арзиши аслии фурӯшро ташкил медиҳанд, манфиатдор мебошанд. Роҳбарият ва муассисони корхона манфиатдоранд, ки натиҷаи фаъолияти корхона дар умум ва фаъолияти ҳар як маркази масъулият, шахсони масъул, намудҳои алоҳидаи маҳсулот ва хизматрасониҳои сайёҳӣ хуб бошад.




**Расми 4.2.6. – Методикаи назорати натиҷаҳои фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Барои иҷрои маросимҳои назоратии пешниҳодшудаи корхонаҳои таҳқиқшаванда ба таъминоти иттилоотӣ бояд диққати ҷиддӣ дода шавад. Дар ин бора С.М. Петренко тасдиқ менамояд, ки: «Истифодабарии маълумоти пурраи баҳисобгирӣ барои низоми назорати дохилӣ имконият медиҳад, ки манбаи ягонаи иттилоотӣ ташкил карда шавад»[1].

Дар ҷадвали 4.2.2 назорати дохилии фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ

[1] Контрольно–аналитический механизм в управлении бизнесом предприятия: /монография / С. М. Петренко, И. В. Сименко. – Донецк: ДонНУЭТ, 2011. – 232 с. – С 183.

вобаста аз намудҳои хизматрасонӣ оварда шудааст, ки самтҳои асосии назорати дохилии корхонаҳоро инъикос менамояд. Дар доираи фаъолияти худ барои васеъ намудани самти фаъолият корхонаҳои сайёҳӣ ба он ҳавасманд аст, ки дар ҳар як маркази масъулият ва намудҳои хизматрасонӣ захираҳои истифоданашуда ҷалб карда шаванд ва хароҷоти корхона ба танзим дароварда шавад.

**Ҷадвали 4.2.2. – Назорати дохилии фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ вобаста аз намудҳои хизматрасонӣ**

| Намуди хизматрасонӣ | Самти назорат | Сарчашмаҳои иттилоотӣ |
|---|---|---|
| Хизматрасонии ширкати сайёҳӣ | назорати пешниҳоди маҳсулоти сайёҳӣ, назорати хароҷот барои ташаккули арзиши аслии маҳсулоти сайёҳӣ, назорати даромад аз фурӯши роҳхати саёҳат | ҳисобнома, варақаи баҳисобгирии хароҷот ва даромадҳо, варақаи назорати дохилии даромадҳо ва хароҷот, буҷетҳо |
| Хизматрасонии агентии сайёҳӣ | назорати фурӯши роҳхати сайёҳӣ, назорати пардохти подошпулӣ барои фурӯши роҳхати сайёҳӣ, назорати хароҷоти тарғиботи маҳсулоти сайёҳӣ | ҳисобнома, варақаи баҳисобгирии хароҷот ва даромадҳо, варақаи назорати дохилии даромадҳо, буҷетҳо |
| Хизматрсонии роҳбалад-тарҷумонҳо | назорати пешниҳоли хизматрасонии роҳбалад-тарҷумонҳо, назорати ташаккули арзиши аслии хизмарасонии роҳбалад-тарҷумонҳо, назорати даромад ва хароҷоти роҳбалад-тарҷумонҳо | ҳисобнома, варақаи баҳисобгирии хароҷот ва даромадҳо, варақаи назорати дохилии даромадҳо, буҷетҳо |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Аз натиҷаи таҳқиқоти гузарондашуда дар расми 4.2.7 мо методикаи умумии гузаронидани назорати дохилии натиҷаи фаъолияти корхонаҳои сайёҳиро пешниҳод менамоем.

Дар ҷараёни гузарондани назорат бояд нишондиҳандаҳое истифода бурда шаванд, ки натиҷаи фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ ва дурнамои васеъ намудани фаъолияти онҳоро тавсиф намояд.




**Расми 4.2.7. – Марҳилаҳои назорати дохилии натиҷаҳои фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Ба чунин нишондиҳандаҳо метавон фаъолнокии тиҷоратӣ, бозоргирӣ, пардохтпазирӣ, даромаднокӣ, самаранокӣ, баҳодиҳии ҳолати амвол ва ба инҳо

монандро дохил намуд. Барои ҳамин, хадамоти назорати дохилӣ бояд чунин ҳисобкуниҳои таҳлилиро гузаронад: таҳлили боҳамалоқамандии хароҷот, ҳаҷми фурӯши маҳсулоти сайёҳӣ (хизматҳои расондашуда) ва фоида; таҳлили нишондиҳандаҳои даромаднокӣ, вазъи молиявӣ ва устувории молиявӣ, таҳлили омилии фоида аз фаъолияти амалиётӣ ва ғайра.

Ҳамин тавр, низоми назорати дохилии пешниҳодшуда мукаммалгардонии методикаи назорати дохилии корхонаҳои сайёҳӣ имконият медиҳад, ки сари вақт ва аниқ майлкуниҳо аз нақша ошкор карда шаванд, инчунин хатоиҳо, ноаниқиҳо ва тағйирёбиҳо самаранок пешгирӣ шаванд ва ин ба беҳтар гардидани натиҷаҳои фаъолияти корхона мусоидат менамояд. Барои баланд бардоштани аҳаммияти маросимҳои методии пешниҳодшуда, мо методикаи назорати фаъолияти корхонаҳои таҳқиқшавандаро ба тавсиб расондем, ки имконият медиҳанд пайдарпайии гузарондани чорабиниҳои назоратиро муайян намоянд, инчунин натиҷаҳои назорати гузарондашударо ба истифодабарандагони иттилоот фаврӣ ва бонизом пешниҳод намоянд.

Дар натиҷаи таҳқиқоти гузарондашудаи низоми назорати дохилии натиҷаҳои фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ чунин хулосаҳо бароварда шуданд:

Дар шароити муосири рушди иқтисодиёти миллӣ, низоми идоракунии корхонаҳои сайёҳӣ ба ҷорӣ намудан ва истифодабарии низоми самараноки назорати дохилӣ ҳавасманд мебошад. Аз натиҷаҳои таҳқиқоти гузарондашуда, дар доираи зерсохторҳои таркибӣ, марказҳои масъулият, шахсони масъул ва марказҳои хароҷот нақшаи умумии ташкили назорати дохилӣ пешниҳод карда мешавад, ки принсипҳо ва омилҳои ба сохтори низоми назорат таъсиррасон ба инобат гирифта шудаанд. Вобаста ба талаботҳои принсипҳои сарфакорӣ ва мақсаднокӣ барои таҳия ва коркарди ҷараёни назорати дохилӣ ба марҳилаҳо ҷудо карда шуда, модели ташкилии низоми назорати дохилии фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ пешниҳод карда шудааст. Вобаста ба гунгунҷабҳагии фаъолият ва сохтори ташкилии корхонаҳои сайёҳӣ низоми бисёрсатҳаи назоратӣ вобаста ба хусусиятҳои хоси онҳо мутобиқ ҳисобида шуд.

Тасдиқ карда шуд, ки низоми назорати корхонаҳои сайёҳӣ хусусиятҳои

хоси худро доранд ва дар натиҷа пешниҳод карда шуд, ки низоми назорат мутобиқи сохтори ташкилии субъектҳои таҳқиқотӣ ташкил карда шавад, ки ин имкон медиҳад низоми бисёрсатҳаи назоратӣ таҳия карда шуда он ҷавобгарии фардии роҳбарони зерсохторҳои таркибӣ ва кормандонро пешбинӣ намояд. Тақсимоти вазифаҳои назоратӣ ба иҷрокунандагони ҷараён имконият медиҳад, ки маросимҳои муносиби назоратиро ҷорӣ намоянд, иҷроиши нишондиҳандаҳои буҷетӣ (нақшавӣ)-ро пайгирӣ намуда, сабабҳои майлкуниҳоро муайян намоянд ва ба амалишавии амалиётҳои хоҷагӣ таъсири фаврӣ расонанд. Дар асоси таҳқиқоти гузарондашуда пешниҳод карда шудааст, ки барои фаъолияти самараноки низоми назорати дохилӣ объектҳо ва маросимҳои назоратӣ, дар асоси номгӯй ва мазмуни ҳуҷҷатҳои асосии меъёрӣ, байни субъектҳои назоратӣ мушаххас карда шавад.

Методикаи назорати дохилии ҳаракати дороиҳои махсуси кории корхонаҳои сайёҳӣ ва тартиби хоси истифодабарӣ ва истеъмоли он дар фаъолияти хоҷагидорӣ пешниҳод карда шудааст. Методикаи пешниҳодшудаи назорат дар асосноккунӣ ва амалинамоии маросимҳои аудиторӣ, равиши онҳо, кушоиши роҳҳои асосии методӣ, амалиётҳои назоратӣ ва пайдарпайии истифодабарии онҳо ифода меёбад. Барои ба амал баровардани назорати самарабахш пешниҳод шудааст, ки барои дороиҳои таҳқиқшаванда чунин ҳуҷҷатҳои назоратӣ таҳия карда шаванд: Варақаи назорати ҳаракати дороиҳои махсуси ғайригардишӣ ва гардишӣ; варақаи назорати фаврии ҳаракати таҷҳизоти махсус, варақаи назорати додан ва гирифтани либосҳои махсус, варақаи фардии кормандон ва ғайра. Истифодабарии феҳрастҳои пешниҳодшуда имкон медиҳад, ки иттилооти зарури ташаккул ёбад, ҳаракат ва истифодабарии онҳо назорат карда шавад, ки барои идоракунии самарабахш мусоидат менамояд.

Тасдиқ карда шуд, ки усули муҳимми назорати дороиҳои махсуси корӣ дар корхонаҳои сайёҳӣ барӯйхатгирӣ мебошад. Дар натиҷаи таҳқиқот пайдарҳамии марҳилаҳои худии гузарондани барӯйхатгирии дороиҳои нишондодашуда пешниҳод шудааст, ки имконият медиҳад алоқаи дурусти

иттилоотӣ ташкил карда шавад, пайдарпайӣ ва эътимоднокии санҷиш таъмин карда шавад, вайронкуниҳои эҳтимолӣ ва истифодабарии аз меъёр зиёди дороиҳои махсуси корӣ дар амалиётҳои хоҷагидории вобаста ба ҳаракати онҳо ошкор карда шавад.

Идоракунии самарабахши фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ аз истифодабарии маросимҳои назоратии субъектҳои назорат барои масрафҳои харҷшуда, гирифтани даромад ва ташаккули натиҷаҳои молиявӣ вобастагӣ дорад. Талаботи низоми идоракунии объектҳои назоратии интихобшуда, итифодабарии чунин ҳуҷҷатҳоро пешбинӣ менамояд: маълумоти назоратӣ оид ба ташаккули арзиши аслии маҳсулоти сайёҳии фурӯхташуда ва хизматҳои расондашуда; варақаи ҷамъбастӣ-назоратии хароҷоти фурӯш ва хизматрасонии асосӣ ва иловагӣ. Истифодабарии маълумотномаҳои пешниҳодшуда дар низоми назорат имкон медиҳад, ки иттилооти зарурӣ гирифта шавад, ба бузургии хароҷот ва даромад эътибори фаврӣ дода шавад ва ба фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ назорати самарабахш ҷорӣ карда шавад.

Истифодабарии маросимҳои назоратӣ дар низоми назорати дохилӣ имконият медиҳад, ки натиҷаи фаъолияти ҷараёнҳо, сатҳи назоратӣ, марказҳои масъулият назорат карда шавад. Методикаи пешниҳодшудаи назоратӣ имкон медиҳад, ки даромаднокии ҷараёнҳои амалишаванда ва натиҷагирии ҳар як зерсохтори таркибӣ муайян карда шавад. Истифодаи технологияи буҷетикунонӣ яке аз унсурҳои муҳимми назорат буда, имконият медиҳад, ки даромаду хароҷот назорат шуда, самаранокии истифода намудани расмиётҳои назоратӣ оид ба баҳодиҳии натиҷаҳои фаъолиятро таъмин менамояд. Низоми такмилёфтаи назорат имкон медиҳад, ки таъминоти иттилооти нави босифати низоми идоракунӣ, ҳамчун воситаи муносиби вазифавии назоратии ҳайати роҳбарикунандаи корхона бошад.

Ҳамин тавр, самтҳои пешниҳодшудаи такмили низоми назорати дохилӣ ба натиҷаи фаъолияти асосии корхонаҳои сайёҳӣ таъсири мусбат мерасонад. Ин имконият медиҳад, ки барои низоми идоракунии корхона иттилооти зарурӣ сари вақт пешниҳод карда шавад ва натиҷаи фаъолияти корхона дар умум

назорат карда шавад.

## 4.3. Модели баҳисобгирии хароҷот ва даромадҳо дар корхонаҳои сайёҳӣ

Дар шароити муосири иқтисоди бозорӣ такмили механизм ва методҳои хоҷагидорӣ боз ҳам муҳим мегарданд. Барои ҳалли ин масъала нақши асосиро баҳисобгирии муҳосибӣ мебозад, ки яке аз механизм ва методҳои самараноки назорат ва идоракунӣ маҳсуб меёбад.

Аммо, бо амалишавии корҳои баҳисобгирии автоматикунонидашуда, ҷорӣ намудани маҷмуи воситаҳои коркарди ахбороти муҳосибӣ дар зернизомҳои баҳисобгирии муҳосибӣ, ташкили низоми баҳисобгирии муҳосибӣ дар таркиби низоми автоматикунонидашудаи идоракунии корхона ва соҳаҳои гуногун то ҳол на он қадар самарабахш буда, меҳнатталаб ва дар умум ба талаботҳои муосир ҷавобгӯ намебошад. Чунин ҳолат, дар натиҷаи шакли экстентивии рушди баҳисобгирии муҳосибӣ ба амал омад, ки амалишавии пешниҳодҳои зиёд, навовариҳо, дастурҳо оид ба такмили баҳисобгирии муҳосибӣ дар асл стихиявӣ, бенизом буда, дар ҷараёни амалинамоии баҳисобгирии хоҷагидорӣ сурат мегирад.

Дар замони муосири рушди илму техника ва технологияи муосир, дар ҳама соҳаҳо корҳои баҳисобгирӣ автоматӣ кунонидашуда, дар равиши фаъолияти онҳо навовариҳо ҷорӣ карда мешаванд. Вобаста ба ин, соҳаҳо ва самтҳои нави фаъолият, низомҳои нави идоракунӣ, истифодабарии усулҳои муосири баҳисобгирии муҳосибиро тақозо менамояд. Дар бисёр ҳолатҳо амалияи баҳисобгирӣ аз назария пешрафта буда, баҳисобгирии идоракунии хароҷот, ҳамчун самти зарурии баҳисобгирии хоҷагии халқ душвор мегардад.

«Истифодабарии васеи барномаҳои коркарди иттилоот, автоматикунонии вазифаҳои ҷудогонаи баҳисобгирӣ, ки ба идеологияи ягона вобастагӣ надоранд, инчунин ташаккули низомҳои комплексии коркарди ахбороти баҳисобгирии муҳосибӣ, ба назария ва амалияи муосири баҳисобгирии ба ҳам пайваст ва мутобиқшуда бояд мусоидат намоянд.

Татбиқи ҳисобҳо ва навишти дутарафа дар моделҳои баҳисобгирӣ онҳоро аз моделҳои замонавии технологияҳои иттилоотӣ ҳатто дар як сатҳи абстрактӣ фарқ менамояд, ки дар ин маврид як қатор таҳқиқотҳои муаллифони хориҷӣ бахшида шудаанд»[1].

Яке аз воситаи муҳимми таъминоти ягонагии баҳисобгирии муҳосибӣ дар баробари моделсозӣ, таҳия, коркард ва ҷорӣ намудани стандартҳои дохилии ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ мебошад, зеро стандарт низ як модели ҳалли масъалаҳои ташкилӣ, инъикоси амалиётҳо ва муносибати мутақобилаи иҷрокунандагон мебошад. Моделсозӣ дар пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ нақши калидиро иҷро намуда, воситаи самарабахши таҳкими ягонагӣ, аз ҷумла воситаи методологии муттаҳидкунандаи баҳисобгирии муҳосибӣ баромад мекунад. Моделсозӣ дар фаҳмиши муосир – ин усули дониши илмӣ мебошад, ки барои омӯзиши ягон объект ё ҷараёнҳо ба воситаи тасвирҳои махсус офарида шуда, яъне моделҳо амалӣ карда мешавад. Раванди сохтани моделро моделсозӣ меноманд.

Модели объекти ҳақиқии мураккаб, низом, ба мисли низоми баҳисобгирӣ дар соҳаҳои гуногун имкон медиҳад, ки алоқаҳои асосии иттилоотӣ, технологӣ ва дигар алоқамандиии дохили низом ё берун аз он ҷудо карда шавад, вариантҳои муносиби фаъолияти низом бо дарназардошти коҳишдиҳии хароҷоти захираҳои моддӣ, вақт ва ғайра коркард карда шаванд. Истифодабарии принсипҳои моделсозӣ дар ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ имконият медиҳад, ки аз роҳҳои гуногуни ҳалли мақсаднок варианти беҳтарин интихоб карда шуда, идоракунии самараноки баҳисобгирии хоҷагидориро дар ҳама стаҳи идоракунӣ таъмин намояд.

Соҳои охир корҳои зиёде нашр шуданд, ки ба масъалаи моделсозии баҳисобгирии муҳосибӣ бахшида шудаанд ва якчанд консепсияҳои истифодабарии принсипҳои моделсозӣ дар баҳисобгирӣ пешниҳод шудаанд.

Новобаста аз он ки мафҳумҳои «модел» ва «моделсозӣ» дар ҳисобгирии

[1] *Colantoni C. S., Manes R. P.* A Unified Approach to the Theory of Accounting and Information Systems» // Whinston The Accounting Review. 1971. Vol. 46. № 1.

муҳосибӣ дар охирҳои асри XX пайдо шуданд, А.Е. Ковалев дар таҳқиқоти худ қайд менамояд, ки: «муҳосибон ба моделсозии иқтисодиёт қариб панҷсад сол аст, ки машғуланд. Он чизеро ки онҳо сохтанд, бо идеяҳои кибернетика комилан мувофиқ аст...»[1]. Ин ҳақиқат аст, чунки баҳисобгирии муҳосибӣ бо тавсифномаи иттилоотии объект ва ин ё он фаъолияти хоҷагидорӣ сару кор дорад ва модели иттилоотии корхона ё ҷараёни хоҷагидориро ифода менамояд. Ҳамин тавр, мафҳуми «модел» ва «моделсозӣ» аз аввал барои баҳисобгирӣ ҳамчун воситаи умумисозии зеҳнии ҷараёни хоҷагидорӣ хос буд.

Мутобиқи тавсифномаи умумӣ, модел – «ин ивазкунандаи табиӣ ё сунъӣ, моддӣ ё идеалии объектест, ки бо объекти омӯхташуда хусусиятҳои умумӣ дорад. Маълумот оид ба ин хусусиятҳои дар мавриди омӯзиши модел гирифташуда, ба сифати маълумот оид ба хосиятҳои худи объект баромад мекунанд». Дар шакл моделҳо метавонанд объектҳои гуногун ва маҷмуи объектҳо бошанд. «Осонии истифодабарии моделҳо дар он ифода меёбад, ки модел – шакли устувори ташаккули иттилоот дар низом мебошад»[2].

Дар замони муосир, дар ҳама соҳаҳо барои расидан ба мақсадҳои ниҳоӣ корхонаҳо моделсозии ҷанбаҳои фаъолияти молиявӣ-хоҷагидориро истифода мебаранд. Вобаста ба хусусиятҳои хоси ҳар як объект ё зуҳурот, моделсозӣ барои ҳамоҳангсозии ҷараёнҳои хоҷагидории корхонаҳо ҳамчун дастоварди илмӣ татбиқ карда мешавад. Дар ҳисобгирии муҳосибӣ моделсозӣ ба сифати инъикоскунандаи лаҳзаҳои бештар умумӣ, ки дар ҳисобгирии соҳаҳои гуногун, низомҳои хоҷагидорӣ хос аст, баромад мекунад. Хусусиятҳои хоси моделсозӣ аз дигар усулҳои таҳқиқотӣ дар ҳамин ифода меёбад. Модели ба принсипҳои умумӣ ташаккулёфта усули таҳқиқот, методикаи баҳисобгирии барои ҳамаи соҳаҳо мувофиқро пешбинӣ менамояд, ки чунин равиш дар корҳои илмии олимони давраи шуравӣ, ки ба масъалаи моделсозии баҳисобгирии муҳосибӣ

---

[1] Ковалев А.Е. Значение моделирования в бухгалтерском учете для информационного обеспечения управленческих решений // Мир экономики и управления. – 2016. Т. 16, – № 4. – С. 120-130. – С. 121.

[2] Соколов, Я. В. Моделирование и его роль в бухгалтерском учете / Я. В. Соколов // Бухгалтерский учет. – 1996. – № 6. – С. 3-9. – С. 4.

машғул буданд, ба монанди Б.В. Алахов, В.О. Бессарабов, Н.А. Булатов, Э.К. Гильде, В.Б. Ивашкевич, А.Е. Ковалев, О.И. Кольвах, А.Л. Лузин, М.Л. Малюга, К.Н. Нарибаев, Р.С. Рашитов, А.П. Рудановский, Е.Е. Сиверс, Я.В. Соколов, В.Ф. Палий, А.А. Шапошников, И.Ф. Шерр ва дигарон дида мешавад, ки онҳо таҳқиқотҳои худро асосан ба моделҳои баҳисобгирии ҷанбаҳои истеҳсолоти гуногун ва дигар соҳаҳои мутамарказонидашуда пешниҳод намудаанд.

Модели баҳисобгирии муҳосибӣ дар соҳаҳои гуногун дар корҳои илмии муҳаққиқони ватанӣ Ш.Н. Бобоев (модели сегментатсионии низоми баҳисобгирии арзиши аслӣ ва ҳисоботи идоравӣ, модели ташкили баҳисобгирии идоракунии хароҷоти интиқол ва тақсимоти неруи барқ), С.Ф. Низомов (модели таснифотии ташкили баҳисобгирӣ ва тақсимоти хароҷот дар объектҳои сохтмонӣ ва ҳисобҳои иловагӣ барои баҳисобгирии хароҷоти корхонаҳои сохтумонӣ), Д.А. Розиев (модели алоқамандии масрафҳо, хароҷот ва арзиши аслӣ бо натиҷаҳои молиявӣ дар корхонаҳои саноати бофандагӣ, модели рушди баҳисобгирии идоракунии стратегӣ ва таҳлили масрафҳо), А.Х. Файзуллоев (модели низоми баҳисобгирии идоракунии корхонаҳои кишоварзӣ), Н.Ҷ. Ҳасанова (модели иқтисодӣ-математикии ҷобаҷогузории инфрасохторҳои истеҳсолии бахши кишоварзӣ) пешниҳод карда шудааст. Аммо, моделсозии баҳисобгирии хароҷот ва даромадҳо дар соҳаҳои гуногун, аз ҷумла барои корхонаҳои сайёҳӣ падидаи нав буда, истифодабарии амалии он ба манфиати фаъолияти корхона мебошад.

Бинобар ин, мо дар таҳқиқоти худ моделсозии баҳисобгирии хароҷот ва даромад дар корхонаҳои сайёҳиро пешниҳод намудем, ки он дар асоси моделҳои тавсифотии соҳавӣ таҳия шудааст.

Модели баҳисобгирии муҳосибӣ нисбат ба моделҳои баҳисобгирии ҷараёнҳои иқтисодӣ универсалӣ ва махсус мебошад. «Мо метавонем моҳияти эволютсияи тафаккури баҳисобгириро ҳамчун болоравии пай дар пай аз сатҳи мушаххас ба фаҳмиши абстрактии иқтисодиёт тасаввур кунем, ки ин имкон

медиҳад иқтисодиёт самараноктар идора карда шавад»[1].

Моделсозии баҳисобгирӣ дар доираи низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ҳамчун масъалаи «дохилӣ» бояд коркард ва амалӣ карда шавад. Мақсади моделсозӣ дар баҳисобгирии муҳосибӣ асосан коркард ва таҳияи методологияи ташкил, пешбурд, ба тартиби муайян даровардани гирифтан ва коркарди маълумот оид ба объектҳои баҳисобгирӣ мебошад. Барои расидан ба ин мақсад ҳалли чунин вазифаҳо зарур аст:

– сохтори навишти содакардашудаи низоми баҳисобгирӣ, бо ҷудо намудани нишондодҳои муҳимми он, яъне сохтани модели баҳисобгирӣ;

– коркарди методикаи истифодабарии амалӣ, яъне амалишавии модел;

– амалинамоии озмоиш (эксперимент).

Объектҳои моделсозӣ дар ҳисобгирӣ низомҳои баҳисобгирӣ мебошанд, ки аз низомҳои гуногуншакли мураккаб иборат мебошанд. Ба ин низомҳои мураккаб низомҳои иттилоотӣ, низомҳои автоматикунондашудаи баҳисобгирӣ, комплексҳои коммуникатсионӣ ва таҳлилии ахборотӣ дохил мешаванд. Низомҳои баҳисобгирии муҳосибӣ дар мавридҳои гуногун метавонанд ба сифати низомҳои гуногуншакли мураккаб тавсиф карда шаванд:

– низомҳои баҳисобгирӣ таркибан ба комплексҳои коммуникатсионӣ монандӣ дошта, шабакаи ба ҳам алоқаманд ва миқдори зиёд доранд;

– низомҳои баҳисобгирӣ вобаста ба объект ё предмети таъсиррасонӣ ҳамчун низомҳои иттилоотӣ мебошанд, ки онҳо барои коркарди селаи иттилооти махсусан пуршиддат пешбинӣ шудаанд;

– низомҳои баҳисобгирӣ вобаста аз хусусияти технологӣ барои ҷамъоварӣ, коркард, нигаҳдорӣ ва пешниҳоди иттилоот барои эҳтиёҷоти ҷараёнҳои хоҷагидорӣ ва истеҳсолӣ мутобиқ карда шуда, ба низомҳои автоматикунонидашудаи идоракунӣ монандӣ доранд.

Ҳар як низоми мураккаб ҳамчун маҷмуи объектҳо, самтҳо, зернизом

[1] Соколов Я.В., Соколов В.Я. История бухгалтерского учета: учебник. / 2–е изд., перераб. и доп. – М.: Финансы и статистика, 2006. – 288 с. – С. 248.

дида баромада мешавад, ки барои ҳалли вазифаҳои муайян пешбинӣ шудаанд. Вобаста ба ин, ҷараёни фаъолияти низоми мураккаб ҳамчун маҷмуи ҳаракати унсурҳои он барои мақсади ягона равона шудааст. Ин муқаррароти умумии назарияи моделсозии низомҳои мураккаб мебошад.

Ҳамин тавр, мақсади баҳисобгирии муҳосибиро фаъолияти хоҷагидорӣ, ҳаҷми он, сатҳи рушд ва дигар хосиятҳо муайян менамояд, яъне мақсади баҳисобгирӣ аз ин омилҳо вобастагӣ дорад.

Дар низоми баҳисобгирӣ метавонем чунин зернизом ё унсурҳоеро ҷудо намоем, ки сифати фаъолияти онро муайян менамоянд: методология, методика, ташкил ва технология. Дар умум, унсурҳои дарболоовардашуда ҳамчун объекти алоҳидаи моделсозӣ баромад мекунанд, аз ҷумла:

– дар методология, инъикоси амалиётҳо дар ҳисобҳои муҳосибӣ ва сохтори онҳо, алоқамандии ҳисобҳо вобаста аз хусусияти амалиётҳои хоҷагидории мушаххас моделсозӣ карда мешаванд;

– дар методика, объекти моделсозӣ – тақсимоти нишондодҳо дар ҳуҷҷатҳои аввалия, таркиби сабткунакҳои баҳисобгирӣ, алоқамандии баҳисобгирии таркибӣ ва таҳлилӣ маҳсуб меёбанд;

– ба ташкили объекти моделсозӣ метавон таркиби унсурҳои ҷараёни баҳисобгирӣ, сохтори муҳосибот, тақсимоти вазифаҳо байни кормандони муҳосиботро дохил намуд;

– дар технология ҷараёни коркарди ахбороти баҳисобгирӣ барои муайян намудани самаранокии омезиши расмиёте, ки аз ҷониби шахс ва компютер анҷом дода мешавад моделбандӣ карда мешавад.

Дар ин ҷо қисми ками вазифаҳои мушаххас оварда шуданд, ки танҳо ба воситаи моделсозии унсурҳои алоҳидаи низоми баҳисобгирӣ ҳал карда мешаванд. Бояд қайд намоем, ки вазифаҳои дар доираи баҳисобгирии муҳосибӣ дар низоми муосири идоракунии фаъолияти хоҷагидорӣ ҳалмешуда, асосан сатҳи идоракуниро муайян менамоянд.

Мақсади моделсозӣ – ташкили навиштаҷоти мухтасари ҷанбаҳои методологии низоми ташкилии баҳисобгирии муҳосибӣ мебошад. Ин восита

тарҳрезии моделҳои ташкили баҳисобгирӣ мебошад.

Тартиби тарҳрезии моделҳои ташкили баҳисобгирӣ ва самтҳои истифодабарии амалии онро чунин низомҳои присипиалӣ ба танзим медароранд, ки идеологияи моделсозии ташкили баҳисобгирии муҳосибиро ташкил медиҳанд:

1. Зернизомҳои объектҳои баҳисобгирӣ, ки аз якчанд меъёрҳои зертобеъ мутобиқи таснифот ҷудо карда шудаанд, объекти моделсозии ташкили баҳисобгириро ифода менамоянд.

2. Бунёди тарҳрезии моделҳои ташкили баҳисобгирӣ таснифоти объектҳои баҳисобгирӣ мебошанд, бинобар ин моделҳо номи таснифотиро гирифтаанд. Зернизомҳои таснифотии ҷудокардашудаи объектҳои баҳисобгирӣ, ки бо тавсифномаи гуногун алоқамананданд, имконият медиҳанд, ки хосиятҳои муттаҳидкунанда ва умумикунандаи моделсозӣ ҳамчун методи баҳисобгирии муҳосибӣ пурра истифода шаванд.

3. Мутобиқи меъёрҳои қабулгардидаи моделсозӣ, таркиби моделро асос ва мундариҷаи он ташкил медиҳад:

– асоси моделро объектҳои баҳисобгирӣ, зернизомҳои он, таъинот ва бузургии онҳо ташкил медиҳанд, ки барои ташкили низоми баҳисобгирӣ зарур аст;

– тавсифномаи унсурҳои ташкили баҳисобгирӣ барои зернизомҳои объектҳои баҳисобгириро мундариҷаи модел дар бар мегирад.

4. Барои ҳар як зернизоми объектҳои баҳисобгирии воқеӣ модели таснифотӣ (маҷмуи моделҳо) метавонанд мушаххас инъикос намоянд. Моделсозӣ барои низомҳои алоҳида, аз ҷумла барои низоми баҳисобгирии муҳосибӣ, фаъолияти гуногунҷабҳаи корхонаҳо, ҷараёнҳои иттилоотии алоҳида, маҷмуи занҷираҳои таркибии он ва қисматҳои алоҳида истифода бурда мешавад.

5. Моделҳои ташкили баҳисобгирӣ барои ёфтани пайвастагии муносиби унсурҳои корхона, пеш аз ҳама сохтори ҳуҷҷатҳои дастурӣ-методӣ, ки пешбурди баҳисобгириро ба танзим медароранд, ҷанбаҳои метологии онро

такмил медиҳанд ва умуман барои ноил гардидан ба ҳадафҳои баҳисобгирӣ истифода бурда мешаванд.

Дар шароити муосир, пешбурди амалии баҳисобгирии муҳосибӣ имконият фароҳам меорад, ки вобаста ба алоқамандии нишондиҳандаҳои зарурии баҳисобгирӣ ва тавсифномаи техникӣ-иқтисодии объекти баҳисобгирӣ: корхона, таъминот, истеҳсолот, қитъаи технологӣ, фурӯш ва ғайра муайян карда шавад. Таҳқиқотчиёни гуногун ба ин нишондиҳандаҳо сохтори корхона, хусусиятҳои технологии истеҳсолот, номгӯйи намудҳои маҳсулоти истеҳсолшаванда, сатҳи ташкилӣ ва ҳаҷми истеҳсолот, сатҳи таъминоти техникӣ, хусусиятҳои дохилӣ ва дигар нишондиҳандаҳоро дохил менамоянд. Асоси модели ташкили баҳисобгириро маҷмуи омилҳо ташкил медиҳанд, ки мутобиқи тавсифномаи истеҳсолӣ, технологӣ ва техникӣ-иқтисодӣ муайян карда мешаванд.

Сохтори истеҳсолӣ ва қитъаҳо низ ба интихоби объекти баҳисобгирии хароҷот, усулҳои баҳисобгирии хароҷот ва арзишмуайянкунии арзиши аслии маҳсулот, объектҳои арзишмуайянкунӣ таъсир мерасонанд.

Ҳамин тавр, дар мундариҷаи модел бояд бузургиҳои зерин пешбинӣ карда шаванд:

– усулҳои баҳисобгирии хароҷот ва муайян кардани арзиши аслии маҳсулот;

– объектҳои баҳисобгирии хароҷот;

– усулҳои баҳодиҳии истеҳсолоти нотамом;

– усулҳои арзишмуайянкунии маҷмуи маҳсулот ва намудҳои алоҳидаи он;

– усулҳои тақсимоти хароҷоти барилова;

– объектҳои арзишмуайянкунӣ;

– ченакҳои арзишмуайянкунӣ.

Модел вобаста ба мазмуни қарорҳои идоракунӣ ва хусусиятҳои хоси ташкили баҳисобгирӣ, ташкили истеҳсолот ва нишондиҳандаҳои дар боло номбаршуда мушаххас карда мешавад. Модели ташкили баҳисобгирии

идоракунӣ вобаста ба гурӯҳҳо дар ҷадвали 4.3.1 пешниҳод карда мешавад.

Моделҳои таснифотӣ имкон медиҳанд, ки ба дараҷаи лозимӣ доираи соҳаҳо, намудҳои фаъолият ё коркардҳои гуногуни низомномавиро асоснок ва муайян кунанд. Воситаи боэътимоди қабули қарорҳои методологӣ, ташкилӣ, технологӣ дар самти истифодабарии моделҳо таснифоти асоснокшуда мебошад.

**Ҷадвали 4.3.1. – Модели ташкили баҳисобгирӣ дар ширкатҳои сайёҳӣ**

| **Асоси модел** | **Мушаххаскунии асосҳои модел** |
|---|---|
| 1.Номгӯйи маҳсулоти истеҳсолшаванда | Васеъ, истеҳсоли маҳсулоти ягона барои истеъмоли халқ ва саноат |
| 2. Тавсифномаи истеҳсолот | Фосилавӣ-сиклӣ |
| 3. Усулҳои ташкили истеҳсолот | Воҳид, ягона |
| 4. Хусусиятҳои истифодабарии таҷҳизот | Универсалӣ, ба ғайр аз таҷҳизоти бузург воситаҳои механикии хурд низ истифода бурда мешавад |
| 5. Сохтори таркибии корхона | Пӯшида, дар баъзе истеҳсолоти маҳсулоти бадеӣ – мавзуӣ-технологӣ |
| **Мундариҷаи модел** | **Мушаххаскунии асосҳои модел** |
| 1.Усулҳои баҳисобгирии хароҷот ва арзишмуайянкунӣ | Фармоишӣ |
| 2. Объектҳои баҳисобгирии хароҷот | Фармоиш, сех, истеҳсолот |
| 3. Усулҳои баҳодиҳии истеҳсолоти нотамом | Аз рӯйи фоизи фармоишҳои алоҳида |
| 4. Тартиби арзишмуайянкунӣ | Ҳамҷоя, алоҳида |
| 5.1. Тартиби тақсим кардани хароҷоти асосӣ | Тақсимот мутаносибан ба музди меҳнати асосии коргарони истеҳсолӣ |
| 5.2. Тартиби тақсимкунии хароҷоти барилова | Мутаносибан ба музди меҳнати асосии коргарони истеҳсолӣ |
| 6. Объектҳои арзишмуайянкунӣ | Фармоиш, фоизи тайёр будани фармоиш |
| 7. Воҳидҳои арзишмуайянкунӣ | Як намуди хизматрасонӣ ё бастаи маҳсулоти сайёҳӣ |

**Сарчашма:** коркарди муаллиф

Таҷрибаи моделсозии ташкили баҳисобгирӣ имконияти роҳҳо ва усулҳои тарҳрезии моделҳои ташкили баҳисобгириро маҳдуд намекунад. Як қатор ҳолатҳои муҳимро қайд намудан мумкин аст, ки истифодабарии васеи моделҳои баҳисобгирии муҳосибӣ, ташкили моделҳо ва такмили асосҳои методологӣ ва методии баҳисобгирии муҳосибиро муайян менамоянд. Ин чунин ҳолатҳо мебошанд:

– мураккабшавии равандҳои хоҷагидорӣ ва алоқаҳо, ки дар натиҷа сохтори ташкилии баҳисобгирӣ, ки ин алоқаҳоро инъикос менамоянд, душвор

мегардонанд;

– такмили барномаҳои муосири коркарди ахбороти баҳисобгирӣ ва васеъ намудани истифодаи он дар ҳисобгирӣ.

То вақтҳои наздик ҳама коркардҳои амалӣ оид ба такмили ташкили баҳисобгирӣ дар шароити корхонаи мушаххас гузаронда мешуданд, ки вобаста ба хусусиятҳои хоси корхонаҳои алоҳида баҳисобгирии муҳосибӣ ба роҳ монда мешуд. Тартиби муайян намудани арзиши аслии маҳсулот дар соҳаҳои гуногун дар ҳуҷҷати асосии аз тарафи Вазорати молияи ҶТ қабулгардида ба танзим дароварда мешавад (Қоидаҳои намунавии ҳисобкунии арзиши аслии мол (кор, хизматрасонӣ) аз 28 октябри соли 2023, № 505). Корхонаҳо мувофиқи муқаррароти «Қоидаҳои намунавии ҳисобкунии арзиши аслии мол (кор, хизматрасонӣ» фаъолияти худро ба роҳ мемонанд.

Сохтори умумии ҳар як модел дар асоси принсипи моделсозӣ, дар раванди таҳияи ҳуҷҷатӣ ва дар доираи равандҳои умумӣ, сохтори ташкилӣ, истеҳсолӣ ва технологӣ тавсиф карда мешавад. Вобаста ба ин, дар ин ҷо модел бунёди принсипиалии ташкили баҳисобгирӣ, аз ҷумла баҳисобгирии истеҳсолӣ буда метавонад. Дар моделҳои пешниҳодшуда бузургии мундариҷа, аз ҷумла дида баромадани ҳама самтҳои ташкили баҳисобгирии истеҳсолӣ, ки барои баъзе гурӯҳҳои истеҳсолот мақсаднок ҳисобида мешаванд, мушаххас намудан мумкин аст. Маҳз чунин тавзеҳот, ҷудо намудани моделҳо ба асос ва мундариҷа, ба ақидаи мо, ба истифодабарии амалии моделҳо имкон медиҳанд.

Низоми баҳисобгирӣ ҳамчун қисми таркибии идоракунии фаъолияти истеҳсолӣ-молиявии корхона, аз таъминоти воситаҳои муосири техникӣ ва технологии истеҳсолот, шабакаҳои интиқол ва дастрасии иттилоотӣ, шабакаҳои коммуникатсионӣ, дар умум ба қонунҳои умумии таҳаввулоти низоми иттилоотӣ алоқаманд аст. Сохторҳои ташкилии низоми баҳисобгирӣ метавонанд аз одитарин иерархияи хаттӣ то шабакаҳо бо сохтори мураккаб аз якдигар фарқ кунанд. Дар як вақт мураккабии сохтори ташкилии баҳисобгирӣ ва мушкилии иҷроиши амалиётҳои алоҳида ба якдигар алоқаи бевосита надоранд. Чертер Гаррисон қайд менамояд, ки сохтори ташкилии мураккаби

низоми бахҳисобгирии муҳосибӣ иҷроиши амалиётҳои алоҳидаи баҳисобгириро осон таъмин менамояд. Инчунин ӯ тасдиқ кардааст, ки: «низоми баҳисобгирие, ки ба шароити мураккаби муосири корхонаҳо бо хароҷоти камтарин, бе маълумотҳои иттилоотӣ-тахминӣ мутобиқ карда шудааст, ногузир бо сохтори худ бояд мураккаб бошад»[1].

Нақшаи алоқамандии моделҳои таснифотӣ бо модели ташкили баҳисобгирии муҳосибии мушаххас дар расми 4.3.1. пешниҳод карда мешавад.

Бояд қайд намоем, ки объекти баҳисобгирӣ метавонад корхона ё соҳа бошад. Дар ин маврид аллакай модели соҳавии баҳисобгирӣ дар дастурамали соҳавӣ тарҳрезӣ карда мешавад.

Масъалаи асосии ҳалшаванда ин масъалаи интихоби номгӯйи хусусиятҳои таснифотӣ, бузургии бунёдӣ, мундариҷаи моделҳо, тавсифи тарҳрезии сохтори низоми баҳисобгирӣ дар мавриди ҷудо намудани қитъаҳо мебошад, ки модел дар он тарҳрезӣ карда мешавад.

Моделҳои таснифотии корхонаҳои сайёҳӣ пурра низоми баҳисобгирии муҳосибӣ, ҷараёнҳои иттилоотӣ ва алоқаро дар алоҳидагӣ фаро гирифта метавонанд. Барои моделҳои ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ вобаста ба иҷро намудани вазифаҳои ҷудогонаи баҳисобгирӣ, ба монанди баҳисобгирии даромадҳо, хароҷот, мавқеи пайдоиши онҳо, ташкили марказҳои масъулият ва равандҳои истеҳсолӣ-тиҷоратӣ хусусияти маҳдуд дошта метавонанд. Аммо, вобаста ба мақсадҳои гузошташуда ва вазифаҳои назоратии даромад ва хароҷоти корхона дар умум бояд мутобиқ бошанд.

---

[1] Гаррисон Р., Норин Э., Брюэр П. Управленческий учет. 12–е изд. / Пер. с англ, под ред. М. А. Карлика. — СПб.: Питер, 2010. — 592 с. – С. 365.




**Расми 4.3.1. – Алоқамандии моделҳои таснифотӣ бо объекти баҳисобгирӣ**

**Сарчашма:** коркарди муаллиф

Ба мушаххасоти хосиятҳои бунёдии модел нишондиҳандаҳои зерин дохил мешаванд: намуди фаъолият, доираи хизматрасонӣ, бузургии корхона, шакл ва намудҳои ташкили саёҳат, сайёҳӣ, тахассуснокии корхонаи сайёҳӣ, шакли ташкил ва идоракунии корхона, хусусиятҳои муштариён ва ғайра.

Дар қисмати мундариҷавии модел маросимҳо ва усулҳои асосии баҳисобгирии муҳосибӣ ва муайян кардани арзиши аслӣ, гирдгардиши ҳуҷҷатҳо ва технологияи коркарди ахборот нишон дода мешавад, ки ягонагӣ ва ҳамоҳангии ташкили баҳисобгириро таъмин менамояд.

Ташкили баҳисобгирии муҳосибии объектҳои корхонаҳои соҳаи сайёҳӣ, вобаста ба ташкил ва технологияи истеҳсоли маҳсулоти сайёҳӣ бо бузургиҳо мушаххас карда мешаванд, ки мундариҷаи моделро инъикос менамоянд. Тавсифномаи мундариҷаи модел ба объектҳои баҳисобгирии даромаду хароҷот, воҳидҳои арзишмуайянкунӣ, усулҳои баҳодиҳӣ ва тартиби баҳисобгирии захираҳо, баҳисобгирии подоши меҳнат, усулҳои арзишмуайянкунии хадамоти корхонаҳои беруна, усулҳои баҳисобгирӣ ва тақсимкунии хароҷоти барилова, усулҳои баҳисобгирии таркибӣ ва таҳлилӣ ифода меёбад. Хусусиятҳои таснифотии бунёдӣ ва мундариҷаи моделҳои баҳисобгирии хароҷотро объектҳо ва намудҳои хизматрасонӣ ташкил медиҳанд. Вобаста ба объектҳои корхонаҳои сайёҳӣ ва таснифоти дар боло овардашуда модели ташкили баҳисобгирии хароҷот ва даромадҳо дар корхонаи сайёҳӣ пешниҳод карда мешавад, ки асоси бунёдӣ ва мундариҷаи моделро тавсиф менамоянд (ҷадвали 4.3.2).

Таҳия ва истифодабарии модели пешниҳодшуда барои корхонаҳои сайёҳӣ шароит фароҳам меорад, ки вобаста ба хусусиятҳои хоси худ шаклҳои ҳуҷҷатҳои аввалия, сиёсати баҳисобгирии мутобиқ, реҷаи гирдгардиши ҳуҷҷатҳо, нақшаи кории ҳисобҳо, шаклҳои сабткунакҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи дохилии корхона коркард карда шавад.

**Ҷадвали 4.3.2. – Модели таснифотии ташкили баҳисобгирии хароҷот ва даромадҳо вобаста ба объекти корхонаи сайёҳӣ**

| Асоси модел | Хусусиятҳо ва аломатҳои таснифотӣ |
|---|---|
| 1.Таркиби хизматрасониҳо аз рӯйи объект | хизматрасониҳои гуногун |
| 2. Ҳаҷми хизматрасонӣ дар объект | ҳаҷми хизмарасониҳои гуногун вобаста ба ҳар як объект;<br>муайян намудани даромад аз фурӯши маҳсулоти (хизматрасонии) сайёҳӣ;<br>муайян намудани даромад аз пешниҳоди дигар намудҳои хизматрасонӣ;<br>муайян намудани даромад аз хизматрасониҳои иловагӣ |
| 3. Номгӯйи маҳсулоти сайёҳӣ | маҳдуд;<br>гуногунҷабҳа.<br>муайян намудани даромад аз фурӯши роҳхати сайёҳӣ;<br>муайян намудани даромад аз хизматрасонии ҷойгиркунонӣ;<br>муайян намудани даромад аз хизматрасонии нақлиётӣ;<br>муайян намудани даромад аз хизматрасонии муассисаҳои хӯроки умум;<br>муайян намудани даромад аз хизматрасонии роҳбаладон-тарҷумонҳо;<br>муайян намудани даромад аз хизматрасонии алоқа |
| 4. Сохтори истеҳсолот (хизматрасонӣ) | дар як ё якчанд мавзеъҳои гуногун истеҳсол (пешниҳод) намудани маҳсулот (хизматрасонии) сайёҳӣ.<br>барои ҳар як мавзеи алоҳида ҳисоб кардани арзиши хизматрасонӣ;<br>ҳисоб кардани даромад аз ҳар намуди хизматрасонӣ барои ҳар як объект |
| 5. Мавзеи ҳудудии ҷойгиршавии объекти сайёҳӣ | ҷойгиршавии муқаррарӣ ва ғайримуқаррарии объектҳои сайҳӣ;<br>истеҳсол (пешниҳод)-и маҳсулот (хизматрасони)-и стандартӣ ва ғайристандартӣ |
| 6. Тавсифномаи маҳсулот (хизматрасонии) сайёҳӣ | инфиродӣ;<br>гурӯҳӣ;<br>оилавӣ. |
| 7. Шакл, тартиб ва намудҳои пешниҳоди хизматрасонӣ | объекти маҳсулоти сайёҳии алоҳида ё бастаи маҳсулоти сайёҳӣ мутоюиқи шартнома;<br>шаклҳо ва намудҳои маҳсулоти (хизматрасонии) сайёҳӣ;<br>пайдарпайи ва алоқамандии технологӣ ва иҷроиши хизматрасониҳо |
| 8. Тартиби махсуси ташаккули нархи шартномавии роҳхати сайёҳӣ | нархи устувори роҳхати сайёҳӣ;<br>нархи устувор барои хизматрасониҳои алоҳидаи сайёҳӣ;<br>нархи роҳхат барои як сайёҳ;<br>нархи роҳхат барои гурӯҳи сайёҳон;<br>пардохт бо пешниҳоди ҳисобномаи роҳхат аз ширкати сайёҳӣ (нархи озод);<br>пардохт бо нархи мақсаднок |

| | |
|---|---|
| 9. Давраи истеҳсолӣ (таснифномаи вақт) | кӯтоҳмуддат, дарозмуддат |
| **Мундариҷаи модел** | **Тавсифномаи мундариҷаи модел** |
| I. Хусусиятҳои баҳисобгирии муҳосибӣ | |
| 1.1. Объектҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва объектҳои арзишмуайянкунӣ | шартномаи сайёҳӣ; роҳхати сайёҳӣ, маҳсулоти (хизматрасонии) сайёҳӣ, намудҳои хизматрасонии сайёҳӣ;<br>мавқеи пайдоиши хароҷот, сегментҳо ё марказҳои масъулият, шахсони масъул |
| 1.2. Воҳиди арзишмуайянкуӣ | ченакҳои аслӣ, меҳнатӣ, пулӣ |
| 1.3. Усулҳои баҳисобгирии хароҷот ва муайян кардани арзиши аслӣ | фармоишӣ;<br>меъёрӣ, стандартӣ (оид ба ҳар як объект, шартнома, роҳхат, бастаи хизматрасониҳо) |
| 1.4. Тартиби ҳисоб кардани арзиши аслӣ | бо арзиши аслии истеҳсолӣ, бо ҳамроҳ кардани хароҷоти дар харҷнома муайяншуда;<br>бо арзиши аслии нопурраи истеҳсолӣ;<br>бо арзиши аслии меъёрӣ |
| 1.5. Шаклҳои баҳисобгирӣ: | |
| а) низоми баҳисобгирии худмухтор | дар доираи нақшаи ҳисобҳои амалкунанда;<br>бе истифодабарии низоми ҳисобҳо |
| б) низоми баҳисобгирии умумӣ | дар доираи нақшаи ҳисобҳои амалкунанда;<br>бе истифодабарии низоми ҳисобҳо |
| 1.6. Усулҳои тақсимкунии хароҷот: | |
| 1.6.1. Хароҷоти мустақим: | |
| а) моддӣ | тақсимоти пурраи хароҷот (абзорпшен-кост) ва хароҷоти тағйирёбанда (директ-кост), ки бо мақсади муайян намудани таъсири хароҷот ба натиҷаи молиявӣ истифода бурда мешаванд |
| б) меҳнатӣ | корбайъ;<br>вақтбайъ |
| 1.6.2. Тақсимкунии хароҷоти барилова: | |
| – умумиистеҳсолӣ | мутобиқи пешниҳоди намудҳои маҳсулоти сайёҳӣ (хизматрасонӣ) барои ҳар як объект дар асоси нишондоди интихобшуда |
| – умумихоҷагӣ | бо харҷномаи хароҷоти барилова;<br>бо арзиши харҷномавии объект;<br>бо хароҷоти мустақим;<br>ба маҳсулоти сайёҳӣ (худӣ, беруна, омехта) дар асоси коэффитсенти интихобшуда тақсимот карда мешаванд |
| 1.7. Усулҳои баҳисобгирии таҳлилӣ | вобаста аз намуди хароҷот (моддаҳои арзишмуайянкунӣ);<br>мутобиқи унсурҳои хароҷот (моддӣ, меҳнатӣ, барилова);<br>вобаста аз намудҳои хизматрасонӣ;<br>мувофиқи объектҳои хизматрасонӣ;<br>вобаста аз мавқеи пайдоиши хароҷот, марказҳои масъулият/сегментҳо |

Давоми ҷадвали 4.3.2.

| | |
|---|---|
| II. Хусусиятҳои баҳисобгирии даромадҳо: | |
| 2.1. Даромад аз фаъолияти асосӣ (фурӯши маҳсулоти сайёҳӣ) | даромад аз фурӯши бастаи хизматрасониҳои сайёҳӣ; даромад аз фурӯши роҳхати хизматрасониҳои инфиродӣ; даромад аз фурӯши роҳхатҳо бо тахфиф барои саёҳатҳои оилавӣ, донишҷӯён, мактаббачаҳо ва кӯдакон |
| 2.2. Дигар даромадҳо аз фаъолияти амалиётӣ | вобаста ба ҷойгиронии сайёҳон; вобаста ба хизматрасонии нақлиётӣ; вобаста ба хизматрасонии хӯрока; вобаста ба хизматрасонии роҳбалад ва тарҷумонҳо; даромад аз хизматрасониҳои машваратӣ-иттилоотӣ, вобаста ба ташкили саёҳат; даромад аз хизматрасониҳои дигар, тибқи нархнома |
| 2.3. Даромад аз пешниҳоди намудҳои хизматрасониҳои дигари сайёҳӣ | даромад аз хизматрасонии экскурсионӣ; даромад аз пешниҳоди дастовезҳо; даромад аз хизматрасониҳои чорабиниҳои фарҳангӣ-фароғатӣ |
| 2.4. Даромадҳо аз фаъолияти ғайриамалиётӣ | саҳмгузорӣ дар фаъолияти дигар корхонаҳо; фурӯши воситаҳои асосӣ, дороиҳои ғайримоддӣ ва дигар дороиҳо; фоизҳо барои риоя накардани талаботҳои шартнома; арзиши бебозгашт гирифтани маводҳо; даромад аз фарқияти қурбӣ |
| III. Низоми ҳуҷҷатикунонии амалиётҳои асосӣ: | |
| 3.1. Ҳуҷҷатҳои асосии муҳосибӣ | Низомнома оид ба сиёсати баҳисобгирӣ, Нақшаи кории ҳисобҳо, варақаи баҳисобгирии хароҷоти умумихоҷагӣ, ҳисобномаҳо, борхатҳо , ҳисобкуниҳо, санадҳо, варақаи ҳисобкунии музди меҳнат, буҷетҳо (харҷномаҳо), ведомости хароҷоти фурӯш, ҳаҷми хизматрасонҳои пешниҳодшуда, табели баҳисобгирии вақти корӣ, харҷномаи арзишмуайянкунӣ, расиди ҳисоббаробаркунӣ, варақаи баҳисобгирии даромадҳо, феҳристҳои баҳисобгирии таҳлилӣ, маълумотҳои баҳисобгирӣ, маълумотҳои назоратӣ |
| 3.2. Ҳуҷҷатҳои технологӣ | харитаи типографии саёҳат ва самти сайр; реҷаи пуршавии корхонаи сайёҳӣ аз гурӯҳҳои сайёҳон ба муҳлати номуайян; варақаи иттилоотӣ бо роҳхат барои саёҳат; варақаи роҳхат; варақаи бандкунӣ; варақаи шартнома бо мизоҷон ва агентиҳои сайёҳӣ; шартнома бо ҳамкорон – таъминкунандагони хизматрасонӣ (меҳмонхонаҳо, ширкатҳои нақлиётӣ ва ғайра); самти саёҳат ва реҷаи ҳаракати самти саёҳат; харита-ҷадвали саёҳат; матни иттилоотӣ барои саёҳат (барои сайр бо автобус); матни хусусиятҳои технологии саёҳат; маводҳои маълумотӣ барои самти саёҳат; намунаҳои туҳфаҳои тарғиботӣ; нархномаҳо (каталогҳо). |

**Сарчашма:** коркарди муаллиф

Инчунин, барои муайян намудани арзиши аслии маҳсулоти сайёҳӣ ҳуҷҷатҳои зарурии баҳисобгирӣ ва тақсимкунии хароҷот, алоқамандии дурусти

ҳисобҳо мутобиқи амалиётҳои гузарондашуда, арзишмуайянкунии маҳсулот ва хизматрасониҳои гуногуни сайёҳӣ ба инобат гирифта шаванд.

Дар охир, таҳқиқоти гузарондашударо натиҷагирӣ намуда, дар расми 4.3.2 модели намунавии баҳисобгирии хароҷот, арзишмуайянкунӣ, даромадҳои корхонаи сайёҳиро пешниҳод менамоем, ки аз се қисмат иборат аст.




**Расми 4.3.2. – Модели баҳисобгирии хароҷот ва даромади хизматрасонии корхонаи сайёҳӣ**

**Сарчашма:** коркарди муаллиф

Қисми 1. Баҳисобгирии хароҷоти маҳсулоти (хизматрасонии) сайёҳӣ дар марҳилаи аввали моделсозии корхонаҳои сайёҳӣ ташаккул меёбад ва барои таснифоти хароҷот оид ба ташаккули маҳсулоти сайёҳӣ, объектҳои

баҳисобгирии хароҷот, таъминоти ҳуҷҷатии баҳисобгирии хароҷот мебошад. Мутобиқи талаботҳо ва мақсадҳои идоракунӣ нисбат ба иттилоот, технологияи пешниҳоди хизматрасониҳои сайёҳӣ, хароҷоти хизматрасонӣ дар корхонаҳои сайёҳӣ таснифот ва гурӯҳбандӣ карда мешаванд. Таъминоти ҳуҷҷатӣ барои зарурати идоракунӣ бояд бо шаклҳои ҷамъбастии ҳуҷҷатҳои мавҷудаи амалӣ-ҷамъбастӣ, сабткунакҳои баҳисобгирии таркибӣ ва таҳлилӣ таъмин карда шаванд.

Қисми 2. Усулҳои муайян кардани арзиши аслии маҳсулот (хизматрасони)-и сайёҳӣ, баҳисобгирии хароҷот, объектҳо ва усулҳои арзишмуайянкунӣ, тартиби баҳодиҳии захираҳо ва барасмиятдарории ҳуҷҷатии арзишмуайнкуниро, ки аз интихоби усули қабулшудаи арзишмуайянкунӣ вобастагӣ дорад, муқаррар менамояд. Барои муқаррар намудани ҷанбаҳои ташкилӣ-техникӣ ва методии пешбурди баҳисобгирии хароҷоти хизматрасонӣ, услуби баҳисобгирии хароҷот, тарзи баҳодиҳии захираҳо, таъминоти ҳуҷҷатии баҳисобгирии хароҷот пешбинӣ шудааст. Таъминоти ҳуҷҷатии арзишмуайянкунӣ аз иттилоот оид ба хароҷоте, ки дар сабткунакҳои баҳисобгирӣ ҷамъбаст шудаанд, асос ёфтааст.

Қисми 3. Давраи ниҳоӣ ва ҷамъбастии модели пешниҳодшуда баҳисобгирии даромад аз фурӯши маҳсулоти (хизматрасони)-и сайёҳӣ мебошад, ки дар ин давра объект ва усулҳои эътирофи даромад, инъикоси даромад дар ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва муайян намудани натиҷаҳои молиявиро пешбинӣ менамояд. Таснифоти усулҳои баҳисобгирии хароҷот ва даромади хизматрасонии корхонаҳои сайёҳии дар расми 4.3.2 пешниҳодкардаи муаллиф барои истифодабарӣ дар фаъолияти корхонаҳои амалкунандаи сайёҳӣ ба мақсад мувофиқ дониста мешавад.

Дар фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ барои амалӣ намудани маросимҳои муҳосибӣ низомнома, дастурамал ва стандартҳои ташкил ва пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ, тахия ва пешниҳоди ҳисоботи молиявие, ки баҳисобгирии даромадҳо, хароҷот ва муайян намудани натиҷаҳои молиявиро ба танзим медароранд, хеле муҳим мебошад.

Барои амалишавии модели муҳосибии хароҷот ва даромади корхонаи сайёҳӣ, муаллиф дар ҷадвали 4.3.3 мундариҷаи соҳавии ҳар як унсурро кушодааст.

**Ҷадвали 4.3.3. – Мундариҷаи унсурҳои модели баҳисобгирии хароҷот ва даромади корхонаи сайёҳӣ**

| № б\т | Номгӯйи унсурҳои модели баҳисобгирии хароҷот ва даромад | Мундариҷаи унсурҳои модели баҳисобгирии хароҷот ва даромад |
|---|---|---|
| Қисми 1. Баҳисобгирии хароҷоти маҳсулоти (хизматрасонии) сайёҳӣ | | |
| 1.1 | Таснифоти хароҷот | Аломати зарурии таснифоти хароҷот гирифта мешавад, ки ба низомҳои баҳисобгирии хароҷоти ҳақиқии пурра ё нопурра, пурра ё нопурраи хароҷоти нақшавӣ асос ёфтаанд. |
| 1.2 | Объектҳои баҳисобгирии хароҷот | Метавонанд зерсохторҳои таркибӣ, мавқеи пайдоиши хароҷот, марказҳои хароҷот бошанд, аломатҳои соҳавӣ ё технологӣ оид ба объекти сайёҳӣ, унсурҳои намуди пешниҳоди хизматрасониҳо, мариҳилаҳо, унсурҳои сохторӣ истифода бурда шаванд. Фармоиши алоҳида барои истеҳсоли маҳсулоти сайёҳии мушаххас ё маҷмуи маҳсулоти сайёҳии маъмулӣ, инчунин маҷмуи фармоишҳо барои маҳсулоти сайёҳие, ки вобаста аз хусусияти сифатии муайян (самти ҷуғрофӣ, мавсимӣ, хизматрасониҳои комплексии корхонаҳои дигар) муттаҳид намудан мумкин аст. |
| 1.3 | Усулҳои баҳисобгирии хароҷот | Усулҳои меъёрӣ, фармоишӣ ва “Директ- костинг”.<br>Баҳисобгирии хароҷоти маҳсулоти (хизматрасонии) сайёҳӣ бештар бо усули фармоишӣ ба роҳ монда мешавад. Ҳама хароҷоти мустақим барои ҳар як фармоиш мутобиқи моддаҳои арзишмуайянкунӣ ҳисоб карда шуда, хароҷоти ғайримустақим вобаста ба мавқеи пайдоиш, тибқи таъинот ва моддаҳои арзишмуайянкунӣ ба арзиши маҳсулоти (хизматрасонии) сайёҳӣ дар асоси базаи муқарраршуда ҳамроҳ карда мешаванд. |
| 1.4 | Таъминоти ҳуҷҷатии баҳисобгирии хароҷот | Дар баробари шаклҳои маъмулии ҳуҷҷатҳо, намунаҳо хоси сабткунакҳои ҷамъбастии таркибӣ ва таҳлилии баҳисобгирии хароҷоти хизматрасонӣ истифода бурда мешаванд. |
| Қисми 2. Усулҳои муайянкунии арзиши аслии маҳсулоти (хизматрасонии) сайёҳӣ | | |
| 2.1 | Объектҳои арзишмуайянкунӣ | Шакл ва намудҳои хизматрасонӣ, мутобиқи хароҷоти мақсадноки хизматрасонӣ. |
| 2.2 | Усулҳои арзишмуайянкунӣ | Вобаста аз таркиби объектҳои арзишмуайянкунӣ |

Давоми ҷадвали 4.3.3.

| | | |
|---|---|---|
| 2.3 | Тарзи баҳодиҳии захираҳо | Баҳодиҳии босифати захираҳои рекреатсионӣ-сайёҳӣ, интихоби объекти баҳодиҳӣ, муайян намудани объекти баҳодиҳӣ, муайян намудани усулҳои баҳодиҳӣ, коркарди воҳиди баҳодиҳӣ.<br>Ҷамъоварии маълумоти дохилӣ ва баҳодиҳии номгӯйи маҳсулоти (хизматрасонии) сайёҳии корхона.<br>Ҷамъоварии маълумоти беруна ва омӯзиши сегментҳо оид ба самтҳои саёҳат ва намуди сайрҳо.<br>Назорат оид ба пурра ва сари вақт пешниҳод намудани маҳсулоти (хизматрасониҳои) сайёҳии корхонаи сайёҳӣ. |
| 2.4 | Барасмиятдарории ҳуҷҷатии арзишмуайянкунӣ | ҳисобкуниҳо оид ба муайян кардани арзиши аслии бастаи хизматрасониҳо;<br>ҳисобкуниҳо оид ба муайян кардани арзиши аслии ҳар як намуди хизматрасонӣ;<br>маълумотномаҳои таҳлилӣ. |
| Қисми 3. Баҳисобгирии даромад аз фурӯши маҳсулоти (хизматрасонии) сайёҳӣ | | |
| 3.1 | Объекти эътирофи даромад | шартномаи хизматрасонии пулакӣ – уҳдадор шудан барои расондани хизматрасонӣ ба сайёҳ;<br>шартномаи хариду фурӯш – санаи пешниҳоди роҳхат ба сайёҳ;<br>шартномаи миёнаравӣ – санаи пешниҳод ва тасдиқ намудани ҳисоботи агентии сайёҳӣ;<br>ташаккули арзиши аслии маҳсулоти сайёҳӣ;<br>далели аз агентии сайёҳӣ ҳамчун пардохти қарздории дебиторӣ дохилшавии воситаҳои пулӣ;<br>санаи пардохти мабалағи саёҳат аз сайёҳ;<br>санад оид ба расондани хадамоти иловагӣ ба сайёҳон. |
| 3.2 | Усулҳои эътирофи даромад | Дар мавриди истифодабарии усули ҳисобу замкунӣ:<br>– лаҳзаи ҳисоббарбаркунӣ бо сайёҳ бо додани роҳхат ва дигар ҳуҷҷатҳои лозимӣ, ки корхона гирифтани нафъи иқтисодиро тасдиқ менамояд;<br>– рӯзи ба охир расидани муҳлати саёҳат ва хизматрасонии пурра мутобиқи роҳхат.<br>Дар мавриди истифодабарии усули хазинавӣ даромад дар ҳамон давраи ҳисоботие, ки гирифта шудааст эътироф карда мешавад. |
| 3.3 | Инъикоси даромад дар ҳисобҳо | Дебет ҳисобҳои Воситаҳои пулӣ (10100, 10200) ё ҳисоби 10410 «Ҳисобҳо барои қабул»<br>Кредит ҳисоби 44011 «Даромад аз фурӯши роҳхати сайёҳӣ» дар мавриди фурӯши роҳхат ба сайёҳ, ки ҳуқуқ барои гирифтани хизматрасониро тасдиқ менамояд.<br>Дар як вақт арзиши роҳхати харидашуда аз ҳисоб бароварда мешавад:<br>Дебет ҳисоби 55011 «Арзиши аслии роҳхати фурӯхташуда»<br>Кредит ҳисоби 10711 «Роҳхатҳои гирифташуда». |
| 3.4 | Муайян кардани натиҷаи молиявӣ | муайян кардани натиҷаи молиявии фаъолият бо алоқамандии ҳисобҳо чунин натиҷагирӣ карда мешаванд:<br>Дебет 44011 «Даромад аз фурӯши роҳхати сайёҳӣ»<br>Кредит 70000 «Маҷмуи даромадҳо ва хароҷот»,<br>Дебет 70000 «Маҷмуи даромадҳо ва хароҷот»<br>Кредит 55011 «Арзиши аслии роҳхати фурӯхташуда».<br>Дар мавриди ҳисоби 70000 бақияи дебетӣ доштан, бо алоқамандии ҳисоби 33200 «Фоидаи тақсимнашуда», зарар аз ҳисоби фоида рӯйпӯш карда мешавад, агар ҳисоби 70000 бақияи кредитӣ дошта бошад, фоида ба ҳисоби 33200 гузаронда мешавад. |

**Сарчашма:** коркарди муаллиф

Ҳамин тавр, унсурҳои модели пешниҳодшуда, хусусият ва тартиби татбиқи онро инъикос менамояд. Дар асоси модели таҳияшуда имконият фароҳам меояд, ки ҷараёнҳои асосии баҳисобгирии хароҷот ва даромадҳо дар корхонаҳои соҳаи сайёҳӣ муайян карда шаванд.

Ташаккули назария, методология ва таъминоти амалии баҳисобгирии муҳосибии модели даромадҳо ва хароҷоти корхонаҳои сайёҳӣ ба донишҳо ва тафаккури илмӣ асос ёфтааст. Унсурҳои таъминоти назариявӣ ҳамчун маҷмуи принсипҳои ба ҳам алоқаманд фаҳмиши амиқи назариявӣ, мантиқӣ, методологӣ ва амалиии фаъолияти корхонаи амалкунандаро таъмин менамоянд. Ин имкон медиҳад, ки дар баҳисобгирии муҳосибии корхонаҳои сайёҳӣ талаботҳо ва маросимҳои ташаккули иттилоотӣ оид ба даромадҳо ва хароҷот муайян ва баҳодиҳӣ карда шаванд.Мавқеи назариявӣ ва методологӣ пешбинӣ менамояд, ки масъалаҳои муҳим дар доираи таҳқиқот ҳалли худро пайдо намоянд.

Барои расидан ба мақсадҳои бунёдӣ ва вазифаҳои гузошташуда интихоби мантиқии низомҳо, талаботҳо ва принсипҳои ба ҳам алоқаманди баҳисобгирӣ риоя карда шуда, мавқеи назариявӣ ва методологии модели баҳисобгирии муҳосибии хароҷот ва даромадҳои корхонаи сайёҳиро муайян менамояд. Амалияи воқеии муосири низоми баҳисобгирии муҳосибӣ нишон медиҳад, ки методика ва методологияи таъминоти баҳисобгирӣ ва ҷанбаҳои асосии модел такмил дода шаванд.

Бинобар ин, дар модели функсионалии пешниҳодшудаи таъминоти баҳисобгирӣ-таҳлилии хароҷот ва даромадҳо дар корхонаҳои сайёҳӣ, нақши муҳимро таъминоти методологӣ мебозад.

Барои боз ҳам фаҳмо ва равшан намудани баҳисобгирии муҳосибии даромадҳо ва хароҷоти корхонаҳои сайёҳӣ, мо дар намуди содакардашуда модели алоқамандии ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибиро дар корхонаҳои сайёҳӣ пешниҳод намудаем (расми 4.3.3).

Муҳимтарин ҷузъи модели пешниҳодшуда истифодабарии ҳисоби хароҷотии «Маҳсулоти сайёҳӣ» мебошад, ки дар он ҷамъи хароҷоти ташаккулдиҳандаи арзиши аслии ҳар як намуди маҳсулоти сайёҳӣ инъикос

гардида, дар фарқият аз дигар соҳаҳо, ҳисоби мазкур ифодаи ҷисмонӣ- моддиро надорад. Хулоса, модели пешниҳодшудаи хароҷот, ки дар асоси модели тавсифкунандаи соҳавӣ таҳия шудааст, барои фаъолияти пурсамари корхонаҳои сайёҳӣ, ки ба хизматрасонии гуногунҷабҳа машғуланд, мусоидат менамояд.




**Расми 4.3.3. - Модели алоқамандии ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ дар корхонаҳои сайёҳӣ**

**Сарчашма:** коркарди муаллиф

Истифодабарии он дар амалия имкон медиҳад, ки баҳисобгирии хароҷот,

муайян намудани арзиши аслӣ, даромадҳо ва натиҷаи молиявии корхонаҳои сайёҳӣ дуруст ба роҳ монда шаванд, инчунин расидан ба ҳадафҳо ва мақсадҳои гузошташуда ва гирифтани фоидаи максималӣ мусоидат намояд.

## ХУЛОСА ВА ТАВСИЯҲО

1. Соҳаи сайёҳӣ ҳамчун соҳаи зудрушдёбанда ва даромаднок дар таркиби соҳаи хизматрасонӣ мавқеи хос дошта, дар аксар мамолики олам самти афзалиятнок эълон карда шудааст ва барои рушди он диққати махсус дода шуда, сабукиҳои андоз ва имтиёзҳои дигар дода мешаванд. Дар натиҷаи таҳлил ва таҳқиқи соҳаи сайёҳии мамлакатҳои соҳаи сайёҳиашон тараққикарда муайян карда шуд, ки он дар рушди иқтисодиёти ин кишварҳо нақши муҳим мебозад. Дар натиҷаи омӯзиши таҷрибаи мамолики соҳаи сайёҳиашон рушдёфта тасдиқ карда шуд, ки сайёҳӣ барои рушди соҳаҳои ба сайёҳӣ алоқаманд, ба монанди соҳаҳои иқтисодиёт, иҷтимоиёт, фарҳанг, тиҷорат, соҳибкорӣ, кишоварзӣ, нақлиёт, алоқа, бонкдорӣ, муассисаҳои хӯроки умумӣ, таъсири мусбат мерасонад. Инчунин, рушди сайёҳӣ барои ғанӣ гардидани қисми даромади буҷет, ташкили ҷойҳои нави корӣ, беҳтар намудани инфрасохторҳо дар маҳалҳо ва коҳиш додани сатҳи камбизоатии аҳолӣ мусоидат менамояд. Натиҷаи таҳқиқот имконият фароҳам овард, ки таркиби субъектҳои соҳаи сайёҳӣ вобаста ба хизматрасонӣ ба дараҷаи аввал, дуюм ва сеюм ҷудо карда шуда, тартиби баҳисобгирии муҳосибии фаъолияти онҳо мавриди баррасӣ қарор гирифтааст [2-М, 4-М, 8-М, 30-М, 35-М, 37-М, 44-М].

2. Исбот карда шудааст, ки сайёҳӣ, аз нуқтаи назари муносибати институтсионалӣ, маҷмуи субъектҳо ва объектҳои соҳаи сайёҳӣ ва муносибати мутақобилаи байни онҳо дар раванди истеҳсол ва истеъмоли маҳсулоти сайёҳиро ифода намуда, институти асосии ин муносибатҳо, ба монанди дигар соҳаҳои истеҳсолоти ҷамъиятӣ – давлат мебошад. Давлат маҳз бо роҳи батанзимдарории соҳаи сайёҳӣ, ба васеъ шудани бозори хизматрасонии сайёҳӣ мусоидат намуда, сиёсати иҷтимоии мутобиқро амалӣ менамояд. Асоснок карда шудааст, ки ҷалб нагардидани давлат аз иштирок дар батанзимдарории фаъолияти соҳаи сайёҳӣ кори нодуруст буда, мутаносибии муносибатҳои байниҳамдигарии истеҳсолкунанда ва истеъмолкунандаи маҳсулоти сайёҳиро вайрон мекунад. Таркиби институтсионалии соҳаи сайёҳӣ таҳлил карда шуда,

он ба корхонаҳое, ки рушди соҳаи сайёҳиро таъмин менамоянд (дастгирии инфрасохторӣ), корхонаҳое, ки маҳсулот ва хизматрасонии сайёҳиро ташкил ва пешниҳод менамоянд (ширкатҳои сайёҳӣ), корхонаҳои соҳаҳои омехта ва корхонаҳое, ки ба фурӯши маҳсулот ва хизматрасониҳои сайёҳӣ машғуланд, асоснок ва ҷудо карда шудаанд. Санадҳои байналмилалии танзими ҳуқуқии байналмилалии соҳаи сайёҳӣ ва истифодабарии он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқ карда шудаанд. Дар натиҷаи таҳлили танзими соҳаи сайёҳии мамолики гуногуни ҷаҳон моделҳои амалкунандаи батанзимдарории меъёрӣ-ҳуқуқии соҳаи сайёҳӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, таъсири он ба иқтисодиёти ин мамлакатҳо муайян карда шудаанд [9-М, 13-М, 22--М, 29-М, 47-М, 50-М].

3. Мақсади асосие, ки вазъият ва фаъолияти корхонаҳои сайёҳиро муайян менамояд, пешниҳоди хизматрасонии босифати сайёҳӣ ва дар баробари ин таъмини вазъи молиявӣ, тамоюли рушд ва натиҷаҳои молиявии мусбат мебошад. Дар фаъолияти хоҷагидории субъектҳои хоҷагидори соҳаи сайёҳӣ, маҳсулоти сайёҳӣ ҳамчун натиҷаи ниҳоии молиявии фаъолияти корхона ё ширкати сайёҳӣ бояд инъикоси дурусти худро ёбад. Муқаррар карда шудааст, ки вобаста ба хусусиятҳои хоси соҳавии фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ, ташкил ва пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва ташкил кардани низоми назорати дохилӣ барои истифодабарандагони дохилӣ ва беруна дар ҳисоботи молиявӣ иттилооти фаҳмо ва боэътимодро пешкаш карда тавонад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон корҳои илмӣ ва таҳқиқотҳои олимони ватанӣ, ки ба соҳаи сайёҳӣ бахшида шудаанд, хеле маҳдуд буда, масъалаҳои баҳисобгирӣ, назорат ва таҳлили фаъолияти сайёҳӣ то ҳол ҳаллу фасл нашудаанд ва таҳқиқи минбаъдаро талаб мекунанд. Мутобиқи таснифоти маҳсулот ва хизматрасониҳои сайёҳӣ, чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки корхонаҳои сайёҳӣ дар умум низоми фаъолияти байнисоҳавии субъектҳои иҷтимоӣ-иқтисодие мебошанд, ки бо маҷмуи амалиётҳои хоҷагидорӣ барои ташкил, таъмин, ташаккул ва истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ – маҳсулоти сайёҳӣ ба ҳам алоқамананд: хатсайрҳои сайёҳиро таҳия менамоянд, таркиби хизматрасониҳои сайёҳиро муайян менамоянд, бастани шартномаҳо бо

корхонаҳое, ки хадамоти ба сайёҳӣ алоқамандро пешкаш менамоянд, роҳбаладии сайёҳон дар вақти сайру саёҳат ва назорати хадамоти пешниҳодшударо ташкил менамоянд [3-М, 9-М, 17-М, 18-М, 25-М, 28-М, 31-М].

4. Дар натиҷаи таҳлили фаъолияти субъектҳои соҳаи сайёҳӣ, вобаста ба самтҳои гуногуни хизматрасонӣ дар корхонаҳои сайёҳӣ, муаммоҳои методологии баҳисобгирӣ ва назорати дохилии корхонаҳои сайёҳӣ муайян карда шудаанд. Тавсифномаи умумӣ ва фарқияти ширкати сайёҳӣ ва агентии сайёҳӣ ба хусусиятҳои баҳисобгирии муҳосибии фаъолияти онҳо таъсир мерасонад. Инчунин, омилҳое, ки барои ташкил ва пешбурди баҳисобгирии муҳосибии ширкатҳо ва агентиҳои сайёҳӣ таъсир мерасонанд, ба монанди шаклҳои амалӣ намудани ҳисоббаробаркуниҳои байниҳамдигарӣ, хусусиятҳои барасмиятдарории ҳуҷҷатии амалиётҳои хоҷагидорӣ, шаклҳои баҳисобгирии муҳосибии истифодашаванда, шартномаҳои байниҳамдигарӣ муайян карда шуданд. Дар асоси нишондиҳандаҳои фаъолият, ба ғайр аз автоматикунонии баҳисобгирӣ, субъектҳои фаъолияти сайёҳӣ мақсаднок мебуд таҳлили боҳамалоқамандии хароҷот, ҳаҷми истеҳсолот ва фоидаро ба роҳ монанд, ки ба самаранокии банақшагирӣ, идоракунии босалоҳият ва назорати саривақтӣ мусоидат менамояд ва имконият медиҳад, ки натиҷаҳои интизоришаванда аз фаъолияти молиявӣ-хоҷагидории субъектҳои соҳаи сайёҳӣ ба даст оварда шаванд [3-М, 9-М, 24-М, 26-М, 34-М, 45-М, 58-М].

5. Сиёсати баҳисобгирӣ ҳуҷҷати асосии танзимкунандаи ташкил ва пешбурди баҳисобгирии корхона маҳсуб меёбад, ки дар натиҷа ба ташаккули натиҷаи молиявӣ ва нишондиҳандаҳои ҳисоботи молиявӣ таъсир мерасонад. Вазифаи бештар муҳимми низоми менеҷменти корхона таҳияи дурусти сиёсати баҳисобгирӣ мебошад ва аз мундариҷаи асосии муайян намудани арзиши аслии ҳақиқии маҳсулот ва хизматрасониҳои сайёҳӣ, муайян намудани натиҷаҳои фаъолияти молиявӣ, андоз аз даромад, инчунин нишондиҳандаҳои ҳолати молиявии корхона вобастагӣ дорад. Бинобар ин, маҳз воситаҳои методологии дар сиёсати баҳисобгирӣ муқаррааргардида нишондиҳандаҳои натиҷавии

даромаднокӣ, қобилияти пардохтпазирӣ, таркиби сарчашмаҳои маблағгузорӣ ва дигар нишондиҳандаҳои фаъолияти корхонаро муайян менамояд, ки истифодабарандагони он дар асоси маълумотҳои ҳисоботи молиявӣ натиҷагирӣ мекунанд. Сиёсати баҳисобгирӣ дар корхона нақши бузург ва муҳиммияти хоси худро доро мебошад, чунки маҳз дар он талаботи тартиботи баҳисобгирии муҳосибӣ ва фискалӣ инъикоси худро меёбад, ки муқаррароти он ҳамчун далелҳо дар баҳсҳои судӣ истифода бурда мешаванд [10-М, 19-М, 29-М, 33-М, 39-М, 48-М].

6. Вазъи муосири ташкили баҳисобгирии муҳосибии хароҷот, даромадҳо, муайян кардани натиҷаҳои молиявии корхонаҳои сайёҳӣ вобаста ба хусусиятҳо ва самти фаъолият, яъне фаъолияти тиҷоратӣ ва миёнаравии ширкатҳо ва агентиҳои сайёҳӣ, ки ба истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти сайёҳӣ, инчунин ташкил ва амалинамоии ҷараёни баҳисобгирӣ машғуланд, таҳлил карда шуданд. Натиҷаи таҳлили муфассали муқоисавии баҳисобгирии муҳосибӣ ва андоз муайян намуд, ки мафҳуми баҳисобгирии муҳосибӣ аз баҳисобгирии андоз васеътар буда, баҳисобгирии андоз яке аз унсурҳои баҳисобгирии муҳосибӣ мебошад ва ҳарду низом мутобиқи талаботҳои СБҲМ фаъолият мекунанд ва мақсади асосии он аниқ муайян намудани ӯҳдадориҳои андозии корхона маҳсуб меёбад. Ҷанбаҳои ташкилӣ-методии баҳисобгирии фурӯши маҳсулоти сайёҳӣ, вобаста ба ҳуқуқи амалинамоии фурӯши маҳсулот ва хизматасониҳои сайёҳӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, тартиби баҳисобгирии даромадҳо, хароҷот ва муайян кардани натиҷаҳои молиявӣ, вобаста ба фаъолияти истеҳсолӣ, хизматрасонӣ ва миёнаравии корхонаҳои сайёҳӣ коркард ва пешниҳод карда шудааст [1-М, 6-М, 15-М, 20-М, 24-М, 26-М, 35-М, 42-М].

7. Рушди босуръати соҳаи сайёҳӣ зарурати мутобиқшавии субъектҳои хоҷагидорро ба хизматрасонии шумораи зиёди сайёҳон водор менамояд. Барои самаранокии фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ назорати соҳавии давлатӣ ва ташкили низоми назорати дохилӣ муҳим шуморида мешавад. Дар диссертатсия ҳолати муосири назорати дохилӣ номукаммал баҳогузорӣ гардидааст, ки дар нодуруст муайян кардани объектҳо, субъектҳо, вазифаҳои он аз тарафи

менеҷмент ифода меёбад, ки ба ҳолати ногувори молиявӣ ва дар натиҷа ба муфлисшавӣ оварда мерасонад. Хусусиятҳои объектҳои назорати дохилии корхонаҳои сайёҳӣ мавриди омӯзишу таҳлил қарор гирифтааст. Дар асоси таҳлили методикаи амалкунандаи низоми назорати дохилии фаъолияи корхонаҳои сайёҳӣ вазифаҳо, марҳилаҳо ва давраҳои назоратӣ муайян карда шуданд ва бо дарназардошти хусусиятҳои соҳавӣ методикаи назорати дохилии даромад, хароҷот ва натиҷаи фаъолияти корхонаи сайёҳӣ коркард шудааст. Мавҷуд набудани дастурҳои методии соҳавӣ оид ба хароҷот ва муайян кардани арзиши аслии маҳсулоти сайёҳӣ ва хизматрасониҳои сайёҳӣ сабаби пайдоиши муаммоҳо дар фаъолияти амалии корхонаҳои сайёҳӣ мегарданд ва ба танзими самаранокии низоми назорати дохилӣ мусоидат намекунанд. Ба ғайр аз ин, новобаста аз инъикос намудани амалишавии назорати муносибатҳои шартномавии корхонаҳои сайёҳӣ аз тарафи олимони ватанӣ, чунин объектҳои зарурии назорат, ба монанди қарздориҳои дебиторӣ ва кредиторӣ, ки дар натиҷаи муносибатҳои шартномавӣ ба амал меоянд, бе таваҷҷуҳ мондаанд. Вобаста ба хусусиятҳои хоси «истеҳсолии» равандҳои фаъолияти молиявӣ-хоҷагидории корхонаҳои сайёҳӣ таҳлил карда шуда, таҳияи тавсиянома барои ташкил намудани назорати онҳо пешниҳод карда шудааст [2-М, 11-М, 19-М, 29-М, 33-М, 38-М, 55-М, 60-М].

8. Вобаста ба гуногунҷабҳагии фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ, дастрасӣ ба иттилооти фаврӣ, иқтисодӣ ва молиявӣ барои танзими хароҷот, арзишмуайянкунӣ ва муайян намудани натиҷаҳои молиявӣ муҳим ҳисобида мешавад. Мутобиқи нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибии амалкунанда тағйиротҳои мувофиқ дар ҳисобҳои ҷорӣ вобаста ба хусусиятҳои хоси соҳаи сайёҳӣ пешниҳод ва асоснок карда шудаанд, ки барои пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ мувофиқи нишонаҳои таъинот, иттилоотӣ, низоми бақайдгирӣ ва дараҷаи эътимоднокии иттилоот заруранд. Низоми мавҷудаи баҳисобгирии муҳосибӣ, баҳисобгирии даромадҳо ва хароҷот, арзишмуайянкунӣ ва муайян намудани натиҷаҳои молиявӣ, усулҳои таҳияи ҳисоботи молиявӣ, идоракунӣ, оморӣ таҳлил карда шуда, вобаста ба фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ ба шароити

СБҲМ дар сайёҳӣ бояд мутобиқ карда шаванд. Истифодабарии СБҲМ идоракунии самаранок ва шаффофияти корхонаро баланд мебардорад ва дар рақобати бозорӣ мавқеи онро устувор менамояд. Ин имконият медиҳад, ки байни корхонаҳои ватанӣ ва ширкатҳои хориҷӣ алоқаҳои иқтисодии байниҳамдигарӣ мустаҳкам карда шаванд [9-М, 12-М, 14-М, 21-М, 32-М, 41-М, 42-М, 48-М].

9. Яке аз масъалаи ҳалталаби ҳолати муосири низоми назорат, ки дар натиҷаи таҳқиқоти гузарондашуда муайян карда шуд, ин мавҷуд набудани муносибати бонизом дар ҳама қитъаҳои баҳисобгирӣ вобаста ба бизнес-ҷараёнҳои мувофиқ, инчунин вогузор намудани вазифаҳои назоратӣ аз роҳбарони зерсохторҳои таркибӣ ба муҳосиботи корхонаҳои сайёҳӣ мебошад. Инчунин, дар корхонаҳои сайёҳии таҳқиқшаванда низоми дуруст вобаста ба марказҳои масъулият ва марказҳои хароҷот ба роҳ монда нашудааст, ки дар натиҷа дастурамалҳои вазифавӣ ба шахсони ба амалишавии низоми назорат ҷавобгар вобаста карда нашудаанд. Ин ба зиёдшавии сарбории кормандони муҳосибот ва дуруст роҳандозӣ нашудани маросимҳои назоратӣ оварда мерасонад, ки ба натиҷаи умумӣ зарар мерасонад. Тасдиқ карда шудааст, ки вобаста ба хусусиятҳои хоси корхонаҳои сайёҳӣ, низоми назорат мутобиқи сохтори ташкилии субъектҳои соҳаи сайёҳӣ низоми бисёрсатҳаи назоратӣ ташкил карда шавад, ки ҷавобгарии фардии роҳбарони зерсохторҳои таркибӣ ва кормандонро пешбинӣ менамояд [2-М, 5-М, 7-М, 12-М, 23-М, 33-М, 53-М].

10. Низоми ягонаи баҳисобгирӣ аз баҳисобгирии молиявӣ, идоракунӣ, андозӣ ва оморӣ иборат аст. Ин низом ба Стандартҳои байналмилалииҳисоботи молиявӣ асос ёфта, имконият медиҳад, ки фаъолияти молиявию хоҷагидории корхонаро ҳамаҷониба ва пурра инъикос намояд. Барои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти корхонаҳои сайҳӣ баҳодиҳии нишондиҳандаҳои фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ, маҳсулот ва хизматрасониҳои сайёҳӣ гузаронда шуда, барои баҳисобгирии муҳосибӣ, назорат, таҳлил ва танзими фаъолият гуногунҷабҳаи корхонаҳои сайёҳӣ низоми буҷетикунонӣ вобаста ба марказҳои масъулият таҳия ва коркард карда шудааст, ки нақшаҳои молиявиро муносиб

менамояд. Инчунин, истифодабарии амалии он барои иҷрои вазифаҳои гузошташуда дар корхонаҳои сайёҳӣ муҳим ва натиҷабахш мебошад. Барои корхонаҳои сайёҳӣ коркарди модели ташкили баҳисобгирии хароҷот ва даромадҳо барои объектҳои баҳисобгирӣ самти зарурӣ ва муҳимми такмили модели баҳисобгирӣ маҳсуб меёбад [16-М, 21-М, 40-М, 51-М, 54-М, 59-М].

## ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲО

1. Низоми мавҷудаи ташкил ва пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорат дар корхонаҳои соҳаи сайёҳӣ ба талаботҳои СБҲМ мутобиқ карда нашудааст. Бо мақсади ҷалби сармоя барои рушди ояндаи корхонаҳои соҳаи сайёҳӣ, зарурияти дуруст ва боэътимод инъикос намудани муносибатҳои ҳуҷҷатии байниҳамдигарии корхонаҳои соҳаи сайёҳӣ, инчунин ташкили баҳисобгирӣ, ҳисоббаробаркунии байни онҳо, назорати фаъолияти субъектҳои сайёҳӣ ба миён меояд. Мутобиқи талаботҳои СБҲМ эътимоднокии нишондиҳандаҳои ҳисоботи молиявӣ барои истифодабарандагони дохилӣ ва беруна муҳим арзёбӣ мегардад.

Инчунин, барои роҳ ёфтан ва мавқеи устувор пайдо намудани корхонаҳои сайёҳӣ дар бозори умумиҷаҳонии сайёҳӣ, васеъ намудани мавқеи муайян дар муносибатҳои байналмилалӣ, ҷалби сармоягузории хориҷӣ ва дохилӣ, ҳисоботи молиявии корхонаҳои сайёҳӣ бояд бо забони хориҷӣ ва тибқи талаботҳои СБҲМ тартиб дода шуда, барои истифодабарандагони беруна дастрас, фаҳмо ва эътимоднок бошад. Ин донистани ҳуқуқи байналмилалӣ ва талаботҳои СБҲМ-ро аз роҳбарият ва муҳосибони корхона талаб менамояд [2-М, 3-М, 8-М, 14-М, 25-М, 29-М, 32-М].

2. Рушди соҳаи сайёҳӣ, асосан аз ҳолат ва сифати санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии танзимкунанда, инчунин ҳуҷҷатҳои соҳавӣ ва дохилии ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорати корхонаҳои соҳаи сайёҳӣ вобастагӣ дорад. Зарурати таҳия ва қабули санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, аз ҷумла низомнома, дастурамал ва дастурҳои методии соҳавӣ барои корхонаҳои сайёҳӣ ба миён омадааст. Инчунин, дастгирии иловагии давлатӣ, додани сабукиҳо ва

имтиёзҳои иловагӣ ба рушди соҳаи сайёҳӣ ва ташкилу азнавсозии инфрасохтори сайёҳӣ мусоидат менамояд. Маълумотҳои аз Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дастраснамуда оид ба субъектҳои фаъолияти сайёҳӣ гуногун буда, низоми баҳисобгирии дохилшавии сайёҳон ва ташрифкунандагон дар амалия номукаммал аст. Бинобар ин, ҳамоҳангсозии ин идораҳои масъул барои ба қайд гирифтани шумораи сайёҳон ва ҷудо намудани онҳо аз ташрифоварандагон ва меҳмонон ба манфиати кор мебуд [2-М, 4-М, 12-М, 14-М, 17-М, 19-М, 29-М, 30-М, 36-М, 46-М].

3. Объекти фаъолияти соҳибкорӣ дар корхонаҳои сайёҳӣ, вобаста аз гуногунҷабҳагии фаъолияти онҳо ва корхонаҳои ба соҳаи сайёҳӣ алоқаманд – ташаккул ва фурӯши маҳсулоти сайёҳӣ мебошад. Хусусиятҳои баҳисобгирӣ ва назорати фаъолияти сайёҳӣ дар асоси тақсимот ва таснифоти субъектҳои фаъолияти сайёҳӣ, таҳлил ва ташхиси фаъолияти онҳо, ки дар асоси маълумотҳои баҳисобгирӣ ва ҳисоботи молиявӣ асос ёфтааст, ба рушди соҳаи сайёҳӣ таъсири мусбат мерасонад. Бисёрсамтии фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ, ба ақидаи мо, онро ифода менамояд, ки хизматрасониҳо ба асосӣ, иловагӣ ва ёрирасон ҷудо карда шаванд, бинобар ин хароҷот ва натиҷаҳои молиявӣ бояд дар алоҳидагӣ инъикоси худро ёбанд ва зарурияти истифодабарии усулҳои гуногуни баҳисобгирии хароҷот ва калкулятсияи арзиши аслии маҳсулот дар умум ва вобаста ба намуди маҳсулот (хизматрасонӣ) ва технологияи фаъолияти сайёҳӣ алоқаманд ба роҳ монда шаванд. Яке аз хусусиятҳои хоси ташкили баҳисобгирии муҳосибии корхонаҳои сайёҳӣ механизми дурусти ба роҳ мондани гардиши ҳуҷҷатҳо мебошад, ки ташкили дурусти он ба нишондиҳандаҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ дар корхонаҳои сайёҳӣ таъсири мусбат мерасонад [16-М, 18-М, 20-М, 25-М, 34-М, 37-М, 45-М, 55-М, 58-М].

4. Дар ҷараёни ташаккули низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорат як қатор муаммоҳои методологӣ, ба монанди муаммоҳои ташкилӣ, баҳисобгирӣ ва назоратӣ, ки вобаста ба хусусиятҳои соҳаи сайёҳӣ ба амал меоянд, муайян

карда шуда, роҳҳои ҳалли онҳо пешниҳод карда шудаанд. Барои ба роҳ мондани баҳисобгирии муҳосибӣ дар корхонаҳои сайёҳӣ бояд маҷмуи тарзу усулҳое истифода шаванд, ки дар сиёсати баҳисобгирӣ муттаҳид карда шудаанд. Вобаста ба гуногунии амалиётҳои хоҷагидории субъектҳои фаъолияти сайёҳӣ онҳо ҳатман дар алоҳидагӣ таҳқиқ ва дар низоми баҳисобгирии муҳосибӣ, ҳисоботи молиявии корхонаҳои сайёҳӣ гурӯҳбандӣ ва инъикос карда шаванд. Дар соҳаҳои гуногун баҳисобгирии муҳосибӣ дорои хусусиятҳои хоси худ буда, бинобар ин сиёсати баҳисобгирии корхонаҳои сайёҳӣ хусусиятҳои хоси ба ин соҳаи иқтисодиёт алоқамандро бояд инъикос намояд. Барои муайян намудани арзиши аслии маҳсулоти сайёҳӣ, хароҷот аз рӯйи намудҳои гуногуни хизматрасонӣ (худӣ, беруна, омехта), мо онҳоро аз рӯйи якчанд аломатҳо (истеҳсолӣ ва ғайриистеҳсолӣ, асосӣ ва бароилова, доимӣ ва тағйирёбанда, мустақим ва ғайримустақим, танзимкунӣ ва назоратӣ, амалиётӣ ва молиявӣ, иҷозатномагирӣ, азхудкунии хатсайрҳои нав) гурӯҳбандӣ ва асоснок намудем, ки ба фаъолияти самарабахши корхонаҳои сайёҳӣ манфиатнок аст [9-М, 10-М, 15-М, 24-М, 26-М, 42-М, 49-М, 56-М].

5. Ташкил кардани маркази ягонаи назорати сифати хизматрасонӣ бояд барои пешгирии қаллобӣ дар соҳаи сайёҳӣ мусоидат менамояд. Барои ин, ба фикри мо, гузаронидани аттестатсия, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси кормандони корхонаҳои сайёҳӣ зарур аст. Ташкил кардани ширкати сайёҳии ягона ё ассотсиатсияи сайёҳон, ки бо агентиҳои сайёҳӣ ҳамкорӣ кунад ва барои расонидани хадамоти босифати сайёҳӣ ҷавобгар бошад, ба мақсад мувофиқ аст. Мо пешниҳод менамоем, ки рӯйхати ягонаи махсуси ширкатҳо ва агентиҳои сайёҳии ватанӣ ташкил карда шуда, дар шабакаи Интернет ҷойгир карда шаванд, ки дар асоси нишондиҳандаҳои фаъолияти онҳо сайёҳон интихоби мустақил дошта бошанд. Инчунин, барои амалӣ намудани вазифаҳои назоратӣ бояд ҷараёни баҳисобгирии воридшавӣ ва хориҷшавии сайёҳон дар байни идораҳои ваколатдор ба танзим даровarda шавад [3-М, 4-М, 9-М, 12-М, 17-М, 28-М].

6. Дар асоси омӯзиши ҷанбаҳои ташкилӣ ва методии сиёсати баҳисобгирӣ, мутобиқи талаботҳои СБҲМ ва санадҳои меъёрию ҳуқуқии амалкунандаи баҳисобгирии муҳосибӣ, дар заминаи манбаи иттилоотии баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявии фаъолияти ширкатҳои сайёҳӣ, сиёсати баҳисобгирии намунавӣ барои корхонаҳои сайёҳӣ таҳия ва пешниҳод карда шудааст. Дар мавриди таҳияи сиёсати баҳисобгирии корхонаҳои сайёҳӣ таъсири омилҳои дохилӣ ва беруна ҳатман ба инобат гирифта шавад. Дар сиёсати баҳисобгирии корхонаҳои сайёҳӣ вобаста ба хусусиятҳои фаъолияти корхонаи сайёҳӣ ва баҳисобгирии муҳосибии он ду модел пешниҳод карда шудааст: 1. Модели низоми бисёрсатҳаи ташаккули сиёсати баҳисобгирӣ дар асоси сохтори ташкилии корхонаи сайёҳӣ ва 2. Модели алтернативии сиёсати баҳисобгирӣ дар асоси сарчашмаи иттилоотии баҳисобгирӣ. Дар сиёсати баҳисобгирии ширкати сайёҳӣ бояд тартиби муайян кардани даромад бо мақсади баҳисобгирии муҳосибӣ ва андозӣ нишон дода шавад. Вобаста ба муайян кардани натиҷаҳои молиявии корхонаҳои сайёҳӣ алоқамандии баҳисобгиирии муҳосибиро бо мақсади андозбандии фаъолият таҳлил намудан аз манфиат холӣ нест. Бинобар ин, таҳияи модели умумии намунавии сиёсати баҳисобгирӣ дар корхонаҳои сайёҳӣ ва бо ҳам алоқамандии баҳисобгирии молиявӣ, идоракунӣ, экологӣ ва андоз барои рушди сайёҳӣ ва фаъолияти самараноки корхонаҳои сайёҳӣ ва дуруст ба роҳ мондани баҳисобгирии муҳосибӣ дар ин соҳа мусоидат менамояд [10-М, 19-М, 29-М, 33-М, 39-М, 48-М].

7. Ба ақидаи мо, баҳисобгирии амалии ватанӣ амалиётҳои хоҷагидорӣ ва натиҷаи фаъолияти корхонаҳои соҳаи сайёҳиро дар ҳисобҳои истифодашаванда пурра ва эътимоднок инъикос карда наметавонад. Бинобар ин, барои баҳисобгирии намудҳои алоҳидаи маҳсулоти сайёҳӣ (хизматрасонӣ) истифодабарии ҳисобҳои иловагӣ дар заминаи Нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибии амалкунанда мувофиқи мақсад мебошад. Ҳамин тавр, дар таҳқиқоти диссертатсионӣ пешниҳод карда мешавад, ки ҳисоби 33200 «Фоидаи тақсимнашуда» ба «Фоидаи тақсимнашуда (зарари рӯйпӯшнашуда)» табдил

дода шуда, инчунин ҳисобҳои 33210 «Фоидаи тақсимнашудаи (зарари рӯйпӯшнашудаи) давраи ҳисоботӣ» 33220 «Фоидаи тақсимнашудаи (зарари рӯйпӯшнашудаи) солҳои гузашта» кушода шаванд. Мо чунин меҳисобем, ки мутобиқи ин моддаҳои ҳисоботи молиявӣ натиҷаи фаъолияти корхона дар давраҳои ҳисоботӣ ва гузашта эътимоднок инъикос мегарданд. Инчунин, кушодани ҳисобҳои иловагӣ барои ҳисоби 10710 «Молҳо» – 10711 «Роҳхатҳои гирифташуда»; барои ҳисоби 55010 «Арзиши аслии фурӯш» – 55011 «Арзиши аслии роҳхати фурӯхташуда», илова ба ҳисоби 44010 «Даромад аз фурӯш» – 44011 «Даромад аз фурӯши роҳхати сайёҳӣ» эътимоднокии нишондиҳандаҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявиро таъмин менамояд [2-М, 9-М, 16-М, 20-М, 24-М, 24-М, 27-М, 45-М, 55-М].

8. Таҳқиқоти гузарондашуда, метавонад чунин номгӯйи эҳтимолии назорат дар корхонаҳои сайёҳиро ташаккул диҳад: муносибатҳои шартномавӣ; ҷараёнҳои ташаккул, фурӯш ва истеъмоли маҳсулоти сайёҳӣ; арзиши аввалаи маҳсулоти сайёҳӣ; хароҷот; даромадҳо; амвол ва сарчашмаҳои он; ташаккул (мувофиқи унсурҳо). Бояд пешравиҳоро дар асарҳои баъзе олимон қайд намуд, ки ҷузъиёти таркибии муайяни низоми назорати дохилиро дар корхонаҳои таҳқиқшаванда дар шароити муосири хоҷагидорӣ дида баромадаанд, ки ба тағйирёбии доимии низоми идоракунӣ оварда мерасонад ва зарурати таҳқиқи иловагӣ ба самти мукаммалгардонии ташкил ва методикаи назорати дохилии фаъолияти корхонаҳои сайёҳиро тақозо менамояд. Инчунин муҳиммияти дида баромадани хавфҳо ҳамчун объекти нави назорати дохилӣ дар корхонаҳои сайёҳӣ асоснок карда шудааст. Вобаста ба хусусиятҳои хоси соҳа ва субъектҳои фаъолияти сайёҳӣ модели ташкили низоми назорати дохилии фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ таҳия ва пешниҳод шудааст. Мақсади таҳияи модели пешниҳодшудаи низоми назорати дохилӣ барои фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ қабули қарорҳои идоракунии зарурӣ ва баланд бардоштани нақши назорати дохилии зерсохторҳои таркибӣ ва марказҳои масъулият мебошад [2-М, 11-М, 19-М, 22-М, 28-М, 33-М, 38-М, 60-М].

9. Натиҷаи таҳқиқоти ҳолати назорати дохилии корхонаҳои сайёҳӣ мавҷуд набудани муносибати низомнок барои гузарондани маросимҳо дар объектҳои назоратро нишон медиҳад ва онро тасдиқ менамояд, ки ҳолати низоми назорат қаноатбахш набуда, зарурияти ташкили низоми назоратии барои роҳбарият самаранокро тақозо менамояд. Назорати дохилӣ бояд мутобиқи сохтори ташкилии корхонаи таҳқиқшаванда ташкил карда шавад, ки ин имконият медиҳад, низоми бисёрсатҳа амалӣ карда шавад, то ки ҷавобгарии роҳбарони зерсохторҳои таркибӣ ва кормандон барои истифодабарии дороиҳои махсуси корӣ ва нишондиҳандаҳои фаъолият дақиқ карда шавад. Дар кори таҳқиқотӣ методикаи назорати дохилии хароҷоти истеҳсолии корхонаҳои сайёҳӣ, методикаи назорати дохилии хароҷоти умумихоҷагии корхонаҳои сайёҳӣ, методикаи назорати дохилии хароҷот барои фурӯши маҳсулоти корхонаҳои сайёҳӣ, методикаи назорати дохилии даромадҳо аз фурӯши корхонаҳои сайёҳӣ, усулҳои назорати натиҷаҳои фаъолияти ниҳоии корхонаҳои сайёҳӣ вобаста аз намудҳои хизматрасонӣ, марҳилаҳои назорати дохилии натиҷаҳои фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ пешниҳод карда шудааст. Вобаста ба хусусиятҳои соҳавӣ ва гуногунҷабҳагии самти фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ, самтҳои мукаммалгардонии низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорат, модели ташкили низоми назорати дохилии фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ коркард ва пешниҳод карда шудааст [1-М, 2-М, 22-М, 46-М, 50-М, 60-М].

10. Дар асоси таҳқиқ ва омӯзиши моделҳои таснифотии соҳавӣ, инчунин фаъолияти амалии пешбурди низоми баҳисобгирии муҳосибии корхонаҳои сайёҳӣ мо модели баҳисобгирии хароҷот ва даромади хизматрасонии соҳаи сайёҳиро пешниҳод намудем, ки сохтори модели баҳисобгирии хароҷот ва даромад дар ин соҳаро муайян менамояд. Инчунин модели алоқамандии ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ дар корхонаҳои сайёҳӣ пешниҳод карда шудааст, ки муҳимтарин ҷузъи он истифодабарии ҳисоби хароҷотии «Маҳсулоти сайёҳӣ” мебошад, ки дар он арзиши ибтидоии ҳар як намуди маҳсулоти сайёҳӣ ташаккул ёфта, дар фарқият аз дигар соҳаҳо ҳисоби мазкур ифодаи ҷисмонӣ-моддиро надорад. Модели пешниҳодшудаи баҳисобгирии

харочот ва даромад ба корхонаҳои сайёҳӣ имконият медиҳад, ки баҳисобгирии харочот ва даромадҳо, инчунин муайян намудани фоидаи амалиётӣ ба таври системавӣ ба роҳ монда шавад [1-М, 2-М, 21-М, 26-М, 27-М, 45-М, 53-М].

# РӮЙХАТИ АДАБИЁТ

## 1. РӮЙХАТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА:

1. Аверина, О.И., Мамаева, И.С. Анализ и оценка финансовой устойчивости. Монография / О.И. Аверина, И.С. Мамаева. – М.: Издательский дом «НАУЧНАЯ БИБЛИОТЕКА», 2014. – 204 с.

2. Аверчев, И.В. Управленческий учет и отчетность: Постановка и внедрение [Текст] / И.В. Аверчев. – М.: Издательство Вершина, 2009. – 521 с.

3. Аврова, И. А. Управленческий учет [Текст] / И.А. Аврова. – М.: Бератор–паблишинг, 2007. – 324 с.

4. Агеева, О.А. Бухгалтерский учет, налогообложение и МСФО в туризме [Текст] / О.А. Агеева. – М.: Индекс Медиа, 2008. – 360 с.

5. Адамов, Н.А., Чернышев В.Е. Организация управленческого учета в строительстве. Монография / Н.А. Адамов, В.Е. Чернышев. – СПб.: ПИТЕР, 2006. – 192 с.

6. Адамс, Р. Основные направления развития современного экологического учета [Текст] / Р. Адамс. // Экологический учет и аудит: Сборник статей, под ред. Л.З. Штейдмана. – М.: ФБК–ПРЕСС, 1997. – С. 164-185.

7. Азар, В.И., Туманов, С.Ю. Экономика туристского рынка [Текст] / В.И. Азар, С.Ю. Туманов. – М.: ИПК госслужбы, 1998. – 203 с.

8. Азимова, М.А. Педагогические аспекты профессиональной подготовки менеджеров туризма в Таджикистане [Текст] / М.А. Азимова // Автореф. дис. ... канд. пед. наук. – Душанбе, 2010. – 22 с.

9. Акдодова, Н.Н. Потенциал развития туризма в Таджикистане [Текст] / Н.Н.Акдодова // Вест. Тадж. нац. ун-та. Серия социально-экон. и обществен. наук. – 2017. – № 2-6. – С. 179-182.

10. Алахов, Б.В. ЭВМ и моделирование задач промышленного учета. [Текст] / Б.В. Алахов // ЦСУ СССР. Всесоюз. гос. Проектно-технол. ин-т по механизации учета и вычислит. работ. – М.: Статистика. 1974. – 127 с.

11. Алборов, Р.А. Бухгалтерский управленческий учет (теория и

практика) [Текст] / Р.А Алборов. – М.: Дело и Сервис, 2005. – 224 с.

12. Алейникова, Г.М. Организация и управление турбизнеса [Текст] / Г.М. Алейникова. – Донецк: ДИТБ, 2002. – 184 с.

13. Александрова, А.Ю. Международный туризм: учебник [Текст] // А.Ю Александрова. – М.: Аспект Пресс, 2002. – 470 с.

14. Александрова, А.Ю. Территориальная организация социально–экономической системы международного туризма [Текст] / А.Ю. Александрова // Автореф. дис. ... доктора географических наук. – М.:, 2002. – 55 с.

15. Алексеева, В.И. Понятие рекреационного туризма [Текст] / В.И. Алексеева // Материалы международной научной конференции «Проблемы современной экономики». – Челябинск: Два комсомольца, 2011. – 190 с. – С. 176.

16. Амонжолова, Б.А. Теория и методология формирования систем внутреннего контроля взаимосвязанных организаций [Текст] / Б.А. Амонжолова // Автореф. дис. ... доктора экономических наук. – Новосибирск, 2008. – 26 с.

17. Амонова, Д.С., Карамхудоев, Х.Е. Основные направления и перспективы развития экологического туризма в высокогорных регионах Таджикистана [Текст] / Д.С. Амонова, Х.Е. Карамхудоев // Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. Серия общественных наук. – 2018. - № 1 (74). – С. 52-59.

18. Амонова, Д. С. Основные направления и персективы развития экологического туризма в высокогорных регионах Таджикистана [Текст] / Д.С. Амонова, Х.Е. Карамхудоев // Вестник университета (Российско-Таджикский (Славянский) университет). – 2020. – № 3(71). – С. 22-35.

19. Анисимов, В. П. Метрология, стандартизация и сертификация (в сфере туризма) [Текст] / В.П. Анисимов, А.В. Яцук. – М.: Альфа-М, Инфра-М, 2012. – 256 с.

20. Апчёрч, А. Управленческий учет: принципы и практика [Текст] / Пер. с англ. / Под. ред. Я.В. Соколова, И.А. Смирновой. – М.: Финансы и

статистика, 2002. – 952 с.

21. Асрорзода, У.С. Заминаҳои иқтисодии рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / У.С. Асрорзода / Масъалаҳои мубрами баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил ва аудит дар шароити муосир / Маводи конференсияи илмӣ–амалии ҷумҳуриявӣ. – Душанбе: ДБССТ, 2023. – 275 с. – С. 148-155.

22. Аткинсон, Э.А., Банкер, Р.Д., Каплан, Р.С., Янг, С.М. Управленческий учет [Текст] / 3-е издание. Пер. с англ. / Э.А. Аткинсон, Р.Д. Банкер, Р.С. Каплан, С.М. Янг. – М.: Издательский дом Вильямс, 2007. – 878 с.

23. Аудит ва ибрози эътимод. Китоби дарсӣ [Матн] / Низомов С.Ф., Мирзоалиев А.А., Калемуллоев М.В., Раҳимов С.Х. – Душанбе: «Мега–принт», 2020. – 364 с.

24. Бабаев, Ю. А. Бухгалтерский учет: учебник для бакалавров [Текст] Изд. 5-е, перераб. и доп. под ред. Ю. А. Бабаева / Ю. А. Бабаев, А. М. Петров, Л. А. Мельникова. — М.: Проспект, 2015. – 424 с.

25. Бабичева, Н.Э. Бухгалтерская отчетость организаций туризма и ее использование в экономическом анализе / Н.Э. Бабичева // Автореф. дисс. ... канд.экон. наук. – Нижний Новгород, 2006. – 19 с.

26. Бакаев, А.С. Стратегия трансформации бухгалтерского учета в рыночной экономике [Текст] / А.С. Бакаев. – Москва: ВЗФЭИ, 2005 М.: РИО ВЗФЭИ, 2005. – 196 с.

27. Балабанов, И.Т., Балабанов, А.И. Экономика туризма [Текст] / И.Т. Балабанов, А.И. Балабанов.– М.: Финансы и статистика, 2003. – 176 с.

28. Балалова, Е.И. Сервисная деятельность: учет, экономический анализ и контроль: учебное пособие для студ. вузов [Текст] / Е.И. Балалова. – М.: Дело и Сервис, 2006. – 288 с.

29. Балансовая теория Иоганна Фридриха Шера [Электронный ресурс]. Режим доступа: https://buh.ru/articles/balansovaya-teoriya-ioganna-fridrikha-shera.html.

30. Балченко, З.А. Бухгалтерский учет в туризме и отелях Украины: Учеб. пособие [Текст] / З. А. Балченко. – К.: КУТЭП, 2006. – 232 с.

31. Баранов, П.П. Формирование эффективной учетной политики организации [Текст] / П.П. Баранов, Т.А. Залышкина. –Сибирская финансовая школа. –2006. – № 4. – С. 79-84.

32. Барномаи давлатии рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2004-2009. – Душанбе, 2003.– 22 с.

33. Барномаи давлатии рушди туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2010-2014, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 майи соли 2009, № 299.

34. Барномаи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2017. – Душанбе, 2014. – 15 с.

35. Барномаи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2020. – Душанбе, 2017. – 19 с.

36. Барфиев, Қ.Х. Таҳлили иқтисодӣ [Матн] / Қ.Х. Барфиев. – Душанбе: «Ирфон», 2019. – 400 с.

37. Барфиев, Қ.Х. Таҳлили фаъолияти хоҷагидории корхона [Матн] / Қ.Х. Барфиев. – Душанбе, 2013. – 330 с.

38. Барчуков, И.С. Методы научных исследований в туризме [Текст] / И.С. Барчуков. – М.: Издательский центр «Академия», 2008. – 224 с.

39. Баширов, А.А. Учет издержек производства и калькулирования себестоимости в подрядном строительстве [Текст] / А.А.Баширов. – М.: Финансы и статистика, 1986. – 206 с.

40. Бгатов, А.П. Безопасность в туризме: учеб. пособие для студ. высш. учеб. заведений [Текст] / А.П. Бгатов. – М.: Форум, 2007. – 174 с.

41. Безруких, П.С. Бухгалтерский учет: Учебник [Текст] / П.С. Безруких. – М.: «Бух.учет», 2004. – 52 с.

42. Безруких, П.С. Учет и калькулирование себестоимости продукции [Текст] / П.С. Безруких. – М.: Финансы, 1974. – 320 с.

43. Березовая, Л. Г. История туризма и гостеприимства: учебник для СПО [Текст] / Л. Г. Березовая. – М.: Издательство Юрайт, 2019. – 477 с.

44. Бессарабов, В.О. Развитие рынка консалтинговых услуг в сфере

экономической безопасности [Текст] / В.О. Бессарабов // Автореф. дис. ... доктора экономических наук. – Донецк, 2023. – 46 с.

45. Биржаков, М.Б. Введение в туризм: учеб для студентов высших учебных заведений [Текст] / М.Б. Биржаков. – М.-СПб.: «Издательский дом Герда», 2006. – 510 с.

46. Бобиев, И.А. Таҷрибаи байналмилалии ташаккулёбӣ ва пешниҳоди ҳисоботи сегментӣ дар низоми баҳисобгирии муҳосибии корхона [Матн] / И.А. Бобиев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2021. – № 1. – С. 78-86.

47. Бобиев, И.А., Расулов, Д.Т., Мирзоев, Б.Ф. Ҷанбаҳои методии сиёсати баҳисобгирӣ бо мақсадҳои баҳисобгирӣ ва ҳисоботи сегментӣ дар холдингҳои саноатӣ [Матн] / И.А. Бобиев, Д.Т. Расулов, Б.Ф. Мирзоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2021, – № 1. – С. 62-70.

48. Бобоев, М.У. Влияние отраслевых особенностей легкой промышленности на организацию системы управленческого учета [Текст] / М.У. Бобоев // Российский экономический интернет-журнал. – 2010. – № 1. – С. 21-34.

49. Бобоев, М.У. Управленческий учет в информационной системе предприятия [Текст] / М.У. Бобоев // Экономика Таджикистана: стратегия развития. – 2009. – № 1. – С. 127-133.

50. Бобоев, М.У. Управленческий учет на предприятиях легкой промышленности Республики Таджикистан [Текст] / М.У. Бобоев / Автореф. дисс. ... канд. экон. наук: 08.00.12. – М.:, 2009. – 23 с.

51. Бобоев, Ш.Н. Рушди низоми баҳисобгирии идоракунӣ ва аудити хароҷот дар шабакаҳои барқӣ (дар мисоли корхонаҳои таъминкунандаи барқии Ҷумҳурии Тоҷикистон) [Матн]: дис. ... док. фалсафа (PHD) / Бобоев Шарафҷон Ниёзмадович. – Душанбе, 2020. – 242 с.

52. Бобозода, А.О. Система показателей развития туризма в Республике Таджикистан и ее анализ [Текст] / А.О.Бобозода, Н.Н.Акдодова // Вестн. Тадж.

нац. ун-та. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2018. – № 4. – С. 135-140.

53. Богданова, Ж.А. Бухгалтерский учет и контроль туристической деятельности [Текст]: Дис. канд. экон. наук / Богданова Жанетта Анатольевна. – ЖДТУ, 2010. – 191 с.

